н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½,
Тел.: (+992) 918-61-81-77. E-mail: tolibov_74@mail.ru
**НУРИДДИНОВ ҲОМИДХОН,**
н.и.т., дотсент, Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш.Душанбе, к. Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 939-99-60-01. E-mail: homid-54@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои пайдоиш, таърихи ташаккул ва рушди соҳибкории халқи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диққати асосиро рушди соҳибкорӣ аз давраи қадим то замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ишғол менамояд. Инчунин баҳодиҳии рушди соҳибкорӣ, фаъолияти марказҳои муҳими соҳибкорӣ ва тиҷорати дохилӣ ва берунӣ дар ин давра инъикос ёфтааст. Ба омӯзиши марҳилаҳои муҳимтарини соҳибкорӣ ва тиҷорати халқи тоҷик диққати махсус дода шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *пайдоиш, марҳилаҳо, рушд, соҳибкорӣ, тиҷорат, савдо, тиҷорати дохилӣ ва берунӣ, ҳунармандӣ.*

Соҳибкорӣ як намуди фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи таҳаввулоти садсолаҳо асоси пешрафти иқтисодиёти аксари кишварҳо гардидааст. Аз ин рӯ, бо дарназардошти махсусиятҳои роҳи таърихии ин ё он давлату халқҳо, фаъолияти соҳибкорӣ ба таври мухталиф рушд кардааст. Ривоҷу равнақи рӯзафзуни соҳибкории имрӯза дар заминаи таҷрибаи таърихии ин соҳа қарор мегирад.

Ба андешаи мо, тавсифи моҳияти соҳибкорӣ инъикоси худро дар мафҳуме, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шудааст, дарҷ ёфтааст. Дар қонуни мазкур чунин мафҳум: «Соҳибкорӣ- фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст”, дарҷ ёфтааст.

Ба маънои васеаш соҳибкорӣ фаъолияти мустақили истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ба хавф (таваккал) асосёфта мебошад, ки ба истифодаи мунтазами фоида аз истифодаи моликият ва ё дороиҳои ғайримоддӣ, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасониҳо нигаронида шудааст. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки соҳибкорӣ ба соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ тақсим мешавад ва он дар шаклҳои гуногун ба амал бароварда мешавад.

Дуруст аст, ки бисёр муҳаққиқон пайдоиш ва ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратро ба замони ғуломдорӣ мансуб медонанд, зеро дар ин давра ҷойи табодули молро муносибатҳои пулӣ мегирад. Аз ҳамон давра сар карда, менеҷмент (мудирият) муҳимтарин шарти соҳибкорӣ дониста мешавад. Дар сохтмони маъбадҳои қадимӣ, иншооти обёрӣ, қасрҳо ва пирамидаҳо, ба ғайр аз воситаҳо ва таҷҳизоти махсус, меҳнати садҳо ҳазор одамон, асосан ғуломон истифода мешуд. Барои корро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондан назорати дақиқ, ташкили меҳнат ва қобилияти таъсир расонидан ба инсонҳо- донистани илми идоракуниро талаб мекард.

Чунин фаъолият дар давраи ғуломдорӣ, вақте ки тақсимоти дуввуми иҷтимоии меҳнат (ҷудо шудани ҳунармандӣ аз кишоварзӣ) ба вуҷуд омадааст, боз ҳам бештар рушд мекунад. Косибӣ хусусияти истеҳсолӣ дошт ва бо пайдоиши муносибатҳои мубодилаи мол мусоидат намуд. Акнун одамон ба истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ на танҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои худ, балки ба ивази молҳои дигар ё пул шурӯъ карданд. Чунин фаъолиятҳо ба пайдоиши моликияти хусусӣ ва ба даст овардани фоида мусоидат намуд.

Агар ба таърихи гузаштагонамон назар афканем, маълум мегардад, ки соҳибкорӣ дар байни аҷдодони мо, мардуми тоҷик таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Ин раванд дар замони давлати бузурги Ҳахоманишиён - дар миёнаи асри VI пеш аз милод (558-330 то м.) дар Эронзамини Ғарбӣ арзи ҳастӣ намуда, ба таври пурра ташаккул ёфта буд. Асосгузори ин давлат Куруши Кабир дар таърихи инсоният

аввалин империяи ҷаҳонии умумиэрониро ташкил ва сарзаминҳои Бохтар, Суғд, Порт, Хоразм ва минтақаҳои қабоили эронитабори сакоиро ба он ҳамроҳ кард.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо марҳилаи аввалини ташаккул ва рушди соҳибкории аҷдодони мо маҳз аз ҳамин давра сарчашма мегирад. Ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ду омили муҳими таъсирбахш такон бахшид.

Аввал ин, ки дар замони ҳукмронии Дорои I (522- 486 то м.) инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорат доманаи васеъ пайдо намуда, давлати Ҳахоманишиён ба сатҳи баланди тараққиёти иқтисодии худ расиданд, ки халқиятҳои эронии шарқӣ (аслан марказӣ), бохтариён, суғдиён, хоразмиён ва портиҳо дар инкишофи он саҳми арзанда доштанд.

Дар ин таҳқиқот, мо таваҷҷуҳи худро бевосита ба марҳилаҳои муҳимтарини соҳибкорӣ ва тиҷорати халқи тоҷик аз замонҳои қадим, ки дар расми 1 оварда шудааст, равона намудаем.

**Марҳилаҳои муҳимтарини соҳибкорӣ ва тиҷорати**

- **Марҳилаи аввал** → Инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорат аз замони ҳукмронии Дорои I (522- 486 то м.) доманаи васеъ пайдо намуда, давлати Ҳахоманишиён ба сатҳи баланди тараққиёти иқтисодии худ расид.
- **Марҳилаи дувум** → Вобаста ба ҳамон замон аз ҷиҳати ҳаёти иқтисодӣ, пешрафти соҳибкорӣ ва тиҷорат Кушониён (асри I то мелод- IV мелодӣ) ниҳоят рушдкарда ва пешрафта ба ҳисоб мерафт.
- **Марҳилаи сеюм** → Рушди бовусъати кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва пешрафти шаҳрҳо боиси ривоҷу равнақ ёфтани тиҷорати дохилию хориҷӣ дар давраи мавҷудияти давлати аввалини тоҷикон- Сомониён (асрҳои IX-X) гардид.
- **Марҳилаи чорум** → Рушди соҳибкорӣ ва ривоҷу равнақи тиҷорат, савдои дохилию берунӣ ба давраи ҳукмронии Темуриён (1370-1507) рост меояд.
- **Марҳилаи панҷум** → Рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат аз замони салтанати Шайбониён (1500-1598, аниқтараш аз нимаи дуюми ҳукмрониашон) оғоз гардида, то давраҳои ҳукмронии Аштархониҳо (1599-1753) ва Манғитиҳо (1753-1920, ки номи Аморати Бухоро гирифтааст) идома меёбад.
- **Марҳилаи шашум** → Аз ибтидои солҳои 30-юми асри XX тамоми шаклҳои моликияти хусусӣ барҳам дода шуда, фаъолияти соҳибкорӣ пурра қатъ гардид. Аз ҳамин давра сар карда, соҳибкорӣ дар ИҶШС то миёнаи солҳои 80-ум мавҷудияти қонунии худро қатъ кард ва ба бахши пинҳонии иқтисод гузашт.
- **Марҳилаи ҳафтум** → Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ (9 сентябри соли 1991) дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави фаъолияти соҳибкорӣ оғоз гардид ва барои ташаккул ва рушди муносибатҳои бозаргонӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

**Расми 1. Марҳилаҳои муҳимтарини соҳибкорӣ ва тиҷорати халқи тоҷик**

Омили дигари ривоҷи тиҷорат ва ҳунармандӣ дар сарзамини аҷдодони мо “Роҳи бузурги абрешим” ба шумор мерафт, ки ба ақидаи олими маъруфи тоҷик Б. Ғафуров “ҳаракати корвонҳо ва аз марзи Осиёи Марказӣ ба сӯи Чин убур намудани тоҷиронро ба замони Ҳахоманишиён (асрҳои VI-V п. аз м.)” мансуб медонанд [11,10] ва аз силсилаи роҳҳои корвонгарде иборат буд, ки дар Ғарб аз Руми қадим ва дар Шарқ то ба салтанати Чин тӯл мекашид. Роҳи Абрешим, ки ҳамчунин тавассути сарзамини Эрону Бохтар ва Суғдиёни қадим мегузашт, дар табодули таҷрибаи иқтисодиву фарҳангӣ байни мамлакатҳои мухталиф замина гузошта, ба рушду нумӯи ҳама кишварҳои воқеъ дар тӯли ин масири тиҷоратӣ мусоидат карда буд. Он роҳҳо аз кӯҳсорҳо, майдонҳои зироатӣ ва биёбонҳо гузашта, алоқаи байни мардуми машғули касбу кори гуногун: зироаткор, чорводор ва косибу ҳунармандони на танҳо як мулки муайян, балки мулкҳо ва давлатҳои гуногунро инкишоф медод.

Бояд ба инобат гирифт, ки «Роҳи бузурги абрешим» бегуфтугӯ барои инкишофи иқтисодиёти мамлакатҳои ба он ҳамкоридошта, такони бузург медод. Мардуми мамлакатҳои гуногун ба воситаи тоҷирон на танҳо бо молҳои гуногун шинос мешуданд, балки бештар дар асоси он молҳо ба такмил додани молҳои худ, ё худ дар асоси он ба истеҳсол намудани моли нав мекӯшиданд.

Дар ҳамин замина, аз қадимулаём бо Чин робитаи савдо хеле авҷ гирифта буд. Аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки ғайр аз абрешим аз Чин ба Осиёи Миёна оинаҳои биринҷӣ, ашёи локӣ ва ғ. оварда мешуд. Аз Осиёи Миёна ҳам ба Чин бисёр молҳои гуногун бурда мешуд. Аз Хатлон шоҳии хушсифати гуногунранг ва газворҳои пашмину пахтагин ва инчунин аспҳои хушзот барои фурӯш ба Чин оварда мешуданд [2,4].

Марҳилаи дуюми рушди иқтисодӣ ва пешрафти соҳибкории тиҷоратӣ ба давраи салтанати Кушониён (асри I то мелод-IV мелодӣ) рост меояд. Ба ҳайати давлати Кушониён тамоми сарзамини Юнону Бохтар, қисмати шимолии Осиёи Миёна, ҳиссаи Порт ва Шимолу Ғарбии Ҳиндустон дохил мешуданд.

Бозёфтҳои бостоншиносон собит месозанд, ки дар давраи хукмронии Кушониён дар ҳудудҳои имрӯзаи ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон шумораи зиёди сарбандҳои маҷрои дарёҳо, ҷӯйборҳо ва шаҳрҳою масканҳои аҳолинишин вуҷуд доштанд.

Далели чунин бозёфтҳо ҷӯйбори (канали) қадимаи давраи Кӯшониён дар хоки Тоҷикистон, дар водии Вахш ёфтшуда мебошад, ки барои обёрии заминҳои кишоварзӣ истифода мешуд.

Дар ин давра қисми зиёди аҳолии ноҳияҳои Осиёи Миёна ба кишоварзӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Барои обёрӣ намудани заминҳо на фақат оби дарё, балки оби чашмаҳо низ ба таври васеъ истифода мешуданд. Дар ҳамин замина соҳаи кишоварзӣ ривоҷ ёфта, ба пешрафти савдои дохилӣ мусоидат менамуд.

Рушду равнақи шаҳрҳои зиёд бошад, ҳамчун марказҳои истеҳсолоти маҳсулоти ҳунармандӣ, тиҷорат ва илму фарҳанги замонавӣ хизмат мекарданд. Дар натиҷаи рушду нумӯи ҳунармандӣ навъҳои гуногуни маҳсулоти ҳунармандӣ истеҳсол мегардид ва биноҳову қалъаҳои истеҳкомдору боҳашамат сохта мешудаанд.

Дар замони Кушониён инчунин истеҳсолоти маҳсулоти оҳангарӣ тараққӣ карда, лавозимоти зарурии асбобҳову анҷомҳои сершумори босифат тайёр карда мешуд ва ин дар навбати худ ба пешрафти соҳаи тиҷорат такони ҷиддӣ мебахшид. Савдои дохилӣ ва берунӣ низ дар замони Кӯшониён хеле ривоҷ ёфта буд. Дар ин давра тиҷорат бо

«Роҳи бузурги абрешим» хеле фаъол буд ва роҳ ба Чину Ҳиндустон аз ҳудуди давлати Кӯшониён мегузашт. Молҳои асосии савдо шоҳивор, оҳан, газвор, лоҷуварди Бадахшон, сангҳои қимматбаҳо, маснуоти гуногуни ҳунармандӣ ва ғайраҳо буданд.

Сарчашмаҳои таърихии зиёд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки зери таъсири ин пешравиҳо дар давлати Кушон тиҷорати берунӣ ҳам равнақи намоёнро соҳиб мегардад. Мувофиқи ин сарчашмаҳо, кушониён мавқеи ҳукмрониро дар қисми Шарқии «Роҳи бузурги абрешим» нигоҳ медоштаанд. «Роҳи бузурги абрешим» дар замонҳои қадимтарин пайдо шуда бошад ҳам, дар даврони Кушон ба равнақи намоён мерасад [8,116].

Муомила ва тиҷорат бо Чин дар давраҳои минбаъда ҳам идома ёфта, номгӯйи маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда зиёд мегардид. Дар асрҳои V-VIII маҳсулоти дигар касбҳо- чармгарӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, устухонтарошӣ, дорусозӣ (гиёҳҳои дорӯӣ ва малҳамҳое ба фурӯш мерафтанд, ки ба назари аҷнабиён "аҷоиб" менамуданд).

Дар ин давра Суғд яке аз марказҳои муҳими соҳибкорӣ ва тиҷорат ба ҳисоб мерафт. Бисёр молҳои суғдӣ- аз сангҳои қиматбаҳову ашёи он сар карда, то матоъву газворҳои аҷоиб ба Осиёи Марказӣ ва ба Чин ва инчунин ба Византия бурда, фурӯхта мешуданд. Хуллас ҳаҷми савдои берунӣ хеле калон буд. Дар баробари он савдои дохилӣ ҳам ривоҷ ёфта буд [3,51].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар таърихи башарият тоҷикон худро ҳамчун халқи дорои тамаддуни баланд ва таҷрибаи куҳани давлатдорӣ нишон додаанд. Дар аҳди Сомониён баробари устувор гардидани ваъияти сиёсӣ муттаҳид намудани Мовароуннаҳру Хуросон дар атрофи як давлат ва бартараф намудани низоъи байниҳамдигарӣ, барои ривоҷу равнақи ҳунармандӣ ва тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварда шуда буд.

Ба ақидаи мо, марҳилаи сеюми рушди фаъолияти тиҷоратӣ ва ҳунармандиву косибӣ дар давраи давлати аввалини тоҷикон- Сомониён (асрҳои IX-X) ба назар мерасид. Ҳунармандӣ дар аҳди Сомониён ба шохаҳои зиёди тавлидотӣ ва ғайритавлидотӣ роҳ ёфта буд. Гарчанде, ки дар бораи шумораи умумии навъҳои ҳунармандии ин давра нишондоди аниқе вуҷуд надошта бошад ҳам, вале тибқи далелҳои маъхазҳои хаттӣ ва бозёфтҳои ёдгориҳои бостоншиносӣ маълум мегардад, ки бештар аз сад касбу ҳунар мухталифи ҳунармандӣ вуҷуд дошта, мардум аз маҳсули онҳо баҳра мебардоштанд[16,26].

Дар асрҳои IX -X махсусан чунин шохаҳои ҳунармандӣ аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, рангсозӣ, дузандагӣ, пашмресӣ, намадмоливу қолинбофӣ, ҷуроббофиву ҷомадузӣ, даббоғӣ (чармгарӣ), мӯзадӯзӣ, пӯстиндӯзӣ, равғанкашӣ, собунпазӣ, атторӣ, гулкорӣ, кулолгарӣ, хиштпазӣ, қубурсозӣ, нонпазӣ, қоғазсозӣ, саҳҳофӣ (ҷузъбандӣ ва муқовакунии китоб), оҳангарӣ, кордсозӣ, яроқу аслиҳасозӣ, бинокорӣ наққошӣ, меъморӣ, наҷҷорӣ, зарфсозӣ, (нафақат зарфҳои кулолин, балки зарфҳои аз чӯб, шиша ва ҳатто аз санг ҳам вуҷуд дошт) ва дигар ҳунарҳо маъмул ва ривоҷу равнақ ёфта буданд.

Дар ин давра мақоми ҳунармандӣ, то ба ҷое боло рафта буд, ки ба шаҳр мансуб донистани марказҳои аҳолинишин аз рӯи аломати вусъати ин соҳа муайян карда мешуд. Чунин тасаввуроте вуҷуд дошт, ки танҳо он марказҳои аҳолинишинро ба шаҳр мансуб донистан равост, ки дар он ҷо мардум ақаллан ба 32 навъи ҳунарманди машғул бошанд [9,317].

Ҷиҳати хоси ин давра дар он буд, ки ба таблиғи соҳибкорӣ, омӯхтан, аз худ намудан ва сайқал додани касбу ҳунарҳои гуногун диққати ҷиддӣ дода мешуд.

Донишманди бузурги замони Сомониён Закариёи Розӣ (865-925) чунин тағйироти иҷтимоӣ- иқтисодиро хеле дақиқназарона баҳо дода, таъкид намудааст, ки: "Кӯшиши бисёри одамон барои таъмини зиндагии як нафар ва баръакс кӯшиши як нафар барои таъмини зиндагии гурӯҳи одамон зарурат пайдо мекунад. Албатта, як одам аз куҷо худро ҳам мехӯронад, ҳам мепӯшонад ва ҳам ҷою макон фароҳам меоварад. Агар он як нафар деҳқон шавад, пас бинокор шуда наметавонад, агар бинокор бошад, ҷанговар нест ва ҳоказо". Чун одамони бисёре якҷоя ва бохабар аз пешаҳои якдигар кор мекунанд, ҳар кадом дар алоҳидагӣ навъе аз кору ҳунаре ва заҳматеро ба харҷ медиҳанд, ҳатман онҳо дар ҷараёни кор ба якдигар барои омӯзонидани ҳунарҳояшон мадад мерасонанд, то ки ин ё он ҳунареро ба дараҷаи зарур биомӯзанд. Ҳамин тавр, ҳар кадоми ин одамон дар як вақт ҳам тавлидгар барои дигаре ва ҳам истеъмолгари маҳсули кори худ мегарданд [10,34-35].

Дар аҳди давлатдории Сомониён мардуми тоҷик бо касбу ҳунар ва пешаҳои гуногуни рӯзгузарониаш дар мамолики Шарқу Ғарб шуҳрати беандоза дошт. Дар кӯчаву маҳал, чорроҳаву бозор, корвонсарою растаҳои ҳунармандии шаҳрҳои тоҷикнишин садҳо намунаи маҳсули касбу кори гуногун ба фурӯш гузошта шуда буд. Ҳатто дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Истаравшану Хуҷанд, Ҳисору Ҳулбук растаҳои алоҳидаи заргарон, атторон, кулолон, ҳалвогарон, қассобон мунтазам фаъолият мекарданд [17,3].

Дар доираи ҳунармандии Осиёи Миёна бофандагӣ ҷои махсусро ишғол мекард. Мовароуннаҳр ҳанӯз пеш аз истилои арабҳо ҳамчун маркази истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ машҳур буд. Дар ин давра ҷои асосиро истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ мегирифт. Суғд, Фарғона, Тахористон ҳар кадом анъанаҳои хоси бофандагии худро доштанд, ки аз он мамлакатҳои ҳамсоя низ баҳра мебардоштанд. Далелҳои зиёди таърихӣ бар он шаҳодат медиҳанд, ки ҳунармандони Чин аз таҷрибаи бойи бофандагони Осиёи Миёна васеъ истифода мебурданд. Маҳз дар ҳамин замина Самарқанд ва маҳалҳои атрофи он, Дабусия, водии Сурхондарё, Искиҷкат, Нафас, Кеш, Бинкат ба марказҳои муҳими бофандагии замони Сомониён табдил ёфтаанд. Яке аз хусусияти хоси ҳунармандии ин давра дар он буд, ки истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ назар ба матоъҳои абрешимӣ хело зиёд гашт. Аз дигар ҷиҳат вобаста бо талаботи замон, ҳам дар сифат ва ҳам дар ороиши матоъҳо тағйироти ҷиддӣ ворид гашт.

Рушди бовусъати кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва пешрафти шаҳрҳо боиси ривоҷу равнақ ёфтани тиҷорати дохилию хориҷии давлати Сомониён гашт. Бисёр шаҳрҳои асримиёнагӣ ба марказҳои тиҷоратӣ табдил ёфта, дар онҳо як ва ё якчанд бозорҳо вуҷуд доштанд, ки мубодилаи мол ва хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунармандӣ ба роҳ монда шуда буд.

Як мақоми махсуси давлатӣ, девони муҳтасиб, "... назорати бозор, тадбирҳо ва истифодабарии дурусти вазн ва фурӯши молҳо аз ҷониби деҳқонон ва ҳунармандонро ба танзим медароварданд. Вай метавонист фурӯши молҳои қалбакӣ ва бесифатро боздорад, фурӯши маҳсулотро бо нархи баланд манъ кунад"[4,236].

Дар асрҳои IX-X дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ сикка намебароварданд ва муомилоти пулӣ дар ин ҷо ба маънои томаш ҳанӯз вуҷуд надошт. Маҳз ба туфайли воридшавии дирҳамҳои сомонӣ дар як қисм кишварҳои Аврупои Шарқӣ, алалхусус Россия муомилоти пулӣ ба маънои томаш ба вуҷуд омада, ба тадриҷ инкишоф меёбад. Дирҳамҳои мусулмонӣ ва пеш аз ҳама дирҳамҳои нуқрагини Сомониён дар ин кишварҳо воситаи асосии муомилот, яъне воҳиди асосии пул буданд. Ҳамин тавр,

Сомониён дар пайдошавӣ ва инкишофи муомилоти пулӣ дар Россия ва дигар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ саҳми арзанда гузоштанд [7,71].

Дар ин давра зарробхонаҳо (ҷои барориши пул) вуҷуд доштанд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ: марказӣ ва маҳаллӣ тақсим кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум зарробхонаҳои шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Нишопур, Балх ва ба гурӯҳи дуюм зарробхонаҳои Бинкат, Исфиҷоб, Тункат, Ахсекат, Насробод, Истаравшан, Хуталлон, Термиз, Андороба, Бомиён, Марв, Чағониён, Қабодиён, Навбозор (Кофарниҳон), Наванд ва баъзан Вахш дохил мешуданд. Хусусияти хоси зарробхонаҳои марказӣ дар он буд, ки воҳидҳои пулии онҳо сифати баланд дошта, дар хориҷи кишвар низ қиммати баланд доштанд [15,97].

Дар баробари динорҳои тиллоӣ, дирҳамҳои аз нукра, инчунин бо омехтаи дигар фулузот сикка зада мешуд. Дирҳамҳои зикршуда дар маъхазҳо ва адабиёти таърихӣ ҳамчун дирҳамҳои исмоилӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ, ғитрифӣ ном бурда мешаванд.

Сикказании дирҳамҳои “Исмоилӣ” махсусан дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (892 – 907), Аҳмад ибни Исмоил (907 – 914) ва нимаи аввали ҳукмронии Насри II (914 – 943) хело ривоҷу равнақ ёфта буд. Вазни тангаҳои исмоилии дар ин давра сикказада, дар ҳудуди аз 2,7 то 3,2 грамм ва аз нукраи холис буданд [6,114].

Дар муомилоти пулии Сомониён дирҳамҳои шикаста низ фаъолона дар гардиш буданд. Ин дирҳамҳо порчаҳои гуногунҳаҷме мебошанд, ки ба воситаи шикастани дирҳамҳои бутун тайёр карда шуданд. Онҳо ба миқдори зиёд дар таркиби дафинаҳо ёфт шуданд. Сарчашмаҳои хаттӣ низ аз онҳо ёд кардаанд. Аз ҷумла Истахрӣ ва Ибн Ҳавқал навиштанд, ки дар Самарқанд дирҳамҳои Исмоилӣ, дирҳамҳои шикаста ва динорҳо дар муомилотанд. Дирҳамҳои шикаста ҳамчун воҳиди мустақили пул, доираи истеъмол ва вазифаҳои хоси худро доштанд. Онҳо асосан вазифаи пули майдаро иҷро мекарданд. Дирҳамҳои шикастаи ёфтшуда гуногунҳаҷм буда, 1/2, 3/4 ва то 1/12 ҳиссаи дирҳами бутунро ташкил мекунанд. Ибн Ҳавқал овардааст, ки барои тайёр кардани дирҳами шикаста дирҳамҳои бутунро ба қисматҳои муайян тақсим мекарданд. Ҳамин тариқ, зиёда аз дувоздаҳ намуд дирҳами шикаста мавҷуд буд, ки вобаста ба ҳаҷмашон қурби ба худ хос доштанд. Дирҳамҳои шикастаро ҳамзамон метавонистанд дар пардохти вазнбайъи дирҳамҳои бутун дар савдои калони яклухт чун боловазнӣ истифода баранд [7,65].

Умуман дар замони Сомониён сикказанӣ ва муомилоти пулӣ вобаста ба ҳамон давра, ниҳоят пешрафта ба ҳисоб мерафт ва дар доираи чорчӯбаи низоми муайян амал мекард. Дар тамоми давраҳои минбаъда, то чоряки якуми асри XX давлатҳои дар Осиёи Марказӣ ва қисман берун аз он арзи ҳастӣ намуда, аз таҷрибаи ғании муомилоти пулии Сомониён баҳра бардоштаанд. Ҳамчунин Сомониён дар пайдоиш ва такомули муомилоти пулии Россия ва як қатор мамлакатҳои Аврупо низ нақши сазовор гузоштаанд.

Марҳилаи чаҳоруми муҳими рушди соҳибкорӣ ва ривоҷу равнақи тиҷорат, савдои дохилию берунӣ ба давраи ҳукмронии Темуриён (1370-1507) рост меояд. Дар замони ҳукмронии Темуриён муносибатҳои феодалӣ пойдор гардида, он ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуд.

Баробари беҳтар истифода шудани имконияти пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ҳам дар ин даврон ба тараққиёти муайян мерасад. Намудҳои нави ҳунарҳо ба миён оварда мешавад, тақсимоти зиёдтари меҳнат дар дохили соҳаи ҳунармандӣ ба миён меояд. Ҳунармандон ҳарчи зиёдтар бо ҳамдигар муттаҳид гардида, иттиҳодияҳои ҳунармандони касбу корҳои ҷудогонаро ба миён меоваранд, ки

ингуна ташкилот дар мамолики Аврупо номи сехҳои ҳунармандиро гирифта буд. Одатан сехҳои ҳунармандӣ намояндагони касбу кори якхеларо дар як ҷой муттаҳид карда, дар мубориза бар зидди истисмору истибдоди беҳадди заминдорон, мансабдорони давлатӣ, тамоми ҷомеа ва амсоли инҳо ба ҳунармандон кумаку мадад пешниҳод менамуданд. Сехҳои ҳунармандӣ одатан зери назорати соҳибони воҳидҳои ҳунармандӣ, дороён, тоҷирон меистоданд. Вале дар мавриди зарурат ҳунармандон мустақилона ҳам манфиатҳои ҳамҷояи худро ҳифз менамуданд [8,213].

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки соли 1464 ба Ҳирот як сафорати ниҳоят калони русҳо ворид мегардад, ки аз тарафи шоҳ Ивани III аз Москва фиристонда шуда будааст. Он замонҳо дар бозорҳои Ҳироту дигар шаҳрҳои калони Хуросон молҳои хитоӣ, мисрӣ, румӣ ва фарангӣ ба миқдори зиёд фурӯхта мешуданд. Дар навбати худ молҳои зиёди осиёимиёнагӣ, ки натиҷаи дастранҷи ҳунармандони шаҳрҳои машҳур буданд, дар ин мамлакатҳо ба фурӯш гузошта мешуданд[8,214].

Тадбирҳо ва кӯшишҳои зиёди барқарор гардонидани хоҷагию ҳунармандӣ боиси пешравии истеҳсолоту афзоиши маснуот ва ғанӣ гардидани бозори дохилии Хуросону Мовароуннаҳр мешавад. Темур бо мақсади пешбурди тиҷорати дохилӣ ҳам тадбирҳо андешида, бо амри ӯ бозори калони Самарқанд сохта шуда буд. Дар бозори Самаркад фурӯши молҳои якхела дар шафати ҳамдигар ҷойгир шуда будааст. Дар аксар ҳолатҳо ҳунармандон, косибон гузарҳои алоҳидаро банд карда, дар ҳамон гузар ба тавлиди маснуот ва фӯруши он шуғл меварзиданд.

Темур ва Темуриён барои ривоҷ ва вусъати робитаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои гуногун хеле саъю кӯшиш мекарданд. Чунон ки зикр гардид, Темур ҳатто ба подшоҳони Фаронса ва Англия нома навишта, онҳоро даъват намуд, ки тоҷиронро мутақобилан аз ҳар ҷиҳат пуштибонӣ кунанд. Ба Ҳирот- пойтахти Темуриён низ аз ҳар гӯшаву канорҳо сафирҳо меомаданд. Дар бозорҳои Осиёи Миёна ва Хуросон молҳои гуногуни хориҷиро харидан мумкин буд. Дар навбати худ бисёр молҳои маҳаллӣ ба хориҷа содир мегардид [4,494].

Ин далелҳо собит месозанд, ки дар давраи ҳукмронии Темуриён дар Осиёи Марказӣ иқтисодиёт ба дараҷаи баланди тараққиёт расид. Дар ин давра касбу ҳунарҳои нав пайдо шуда, соҳибкорӣ ва тиҷорати пулии дохилию байналхалқӣ ба авҷи инкишофи худ мерасад.

Ин ҳолат натиҷаи ба андозае дастгирию ҳомигии давлату мансабдорони воломақоми он ва пешрафти иқтисодиёту истеҳсолот ҳисобида мешавад. Агар пештар молҳои воридшаванда танҳо дастраси табақаи ҳукмрону сарватманд бошад, акнун миқдори молҳо зиёд шуда, миқёси истеъмоли он молҳо ҳам то сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ рафта расида буд.

Ба андешаи мо марҳилаи панҷуми рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат аз замони салтанати Шайбониён (1500-1598, аниқтараш аз нимаи дуюми ҳукмрониашон) оғоз гардида, дар давраҳои ҳукмронии Аштархониҳо (1599-1753) ва Манғитиҳо (1753-1920, ки номи Аморати Бухоро гирифтааст) идома меёбад.

Ҷиҳатҳои хоси ин марҳила дар онанд, ки: аз охири ҳукмронии Шайбониён сар карда, Бухоро ҳамчун маркази бузурги тиҷорати тамоми Осиёи Миёна мавқеи намоён пайдо намуда, ҳамчун маркази ғайрирасмии тиҷорати тамоми минтақа хизмат мекард, ҳунармандӣ дар ин даврон имконоти тақсимоти минбаъдаи меҳнатро пурратар истифода бурда, аз ин ҳисоб ба афзуншавии ҳосилнокии меҳнат муваффақ мегардад ва тақсимоти меҳнат амалан дар дохили ҳамон касбу ҳунарҳо идома ёфта, боиси ба

қисмҳои нав тақсимшавии касбҳои пештара мешавад, равобит ва тиҷорат бо Россия ривоҷу равнақ меёбад, бо дастгирии сармоядорону тоҷирони рус дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ бунёд ёфта, бонкҳо кушода мешаванд.

Дар охири асри XVI баъди вафоти падараш, Абдулло (1583-1598, ки бо номи Абдуллохони II маъруф гардидааст) ҳукмрони мамлакат эълон карда шуд. Баъди ба анҷом расидани ҷангҳои байнихудӣ, ба давлати худ тобеъ намудани мулкҳои нав ва ба дараҷаи муайян марказият ёфтани давлат барои ба ҳолати муқаррарӣ даровардани хоҷагидорӣ ва ҳунармандӣ заминаҳои мусоид фароҳам омад.

Бесабаб нест, ки сохтмони биноҳои маъмурию кушкҳо, иншоотҳои обёрӣ, роҳҳо, сардобаҳо, пулҳо, корвонсаройҳо, марказҳои тиҷоратӣ ва амсоли инҳо ба номи ӯ марбут دониста мешаванд.

Абдуллохони II ба масъалаҳои тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ диққати махсус медод. Инро ободонии роҳҳои корвонгард ва умуман беҳтар намудани шароити тиҷорат, ки дар аҳди ӯ ба вуқӯъ омаданд, собит месозад. Дар ин самт ислоҳоти пулии ӯ ба рушди минбаъдаи иқтисодиёт, аз он ҷумла соҳибкорӣ ва тиҷорат такони ҷиддӣ бахшид.

Дар давраи ҳукмрониҳои Аштархониҳо ва бахусус Аморати Бухоро робитаҳои тиҷоратии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Россия ривоҷу равнақи намоёнро соҳиб гардида, муносибатҳои молию пулӣ тавсеъ ёфта, истеҳсолоти саноатӣ пайдо мегардад.

Дар заминаи пурзӯршавии хоҷагиҳои молӣ ва қувват гирифтани иқтисодиёти сармоядорӣ корхонаҳои нави саноатӣ- фабрикаҳои ресандагию бофандагӣ сохта мешаванд. Шумораи фабрикаҳо дар саноати бофандагӣ бо суръати баланд меафзояд. Ин фабрикаҳо дар навбати худ мӯҳтоҷи ашёи хоми Осиёи Марказӣ буданд. Бо ҳамин сабаб дар содироти онзамонаи хониҳои Осиёи Марказӣ ҳиссаи маснуоти ресмон ва пахта аз ҳама зиёдтар буд, ки номгӯи ин ду маснуот дар ҳаҷми умумии содирот то 90% мерасид.

Дар давраи солҳои 1750 -1850 аллакай мавқеи тиҷорати калону хурд аз ҳамдигар ҷудо карда шуда буд. Муассисоту корхонаҳои дар тиҷорат фаъолиятбаранда ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешуданд:

1) тиҷорати калон;
2) тиҷорати миёнаву хурд;
3) тиҷорати сари кӯчагӣ;
4) тиҷорати дӯконҳо ва устохонаҳои ҳунармандӣ.

Пешбарандагону соҳибони тиҷорати калон амалан мансабдорони калони давлатӣ, хонҳо, хонзодаҳо, мирҳо, мансабдорони диннӣ, қозиёт, заминдорон, фарзандону аҷдодони ин қабил мардумон ва соҳибони сармояи калон буданд. Агар тиҷорат ба амир, хону хешони ақрабои онон мансуб бошад, бо василаи даст доштан ба ҳокимияти давлатӣ, онҳо имтиёзҳои манфиатҷӯёнаю беасоси зиёдеро соҳиб мегардиданд, мавқеи ҷомиагию давлатии худро кор фармуда, бе назорату боҷу хироҷи гумрукӣ ва дигар масорифоти воқеӣ молҳояшонро савдо мекарданд. Дар ин ҳолат иҷрои бевоситаи тиҷорат ба кормандони кироя, миёнаравон, даллолҳо, фурӯшгарони бевосита, корвоён бор карда мешуд. Фоидаи чунин намуди тиҷорат хеле баланд буда, иҷрокунандагон-кормандони кироя дар сатҳи музди меҳнати ночиз даромад мегирифтанд.

Тиҷорати хурду миёна амалан оммаи сершумори тоҷиронро дар ҳамаи давру замонҳо дарбар гирифта метавонист, на танҳо хариду фурӯши ҳаҷми асосии муомилоти молиро бар зимма доранд, балки дар баробари ин вазъу ҳолат, сатҳи

дараҷаи ин соҳаи фаъолиятро муайян карда метавонист. Намояндагони ин гурӯҳ одатан фоидаи миёнаро ба даст меоваранд.

Тиҷорати сари гузарҳо, сарикӯчагӣ, майда навъҳои алоҳидаву ҷудогонаи молро дар катакҳои хурди сари роҳ гузошташуда, бе дӯконҳо одатан дар гузаргоҳҳо, сари роҳи мардумон бо нархи андак баландтар ба мардумон пешкаш менамоянд. Ин табақаи тоҷирон одатан унвони “майда савдогарро” дошта, аз рӯи шумора, камтар мебошанд ва ба фоидаи кам ҳам қаноат мекунанд. Намояндагони ин гурӯҳ амалан соҳиби сармоя нестанд ва бо ҳамин сабаб ҳам молҳои тезгузар, ёрирасон ва амсоли инҳоро мефурӯшанд.

Мувофиқи қоидаву одатҳои қабулкардаи мардумони сарзаминамон дар кӯчаҳо, сари роҳҳо, гузарҳои назди бозорҳо дӯконҳои ҳархелаи ҳунармандӣ ҷойгир карда мешуданд. Дар ин дӯконҳо, устохонаҳои ҳархела маҳсулоти гуногун истеҳсол мекарданд ва дар рафти кори худ ба фурӯши маҳсулоти тайёр ҳам машғул мешуданд.

Аз ҳамроҳ шудан ба Россия дере нагузашта аҳолии ш. Хуҷанд ба 20 ҳазор нафар расидааст. Зиёда аз 100 навъи истеҳсолоти ҳунармандӣ вуҷуд дошт, ки дар соҳаҳои зерин гирд омада будааст: 1) сохту пардохти фулузот; 2) коркарди лиф; 3) бинокорӣ; 4) даббоғӣ; 5) либосдузӣ; 6) таббохӣ; 7) дигар касбу кор ва машғулиятҳои тайёр кардани ашёи рузғор. Ҳар як соҳа дар навбати худ ба бисёр гурӯҳу навъҳои касб ҷудо мешуд. Чунончи, сохту пардохти фулузот ба панҷ гурӯҳ тақсим гардида буд: 1) оҳангарӣ; 2) дегрезӣ; 3) мисгарӣ; 4) рехтагарӣ; 5) заргарӣ [13,72].

Дар айни замон, худи як гурӯҳи оҳангарӣ чунин пешаваронро дар бар мегирифт: а) челонгар; б) наългар; в) қуфлсоз; г) кордгар; ғ) сӯзангар; д) мехчагар.

Дар шаҳри Ӯротеппа аз 1041 дӯкони косибон 187-тоаш дар деҳаҳои калон воқеъ гардида, ҳамаи боқимондааш дар шаҳр ҷой гирифта буд. Ин шаҳр бо истеҳсоли лавозимоти пашмӣ, корд ва устура (поку) шӯҳрат пайдо карда, маснуоти он на факат эҳтиёҷоти дохилиро қонеъ мегардонид, балки ба берун ҳам содир карда мешуд [13,75].

Н.В. Ханыков таъкид мекунад, ки Бухоро, Самарқанд ва Қаршӣ марказҳои асосии тиҷорати аморати Бухоро маҳсуб меёфтанд [18,50-51]. Ба радифи ин марказҳо Шаҳрисабз, Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент ва дар Бухорои Шарқӣ бошад, Ҳисор ва Кӯлобро низ бояд дохил намуд.

Он вақт раванди аз саноат ҷудо шудани тиҷорат ҳоло ба анҷом нарасида буд: дӯкон дар як вақт вазифаҳои ҳам фурӯшгоҳ ва ҳам коргоҳи косибонро адо мекард [1,50-51], зеро дар Осиёи Миёна низ, монанди кишварҳои асримиёнагии Аврупо косибону ҳунармандон он вақтҳо дар айни ҳол тоҷир ҳам буданд.

Дар марказҳои бузурги тиҷоративу ҳунармандӣ савдои дохилишаҳрӣ равнақ меёфт, зеро аҳолии сершумори шаҳрҳоро ба маснуоти гуногуни пешаварон таъмин кардан лозим меомад. Дар айни замон, як қисми муҳими молҳо барои рафъи эҳтиёҷоти деҳқонон ба деҳот фиристода, дар навбати худ, аз он ҷо барои истеҳсолоти ҳунармандӣ маводи хом оварда мешуд. Шаҳр бо чунин деҳкадаҳои атрофи худ ноҳияҳои микроиқтисодиро ташкил мекард.

Дар қатори ин савдои дохилии шаҳру деҳот, ҳамчунин савдои нисбатан калони байни шаҳрҳо ва вилоятҳо амал мекард. Бисёр шаҳру вилоятҳо бо навъи муайяни маҳсулоти ҳунармандӣ ва молҳои фурӯшии худ шӯҳрат доштанд (масалан, Ҳисор бо ханҷар ва гӯсфанд, Ӯротеппа бо корд, Хуҷанд бо адрасу шоҳӣ, Кӯлоб бо чакан ва ғайра).

Дар савдои калони хориҷӣ ҳукмронҳо, хешу ақрабои онҳо, амалдорони олимақом, ҳамчунин савдогарони “касбӣ” ширкат менамуданд. Савдогарони сарватманд иттиҳодияи махсуси худро доштанд. Рӯйхати махсуси хонӣ буд, ки дар он номи савдогарони сарватманди калонро зикр мекарданд. Дар сари ин иттиҳодия корвонбошӣ меистод. Ба ин вазифа интихоб гардидани корвонбошӣ бо фармони амир тасдиқ карда мешуд. Корвонбошӣ сардори кулли савдогарони мулки Бухоро маҳсуб меёфт.

Савдогарони миёна ва хурд иттиҳодияи худро аз рӯи раставу бозорҳо ташкил дода буданд, ки ба он оқсақол, роҳбарони қавм ва маҳалҳо сардорӣ мекард. Аксаран аз рӯи принсипи хонаводагӣ ширкати савдогарон таъсис дода мешуд. Савдогарони калон – мирзоҳои худро доштанд. Ҳангоми харидуфурӯш даллолу қосидҳо ва воситачиву амонатфурӯшҳо иштирок мекарданд [5,26]. Савдогари калон дар шаҳр нишаста, аксар вақт танҳо амалиёти тиҷоратиро бо маблағ таъмин менамуд, дигар ҳамаи корҳоро ҳар гуна ходимони тиҷоратхона анҷом медоданд.

Дар сурате, ки савдогарони сарватманд ва даллолони калон даромадҳои ниҳоят зиёд ба даст меоварданд, майда савдогарон ва дӯкондорони хурдафурӯш “... ба фоидаи ночиз ва бисёр вақтҳо ба он бозёфте, ки барои серии худ ва хӯроки аспашон кифоят мекард, қаноат менамуданд”[5,30].

Харобии роҳҳо ва набудани амният чи дар роҳу чи дар шаҳр пеши тараққиёти тиҷоратро мегирифт. Дар роҳҳо аз дасти ғоратгарон ва дар шаҳрҳо аз тарафи ҳокимони ҳарис молу ҷони савдогарон ҳамеша дар хатар буд. Боҷу хироҷ ва иҷорапулӣ ҳадду андоза надошт. Ғайр аз ин, доимо хавфи мусодира таҳдид менамуд.

Пас аз анҷоми сохтмони роҳи оҳан ба Тошканд ва шимоли Тоҷикистон, ки Осиёи Миёнаро бо Оренбургу Москва пайваст муносибатҳои пулию молӣ хеле ривоҷ ёфтанд, ки ба вусъати тиҷорати дохилию берунӣ мусоидат намуд.

П.И. Небольсин навишта буд: “Мо ба Осиёи Миёна чунин молҳоро мефиристем, ки дар тамоми Тӯрон чизҳои аз ҳама зарурӣ ва мавриди масрафи умуми аҳолӣ маҳсуб меёбанд. Тилло, нуқра, мис, чӯян, оҳан, ҳар гуна маснуоти филизӣ, пӯст, ранг, шакар, моҳут, чит ва матоъҳои гуногуни пахтагӣ ва абрешимӣ ба он ҷо аз мо мераванд. Осиёи Миёна филизот, чарм, моҳут ва чит барин молҳои моро муҳол аст, ки бо ҳамин нарх аз ягон кишвари дигар гирифта тавонад”[14,22-23].

Ҳамин тавр, дар даҳсолаи аввали асри XX, ҳамчун натиҷаи ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Марказӣ, қувваҳои истеҳсолкунандаи ин сарзамин имконоту равишҳои нави инкишофро соҳиб гардида буданд. Тиҷорат ҳам чи дар ҷабҳаи дохилӣ ва чи берунӣ тағйироти назаррасро соҳиб гардида буд. Ҳамин тавр, ҳаҷми гардиши молии савдои дохилию хориҷӣ ба таври назарнамо зиёд гардид.

Ба давлати ИҶСШ (1917-1991) иқтисоди нақшавӣ хос буд, ки ба аз байн бурдани моликияти хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буд. Аз ин рӯ, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ марҳилаи пастравӣ ва аз байн рафтани соҳибкорӣ ба амал омад.

Дуруст аст, ки Ҳукумати Шӯравӣ дар солҳои 20-ум бо дарназардошти вазъияти ҳамонрӯза ба моликияти хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорию тиҷоратӣ имконият дода буд. Пас аз ҷанги шаҳрвандӣ ва интервенсияи хориҷӣ (1918-1920) хоҷагии халқи Россияи Шӯравӣ қариб пурра фалаҷ гардида буд. Бо дарки амиқи зарурати барқарорсозии иқтисодиёт, 14 марти соли 1921 съезди X ҲКР (б) ба ҷои сиёсати «коммунизми ҳарбӣ», Сиёсати нави иқтисодиро қабул намуд.

Пас аз дохил шудани ҶШС Тоҷикистон ба Иттиҳоди Шӯравӣ, ба монанди дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, доираи маҳдудшудаи муносибатҳои молию пулӣ мавриди истифода ва зери таъсири пурраи давлатӣ амал мекард.

Аз ибтидои солҳои 30-юми асри XX тамоми шаклҳои моликияти хусусӣ барҳам дода шуда, фаъолияти соҳибкорӣ пурра қатъ гардид. Нақши бозор ва механизмҳои хоҷагии бозорӣ хеле маҳдуд арзёбӣ ва истифода мешуданд ва озодии комили тоҷирон таъмин набуд. Низоми ягонаи марказонидашудаи нақшагирии фаъолияти иқтисодӣ, аз он ҷумла дар соҳаи савдои дохилӣ ва тақсимоти захираҳои молӣ аз ҷониби Ҳукумат ва комиссияи нақшагирии марказӣ амал мекард. Нархи молу маҳсулот аз ҷониби давлат муайян карда мешуд ва озодии нархгузорӣ мавҷуд набуд. Аз ҳамин давра сар карда, соҳибкорӣ дар ИҶШС то миёнаи солҳои 80-ум мавҷудияти қонунии худро қатъ кард ва ба бахши пинҳонии иқтисод гузашт.

Ҳамин тавр, дар ИҶСШ моликияти хусусӣ ва зуҳуроти соҳибкорӣ барҳам дода шуд ва миллионҳо одамоне, ки метавонистанд захираҳо ва меҳнати худро оқилона истифода баранд, ҳавасмандии худро аз даст доданд.

Бояд зикр намоем, ки дар замони собиқ Ҳукумати Шӯравӣ(аз ҷумла дар ҶШС Тоҷикистон) асосан се шакли савдо фаъолият мекард:

1) савдои давлатӣ;
2) савдои кооперативӣ;
3) савдои колхозӣ.

Ислоҳот дар соҳаи савдо бошад, тайи солҳои сипаришуда дигаргуниҳои намоёнро ба миён оварда тавонист. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравии собиқ тақрибан 96-98% гардиши мол ба воситаи муассисоти савдои давлатию кооперативӣ ба роҳ монда шуда, танҳо 2-4% вай дар бозори колхозӣ, яъне ба таври инфиродӣ сурат мегирифт [8,308].

Бо оғоз гардидани сиёсати «бозсозӣ» аз нав фаъолияти соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ ҷоннок гардид. Соҳибкорӣ дар ҷаҳони муосир унсури асосии иқтисоди бозорӣ буда, субот ва устувории рушди на танҳо давлат, балки тамоми ҷомеа аз он вобаста аст.

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ (9 сентябри соли 1991) дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави фаъолияти соҳибкорӣ оғоз гардид ва барои ташаккул ва рушди муносибатҳои бозаргонӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд, ки дар кори таҳқиқотии минбаъда, мо перомуни ин марҳилаҳои нави рушди соҳибкории тиҷоратӣ дар даврони соҳибистиқлоли Тоҷикистон таҳқиқоти худро идома хоҳем дод.

Дар хотима ҳаминро бояд зикр намоем, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз таърихи ҳазорсолаи миллати фарҳангии куҳани тоҷик, мардуми тамаддунофар, дорои фарҳанги шаҳрсозию шаҳрдорӣ ва соҳибҳунарро дар маҳалҳои мухталифи Тоҷикистон ба инобат гирифта, 22 декабри соли 2017 дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018-ро Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд, ки пеш аз ҳама ба рушди соҳибкорӣ ва ҳунармандиву косибӣ равона гардидааст. Ин ташаббус солҳои минбаъда низ идома ёфта, дар Паёми навбатии худ солҳои 2019-2021-ро Сарвари давлат "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намуданд. Соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунармандӣ ду самти афзалиятноки сарватҳои миллӣ ҳастанд, ки бо ҳам алоқамандии зич доранд ва барои муаррифии фарҳангу таърихи куҳани халқи тоҷик, табиати биҳиштосо, обҳои мусаффои

Тоҷикистон ба ҷаҳониён аҳамияти муҳим доранд. Ҳамин тавр, рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ омили муҳими муаррифгари чеҳраи миллат ва фарҳанги он, пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ маҳсуб меёбанд.

**Адабиёт:**


1. Аминов А.Н. Экономическое развитие Средной Азии (колониальный период). Ташкент, 1959, С.50-51.
2. Васильев Л.С. Культурные и торговые связи ханского Китая с народами Центральной и Средней Азии.-ВИМК, 1958, №5. С.4.
3. Гафуров Б.Г. Таджики. кн. II. Древнейшая, древняя и средневековая история. – Душанбе: «Ирфон», 1989. – С. 51.
4. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Душанбе: «Ирфон», 2008. С. 236.
5. Гребенкин А.Д. Мелкие народности Зеравшанского округа.- «Русский Туркестан», вып. 2. М., 1872.
6. Давидович Е.А. Новые нумизматические материалы для характеристики товарно-денежных отношений на территории Южного Таджикистана в XV в.- «Абдурахман Джами. Эпоха, жизнь и творчество». Сб. статей. Душанбе,1965. С.114
7. Довутов Д. Сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар давлати Сомониён. Дар кит: Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. Душанбе, 1998.
8. Исоматов Б.И., Фақеров Ҳ.Н. Таърихи тиҷорат. Душанбе. ҶДДМ «Паёми ошно», 2004.
9. История Узбекской ССР. Т.1. Ташкент, 1967, С.317.
10. Каримов У. Аз афкори иқтисодии ниёгони халқи тоҷик. Душанбе, 1998, С.34 – 35.
11. Каримов У. Роҳи бузурги абрешим. Душанбе, 2003.-С.10
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», аз 26.07.2014. //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7 қ.2, мод.404; соли 2015,№3,мод.216
13. Мухторов А. Очерк истории Ура-Тюбинского владения в XIX в. Душанбе, 1964.
14. Небольсин П.И. Очерки торговли России со странами Средней Азии, Хивой, Бухарой, Кокандом (со стороны Оренбургской линии). СТб., 1856, С.22-23.
15. Неъматов Н. Давлати Сомониён. С.97
16. Нуриддинов Ҳ., Ҳамитов М. Тавлидот, молия ва тиҷорат дар замони Сомониён. – Душанбе, 1999.- С. 26.
17. Раҳмонов Э.Ислоҳоти иқтисодӣ тақозои зиндагист. Садои мардум 29.X1.1997.Саҳ.3
18. Ханыков Н.В. Описание Бухарского ханства. СПб., 1843, С.161.167. Аминов А.Н. Экономическое развитие Средной Азии (колониальный период). Ташкент, 1959, С.50.


## ВОЗНИКНОВЕНИЕ, РАЗВИТИЕ И ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКСКОГО НАРОДА


**ТОЛИБОВ КОБИЛ КОСИМОВИЧ,**

к.э.н., доцент кафедры экономики и организации предпринимательства Таджикского государственного университета коммерции

734061, г. Душанбе, улица Дехоти ½,

Тел.: (+992) 918-61-81-77. E-mail: tolibov_74@mail.ru

**НУРИДДИНОВ ХОМИДХОН,**
к.и.н., доцент, Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003 г. Душанбе, улица Саид Носир 33
Тел.: (+992) 939-99-60-01. Email: homid-54@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы возникновения, история развития предпринимательства таджикского народа в период с древнейших времен до независимости Республики Таджикистана. Особое внимание уделяется развитию предпринимательства и даётся оценка развитию бизнеса, деятельности важных деловых и торговых центров в этот период. Особое место занимает изучение важнейших этапов предпринимательства и торговли таджикского народа.*

***Ключевые слова**: формирование, этапы, развитие, предпринимательство, коммерция, торговля, внутренняя и внешняя коммерция, ремесло.*

## THE ORIGIN, DEVELOPMENT AND MOST IMPORTANT STAGES OF ENTREPRENEURSHIP OF THE TAJIK PEOPLE

**TOLIBOV KOBIL KOSIMOVICH,**
Candidate on Economics, Associate Professor of the
Department of Economy and Entrepreneurship Organization
of Tajik State University of Commerce
734061, c. Dushanbe, ½, Dehoti str.,
Phone: (+992) 918-61-81-77. E-mail: tolibov_74@mail.ru
**NURIDDINOV HOMIDKHON,**
Candidate of History, Associate Professor,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003 Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 939-99-60-01. E-mail: homid-54@mail.ru

*The article deals with the origin, history of the formation and development of entrepreneurship of the Tajik people. Particular attention is paid to the development of entrepreneurship from ancient to independence period of Tajikistan. It is also reflects the assessment of entrepreneurship development, activities of important entrepreneurship centers as well as domestic and foreign trade during this period. A special attention is given to the study of the most important stages of entrepreneurship and trade of the Tajik people.*

***Key words:** formation, periods, development, entrepreneurship,trade, domestic and foreign trade, handcraft.*

УДК 517.946

# ТАТБИҚИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ

**МИРЗОРАҲИМОВ МУРОДАЛӢ ҲАСАНБОЕВИЧ,**
номзади илмҳои физика-математика,
мудири кафедраи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 985-61-30-61. E-mail: murodali6161@mail.ru

*Мақсади асосии мақола ба олимон, мутахассисон ва омӯзгорони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ошкор намудани имкониятҳои воқеии курси математика дар таҳкими тарбияи иқтисодӣ бо хусусиятҳои рушди бахшҳои анъанавии математика барои эҳтиёҷоти таълими иқтисодӣ мебошад*

*Ҷаҳони муосирро ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои нерӯи қавӣ дар ҳалли муаммоҳои мураккаби ҳаёт ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад.*

*Муаллиф ҷиҳати ноил шудан ба мақсад аз маводҳои гуногуни назариявӣ, амалӣ ва инчунин аз патенсиали илмии ҷумҳурӣ ва дар қатори он пеш аз ҳама патенсиали илмии олимон ба таври бояду шояд истифода кард.*

***Калидвожаҳо:*** *табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ, барномасозӣ, модели математикӣ, макроиқтисодиёт, менеҷмент, андоз, низоми кредитӣ, таносуб, таҳлили оморӣ.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карданд: «Илм дар шароити муосир нақши калидӣ дошта, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд. Мутаассифона, дар кишвари мо ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҳанӯз кам буда, бозёфтҳо дар илмҳои дақиқ ва техникаву технологияҳо назаррас нестанд. Дар мамлакат дар шароити имрӯза рушди илмҳои бунёдӣ муҳим ва афзалиятнок буда, пешбурди корҳои илмиву тадқиқотӣ вазифаи аввалиндараҷаи олимони ин соҳа маҳсуб меёбад, ки он беҳбудии ҷиддӣ мехоҳад».

Сарвари давлат бо мақсади рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ 26.01.2021 дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ”дар соҳаи илму маориф эълон намуданд.

Аз ин рӯ, сохторҳои илмию таълимии кишварро зарур аст, ки омӯзиши илмҳои муосир, бахусус, илмҳои табииву риёзиро ҷиддӣ ба роҳ монда, баргузории маҳфилу чорабиниҳои илмиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва муассисаҳои илмӣ бештар созанд ва ҷавононро ба чунин чорабиниҳо ҳарчӣ бештар ҷалб намоянд. Олимонро зарур аст, ки ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ, табиатшиносиву техникӣ ва талаботи ҷомеа равона сохтани нерӯи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтироъкориву навоварӣ, ҳамчунин ҷалби ҷавонони болаёқатро ба корҳои илмӣ ва ихтироъкорӣ бозҳам ҷоннок намоянд.

Раванди ҷаҳонишавии босуръат ворид гаштан ба системаи ягонаи таҳсилот ва мутобиқ гардонидан ба стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот моро водор месозад, ки сари ин масъала андеша ронем.

Ҷаҳони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои неруи қавӣ дар ҳалли муаммоҳои мураккаби ҳаёт ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад [7-9].

Бо мақсади роҳ ёфтан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳадафҳои мушаххас муддатест, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низоми нави таҳсил –низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳадафи асосии низоми кредитии таҳсил аз он иборат аст, ки донишҷӯ тарзу усулҳои мустақилона аз бар кардани донишро дар мактаби олӣ аз худ намояд, то ки фаъолияти минбаъдаи худро ҳамчун мутахассис ва ихтисосманди соҳа ба роҳ монад.

Нақши илмҳои дақиқ ва риёзӣ дар соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ ва дар вақтҳои гуногун якхела набуд. Вай ба таври таърихӣ ҳосил гардида, ба он ду омил таъсири аниқ расонидааст: сатҳи пешравии таҷҳизоти риёзӣ ба дараҷаи пухтарасии дониш дар бораи объектҳои омӯхташаванда, имконияти ҷабҳаҳои асосӣ ва хосиятҳои онро ба забони мафҳумҳои математикӣ тасвир кардан ё тавре ки ҳоло мегӯянд, имконияти сохтани « Модели математикӣ» -и объекти омӯхташавандаро тасвир карда тавонистан.

Модели математикӣ ба ягон хел соддакунонӣ асоскунонидашуда ҳеҷ вақт ба объекти омӯхташаванда айниятан намебошад, ҳамаи хосиятҳои онро инъикос нанамуда, инъикоси тақрибии он мебошад. Вале ба модели математикӣ ифода намудани объекти ҳақиқӣ ба мо имконият медиҳад, ки масъала ва омӯзиши онро ба забони математикӣ ифода намуда, барои таҳлили он методҳои математикиро, ки ба табиати мушаххаси объекти додашуда вобаста нестанд, истифода барем. Ин метод ба мо имконият медиҳад, ки ба таври ягона доираи васеи омилҳо ва мушоҳидаҳоро ифода намуда, таҳлили миқдории онро ба таври пурра оварда нишон диҳем, ки дар шароитҳои гуногун объект худро чӣ тавр нишон медиҳад, бо ибораи дигар, натиҷаҳои мушоҳидаҳои ояндаро пешгӯӣ намоем.

Моделҳои математикӣ ва усулҳои он дар назарияи иқтисодии муосир, чӣ дар сатҳи микро ва чӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт, яке аз элементҳои зарурӣ ба шумор мераванд. Истифодабарии моделҳои математикӣ дар иқтисодиёт ба мо имконият медиҳанд, ки дар аввал алоқамандии тағийрёбандаҳои иқтисодӣ ва объекти асосиро муайян намуда, ба таври формалӣ тасвир намоем. Дувум, аз маълумотҳои додашуда ва муносибати методҳои дедуксия оид ба объекти омӯхташаванда хулоса баровгарда, ченакеро ҳосил менамоем, ки дар шарт пешакӣ оварда шуда буд. Ва сеюм, усулҳои математикӣ ва оморӣ ба мо имконият медиҳанд, ки бо роҳи индуктивӣ донишҳои навро оид ба объект, ба монанди баҳодиҳӣ ба шакл ва параметрҳои тағийрёбандаҳои вобаста, ки ба дараҷаи баланд ба мушоҳидаи воқеӣ мувофиқ мебошанд, ҳосил намоем.

Моделҳои математикиро барвақт ва бомуваффақият дар илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, аз он ҷумла дар механика, физика, нуҷум, андоз, менеҷмент ва дар дигар соҳаҳои иқтисодӣ татбиқ намудаанд. Дар давраи муосир рушд ва нақши методҳои математикӣ дар илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ афзуда истодааст. Ин методҳо акнун дар соҳаҳои саноаткунонӣ, кишоварзӣ, энергетикӣ ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода шуда истодааст. Дар соҳаҳои мазкур инчунин моделҳои математикиро бомуваффақият тадбиқ намуда истодаанд.

Пеш аз ҳама, шарҳи қонунҳои математикӣ ва ҳодисаҳои физикӣ, кимёвӣ, биологӣ ва амсоли инҳоро дар табиат ва истифодаи онҳоро ба манфиати ҷомеа ва пешравии иқтисодиёт ба таври мухтасар меорем.

Табиатшиносӣ – ин маҷмӯи илмҳо дар бораи ҳодисаҳо ва қонунҳои табиат мебошад. Ба фанҳои табиатшиносӣ физика, астрофизика, космология, биология, кимиё, география, экология ва геология тааллуқ доранд.

Ҳамаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бо иқтисодиёт робитаи зич доранд, пешрафти иқтисодиётро барои хубтару беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум таъмин менамоянд.

Омӯзиши ин фанҳо ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён ва кормандони тамоми соҳаҳои кишварро васеъ мегардонанд ва махсусан омӯзиши фанҳои ихтисосии донишҷӯёни соҳаҳои иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ ва гуманитариро хеле осон мегардонанд.

Илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ прогресии илмӣ– техникиро дар ҷамъият, инчунин мардуми оламро бо маводи ғизоӣ таъмин менамоянд [1,2].

Аҳолии олам рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Қайд кардан лозим аст, ки дар тӯли 29 соли истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолӣ зиёда аз 3 миллион афзуда аст.

Зарурият ба миён омада истодааст, ки зиёда аз се миллион аҳолиро бо маводи ғизоӣ таъмин кардан лозим аст. Масоҳати замини киштукоршаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб бетағйир аст. Аҳолии зиёдшудаи ҷумҳуриро танҳо тавассути фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бо маводҳои ғизоӣ таъмин намудан мумкин аст.

Бо роҳи баланд бардоштани ҳосилдиҳии заминҳои корам, ёфтани навъҳои нави растаниҳою зироатҳо, зотҳои нави ҳайвонҳо аҳолии зиёдшуда бо маводи ғизоӣ таъмин карда мешаванд. Баланд бардоштани ҳосилнокии замин, ёфтани навъҳои нави растаниҳою зироатҳо, зотҳои нави ҳайвонҳои хонагӣ тавассути тадқиқотҳои мутахассисони соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва иқтисодӣ ба даст оварда мешавад. Ҳамин тавр, фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба пешрафти иқтисодиёти мамлакат саҳми арзанда мегузоранд.

Танҳо тавассути татбиқи босамари қонуни фундаменталии табиат – қонуни бақо ва табдилёбии энергия норасоии нерӯи барқиро дар ҷумҳурӣ бартараф намудан мумкин аст.

Амали кори ҳамагуна асбобҳои электроченкунанда, ҳаракатдиҳандаҳою генераторҳо ба қонуни Ампер – таъсири майдони магнитӣ ба ноқили ҷараёндор асос карда шудаанд.

Тадқиқотҳои соҳаи физикаи ядроӣ ва зарраҳои элементарӣ бо инкишофи иқтисодиёт ва пешрафти он алоқаи зич доранд.

Изотопҳои радиоактив дар хоҷагии халқ татбиқи васеи амалӣ доранд. Масалан, аз изотопҳои радиоактив дар тиб барои табобати касалиҳо ва муайян кардани табиати бемориӣ, дар саноат барои омӯзиши диффузияи металлҳо ба таври васеъ истифода мебаранд.

Тавассути реаксияҳои ядроии дар суръатфазоҳои зарраҳои элементарӣ ба амалоянда, элементҳои нави системаи даврии элементҳои кимиёӣ кашф гардиданд. Аксарияти элементҳои дар охири системаи даврии элементҳои кимиёӣ буда, тавассути реаксияҳои ядроӣ дар суръатфазоҳои зарраҳои элементарӣ ҳосил карда шудаанд.

Реаксияҳои ядроӣ бо нейтронҳо ҳангоми тақсимшавии ядроҳои вазнин бо ҷудошавии энергияи хеле калон мегузарад. Ин энергияи ҷудошударо дар нерӯгоҳҳои электрикии атомӣ барои ҳосил кардани энергияи электрикӣ истифода мебаранд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса бармеояд, ки реаксияҳои ядроӣ ҳам аҳамияти илмӣ ва ҳам аҳамияти васеи амалӣ доранд.

Химия яке аз фанҳои табиатшиносӣ буда, таркиб, сохт, хосият ва табдилёбии моддаҳоро бе тағйирёбии таркиби ядрои атом меомӯзад. Яке аз шохаҳои қадимтарини кимиё металлургия ба шумор меравад ва он ба пешрафти иқтисодиёт саҳми босазо мегузорад. Илми кимиё барои фаҳмидани сабабҳои ниҳоии дохили моддаҳо, ки ҳангоми реаксияҳои кимиёӣ ба тағйирёбӣ ё ба вуҷуд омадани хосиятҳои нав оварда мерасонад, имконияти васеъ муҳайё менамояд. Инчунин химия барои таъсиси технологияи пешқадам, истеҳсоли полимер ва наххои синтетикӣ, нуриҳои маъданӣ, маҳсулотҳои доруворӣ, коркарди нафту газ, муҳофизати муҳити зист ва ғайраҳо замина мегузорад.

Ба қонунҳои Фарадей асос карда, дар корхонаи саноатии алюминийи тоҷик истеҳсоли алюминийи тоза ба роҳ монда шудааст.

Ин корхонаи саноатии калонтарини ҷумҳурӣ дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳуриамон саҳми арзанда гузошта истодааст. Ин корхонаи саноатии бузург аҳамияти иқтисодии байналмилалӣ дорад. Маҳсулоти истеҳсолкардаи он қисми асосии молҳои содиротии ватаниро ташкил карда, ба ҳамаи мамлакатҳои дунё интиқол ёфта истодааст.

Тадқиқотҳое, ки дар соҳаи космология гузаронида мешаванд (дар стансияи илмии кайҳонӣ), бевосита аҳамияти васеи иқтисодӣ доранд.

Махсусан, аҳамияти иқтисодии тадқиқотҳоро дар соҳаи биология қайд кардан бамаврид аст. Имрӯзҳо селексионерҳо ба мо навъҳои наву ҳосилбаланди растаниҳою зироатҳо, зотҳои нави чорвои калони шохдор – говҳои гӯштдиҳандаю сершир, навъҳои серҳосилу тезшукуфандаи пахтаҳо, пахтаҳои миёнанахи рангорангро пешкаши истеҳсолкунандаҳо карда истодаанд.

Чӣ тавре дар боло зикр гардида будем, бо ин роҳ селексионерони замонавӣ аҳолии зиёдшудаи кураи заминро бо маводҳои ғизоии ширию гӯштӣ ва нону меваҷот таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бо иқтисодиёт робитаи зич дошта, пешрафти онро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамоянд [4].

Бинобар ин, омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои олӣ, махсусан барои ихтисосҳои тамоили иқтисодидошта дар сатҳи баланд ба роҳ мондан зарур аст.

Одамон аз замонҳои хеле қадим сар карда, дар зиндагии ҳаррӯзаи худ, дар тиҷорат ва амсоли онҳо аз илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ истифода мебурданд. Методҳои риёзӣ ҳамчун методи тадқиқи масоили мухталиф бо гузашти айём худ низ тағйир ёфтаву мукаммалтар гардиданд. Агар фанни риёзӣ дар замонҳои хеле қадим аз чор амал (ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим) аз нисбат, таносуб, фоиз ва пасон аз бадараҷабардорию азрешабарорӣ истифода мекарда бошад, акнун барои ҳалли масоили мухталифи иқтисодӣ ба мисли барориши (истеҳсоли) маҳсулот, ба нақшагирии истеҳсоли ягон навъи маҳсулот, ҳалли масоили оптимизатсионӣ, барномасозии риёзӣ, барномасозии хаттии риёзӣ, динамикӣ ва ғайрихаттӣ аз мафҳуми функсияи истеҳсолӣ ва ҳосилаҳои он ба таври васеъ истифода мебарад. Илова бар ин дар шароити кунунӣ дар ҳалли ин гуна масоил муодилаҳо ва нобаробариҳои хаттӣ, муодилахои квадратӣ, нишондиҳандагию логарифмӣ, ирратсионалӣ, ратсионалӣ, трансендентӣ, интегралӣ, дифференсиалӣ ва интегралию дифференсиалӣ низ истифода мешаванд.

Мо бояд барои нигоҳдории муҳити зист дар олами моро иҳотакунанда, барои сарфакорона истифода бурдани сарватҳои табиӣ аз қабили металлҳо, канданиҳои

фоиданок, нафту бензин, сӯзишворӣ, замини корам, оби нушокӣ, нигоҳ доштани набототу ҳайвонот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи зиндагии одамон ва амсоли он саъю кӯшиш намоем. Ҳалли бомуваффақияти ингуна масоил бе татбиқи методҳои риёзӣ аз имкон берун аст.

Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Фан ҳамон вақт тараққӣ мекунад, ки агар он аз илми риёзиёт ба таври васеъ истифода бурда тавонад». Дорандаи ҷоизаи нобелӣ академик Канторович Л.В. соли 1939 барои ҳалли синфи васеи масъалаҳои банақшагирии иқтисодӣ методи умумии риёзиро кор карда баромад, ки ҳангоми тадбиқи он дар заводҳои мошинсозӣ ҳазорон ҳазор тонна металл сарфа карда шуд. Ин маблағи сарфашударо барои баланд бардоштани музди меҳнати коргарон, зиёд намудани ҷойҳои кории нав ва таҷҳизонидани чараёни истеҳсолот истифода кардан мумкин аст.

Бигзор $x$ – миқдори вазни тиллои маъдан дар ҳаво, $y$ - миқдори вазни нуқраи маъдан дар ҳаво, $\frac{11x}{10}$ - миқдори вазни тиллои маъдан дар об ва $\frac{10{,}5y}{10}$ – миқдори вазни нуқраи маъдан дар об бошанд. Он гоҳ мувоффиқи шарти масъала ҳосил мекунем

$$\begin{cases} x + y = 10 \\ \frac{11x}{10} + \frac{10{,}5}{10}y = 10{,}5 \end{cases}$$

Аз амалҳои риёзӣ истифода бурда, ҳалли ин системаро дар намуди $x=0,\ y=10$ меёбем.

Қайд мекунем, ки нақши нисбат ва таносуб дар замони мо низ аҳамияти худро гум накардааст ва минбаъд ҳам нахоҳад гум кард. Ба мисолҳо мурочиат менамоем. Ҳангоми муайян кардани индекси нархи харидории истеъмолкунандагон (муштариён) мо аз таносуби (муодилаи)

$$x = \frac{a}{b}$$

истифода мекунем, ки дар он $x$ - индекси нархи харидорӣ (ИНХ), ё худ, нархи миқдори молҳои истеъмолии рӯзмарра, $b$- нархи сабади харидорӣ дар соли базисӣ (хорӣ) мебошанд.

Барои муайян намудани сатҳи бекорӣ мо аз таносуби

$$y = \frac{d \cdot 100}{c}$$

истифода мебарем, ки дар он $c$ -қувваҳои коргарӣ, $d$ -миқдори бекорони аз 18-сола боло ва $y$ - сатҳи бекорӣ мебошад.

Барои муайян намудани ҳиссаи қувваҳои коргарӣ дар миқдори умумии қувваҳои коргарӣ аз таносуби

$$z = \frac{c \cdot 100}{e}$$

истифода мекунем, ки дар ин ҷо $e$- адади (миқдори) аҳолии калонсол, $z$ -ҳиссаи қувваҳои коргарӣ мебошанд [10-11].

Масъалаҳои муосире, ки дар онҳо метод ва моделҳои риёзӣ истифода мешаванд, хеле гуногунанд. Чунончӣ, масъалаҳои барномасозии риёзӣ ба мисли барномасозии хаттии риёзӣ, тайёр намудани хӯроки серғизои якшабонарӯзӣ ё ки семоҳа, яксола ва ҳоказо, масъалаи банақшагирии оптималии истеҳсоли ягон навъи маҳсулот, методҳои графикӣ ва симплексии ҳалли масъалаи барномасозии хаттии риёзӣ, масоили мухталифи оптимизатсионӣ, идоракунии оптималӣ, ҳисоби вариатсионӣ, назарияи

бозиҳо (бозиҳои варзишӣ, бозихои мудофиавӣ ва ғайраҳо кор карда баромадани ахбороти иқтисодӣ ва қабули қарорҳои беҳтарин (оптималӣ), банақшагирии таҷрибаҳо, назария ва амалияи тирпарронӣ, таҳлили оморӣ, таҳлилҳои дисперсионӣ ва регрессионӣ, назария ва амалияи методҳои интихобӣ ва амсоли он аз қабули ингуна масоил маҳсуб мешаванд.

Азбаски ҳалли аксарияти ин масоил вақти зиёдеро тақозо дорад, бинобар ин, ба иқтисодчӣ ва соҳибкор зарурати ба таври кофӣ аз худ намудани методҳои ҳалли моделҳои риёзии мухталифи иқтисодӣ бо истифодаи компютерҳои замонави фардӣ пайдо мешавад. Танҳо ҳангоми хеле хуб аз бар намудани ингуна донишҳо мо метавонем мушкилиҳои мавҷударо аз қабили бухронҳои иқтисодӣ ва амсоли он паси сар намуда, рушди иқтисодиёти мамлакатамонро таъмин намоем.

Дар охир зикр менамоям, ки имрӯз мо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ қарор дорем, сатҳи зиндагии халқамон хело хуб аст, пеш аз ҳама мо олимони бахшҳои риёзию иқтисодӣ бояд худро дар назди халқ ҷавобгӯй бишуморем ва баҳри боз ҳам хубтару беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум хеле ҷиддӣ меҳнат намоем.

**Адабиёт:**


1. Апанасов Н.Т. Методики решения задач по математике с экономическим содержанием. М. 1976.
2. Раҳимов Р.М, Солиев М. Н. Мисолҳои гуногуни шарҳи мазмуни иқтисодии мафҳуми ҳосила ва татбиқи он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ. ПаёмиДМИТ., 2014, №2, саҳ.131-136.
3.Раҳимов Р.М, СолиевМ.Н. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣ дошта дар ташакули тафаккури математикии донишҷӯён, яке аз ҳадафҳои низоми кредитии таҳсил. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи « Сифати таълим дар мактабҳои олии ҶТ», саҳ 432--437, Хуҷанд, 2016
4. Терешин Н.А. Прикладная направленность школьного курса математики, М. Просвещение, 1990.
5. Шапиро И.М. Использование задач с практическим содержанием в преподавании математики. М. «Просвещение» 1990-96.
6. Ҳамид Маҷидов, Фотеҳ Ҳакимов. Консепсияҳои табиатшиносии муосир. Нашри дуюм бо иловаҳо, Душанбе, Эр-Граф, 2011, 280с.
7. Ҳамид Маҷидов. Консепсияҳои табиатшиносии муосир «Саволҳои тестӣ», Душанбе, Эр-Граф, 2014, 223с.
8. Маҷидов Ҳ, Раҳимов Р. Робитаи фанҳои табиатшиносӣ бо иқтисодиёт. Паёми Донишкадаи молия ва иқтисодиёти Тоҷикистон, №1(9), саҳ.133-137, Душанбе-2017.
9. Мирзораҳимов М.Ҳ. Ҳамбастагии илми математика дар ҳалли масъалаҳои илмҳои табиатшиносӣ ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷомеъа. Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Тайёр намудани мутахассисони муосири фанни риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар бахшида ба солҳои 2020-2040», ш. Данғара, ДДД 25-26 ноябри соли 2020, саҳ.72-80.
10. Мирзораҳимов М.Ҳ. Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Тайёр намудани мутахассисони муосири фанни риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар бахшида ба солҳои 2020-2040»,ш. Данғара, ДДД 25-26 ноябри соли 2020, саҳ.72-80
11. Мирзорахимов М.Х. Материалы международной научно-практической конференции «Реформа системы государственного управления и государственной службы: её

современные эффективные модели», г. Душанбе, АГУПРТ 5-6 марта 2021г. Стр.260-267.

# ПРИМЕНЕНИЕ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК, ТОЧНОСТИ И МАТЕМАТИКИ В ЭКОНОМИКЕ

**МИРЗОРАХИМОВ МУРОДАЛИ ХАСАНБОЕВИЧ,**
кандидат физико-математических наук,
заведующий кафедрой естествознания и математических наук
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 985-61-30-61. E-mail: murodali6161@mail.ru.

Основная цель статьи - раскрыть ученым, специалистам и преподавателям естественных, точных и математических наук реальные возможности курса математики в укреплении экономического образования с особенностями развития традиционных разделов математики для нужд экономического образования.

Современный мир нуждается в опытных специалистах с сильным потенциалом для решения сложных жизненных проблем и удовлетворения требований внутреннего и внешнего рынков труда.

Для достижения этой цели автор должным образом использовал различные теоретические и практические материалы, а также научный потенциал страны и, прежде всего, научный потенциал ученых [1-6].

***Ключевые слова:*** *естественные науки, точность, математика, программирование, математические модели, макроэкономика, менеджмент, налогообложение, кредитные системы, коэффициенты, статистический анализ.*

# APPLICATION OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL SCIENCES IN ECONOMY

**MIRZORAKHIMOV MURODALI KHASANBOYEVICH**
Candidate of physical and mathematical sciences,
Head of the Department of Natural Science and Mathematics of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 985-61-30-61, E-mail: murodali6161@mail.ru

The main purpose of the article is to reveal to scientists, specialists and teachers of natural, exact and mathematical sciences the real possibilities of the course of mathematics in strengthening economic education with the characteristics of the development of traditional branches of mathematics for the needs of economic education.

The modern world needs experienced specialists with strong potential to solve complex life problems and meet the requirements of the domestic and foreign labor markets.

In order to achieve this goal, the author duly used the various theoretical and practical materials, as well as the scientific potential of the country, and, above all, the scientific potential of scientists [1-6].

***Keywords:*** *natural sciences, exact sciences, mathematics, programming, mathematical models, macroeconomics, management, tax, credit system, equation, statistical analysis.*

УДК: 330.1

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚОСИМЗОДА МИРЗОКАРИМ ФАХРУДДИН,**
доктoрант (PhD),
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 907-40-48-99. E-mail: mirzo.k95@mail.ru

*Дар мақола ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ ва заминаҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз он ҷумла, қайд гардидааст, ки ташкили мақоми махсуси давлатӣ дар ин самт метавонад омили муҳими рушди босуръати иқтисоди рақамӣ гардад, зеро пандемияи коронавирус ва бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ мутахассисонро маҷбур кард, ки барнома ва нақшаҳои навро бораи ояндаи иқтисоди рақамӣ таҷдиди назар кунанд.*

*Муайян карда шудааст, ки дар ин давра барои рақамикунонии иқтисодиёт ҷиҳати самаранок татбиқ намудани барномаҳои дар ин самт амалишаванда истифодаи таҷрибаи дигар давлатҳо мувофиқи мақсад аст.*

*Самтҳои рушди минбаъдаи рақамикунонии иқтисодиёт, аз он ҷумла рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ зарурати ҳарчи бештару зудтар тайёр намудани кадрҳои дорои маълумоти техникӣ ва баланд бардоштани малакаи кории шаҳрвандон ба рақамикунонӣ бояд баррасӣ гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, рақамикунонӣ, Тоҷикистон, раванди рақамикунонӣ, соҳаи иҷтимоӣ, соҳаи иқтисодӣ, омӯзиш, пандемияи Covid-19, ҷомеа.*

Дар ҷаҳони муосир инқилоби технологӣ ва иттилоотӣ дар низоми иқтисодӣ ба амал омада, чунин раванд ба низоми идоракунии кишвари мо низ таъсири хеле бузург расонидааст. Омилҳои муҳими рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳони муосир ин афзоиши тавоноии муҳосиботӣ, афзоиши суръат интиқоли маълумот ва тавоноии захирасозии бештари маълумотҳо мебошанд. Истилоҳи «иқтисоди рақамӣ» нахустин бор дар Ҷопон аз тарафи як пажӯҳишгари иқтисод дар замони рукӯди иқтисодии ҷопон дар соли 1990 матраҳ шуд. Давраи оғоз ва ташаккули иқтисоди рақамӣ тақрибан ба солҳои 80-уми асри гузашта рост меояд ва то ин давра ба сатҳи назаррас ва таъсиррасон дар ҳаёти инсоният рушд кардаас. Аз ҳама муҳим инки рӯз аз рӯз суръати инкишоф ва рушди иқтисоди рақамӣ ба таври чашмрас афзуда, вобастагии инсониятро ба рақамикунонии иқтисодӣ бештар мекунад.

Мусаллам аст, ки баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ иқтисоди марказонидашуда ҷойи худро ба иқтисоди бозорӣ дода, дар ҷомеа дигаргуниҳои сифатӣ ва микдориро ба амал овардааст. Аммо дар кишвари мо инқилобҳои технологӣ ва иттилоотӣ дар низоми иқтисодӣ пурра ба амал наомадааст. Бинобар ин, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилооткунонии соҳаи хизмати давлатӣ як силсила қарору санадҳои муҳим ба тасвиб расонида шуд, ки ба раванди рақамикунонии идоракунии давлатӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Бо дарназардошти зарурат ин раванд, Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2012 чунин қайд намуда буданд: «Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он

ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳими замони муосир мебошад. Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар Ҳукумати мамлакат ба наздикӣ «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ»-ро қабул намуд.

Ин имкон медиҳад, ки номгӯи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва босифат расонида шуда, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда шаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад».[8] Дар тӯли солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ аҳамияти махсус дода мешавад, ки ин заминаи асоси барои рушди иқтисоди рақамӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳуҷҷати электронӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияте истифода шуда метавонад, ки дар онҳо воситаҳои барномавӣ ва техникӣ барои тайёр, коркард, нигоҳдорӣ, ирсол ва қабули иттилоот заруранд ва ин яке аз самтҳои асосии гузаштан ба идоракунии иктисоди рақамист. Албатта, маҳдудият дар истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути ҳамаи воситаҳои алоқа, аз ҷумла системаҳо ва шабакаҳои иттилоотӣ, агар ин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад, фиристода ё қабул шуда метавонанд.

Инчунин, дар раванди татбиқ гардидани иқтисоди рақамӣ дар низоми идоракунии давалатӣ ҳифзи иттилоот муҳим ва аввалиндараҷа мебошад. Бинобар ин, барои ҳифзи иттилоот ва нигоҳдории он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» амал мекунад, ки он принсипҳои асосии таъмини ҳифзи иттилоот ва танзими муносибатҳои ҳуқуқии дар ин соҳа ба вуҷуд омадаро муқаррар менамояд. [3]

Чанд сол қабл, яъне соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамӣ - электронӣ» ба тасвиб расид, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми созмон додан ва истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар шакли инъикоси электронӣ тавассути системаи иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ, воситаҳои барномавию техникӣ ба танзим медарорад.[4]

Муқаррароти Қонуни мазкур нисбат ба ҳуҷҷатҳои электронии тавассути имзои электронии рақамии ҳаммонандшавандаи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истисноӣ ҳуҷҷатҳои фаъолияти контрразведка, разведка, оперативию ҷустуҷӯӣ ва истифодаи тадбирҳои криптографию оперативии ҳифзи сирри давлатӣ), инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми анҷом додани аҳдҳои ҳуқуқии гражданӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

Ҳамзамон, соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» қабул гардид, ки мақсади он фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он, ҳамчунин, таъмини ошкорои иттилоотии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад. [5]

Муқаррароти умумии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, қонуни мазкур аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие иборат мебошад, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст.

Бо мақсади татбиқи самараноки фаъолияти иттилоотӣ дар самти рушди иқтисоди рақамӣ дар низоми идоракунии давалатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ манбаъ ва маҳзани маълумот таъсис медиҳад.

Дар ин замина Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6] ва Барномаи давлатии «Рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[7] ба тавсиб расидаанд. Ҳамзамон, дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 декабри соли 2010 аҳамияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва зарурати ҳарчи зудтар дар ҳамаи соҳаҳои идоракунӣ ҷорӣ кардани он бори дигар махсус қайд карда шуд ва «Нақшаи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ» қабул гардид.

Аз оғози даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда, таваҷҷуҳи давлату ҳукумат барои таъмини амнияти иттилооти зоҳир гардида, дар ин самт якчанд қонуну қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд, ки барои пешрафт ва рушду нумӯуи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ заминаҳои устувор гузошт. Дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда, дар ҷумҳурӣ як қатор қонунҳои муҳимми зерин қабул карда шуданд:

- «Дар бораи иттилоотонӣ» (2001);
- «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (2002);
- «Дар бораи иттилоот» (2002);
- «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2002);
- «Дар бораи имзои рақамӣ – электронӣ» (2007);
- «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» (2008).
- «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2011).
- «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (2017).

Бояд гуфт, ки қабули қонунҳои мазкур барои таҳкими сиёсати давлат дар соҳаи ҳифзи иттилоот ва самаранок истифода намудани он дар идоракунии давлат равона шудаанд. Сиёсати давлатии иттилоот, пеш аз ҳама, маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки барои таъмини ҳуқуқи кониситутсионии шаҳрвандон дар самти дастгирӣ ба иттилоот роҳандозӣ шудааст.

Дар сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми захираҳои иттилоотии давлат истифода гардида, сиёсати иттилоотии давлат бо ҳадафҳои хайрхоҳона барои

таъмини ҳуқуқҳои фитрии инсонҳо равона шуда, ҷиҳати ниёзҳои иҷтимоӣ ва таблиғи арзишҳои ахлоқӣ ва умумибашарӣ роҳандозӣ мешавад.

Мақсади асосии қонунҳои мазкур муҳайё кардани шароити мусоид барои қонеъ гардонидани талаботи шахсҳои ҳуқуқӣ, воқеӣ ва мақомоти идораи давлатӣ ба иттилоот дар асоси ташаккул додани инфраструктураи ҳозиразамони иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, якҷоя кардани он бо шабакаю системаҳои байналмилалии иттилоот аст. Қонунҳои қабулгардида шартҳои ҳимояи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои давлат, шахсҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро дар рафти тартиб додан, захира кардан, нигоҳдориву ирсол кардан ва интишор додани иттилоот бо воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ муқаррар менамоянд.

Ҳамзамон, Пешвои Миллат дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ, тезонидани суръати рақамикунонии равандҳои иқтисодиву иҷтимоиро барои пешрафти кишвари азизамон зикр намуда, ҷалби сармояи мустақим ва беҳтар намудани фазои сармоягузориро дар таъмин ва истифодаи низоми электронии гирифтани ҳуҷҷатҳо барои фаъолияти сармоягузорию соҳибкорӣ зарур шумориданд. Дар рафти суханронӣ Ҷаноби Олӣ зикр намуданд, ки “роҳбарони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, дигар вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро оид ба ҷалби сармояи мустақим, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, бахусус, ҷиҳати ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ густариш диҳанд.” [9]

Амалӣ намудани сиёсати рақамикунонии идораи давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз аз рӯз вусъати бештар касб карда истодааст, ки ин дар замони муосир зарурати беш аз пеш аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки пандемияи коронавируси навъи COVID-19 ба ҷаҳониён зарурати бо суръати максималии инкишоф додани равандҳои рақамикунониро барои наҷоти иқтисоди ҷаҳонӣ нишон дод. Ҳоло зарурати муайян намудани хусусиятҳо ва мушкилоти ҷомеа пас аз COVID-19 мебошад. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ тавассути истифодаи васеъи технологияҳои пешқадами рақамӣ бениҳоят саривақтӣ мебошад. Далели ин гуфтаҳоро дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дида метавонем, чуноне ки зикр намуданд: “Дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад”.[9]

Дар замони муосир идоракунии давлатиро бе технологияи рақамӣ тасаввур намудан ғайриимкон мебошад, чунки тамоми равандҳои идоракунӣ бо технологияҳои замонавӣ зич алоқамандӣ доранд. Чуноне ки дар боло қайд намудем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди рақамикунонӣ бо вусъат идома дорад, аммо ин қонеъкунанда нест. Яке аз сабабҳои инкишофи суст раванди мазкур норасоии мутахассисони дорои малакаҳои замонавӣ дар ин самт буда, айни замон шумораи чунин мутахассисони соҳибтаҷриба дар ҷумҳурӣ нокифоя аст.

Иқтисоди рақамӣ имконияти дар як вақт доду гирифти маълумотҳои системаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар асоси истифодаи иттилооти рақамӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ таъмин карда метавонат. [2]

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷумҳурӣ якчанд барномаҳо дар самти рақамикунонӣ амалӣ шуда истодаанд, аммо рақобатпазирии кам доранд. Моро зарур аст, ки барномаҳои нав ва мувофиқ ба талаботи имрӯза қабул ва амалӣ намоем. Соли

2020 соле буд, ки барои мо зарурати дар сатҳи баланд ва ба талаботҳои замонавӣ ҷавобгӯ, омодаю амалӣ намудани барномаҳоро нишон дод. Далели ин гуфтаҳоро дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида метавонем, ки гуфтаанд: "Татбиқи барномаҳои қабулнамудаи мо барои гузаштан ба ин раванд қонеъкунанда нестанд ва зарур аст, ки чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда андешида шаванд.

Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани "ҳукумати электронӣ" ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд".[9]

Иқтисоди рақамӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёт мебошад, ки дар он донишҳои субъектҳо ва истеҳсолотии ғайримоддӣ бартарӣ дошта нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи он ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.[1]

Ташкили Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон як заминаи асосӣ барои расидан ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ мебошад. Аз таҷрибаи дигар давлатҳо дидан мумкин аст, ки дар онҳо мақоми татбиқкунандаи сиёсати давлатӣ ва салоҳиятдор дар ин соҳа дар шакли вазорат ташкил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили Агентии мазкур зарур ва саривақтӣ буда, масъулияти амалӣ намудани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллиро ба зимма дорад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва дар сатҳи баланд иҷро шудани санадҳои меёрии соҳа, расидан ба марҳилаҳои сифатан нави инкишоф, татбиқи самараноки барномаҳои давлатии соҳавӣ омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ бо меъёрҳои муосири ҷаҳонӣ муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд қарор ёбад.

**Адабиёт:**


1. Асаул В.В., Михайлова А.О. Обеспечение информационной безопасности в условиях формирования цифровой экономики // Теория и практика сервиса: экономика, социальная сфера, технологии. – 2018. –№ 4 (38). – С. 5-9;
2. Ломовцева А. В., Трофимова Т. В. Инновационная деятельност и экономическое развитие предприятий // экономическая безапасность Росии: вызови и преспективы: Материалый международной научно- практической кон ференции Нижнегородского государственного технического университета. Нижний Новгород, 2013.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот». 2002.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамӣ-электронӣ». 2007.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот». 2008.
6. Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.11.2003, №1174.

7. Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2004, № 468.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели 2012. [манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/1084 (таърихи муроҷиат 18.01.2021)
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.01.2021 [манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/25005 (таърихи муроҷиат 10.02.2021)

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**КОСИМЗОДА МИРЗОКАРИМ ФАХРУДДИН,**
докторант (PhD),
Академии государственного управления при
Президента Республики Таджикистан
Душанбе, улица Саида Носира 33,
Тел.: (+992) 907-40-48-99. E-mail: mirzo.k95@mail.ru

В статье рассматриваются становление и развитие цифровой экономики и ее предпосылки. В частности, отмечалось, что создание специального государственного органа в этой сфере может стать важным фактором стремительного развития цифровой экономики, поскольку пандемия коронавируса и мировой экономический кризис заставили экспертов пересмотреть новые программы и планы на будущее цифровой экономики.

В этой связи целесообразно в данный период для цифровизации экономики и эффективной реализации программ в этой сфере использовать опыт других стран.

Следует учитывать направления дальнейшего развития цифровизации экономики, включая оцифровку социально-экономических сфер, необходимость в скорейшей подготовке кадров с техническим образованием и повышения рабочих навыков граждан к оцифровке.

**Ключевые слова:** экономика, цифровизация, Таджикистан, процесс цифровизации, социальная сфера, экономическая сфера, образование, пандемия Covid-19, общество.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE SYSTEM OF PUBLIC ADMINISTRATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**QOSIMZODA MIRZOKARIM FAKHRUDDIN,**
doctoral student (PhD),
Academy of Public Administration under
the President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 927-40-48-99. E-mail: mirzo.k95@mail.ru

The article examines the formation and development of the digital economy and its preconditions. In particular, it was noted that the creation of a special state body in this area could become an important factor in the rapid development of the digital economy, since the coronavirus pandemic and the global economic crisis forced experts to revise new programs and plans for the future of the digital economy.

It is identified, that in this period it is advisable to use the experience of other countries to digitize the economy in order to effectively implement programs in this area.

It is necessary to consider the directions of further development of the economy digitalization, including the digitization of socio-economic spheres, the need for the rapid training of personnel with technical education and improving the working skills of citizens for digitization.

**Key words**: economy, digitalization, Tajikistan, digitalization process, social sphere, economic sphere, education, Covid-19 pandemic, society.

УДК: 336,6 (662)

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ

**ҲУСЕЙНОВ УМАРҶОН САИДАКБАРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.:( +992) 988-83-10-74. E-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru
**МИРОВ ИСКАНДАР ЗАФАРҶОНОВИЧ,**
мудири бахши кор бо ҷавонони
Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе,
ш.Душанбе, кӯч. Борбад – 48/1,
Тел.: (+992) 987-57-63-63. E-mail: mirov.iskandar@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллифон оид ба такмили низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва нақши он дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ маълумот ҷамъоварӣ намудаанд. Қайд кардаанд, ки яке аз фишангҳои нуфузи давлат ба бозор тавассути таъсири он ба соҳибкории истеҳсолӣ ин андозҳо* мебошанд.

*Ҳамчунин, муаллифон дар мақола зимни таҳқиқ тарафҳои мусбии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва саҳми сармоягузории хориҷиро ба иқтисоди миллӣ бо мисолҳои мушаххас муайян ва пешниҳод намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, муфлисшавӣ, корхона, бизнес, истеҳсолот, мағоза, миёнарав, андозбандӣ, созишнома.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол масъалаҳои такмили андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси принсипҳои бозоргонӣ дар шакли умум ташкил карда шудааст. Мушкилоти истеҳсолкунандагони молҳои ватанӣ, зарурати барқароркунӣ ва азнавтаҷҳизонидани корхонаҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҷалб намудани аҳолии бекор ба соҳибкории хурд, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмиллалии тиҷоратӣ ногузир тағйир додани қонунгузории андоз ва такмили андозро талаб менамояд.

Соҳибкории истеҳсолӣ – бахши воқеии иқтисодиёт буда, дар ин ҷо қисми асосии ММД ба вуҷуд оварда мешавад. Бо шарофати функсияи азнавтақсимкунии андозҳо аз ҳисоби соҳаҳои истеҳсолӣ ба фаъолияти давлат дар соҳаҳои тиб, илм, маориф маблағгузорӣ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихан бартарии андозбандии ғайримустақим пайдо гардидааст. Дар низоми андози Тоҷикистон андозҳое мавҷуданд, ки саҳми онҳо ба буҷет он қадар калон набуда, аммо нақши онҳо дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бузурганд. Ба онҳо андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, ки ба ташаккулдарории натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагидории корхона дохиланд ва дар андозаи фоидаи соф, ки дар корхона бо мақсади ғундорӣ, истеъмолӣ ва равандҳои маблағгузорӣ истифода мегарданд, таъсири зиёд мерасонад. Мисоли дигаре, ки андоз аз амволи корхона, ки корхонаро ба истифодаи самараноки молу мулк (мисол, ба иҷора додани ҷои истифоданашаванда) таъинандоз мегардонад.

Яке аз фишангҳои нуфузи давлат ба бозор тавассути таъсири он ба соҳибкории истеҳсолӣ ин андозҳо мебошанд. Онҳо дар чунин ҳолат нақши асосиро мебозанд.

Пайдоиши муассисаву корхонахои шакли моликияташон гуногун (саҳҳомӣ, кооперативӣ, муштарак ва ғ.) тағйироти тадриҷии сохти ҷамъиятӣ зарурати аз нав дида баромадани қонунгузориҳои мавҷударо оид ба андоз тақозо менамуд. 1 январи соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андози муассисаҳо, иттиходияҳо ва ташкилотҳо» интишор ёфт.

Қонуни номбурда андозҳои зерини умумииттифоқӣ ва ҷумхуриявиро мукаррар намуд: андоз аз фоида; андоз аз муомилот (гардиш); андоз аз воридот ва содирот; андоз аз музди мехнати колхозчиён, андоз аз афзоиши маблағ, ки барои истеъмолот равона шудааст; андози даромад.[3]

Бо мақсади ҳавасмандӣ, инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ ва истифодаи фоида барои васеъ кардани истеҳсолот ва низоми имтиёзҳо ҳангоми бастани андози фоида амал мекард. Масалан, мувофиқи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи андоз аз муассисаву иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо» фоидаи андозбандишаванда дар ҳолатҳои зерин кам мешуд:

а) ба андозаи 30 % - и хароҷотҳои корхона (ба ғайр аз сармоягузорӣ) барои иҷрои корҳои илмию – тадкиқотӣ ва таҷрибавӣ -конструкторӣ, омодасозӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нави рушд ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот (бо назардошти маҳсулоти мошинсозӣ, ки бо валюта (асъори хориҷӣ) содирот мешавад, ки аз ҳисоби фоидаи дар ихтиёри корхона монда масраф шудаанд;

б) ба андозаи маблағи фоидае, ки барои пардохти қарзи барои маблағгузории марказонидашудаи сармояи давлатӣ дода шудааст; ин қарз аз ҳисоби фоидаи ба андӯхт равона шуда пардохт намегардад.

в) ба андозаи 30%-и маблағи хароҷоте, ки барои чорабиниҳои ба ҳифзи табиат бахшидашуда ва барои корхонаҳое, ки мувофики меъёри тасдиқшуда 45% андози фоида баста мешавад, барои бунёди манзил ва объектҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маишӣ, ки аз ҳисоби фоидаи дар ихтиёри корхона монда сохта мешаванд.

Ҳангоми дар ҳадди охирини суханҳои дар боло қайдгашта накши давлатро дар танзими бозор, хусусан тавассути андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ баҳо надодан ғайриимкон аст. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, яъне дар шароитҳои имрӯзаи имконияти таъсири давлат ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ хеле кам аст, нисбат ба он ки дар иқтисодиёти замони пеш аз истиқлоли дигаргун буд.

Яъне дар ҳамин лаҳза назорати давлат аз ҳолат ва тараққиёти бозор танзими фаъолияти хоҷагии корхонаро тавассути андозҳо гумон медорад.

Таҳлили ҷараёни андозбандии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба мо имкон дод тавсияҳои зеринро оиди такмилдиҳии имтиёзҳои андозбандии (дасгирии соҳибкории истеҳсолӣ) ин субъектҳо таҳия намоем.

1. Низоми соддакардашудаи андозбандии соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси патент ба роҳ мондаанд, бо роҳи ҷорӣ намудани низоми пардохти устувор идома дода шавад: ба таври мунтазам дида баромадани арзиши патент аз рӯи натиҷаҳои таҳлил, ки бояд бо иштироки шахсони манфиатдор гузаронида шавад.

2. Ҷорӣ намудани ҳисобкунии мунтазам ва содда барои:

- соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатнома пеш мебаранд;

- корхонаҳои хурду миёна, ки бо усули соддакардашуда андоз месупоранд.

Барои иҷрои вазифаи мазкур амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- истифодаи низоми ҳисобкунии ягонаи андоз, ки имкон медиҳад эъломияи ягонаи андоз ҷорӣ карда шуда, ҳамчунин ҳисоботи соддакардашудаи муҳосиботӣ истифода

шавад, ки он дар асоси китоби ҳисоби даромадҳо ва хароҷот барои андозбандӣ ташкил карда мешавад;

- дар Кодекси андоз ба таври мушаххас ва фаҳмо муайян кардани ҳисобкунии андозҳо.

3. Зиёд намудани бартарии низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи содда (ва ё маҳдуд) намудани тартиби андозбандии маъмурӣ (мисол, як пардохт дар як семоҳа, ҷорӣ кардани ҳисоботи соддакардашуда барои ҳамаи намудҳои андоз) ва ё паст намудани меъёри андози бо усули соддакардашуда пардохтшаванда. Дар воқеъ низоми андозбандии соддакардашуда ҳанӯз «содда» ва аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок нест.

4. Муҳокимаи имконияти бекор кардани андозҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ монеа эҷод менамоянд. Яке аз чунин андозҳо андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аст, ки дар асоси хароҷот ҳисоб карда шуда, фаъолияти корхонаро аз сармоягузории дарозмӯҳлат боз медорад.

5. Идома додани кор дар самти беҳтар намудани низоми андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо роҳи паст кардани гаронии андоз, дар сурати паст будани даромаднокии андозсупоранда. Чунин ҳолат, яъне паст шудани даромаднокии андозсупоранда бояд аз ҷониби ӯ асоснок карда шуда, дурустии он аз ҷониби мақомоти андоз санҷида шавад. Қарор дар ин бора бояд аз ҷониби комиссияи салоҳиятдор қабул карда шавад.

6. Муҳокимаи имконияти паст намудани меъёри андози иҷтимоӣ, ки имрӯз кироя намудани коргаронро душвор намуда, ба васеъшавии ҳаҷми бозори ғайрирасмии (пинҳонии) меҳнат мусоидат менамояд.

7. Содда кардани маъмурии андозбандӣ, ки онро бо чунин роҳ иҷро намудан имконпазир мебошад:

- содда кардани ҳисобҳо ва пардохти андоз ба воситаи муттаҳид намудани онҳо (ҷорӣ намудани имконияти пардохти як қисми андозҳо ба таври ихтиёрӣ), инчунин маҳдуд кардани шумораи шаклҳои эъломияи андоз тавассути муттаҳид намудани онҳо;

- содда намудани ҳисоботи андоз аз ҳисоби маҳдуд намудани ҳаҷми саҳифаҳои он ва иттилооти такроршаванда;

- ҷорӣ намудани идоракунии хавфҳо ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳои андоз, диққати бештар зоҳир намудан ба субъектҳои соҳибкории даромадашон зиёд;

- маҳдуд намудани доираи вақти санҷиши андоз ва ба таври мушаххасу аниқ тақсим кардани ваколат байни кормандони мақомоти андоз.

8. Гузаронидани маслиҳатҳои андозӣ барои ассотсиатсияҳои соҳибкорон, ки дастрасии субъектҳои соҳикориро ба баъзе паҳлуҳои қонунгузории андоз имконпазир менамояд.[3]

9. Баланд бардоштани сатҳи дониши соҳибкорон ва таъмини дастрасии онҳо ба иттилоот дар бораи низоми амалкунандаи андозбандӣ, тавассути сохторҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ.

Бо назардошти дар амал татбиқ намудани самтҳои асосии такмили андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ, ки тибқи супориши Асосгузори ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2018 бармеояд, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат доир ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ корҳои назаррас анҷом ёфта, тавассути воридоти техникаву технологияҳои муосир солҳои

2017-2019 зиёда аз 1200 коргоҳҳои доимӣ, мавсимӣ, инчунин корхона ва иқтидорҳои нав таъсис дода шудаанд.

Дар ноҳияи Ёвон корхонаҳои истеҳсоли семент, криолит, фториди алюминий, кислотаи сулфат ва дар ноҳияҳои Фархор, Данғара, Вахш ва Ҳисор корхонаҳои коркарди нахи пахта сохта шуданд. Ин имконият медиҳад, ки солҳои наздик ҳаҷми коркарди нахи пахта дар дохили кишвар ба 70 фоиз расонида шавад. Иқдомоти зикршуда бевосита ба болоравии иқтидори истеҳсолии мамлакат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии он, махсусан зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар асоси коркарди ашёи хоми ватанӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамоянд.

Захираҳои маъдан ва ашёи хоми кишвар имконият медиҳанд, ки дар оянда як қатор корхонаҳои металлургияи ранга ба кор дароварда шуда, тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт ва афзоиш додани иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад. Дарояндаи наздик сохтмон ва ба истифода супоридани корхонаи металлгудозӣ дар ноҳияи Ҳисор бо иқтидори истеҳсолии 150 ҳазор тонна оҳани сохтмонӣ ва дар шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд бо иқтидори 100 ҳазор тонна корхонаи металлургии истеҳсоли металли сурбу руҳ идома дорад. Умуман, дар ин минтақаи саноатӣ бунёди 5 корхонаи нави истеҳсолӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар корхонаи коркарди маъдани Анзоб корхонаи металлургии истеҳсоли сурма бо иқтидори 5 ҳазор тонна сохта, ба истифода дода шуд ва дар таърихи саноати металлургии Тоҷикистон бори аввал истеҳсоли сурмаи металлӣ оғоз гардид. Амалисозии ин тадбирҳо ба рушди соҳаи саноати металлургии тоҷик ва ҳалли масъалаҳои ташкили ҷойҳои корӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Инчунин, дар ноҳияи Ёвон корхонаи истеҳсоли семент ба истифода супорида шуда, тибқи нақша соли ҷорӣ боз се корхонаи сементбарорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ваҳдат, ва Ёвон бо иқтидори 3 миллион тонна сохта, ба истифода супорида мешавад.[3]

Иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид.

Дар ин давра 9,7 фоиз афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ 8,8 ва гардиши савдои хориҷӣ 0,8 фоиз, аз ҷумла содирот дар ҳаҷми 19,8 фоиз заминаи рушди иқтисоди кишварро ба вуҷуд овард.

Хусусан, истеҳсоли маҳсулоти озуқа нисбат ба соли 2019-ум 28,3 фоиз афзоиш ёфт, ки ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд.

Ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 5,4 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 1,3 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд.

Соли 2020 - 300 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ, 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва биноҳои иловагӣ барои 63 ҳазор нафар хонанда, 108 муассисаи тиббӣ ва ба масоҳати беш аз 1,2 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуданд.[1]

Нақш ва саҳми соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат, рушди соҳаҳои саноат, афзоиши имконияти содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ бисёр муассир мебошад. Дар соли 2019 зиёда аз 193 ҳазор ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ 10 фоиз афзоиш ёфт.[1] Танҳо дар натиҷаи

амалисозии Барномаи давлатӣ оид ба бунёди боғу токзорҳо беш аз 54 ҳазор гектар боғҳои нав бунёд карда шуданд.

Ҷиҳати рушди соҳаҳои агросаноатӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ 2,7 миллиард сомонӣ равона гардидааст ва дар се соли оянда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои молиявӣ барои рушди онҳо ҷудо намудани зиёда аз як миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. То имрӯз дар кишвар 52 корхонаи коркарди гӯшту шир сохта, ба истифода дода шудааст ва раванди бунёди чунин корхонаву коргоҳҳо бомаром идома дорад. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки рушди инфрасохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла сохтмони сардхонаҳои ҳозиразамони нигаҳдории меваю сабзавот, ҷойгиркунии корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот ва банду басти он ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дошта, боиси талафи зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда мегардад.[3]

Мувофиқи маълумот соли 2017 дар истеҳсоли бисёр намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ғалладонагиҳо, картошка ва пахта ба пастравӣ роҳ дода шудааст, ки чунин вазъ дар шароити имрӯза боиси нигаронӣ мебошад. Бинобар ин, Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд якҷо бо соҳибкорон ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, бо дарназардошти талаботи бозор ба нақша гирифтани кишти зироатҳо, воридоти техника, ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот, истифодаи роҳҳои инноватсионӣ ва таъмини ҳарчи беҳтари бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Ҳамасола дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти саноатии Тоҷикистон ҳиссаи соҳаи саноати коркард на кам аз 60 фоиз ва дар сохтори маҳсулоти саноати коркард ҳиссаи истеҳсоли озуқаворӣ на кам аз 50 фоизро ташкил менамояд. Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори кишвар ба иқтисодиёти мамлакат танҳо дар соли 2017 ба маблағи зиёда аз 3,7 миллиард сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо ҷалб гардидаанд. Дастгирии соҳибкорӣ ва дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ баҳисоб меравад. Ҳукумати кишвар то имрӯз бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ислоҳоти иқтисодиро бомаром идома бахшид, ки дар натиҷа Тоҷикистон тибқи арзёбии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба рӯйхати 10 кишвари пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дохил гардид. Қобили зикр аст, ки дороиҳои низоми бонкӣ аз 311 миллион сомонии соли 2000–ум ба беш аз 26 миллиард сомонӣ дар соли 2020 расонида шуданд.

Дар соли сипаришуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар қариб 10 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки нисбат ба соли 2019–ум 4,6 фоиз зиёд мебошад.[1]

Дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии соҳибкории хурду миёна беш аз 720 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудаанд. Дар ин давра аз ҳисоби бонкҳо ба соҳибкорон 31 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст ва тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои дастгирӣ ва пешрафти соҳибкорӣ 16 миллиард сомонӣ равона гардидааст. Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати боз ҳам соддаву оммафаҳм намудани низоми андозбандӣ ва беҳтар намудани шароит барои рушди соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ андешад.

Дар натиҷаи тадқиқоти худ барои беҳтар шудани низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодҳои зеринро тавсия менамоям:

- корхонаҳои навтаъсис бояд на камтар аз 5- сол аз андози фоида озод бошанд;

- корхонаҳое, ки тибқи низоми содда карда шудаанд андоз месупоранд бояд аз андози арзиши иловагӣ озод бошанд;

- ҳаҷми андози иҷтимоӣ бояд аз 25% барои кордиҳандагон ба 20% ва аз 20 фоиз ба 10% барои соҳибкорони инфиродӣ кам карда шавад;

- муассисаҳои таълимӣ ба руйхати ташкилотҳои эҳсонкорӣ ворид карда шуда аз андозҳои фоида, андози истифодабарандагони роҳҳо ва андози ҳадди ақал аз даромад озод карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон 26.01.2021
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 10.05.с.2002 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2002, №4, қисми якум. Мод.293;
3. Шарҳу тавзеҳи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашриёти Адиб, Душанбе 2016 сол.
4. Анохин В.С. Предпринимателъское право: Учебник для вузов. М: «Владос», 2003.
5. Беляева О.А. Предпринимателъское право России. Курс лекций. М., 2006.
6. Бузгалина. М.М. Экономика переходного периода : учебник / под ред. В. В. Радаева . Москва. :изд-во МГУ, 1995, ст-133-135.
7. Д.Олимов «Теневая экономика в Таджикистане». Националъный отчет о человеческом развитии.-2007, ПРООН.-104 с.
8. Дойников И.В. Предпринимателъское право: Частное, корпоративное, государственное: Учебное пособие для вузов. М.: «Приор», 2002.
9. Ершова, И.В. Предпринимателъское право: учебник. - М.: ИД «Юриспруденция», 2006. - 560 с.
10. Маҳмадхонов Т. Комплекси (маҷмӯаи) таълимӣ-методӣ аз ҳуқуқи соҳибкорӣ. Душанбе, 2010.
11. Маҳмадхонов Т. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. Душанбе: «Ирфон», 2010.
12. Минахина И.А. Краткий курс предпринимателъского права. Уч. пос. М.: Изд. «Окей-книга», 2008.
13. Предпринимателъское (хозяйственное) право: учебник. Под ред. В.В. Лаптева, С.С. Занковского. М. : Волтерс Клувер, 2006. - 560 с.
14. Предпринимателъское право РФ / Отв. ред. Е.П. Губин, П.Г.Лахно. М.: «Юристъ», 2003.
15. Предпринимателъское право. Учебник в 2 т. Т.1 / Отв. ред. О.М.Олейник. М.: «Юристъ», 2003.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ЕГО РОЛИ В ПРИВЛЕЧЕНИИ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ


**ХУСЕЙНОВ УМАРДЖОН САИДАКБАРОВИЧ,**
ассистент кафедры менеджмента
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,

734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира- 33,
Тел.: (+ 992) 988-83-10-74. E-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru
**МИРОВ ИСКАНДАР ЗАФАРДЖОНОВИЧ,**
заведующий отделом по делам молодежи Колледжа информатики
и вычислительной техники, Душанбе,
г. Душанбе, ул. Борбад– 48/1,
Тел.: (+992) 987-57-63-63. E-mail: mirov.iskandar@mail.ru

*В данной статье авторы собрали информацию о совершенствовании системы налогообложения продуктивной предпринимательской деятельности и ее роли в привлечении иностранных инвестиций. Было отмечено, что одним из рычагов влияния государства на рынок через влияние на продуктивное предпринимательство являются эти налоги.*

*Авторы статьи также определяют и представляют положительные стороны продуктивного предпринимательства и вклад иностранных инвестиций в национальную экономику на конкретных примерах.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, иностранные инвестиции, бизнес, хозяйственная деятельность, банкротство, предприятие, бизнес, производство, магазин, посредничество, налогообложение, договор.*

## IMPROVEMENT OF THE TAX SYSTEM OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP AND ITS ROLE IN ATTRACTING FOREIGN INVESTMENT

**KHUSEYNOV UMARJON SAIDAKBAROVICH,**
assistant of the Management Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+ 992) 988-83-10-74. E-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru
**MIROV ISKANDAR ZAFARJONOVICH,**
head of Youth Affairs Sector of the
College of informatics and computer engineering,
Tajikistan, Dushanbe, 48/1, Borbad str.,
Phone: (+992) 987-57-63-63. E-mail: mirov.iskandar@mail.ru

*In this article, the authors have collected information on improving the tax system of industrial entrepreneurship and its role in attracting foreign investment. It was noted that taxes are one of the levers of government influence on the market through the influence on industrial entrepreneurship.*

*The authors of the article also identify and present the positive aspects of industrial entrepreneurship and the contribution of foreign investment to the national economy using specific examples.*

***Key words:*** *investments, foreign investments, entrepreneurship, entrepreneurship activity, bankruptcy, enterprise*, business*, production, shop, mediation, taxation, contract.*

УДК: 316.772.4

# ТИҶОРАТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА СОҲАИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991-2016)

**МАСТОВА ГУЛСАРА,**
ассистенти кафедраи информатика ва фанҳои табиӣ-риёзӣ
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
734019, ш.Душанбе, к. Мухаммадиев 17/6.
Тел.: (+992) 939-73-32-80. E-mail: shohyon@mail.ru.

*Мақола ба масъалаи тиҷорати байналхалқӣ ва соҳаи иқтисоди ватанамон бахшида шудааст. Маълум аст, ки тиҷорати байналхалқӣ аз содироту воридот иборат мебошад, бинобар ин, ҳар як давлати мустақил барои пойдорсозии кишвараш мекӯшад то иқтисодиёти устувор ва инкишофёбанда дошта бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори дигар мамолики ҷаҳон дар ин ҷода талош мекунад.*

*Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар мавзӯи сектори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъият, сохтор ва дурнамо тадқиқот барад, тасмим гирифтааст, ки нисбати назарияҳои тиҷорати байналхалқӣ пажӯҳиш намояд.*

*Муаллиф қайд менамояд, ки тиҷорати байналхалқӣ метавонад дар режимҳои гуногун сурат гирад. Тиҷорати озод дар назар дорад, ки дар вақти убур кардани ҳудудҳои гумрукӣ дар ҳаракати молҳо ягон хел монеа дучор намешавад. Вале на ҳама вақт ин хел аст. Аксаран давлат роҳи гузориши маҳдудиятҳои тиҷоратиро дар намуди боҷҳо, андозҳо, квотаҳо ва ғайраҳо пеш мегирад.*

*Дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI дар самтҳо ва сохтори тиҷорати байналхалқӣ дигаргуниҳои сифатӣ ба вуҷуд омадаанд, ки дар доираи назарияи классикии тиҷорати байналхалқӣ шарҳи онҳо на ҳама вақт муяссар мешавад. Илми иқтисодӣ ба ин тағйирот мувофиқан таваҷҷуҳ мекунад ва назарияҳои нави аз назарияи классикӣ фарқи куллидоштаи муайянкунандаи тиҷорати байналхалқиро пешниҳод мекунад.*

*Дар шароити муосири барқароргаштаи сохтори робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон гумон меравад, ки афзалияти баланди нисбӣ ва хусусан мутлақ дошта метавонад. Дар ояндаи миёнамуддат, дар шароити таназзули истеҳсолот ва фаъолияти сусти сармоядорӣ корхонаю соҳаҳои ҷумҳурӣ, ки бо маҳсулоти содиротӣ монанди нахи пахта, хулаи алюминий, маъданҳо ва консентратҳо, тамоку ва пӯст сарукор доранд, нақши «нуқтаи маҳаллии рушди иқтисодӣ»-ро иҷро карда наметавонад ва дар онҳо ҷамъ кардани сармояи хориҷӣ имконнопазир аст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тиҷорати байналхалқӣ, соҳаи иқтисодӣ, сектори содиротӣ, сектори воридотӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Тиҷорати байналхалқӣ худ як шакли қадима ва анъанавии муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ буда дар натиҷаи пайдошавии давлатҳои алоҳида ва тақсимоти байналхалқии меҳнат ба вуҷуд омадааст. Садсолаҳо пештар пайдо шуда, то ҳол мавқеи асосиро дар низоми умумии муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мебозад. Тиҷорати байналхалқӣ гуфта, мубодилаи молу хизматҳоро байни мамлакатҳои ҷаҳон ва миёнаравони онҳо меноманд. Тиҷорати байналхалқӣ аз содироту воридот иборат мебошад, ҷамъи онҳоро гардиши берунитиҷоратӣ ва таносуби байни онҳоро баланси тиҷоратӣ меноманд.

Бинобар ин, ҳар як давлати мустақил барои пойдорсозии кишвараш мекӯшад, то иқтисодиёти устувор ва инкишофёбанда дошта бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори дигар мамолики ҷаҳон дар ин ҷода талош мекунад.

Натиҷаҳои содироту воридот дар тавозуни савдо ва пардохт инъикос меёбанд. Онҳо метавонанд мусбӣ ё манфӣ бошанд.

Мамлакатҳо дар тиҷорати байналхалқӣ бо ду сабаби асосӣ иштирок мекунанд:

- Онҳо бо якдигар барои он тиҷорат мекунанд, ки иқтисодиёти миллии гуногун доранд. Дар баробари ин мамлакатҳо аз фарқиятҳои якдигар метавонад манфиат ба даст биёранд. Яъне онҳо муқаррар мекунанд, ҳар як мамлакат маҳсулотеро бояд истеҳсол кунад, ки аз ҳама беҳтар ва камхарҷтар истеҳсоли он маҳсулотро ба роҳ монда тавонанд.[1.52]

- Мамлакатҳо бо якдигар барои он тиҷорат мекунанд, ки сарфанамоиро аз ҳисоби миқёси истеҳсолот ба даст биёранд. Бо суханҳои дигар, агар мамлакат номгӯи маҳдуди маҳсулотро истеҳсол намояд, онгоҳ вай метавонад ҳар як намуди маҳсулотро дар ҳаҷми калон истеҳсол намуда самаранокии иқтисодиро нисбат ба мустақилона истеҳсол намудани ҳамаи маҳсулоти зарурӣ ба даст биёрад. Дар ҷаҳони реалӣ хислати тиҷорати байналхалқӣ таъсири тарафайни ҳар ду сабабҳои номбаршударо инъикос менамояд.[1.53]

Тиҷорати байналхалқӣ ба сифати яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодӣ дар замони муосир баромад мекунад. Барои дилхоҳ мамлакат мавқеи тиҷорати байналхалқиро баҳо додан мушкил аст. Ба ақидаи Ҷ. Сакс “ Пешрафти иқтисодии дилхоҳ мамлакати ҷаҳон ба тиҷорати беруна ӯ асос меёбад. То ҳол ба ягон давлатеро муяссар нашудааст, ки ҷудогона аз низоми иқтисоди ҷаҳонӣ иқтисодиёти солим сохта бошад”. Тиҷорати байналхалқӣ яке аз шаклҳои рушдёфтаи МИБ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо қариб 80%-и тамоми савияи МИБ-ро тиҷорат ташкил мекунад.[5.128]

Баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон тиҷорати байналхалқӣ бо суръати бисёр баланд ва хеле зиёдтар аз суръати рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ инкишоф ёфта истодааст. Аз рӯи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), дар солҳои 1950-1994-ум ҳаҷми тиҷорати байналхалқӣ ҳар сол зиёдтар аз 6% афзун мешавад, ҳол он ки истеҳсолоти ҷаҳонӣ фақат 4% афзуд. Дар тӯли 50 соли охир ҳаҷми гардиши тиҷоратӣ 14 маротиба, аммо ҳаҷми истеҳсолот-5,5 маротиба зиёд гардидааст. Мувофиқи пешгӯиҳои мавҷуда ин фарқият дар оянда меафзояд. Аз ¾ ҳиссаи гардиши моли ҷаҳониро маҳсулоти саноати маснуотбарор, аз ¼ қисми онро молҳои озуқаворӣ ва ашёи хом ташкил мекунад.

Тиҷорати байналхалқӣ метавонад дар режимҳои гуногун сурат гирад. Тиҷорати озод дар назар дорад, ки дар вақти убур кардани ҳудудҳои гумрукӣ дар ҳаракати молҳо ягон хел монеа дучор намешавад. Вале на ҳама вақт ин хел аст. Бисёр вақт давлат роҳи гузориши маҳдудиятҳои тиҷоратиро дар намуди боҷҳо, андозҳо, квотаҳо ва ғайраҳо пеш мегирад. Акси тиҷорати озод **автаркия** мебошад. Дар шароити ҷой доштани сатҳи ниҳоят баланди маҳдудиятҳои тиҷоратӣ онҳо метавонанд хислати маҳдудкунанда пайдо намоянд. Дар ин ҳолат муносибатҳои байниякдигарии тиҷоратӣ қатъ мегардад ва ҷойи онҳоро **протексионизм** мегирад.[6.14]

Афкори иқтисодӣ дар тӯли се садсолаи охир кӯшиши назариявии дарк кардани масоили тиҷорати байналхалқӣ ва ҷавоб гуфтан ба саволҳои асосии зеринро дорад:

-Асоси тиҷоратро чӣ ташкил мекунад ва фоидаи аз муносибатҳои тиҷоратӣ гирифташаванда чӣ гуна аст?

-Бо кадом молҳо бояд ин ё он мамлакат тиҷорат кунад, аз чӣ бояд воридот ва содироти он ташкил ёбад?

Дар аввал, мумкин чунин ба назар мерасад, ки ҷавоб гуфтан ба ин саволҳо начандон душвор аст. Фарқият дар сарватҳои табиӣ ва шароити обу ҳаво бе душворӣ мефаҳмонад, ки барои чӣ Тоҷикистон – пахта, алюминий, қувваи барқ, Россия – чӯбу тахта ва Бразилия бошад, қаҳва содир мекунад. Вале дар бисёр ҳолатҳо ҷавоб гуфтан ба саволҳои ба тиҷорати байналхалқӣ марбут хеле душвор аст, чунки омилҳои маънидодкунанда дар қабати болоии ҳодисаҳо ҷойгир нашудаанд. Масалан, барои чӣ Япония автомобил содир мекунад, ШМА бошад – ҳавопаймо ?

Дар ҳар як марҳалаи таърихии тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда аз бисёр ҷиҳатҳо ба сатҳи мувофиқбудаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста буда, ифодаи худро дар самтҳои гуногуни афкори иқтисодӣ дарёфт мекарданд.[6.84]

Саравввал кӯшиши омӯзиши назариявии масъалаи тиҷорати байналхалқиро бо истифода аз назарияи **меркантилизм** (савдогарӣ) карда буданд, ки дар тӯли асрҳои XVII-XVIII ҳукмрон буд. Ин назарияҳо дар як қатор китобҳо ва эссе ба табъ расида буданд, ки муаллифони онҳо тоҷирон, бонкирҳо, хизматчиёни ҳукуматӣ, файласуфҳо аз Англия, Испания, Фаронса, Португалия ва Нидерладия буданд. Дар қатори тарғибгарони намоёни меркантилизм Т.Ман (Англия), А. Серра (Италия) А. Монкретенро (Фаронса) номбаркардан мумкин аст.[9.321]

Ин марҳила ҳангоми бартараф шудани парокандагии феодалӣ дар кишварҳои Европа оғоз ёфтааст. Дар ин давра назарияи меркантилизм дар иқтисодиёти ҷаҳон мақоми бузургеро мебозид. Дар асоси тарғиботи ин назария савдои хориҷӣ ва мубодилаи мол дар байни давлатҳо бо мақсади ба даст овардани “пули арзишнок” дар шакли тиллою нуқра равона гардида буд. Кишварҳои Европа барои ҳарчӣ тезтар амалӣ шудани ин назария бар зидди маҳалгароии феодалҳои алоҳида баромад карда, бо кумаки артишу неруҳои баҳрии пурқувват бунёди ҳокимияти мутамарказро таъмин намуда, назорати савдои хориҷиро дар муҳлатҳои хеле кӯтоҳ пурра ба роҳ монда тавонистанд.

Меркантилистҳо манфиати буржуазияи навбунёдро ифода намуда, боигарии давлатро на дар истеҳсолот, балки танҳо дар муомилоти мол медиданд. Мувофиқи ақидаи меркантилистон Томас Ман (1571-1641), Чарлз Давинант (1656-1714), Жан Батист Колберт (1619-1683), Сэр Уилям Пети(1623-1687) савдои хориҷӣ бештар бояд барои ҳарчӣ зиёдтар ба даст даровардани тилло равона карда шавад, зеро муомилоти савдои одди (ивaз намудани як навъи мол ба моли дигар) доимо аз як тараф боиси фоида ба даст овардани як кас ва бой додани шахси дигаре мебошад. Афзудани захираҳои тиллою нуқра дар хазинаҳои давлатӣ мувофиқи ақидаи онҳо асоси равнақу ривоҷ ёфтани миллат ба шумор меравад. Меркантилистон асоси тараққиёти саноати маҳаллӣ, зиёд шудани ҷойи кор ва афзоиш ёфтани даромаднокиро дар дохили мамлакат дар васеъ гардонидани доираи маҳдудиятҳо ва баланд бардоштани боҷу хироҷ ба молҳои воридшаванда медиданд. [9.327]

Барои он ки ин фарзия тафтиш карда шавад, олими рус В. Леонтев ҳисоб кард, ки чи кадар сармоя ва қувваи корӣ дар истеҳсоли молҳо барои содирот бо арзиши 1 млн. долл. ва ҳамчунин молҳои арзишашон 1 млн. долл., ки бевосита бо молҳои воридотӣ рақобат мекунанд, талаб карда мешавад. Барои ҳар як соҳаи саноат вай хароҷоти сармоя ва меҳнатро ба воҳиди мол ҳисоб кард, илова бар ин фақат бо ҳисоби хароҷоти маҳсулоти тайёр ба монанди автомобилҳо маҳдуд нашуд, балки ҳисоби дахлдорро барои маҳсулоти мобайнӣ (оҳан, шиша, резина) гузаронид. Баъд, сохтори содироти

ШМА-ро дар соли 1947 истифода карда, таносуби хароҷоти сармоя ва меҳнатро барои истеҳсоли молҳои содиротии дар ҳаҷми 1 млн. долл. зарурбударо ҳисоб карда баровард. Аз рӯи таркиби воридотии ШМА дар ҳамон сол, ки дар он вай молҳои дар мамлакат истеҳсолнашударо ба эътибор нагирифт, В. Леонтев таносуби сармоя ва меҳнати барои истеҳсоли молҳои америкоӣ, ки онҳо бевосита молҳои воридотиро иваз карда метавонанд, ҳисоб кард.[6.109]

Дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI дар самтҳо ва сохтори тиҷорати байналхалқӣ дигаргуниҳои сифатӣ ба вуҷуд омадаанд, ки дар доираи назарияи классикии тиҷорати байналхалқӣ шарҳи онҳо на ҳама вақт муяссар мешавад. Дар қатори чунин дигаргуниҳои сифатӣ инҳоро номбар кардан бамаврид аст:

- Пешрафти техникӣ ҳамчун омили асосии тиҷорати байналхалқӣ;
- Тиҷорати тарафайни молҳои якхелае, ки дар мамлакатҳо ба омилҳои истеҳсолот тақрибан баробар таъмин буда, истеҳсол шудаанд.
- Афзоиши тиҷорати дохилиширкатии ШФМ-ҳои бузург ва ғайраҳо.[12.144]

Илми иқтисодӣ ба ин тағйирот мувофиқан таваҷҷуҳ мекунад ва назарияҳои нави аз назарияи классикӣ фарқи куллидоштаи муайянкунандаи тиҷорати байналхалқиро пешниҳод мекунад.

Бори аввал дар ибтидои солҳои 80-ум П.Крюгман, К.Ланкастер ва дигарон шарҳи нави тиҷорати байналхалқиро ба самараи миқёс (ё ин ки даромади зиёдшаванда) асоснок карда пешниҳод намудаанд. Моҳияти аз назарияи макроиқтисодиёт хеле маъмули самара иборат аз он аст, ки дар шароити технологияи муайян ва ташкили истеҳсолот хароҷоти дарозмуддати миёна баробари зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда паст мешавад, яъне сарфанамоӣ аз истеҳсолоти оммавӣ ба миён меояд.[9.52]

Мувофиқи ин назария, имрӯз аксарияти мамлакатҳои мутараққӣ ба омилҳои асосии истеҳсолот дар таносуби муносиб таъмин шудаанд ва дар ин шароит барои онҳо тиҷорати байниякдигарӣ тавассути махсусгардонӣ дар он соҳахое, ки бо мавҷуд будани самараи истеҳсолоти оммавӣ тавсиф дода мешаванд, фоиданок мебошад. Дар ин ҳолат махсусгардонӣ барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот, кам кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ва бо нархи нисбатан арзон фурӯхтани онҳо мусоидат мекунад. Барои он ки ин самараи истеҳсолоти оммавӣ дастрас гардад, зарурияти ҷой доштани бозори хеле калон лозим аст. Ин вазифаи зиёд кардани имконоти бозорро мувофиқи назарияи пешниҳодгардида, тиҷорати байналхалқӣ иҷро мекунад, чунки имконоти васеъ кардани бозори фурӯш ва ташкил намудани бозори ягонаи ҳамоҳанггардонидашударо фароҳам месозад, ки назар ба бозори ҳама гуна мамлакати алоҳида калон мебошад.

Татбиқи самараи миқёс, одатан ба вайроншавии рақобати комил (ҳамчун таҳкурсии асосии назарияҳои классикии тиҷорати байналхалқӣ) меоварад, чунки бо тамаркузи (консентратсия) истеҳсолот ва калон шудани ширкатҳо марбут аст ва ба монополист табдил меёбад. Дар ин вазъият сохтори бозорҳо тағйир меёбад, ки онҳо ё ба бозори олигополистии бо бартарияти тиҷорати байнисоҳавӣ маҳсулоти якхела, ё ин ки ба бозорҳои рақобати монополистӣ бо тиҷорати тараққикардаи дохилисоҳавии маҳсулоти дифференсиатсияшуда мубаддал мешаванд.[1.131]

Дар натиҷаи пайдо шудани навовариҳои техникӣ “тавофути технологии” байни мамлакатҳои ин навовариҳоро дар ихтиёри худ дошта ва надошта барқарор мегардад. Ин тавофут тадриҷан бартараф мешавад, чунки дигар мамлакатҳо навовариҳои мамлакати навоварро нусхабардорӣ мекунанд. Вале то замоне, ки тавофут бартараф

карда нашудааст, тиҷорати молҳои нав бо истифода аз технологияҳои нав истеҳсолшаванда идома меёбад.

Рушди робитаҳои берунииқтисодии мамлакат омили мусоидаткунандаи рушди иқтисоди миллӣ ва қисми ҷудонашавандаи сиёсати миллии иқтисодии давлат мебошад. Аҳамияти робитаҳои беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан баъди пошхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва хароб шудани муносибатҳои хоҷагидорӣ байни мамлакатҳои аъзои Иттиҳод аз худ изҳор кард.

Зарурияти баамалбарории робитаҳои беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати имконияти баланд бардоштани меъёри даромади субъектҳои бозори миллӣ, паст кардани харҷи истеҳсолот ва саъю кӯшиши гирифтани фоидаи максималиро аз баамалбарории содироти молу хадамот медиҳад. Албатта ин саъю кӯшишҳо аз давлатҳои иштироккунандаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ бурдани сиёсати комилан мувофиқро дар соҳаи тиҷорати байналхақӣ, ҷудонамоии сармоя, ҳамкории илми-техникӣ, махсусгардонӣ ва ҳамкори дар соҳаи истеҳсолот, расонидани хадамоти байналхалқӣ ва соҳибкории муштаракро талаб мекунад.[13.97]

Яке аз шаклҳои асосии робитаҳои беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷорати беруна мебошад, ки рушди он афзоиши иқтисодӣ, васеъшавии истеҳсолот, васеъшавии бозори фурӯш ва инчунин даромади асъори хориҷиро ҳавасманд мекунад. Аз ин рӯ, барои рушди ояндаи иқтисодии Тоҷикистон бояд тараққиёти содиротии мамлакатро дар асоси ташкили механизми амалишавандаи иқтидори содиротӣ тезонид.

Вобастагии содиркунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нархҳои ҷаҳонӣ дар ашёи хом бапуррагӣ васеъшавии содиротро комилан бад мекунад. Муҳимияти зиёдро дар ин ҳолат диверсификатсияи молҳои содиротӣ дар вобастагӣ аз таъминоти иқтисодии Тоҷикистон аз омилҳои истеҳсолие, ки дар маҷмуъ иқтидори содиротиро аниқ мекунанд, дорад.

Барои тадқиқи механизми баамалбарории иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама зарур меояд, ки таҳлили содиротии мамлакатро гузаронид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз суъектҳои хоҷагии ҷаҳонӣ буда, робитаҳои иқтисоди берунии худро бо зиёда аз 111 мамолики ҷаҳон ба роҳ мондааст. [14.123]

Дар соли 2006 шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ Россия 37%, Қазоқистон 11%, Ӯзбакистон 19% ва ғайраҳо буданд (нигаред ба графики 2 нигаред). Ва аз давлатҳои хориҷи дур бошад, Нидерландия 30%, Туркия 26%, Эрон 6% ва дигар давлатҳо буданд, ки ҳиссаи онҳо сол аз сол зиёд шуда истодааст (графики 3). Дар маҷмуъ, аз соли 2003 сар карда, гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хориҷи дур нисбати хориҷи наздик зиёд шуда истодааст.[3.52]

Таносуби содироту воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир аз барқароршавии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад.

Дар соли 2008 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, якҷоя бо қувваи барқ ва гази табиӣ 4549,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2007 - ум 116,0 фоиз ё ба маблағи 626,0 млн. доллар зиёд аст. Афзоиши гардиши савдои хориҷӣ дар ҷадвали 5 инъикос шудааст.

Содироти молҳо аз ҷумҳурӣ дар соли 2008-ум 1378,4 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2007-ум 93,9 фоиз ё ба маблағи 89,8 млн.доллар кам шудааст. Воридоти молҳо ба ҷумҳурӣ 3171,2 млн. долларро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2007-ум 29,2 фоиз ё 715,8 млн. доллар зиёд мебошад.[2.26]

Дар соли 2008 дар сохтори содирот тахминан алюминияи аввалия 73,6 % ё ба маблағи 1013,9 млн. доллар, нахи пахта 7,8 % ё ба маблағи 108,2, маҳсулоти сабзавоту мева 1,2 % ё ба маблағи 14,9 млн. доллар, неруи барқ 4,3% ё ба маблағи 59,7 млн. доллар содир шуд.[2.48]

Гарчанде дар давраи таҳлилшаванда нархи маҳсулоти содиршаванда дар нуҳ моҳаи аввал афзоиш ёфта бошад ҳам, қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи таҳлилшаванда миқдори содироти маҳсулотҳои асосӣ коҳиш ёфта , дар семоҳаи охир дар вобастагӣ ба буҳрони молиявӣ нархҳо рӯз ба рӯз паст шудаанд.

Ҳамчунин маълум шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба соли 2007:

Содироти алюминияи аввалия аз рӯи миқдор ба 17,8 ҳазор тонна коҳиш ёфта, аз рӯи нарх ба 59 доллар барои як тонна коҳиш ёфт.

Содироти нахи пахта аз рӯи миқдор ба 36,4 ҳазор тонна коҳиш ёфта, аз рӯи нарх ба 146 доллар барои як тонна зиёд шудааст.

Содироти маҳсулот аз меваю сабзавот аз рӯи миқдор ба 15,3 ҳазор тонна коҳиш ёфта, аз рӯи нарх ба 64 доллар барои як тонна зиёд шудааст.[2.89]

Содироти пӯст ва ашёи он аз рӯи миқдор ба 3,0 ҳазор тонна зиёд аз рӯи нарх ба 31 доллар барои як тонна коҳиш ёфт.

Содироти тамоку ва маҳсулот аз он аз рӯи микдор ба 0,4 ҳазор тонна коҳиш ёфта, аз рӯи нарх ба 145 доллар барои як тонна зиёд шудааст.[10.101]

Дар сохтори воридот бошад, афзоиши воридоти воситаҳои нақлиёти заминӣ ба маблағи 147,1 млн. доллар, маҳсулоти нафтӣ ба маблағи 123,2 млн. доллар, орд ба маблағи 64,2 млн. доллар, маҳсулоти фармасевтӣ ба маблағи 35,7 млн. доллар, маҳсулот аз металлҳои сиёҳ ба маблағи 39,9 млн. доллар ба вуҷуд омад. Дар айни ҳол воридоти қувваи барқ ба маблағи 21,8 млн. доллар зиёд шудааст ва ғайра. [10.109]

Дар шароити муосири барқароргаштаи сохтори робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, гумон меравад, ки афзалияти баланди нисбӣ ва хусусан мутлақ дошта метавонад. Дар ояндаи миёнамуддат, дар шароити таназзули истеҳсолот ва фаъолияти сусти сармоядори корхонаю соҳаҳои ҷумҳурӣ, ки бо маҳсулоти содироти монанди нахи пахта, хулаи алюминий, маъданҳо ва консентратҳо, тамоку ва пӯст сарукор доранд, нақши «нуқтаи маҳаллии рушди иқтисодӣ»-ро иҷро карда наметавонад ва дар онҳо ҷамъ кардани сармояи хориҷӣ имконнопазир аст.

Имконияти зиёди афзоиши содирот дар фаъолияти якҷояи корхонаҳои хурду миёна, дар фароҳам сохтани шароит барои рушди бештари корхонаҳои муштарак, аз ҷумла дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, дар татбиқи амалии боркашонии транзитӣ ва ғайра мавҷуд аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои васеи истироҳатӣ ва осоишгоҳу дармонгоҳҳои муоличавӣ аз қабили “Хоҷаобигарм”, “Шоҳамбарӣ”, “Хавотоғ”, “Гарм-чашма”, “Оби гарм” ва ғайра мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо метавонанд ба рушду нумуи базаи содиротии ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

Инчунин, имкониятҳои бузург баҳри таҳкими иқтидорҳои содиротӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ, мошинсозӣ, кимиё, саноати маводи сохтмон ва саноати сабук мавҷуданд содироти хадамоти байналмилалӣ минбаъд инкишоф хоҳад ёфт, ки дар миёни он рушди сайёҳии байналмилалӣ мавқеи хос дорад.

**Адабиёт:**


1. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношения: Учебник М.: Экономисть, 2003. - 336с.

2. Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015-и Вазорати рушди иқсисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан, Статистический сборник , Душанбе 2007.
4. Внешняя деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан. (Под общей редакцией Л.Х. Саидмуродова). Душанбе: «Ирфон»,2006. 176с.
5. Дж. Сакс. "Рыночная экономика и Россия". Москва.- 1994.- 244 с.
6. Киреев А. Международная экономика. т.1.М..1998.210с.
7. Хисоботҳои Раёсати маркетинг ва танзими фаъолияти тиҷоратии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. солҳои 2006-2008
8. Ойматов М. Муртазоев М. Иқтисодиёти ҷаҳон. Теҳрон 2001, 802с.
9. П.Р. Кругман, М.Обстфелд. Международная экономика. Теория и политика.5-тое изд. СПб.:Питер, 2004. 832с.
10. Сафаров Б.Г. Экспортной потенциал Республики Таджикистан: рыночные механизмы реализации. (теоретический аспект), Душанбе «Ирфон», 2005, 128с.
11. Саидмуродов Л.Х, Международная экономика: теория, история, политика. Учебник. Душанбе, «Ирфон» 2002. 352с.
12. Смит. А. Исследование о природе и причинах богатства народов: кн.IV «О системе политической экономии». – М.: Соцэкгиз. 1935. С.32-33 .( эл.ресурс)
13. Тошев С.О. Внешнеэкономические связи Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы. – Москва; АРКС – МБ. 2001. – 557с.
14. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмилалӣ. Душанбе, «Ирфон», 2007, -247саҳ.

## МЕЖДУНАРОДНАЯ ТОРГОВЛЯ И ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ОБЛАСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**МАСТОВА ГУЛСАРА,**
ассистент кафедры информатики и
естественно-математических дисциплин
Таджикского государственного института
языков имени Сотима Улугзаде. 734019,
г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6.
Тел.: (+992) 939-73-32-80. E-mail: shohyon@mail.ru.

*Статья посвящена вопросам международной торговли и экономики нашей страны. Известно, что международная торговля состоит из экспорта и импорта, поэтому каждое независимое государство стремится стабилизировать свою страну, чтобы иметь стабильную и развивающуюся экономику. Республика Таджикистан, наряду с другими странами мира, прилагает усилия в этом направлении.*

*Автор попытался изучить состояние, структуру и перспективы экспортного сектора Республики Таджикистан, а также решил изучить теории международной торговли.*

*Автор отмечает, что международная торговля может происходить в разных режимах. Свободная торговля означает отсутствие препятствий для перемещения товаров через таможенную границу. Но так бывает не всегда. Правительство часто идет по пути сообщения торговых ограничений в виде пошлин, налогов, квот и так далее.*

*В конце XX - начале XXI века произошли качественные изменения в направлении и структуре международной торговли, интерпретация которых не всегда возможна в рамках*

*классической теории международной торговли. Экономическая наука соответствующим образом реагирует на эти изменения и предлагает новые теории, которые в корне отличаются от классической теории, определяющей международную торговлю.*

*В нынешних условиях восстановившейся структуры мирохозяйственных связей, Республика Таджикистан, вероятно, будет иметь высокое относительное и особенно абсолютное преимущество. В среднесрочной перспективе, учитывая спад производства и слабую капитальную активность предприятий и производств страны, которые занимаются экспортируемой продукцией, такой как хлопковое волокно, алюминиевые сплавы, руды и концентраты, табак и кожа, не могут играть роль «местной точки экономического развития» и в них невозможно скопить иностранный капитал.*

***Ключевые слова:*** *международная торговля, экономика, экспортный сектор, импортный сектор, Республика Таджикистан.*

## INTERNATIONAL TRADE AND ECONOMIC SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (1991-2016)

**MASTOVA GULSARA,**
assistant of Department of Informatics and Natural-mathmatical disiplines of
Tajik State Institute of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda,
734019, Dushanbe, 17/6, Muhammadiev str.,
Phone: (+992) 939-73-32-80. E-mail: shohyon@mail.ru.

*The article is devoted to the issues of international trade and the economic sector of our country. It is known that international trade consists of exports and imports, so every independent state tries to stabilize its country in order to have a sustainable and developing economy. The Republic of Tajikistan, along with other countries of the world, is making efforts in this direction.*

*The author tried to study the export sector of the Republic of Tajikistan, situation, structure and forecast, as well as the theories of international trade.*

*The author notes that international trade can take place in different modes. Free trade means that there are no obstacles to the movement of goods across the customs border. But this is not always like that. The government often follows the path of seting trade restrictions in the form of duties, taxes, quotas, and so on.*

*In the late XX - early XXI century, there were qualitative changes in the direction and structure of international trade, the interpretation of which is not always possible within the framework of the classical theory of international trade. Economics responds appropriately to these changes and proposes new theories that are fundamentally different from the classical theory that defines international trade.*

*In the current conditions of the restored structure of world economic relations, the Republic of Tajikistan is likely to have a high relative and especially absolute advantage. In the medium term future, given the decline in production and the weak capital activity of the country's enterprises and industries that are engaged in exported products, such as cotton fiber, aluminum alloys, ores and concentrates, tobacco and leather, cannot play the role of a “local point of economic development” and in them it is impossible to accumulate foreign capital.*

***Keywords:*** *international trade, economic sector, export sector, import sector, the Republic of Tajikistan.*

УДК: 339,9

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ

**АБДУҶАБОРЗОДА ШАРИФ АБДУҶАБОР,**
ассистенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир- 33,
Тел.: (+992) 985-84-25-96. E-mail: abdujaborzoda96@mail.ru
**АБДУЛЛОЕВ МУҲАММАД БОБОХОНОВИЧ,**
мудири кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва бонкии
Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе,
Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Борбад - 48/1.
Тел.: (+992)-902-32-51-32. E-mail: muhammadjon.abdullozoda@mail.ru

*Дар мақолаи худ муаллифон оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва саҳми он ба рушди иқтисодиёти миллӣ маълумот ҷамъоварӣ намуда, дар шакли ҷадвал ва диаграммаҳо нишон додаанд. Дар баробари ин муҳимияти ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва саҳми онро дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат муайян намуда, бо мисолҳои мушаххас таҳлилу баррасӣ кардаанд. Ҳамчунин, муаллифон дар мақола зимни таҳқиқ тарафҳои мусбии ҳарчи бештар зиёд намудани сармоягузории мустақимро ба иқтисоди миллӣ ва сабабҳои мусбии сармояи хориҷӣ барои иқтисодиёти миллиро бо мисолҳои мушаххас муайян ва пешниҳод намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, стратегӣ, истеҳсолот, иқтисодиёти миллӣ, сайёҳӣ, сармояи мустақим, сармояи ғайримустақим, иҷтимоӣ, иқтисодӣ.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои сиёсию иқтисодии хешро дар арсаи байналмилалӣ аз рӯи принсипҳои шарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд татбиқ менамояд. Талошҳои пайгиронаи Президенти мамлакат дар ин раванд пайваста ба густариши ҳамкориҳо бо шариконӣ рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардиданд, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ эътибори Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон баланд бардошт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои миллии хешро дар Барномаи давлатии сармоягузорӣ муайян намудааст ва фаъолияти худро ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадафҳои стратегӣ ва комёб гардидан ба Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола равона кардааст.

Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд.

Танҳо солҳои 2016-2018 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда беш аз 15 миллиард сомониро ташкил намуд, ки ин саҳми Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиву истеҳсолӣ мебошад.

Илова бар ин, дар заминаи ислоҳоти татбиқнамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир шумораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор шаш баробар кам шудааст.

Агар соли 2016 шумораи чунин санҷишҳо қариб 300 ҳазорро ташкил дода бошад, соли ҷорӣ ҳамагӣ 48 ҳазорро ташкил кардааст.

Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат тавաҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст.

Дар солҳои 2013-2019 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар 57,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки қариб 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Солҳои 2013-2019 барои амалисозии афзалиятҳои дар барномаҳо муайяншуда 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 13,2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ равона карда шудааст.

Ҳоло дар кишвар 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 32,4 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 татбиқи боз 23 лоиҳаи нави давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,8 миллиард сомонӣ оғоз меёбад.[1]

Инчунин, барои рушди соҳаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодии кишвар 70 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии қариб 40 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Танҳо дар соли 2020–ум 29 созишномаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 10 миллиард сомонӣ ба имзо расонида шуд, ки барои беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, бунёди иншооти соҳаи маориф, рушди деҳот, сохтмону барқарорсозии роҳҳо ва иншооти энергетикӣ равона гардидааст.

Аз соли 2013 то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ 17 созишнома оид ба сармоягузории мустақим ба имзо расонида шудааст, ки дар доираи онҳо 15 корхонаи нави истеҳсолӣ ба маблағи умумии зиёда аз 10 миллиард сомонӣ бунёд гардида, беш аз ҳафт ҳазор нафар сокинони мамлакат бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шудаанд.

Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт татбиқи 15 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 8 миллиард сомонӣ идома дошта, соли ҷорӣ татбиқи 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба анҷом мерасад.[2]

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2019-ум, 607,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 345,9 млн доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 261,2 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд.

**Диаграмма №1**
**Ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2019**




Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 - 19,1 млн. доллари ИМА зиёд шудааст.

Сармояи мустақим асосан ба соҳаҳои саноати коркард – 49,2 млн. дол. ИМА (14,2%), саноати истихроҷи маъдан – 231,7 млн. дол. ИМА (67,0%), фаъолияти молиявӣ ва ҳаргуна хизматрасонии тиҷоратӣ – 8,8 млн. дол. ИМА (2,5%), нақлиёт ва алоқа – 36,4 млн. дол. ИМА (10,5%), сайёҳи – 11,0 млн. дол. ИМА (3,2%), саноати сохтмон – 2,7 млн. дол. ИМА (0,8%) ва ғайраҳо – 6,1 млн. доллари ИМА (1,8%) равона шудаанд.

**Диаграмма №2**
**Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо**



Дигар намуди сармоя аз ҷумла, қарзҳо ба соҳаҳои саноат – 1,6 млн. дол. ИМА (0,6%), хизматрасонии молиявӣ – 178,3 млн. дол. ИМА (68,3%), сохтмон – 22,9 млн дол. ИМА (21,6%) равона гардидаанд.

**Диаграмма №3**
**Ҷалби сармояи хориҷӣ аз рӯи дигар намуди сармоягузорӣ**




Дар соли 2019 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи мустақими хориҷӣ бештар аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой – 262,3 млн. дол. ИМА – 75,8% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати сохтмонӣ, истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ), Федератсияи Россия – 33,1 млн долл. ИМА – 9,6% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон), Шоҳигарии Британияи Кабир – 13,9 млн. дол. ИМА – 4,0% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ), Туркиё – 13,5 млн.дол. ИМА – 3,9% (саноати коркард, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ), Кипр – 10,3 млн. долл. ИМА – 3% (хизматрасонии молиявӣ), Швейтсария – 5,8 млн.долл. ИМА – 1,7% ( хизматрасонии молиявӣ) ва аз ҷониби дигар давлатҳо бошад – 7,0% млн. долл. ИМА – 2% ворид гардидааст.

Дар соли 2019 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,7% (137,4 млн. долл. ИМА), Вилояти Суғд – 52,7% (182,3 млн. долл. ИМА), Вилояти Хатлон – 3,1% (10,6 млн. долл. ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 0,6% (2,2 млн. долл. ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад – 3,8% (13,3 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

Таҳлили аналитикӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2019

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2019, 9млрд. 867,7 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 4 млрд. 345,9 млн. долл. ИМА сармоягузории мустақим, 5 млрд. 17,9 млн. долл. ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 502,0 млн. долл. ИМА-ро сармоягузории портфелӣ (евробондҳо) ташкил додаанд.

**Аз он ҷумла:**

| солҳо | Ҷалби сармоя | Ҳамагӣ |
|---|---|---|

| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Сармоягузории портфелӣ | млн.дол.ИМА |
|---|---|---|---|---|
| 2007 | 388,4 | 472,2 | | 860,6 |
| 2008 | 425,7 | 563,6 | | 989,3 |
| 2009 | 89,4 | 293,8 | | 383,2 |
| 2010 | 238,9 | 228,2 | | 467,1 |
| 2011 | 161,4 | 164,0 | 0,1 | 325,5 |
| 2012 | 391,3 | 355,0 | 0,1 | 746,4 |
| 2013 | 341,1 | 670,6 | 0,2 | 1011,9 |
| 2014 | 377,4 | 530,4 | 1,4 | 909,2 |
| 2015 | 470,9 | 506,9 | 0,0 | 977,8 |
| 2016 | 434,2 | 408,4 | 0,1 | 842,7 |
| 2017 | 354,5 | 245,9 | 500,0 | 1100,4 |
| 2018 | 326,8 | 317,7 | | 644,5 |
| 2019 | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 |
| Ҳамагӣ | 4345,9 | 5017,8 | 502,0 | 9865,7 |

**Эзоҳ:** таҳти мафҳуми “Дигар намуди сармоягузорӣ” қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ дар назар дошта мешавад.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2019 асосан ба соҳаҳои энергетика – 596,8 млн. долл. ИМА, алоқа – 407,8 млн. долл. ИМА, сохтмон – 358,8 млн. долл. ИМА, хизматрасонии молиявӣ – 420 млн. долд. ИМА, омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 1191,9 млн. дол. ИМА, саноат 749,7 млн. долл. ИМА, савдо – 36,1 млн. дол. ИМА, саноати хӯрока – 34,2 млн. долл. ИМА, тандурустӣ – 5 млн. долл. ИМА, кишоварзӣ – 101,4 млн. долл. ИМА, сайёҳӣ – 28,2 млн. долл. ИМА, маориф – 46,3 млн. дол. ИМА, нақлиёт 119,8 млн. долл. ИМА, саноати сохтмонӣ – 149,2 млн. долл. ИМА ва дигар соҳаҳо – 95,6 млн. дол. ИМА равона шудааст.

**Диаграмма №4**
**Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2019**




Қарзҳои мазкур асосан ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ – 2млрд 646,0 млн. доллари ИМА, сотмони роҳҳо – 411,5 млн. долл. ИМА, омӯзиши геологӣ ва истихрочи канданиҳои фоиданок – 64,9 млн. дол. ИМА, сохтмон – 266,0 млн. доллари ИМА, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ – 79,1 млн. долл. ИМА, энергетика – 76,5 млн. долл. ИМА, кишоварзӣ – 63,1 млн. долл. ИМА, маориф – 12,9 млн. долл. ИМА, дар самти идоракунии давлатӣ – 7 млн. дол. ИМА, саноат - 781,5 млн. дол. ИМА, савдо – 6,9 млн. доллари ИМА, нақлиёт – 402,9 млн. дол. ИМА, дигар соҳаҳо (таҷҳизоти технолгӣ) – 146,4 млн. доллари ИМА равона гаштаанд.[8]

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд,ки тамоюли афзоиши содироти сармоя аз тарафи на фақат мамлакатҳои тараққикарда, балки аз тарафи як қатор мамлакатҳои рӯ ба инкишоф низ ба назар мерасад. Дар бозори байналхалқии сармоя Чин, Ҳиндустон, Эрон, Россия ва як қатори дигар ҳамчун сармоягузор баромад карда истодаанд. Ширкатҳои ин мамлакатҳо бо мақсади фоидагирӣ ва дарёфти сарчашмаҳои ашёи хом ва қувваи кории арзон, сиёсати сармоягузории экспансиониро (содироти сармоя) пеш гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, нобаробарии тақсимоти минтақавии сармоягузориҳои мустақим аён аст. Яке аз сабабҳои чунин номутаносибӣ ин суст будани сиёсати минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама дар самти инфрасохтори нақлиётӣ ва бозорӣ, суғурта, гаравгонӣ, кафолати бехатарии сармоя ва сармоягузорон, таъмини онҳо бо иттилоот оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври имконпазир сармоягузориҳои хориҷӣ бояд ба ноҳияҳои сусттараққикарда равона карда шаванд.

Бо дарназардошти таҷрибаи мамлакатҳои нави саноатии Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикисон мавқеи нави худро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ) ишғол намуда метавонад. Бинобар ин зарур аст, ки сиёсати сармоягузории мамлакат бояд ба ҳавасмандкунии сармоягузории корхонаҳо ба соҳаҳои истеҳсолот равона шуда бошанд, ки мавқеи мамлакатро дар ТБМ мустаҳкам созад.

Бешубҳа, СМХ бо роҳи васеъ гардонидани сектори ҳақиқии (истеҳсолии) иқтисодиёт ба зиёд гардидани даромади миллӣ оварда мерасонад. Роли технологии сармояҳои хориҷиро бисёрии иқтисодчиён инкор намекунанд.

Сармояҳои мустақими хориҷӣ дар натиҷаи мубодилаи байналхалқии «ноу-хау» дар шакли таҷрибаи идоракунӣ, технология, нишонаи тиҷоратӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулоти иқтисодиёти миллӣ имконот надошта, шароит фароҳам меорад, ба мамлакати қабулкунандаи фоидаи потенсиалӣ оварда метавонанд. Аз тарафи дигар, бартариҳои ширкати хориҷӣ дар бозори миллӣ имконият медиҳад, ки фоидаи дилхоҳро ба даст орад. Барои як қатор мамлакатҳо истеҳсоли маҳсулоти муайян (масалан,доруворӣ) бе мубодилаи «ноу-хау»-и хориҷӣ ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат сармояи хориҷӣ барои иқтисодиёти миллӣ дар ҳақиқат манфиатнок аст.

Дар баробари ин, нисбати тарафҳои манфии СМХ ақоиди гуногун вуҷуд доранд, ки аз фаҳмиши гуногунии инкишофи иқтисодӣ бармеоянд. Бояд қайд намуд, ки ширкатҳои фаромиллӣ (ШФМ) ба худ мақсади инкишофи иқтисодии мамлакати сармояқабулкунандаро нагузошта, балки мақсади фоидагирӣ аз сармоягузориашонро пеш мегузоранд. Мувофиқи назарияи «ҳаракати даврагии мол» ШФМ одатан технологияи аз ҷиҳати маънавӣ куҳнашударо, ки дар бозори мамлакатҳои тараққикарда ба фурӯш намераванд, ба мамлакати қабулкунандаи сармоя ворид месозанд.

Бо мақсади фароҳам овардани замина ҷиҳати рушди минбаъдаи кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005 барои таҳияи ҳамин барномаи дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодӣ - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ташаббус зоҳир намуд, ки бояд ба систематизатсияи раванди рушди кишвар барои дурнамои дарозмуҳлат мутобиқи мақсадҳои Рушди ҳазорсола мусоидат намояд.

Стратегияи миллии рушд ҳамчун ҳуҷҷати асосии стратегии кишвар афзалият ва самтҳои умумии сиёсати давлатиромуайян менамояд, ки ба ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Стратегияи мазкур ҷиҳати таъмини рушд аз тарзу усули комилан нав иборат мебошад, ки таҷрибаи ҷаҳониро оид ба таҳия ва татбиқи чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ, сабақ ва хулосаҳои давраҳои гузаштаи рушди кишвар, инчунин воқеияти мавҷуда ва дурнамои рушдро ба инобат мегирад.

Бо мақсади руши иқтисодиёти миллӣ дар асоси ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба ғайр аз ин барномаҳои дигари иқтисодӣ аз тарафи давлат қабул ва амалӣ карда шуда истодаанд. Аммо масъалаҳои зерин ба раванди ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва рушди содироти ватанӣ монеа эҷод мекунанд:

- барои тақвияти иқтидори содиротӣ ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолоти мавҷудаи содиротӣ, аз ҷумла оид ба баланд бардоштани самарабахшии заводи алюминий ва бахши энергетикӣ, рушди лоиҳаҳои инвеститсионии саноатӣ, инфраструктурӣ, ба содирот нигаронидашуда ва туристӣ инчунин лоиҳаҳое, ки барои иваз намудани молҳои воридотӣ равона шудаанд, як қатор тадбирҳо андешида хоҳанд шуд. Оид ба диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳалли масъалаҳои қарзи пахта ва таъмини рушди устувори бахши пахтакорӣ тадбирҳо амалӣ хоҳанд шуд;
- бо мақсади диверсификатсияи содирот ҷиҳати мусоидат ба сармоягузорӣ барои коркарди амиқи алюминийи аввалия, барои саноати нассоҷӣ ва рушди саноати маъдани кӯҳӣ тадбирҳо андешида мешаванд;

- барои рушди бахши хусусӣ ва ҷалби инвеститсия, аз ҷумла инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ, таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории андозу гумрук, баланд бардоштани таъсирнокии ҳифзи судии ҳуқуқи инвесторҳо ва соҳибкорон пешбинӣ мегардад. Инчунин чорабиниҳо ба такмили қонунгузорӣ дар қисми инвеститсия, ҳуқуқи моликият, конссесия, фароҳам овардани ҳуқуқҳои баробар ба инвесторҳои ватанию хориҷӣ, таъсиси мақоми ягонаи пешниҳодкунандаи инвеститсияҳоро муқаррар менамояд, инчунин шакл ва усули танзими соҳибкории хурд ва миёнаро бо формализатсияи дақиқи муносибати онҳо бо мақомоти ҳокимият ва идоракунанда муқаррар гардида, инчунин андозбандӣ ҷорӣ карда мешавад, ки бизнеси ошкоро ва кирояи кормандонро ҳавасманд мегардонад. Барои ташаккул ва татбиқи сиёсати судманд дар соҳаи рушди соҳибкорӣ стратегияи дарозмуҳлат таҳия ва татбиқ хоҳад шуд;
- ҷиҳати ба таври нақшавӣ ва мунтазам кам кардани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми ворид шудан ба бозор ва анҷом додани бизнес, аз ҷумла монеаҳо ҳангоми дастрас намудани хизматрасониҳои инфраструктураи давлатӣ, воқеӣ ва хусусӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Барои фароҳам овардани «шартҳои бозӣ» барои корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ шароитҳои баробар фароҳам оварда шуда, ҷорӣ намудани механизми бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ тибқи принсипи «фазои ягона» пешбинӣ мешавад.

Расмиёт оид ба сертификатсияи маҳсулот ҳаддалимкон оддӣ гардонида шуда, рӯйхати сертификатсияи ҳатмӣ кам карда мешавад ва оид ба эътирофи стандарт ва сертификатҳои асосии кишварҳои мутараққӣ ва шарикони минтақавӣ, аз ҷумла бо тартиби яктарафа тадбирҳо баррасӣ хоҳад шуд:

- раванди хусусигардонӣ дар бахши омӯзиши пешакии бозори инвесторҳои имконпазир то оғози раванди хусусигардонӣ такмил ёфта, шаффофияти худи музойядаҳо ва таъмини иҷрои шартҳои хусусигардонӣ баланд бардошта мешавад. Таҳия ва татбиқи барномаи дастгирии раванди баъди хусусигардонӣ бо роҳи ҷалби ширкатҳои консалтингӣ, ширкатҳои инвеститсионӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати ҳамкорӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин пешбинӣ мегардад, ки механизми идоракунии моликияти давлатӣ беҳбуд бахшида шавад;
- ҷиҳати соддагардонии расмиёти убури сарҳад барои содиркунандагон ва воридкунандагон, барасмиятдарории гумрукӣ ва сарҳадии борҳо тадбирҳо андешида мешаванд. Инчунин модернизатсияи сохторҳои гумрукӣ ва нуқтаҳои сарҳадии назорату гузаргоҳ сурат мегирад, ки дар онҳо инфраструктураи технологияҳои иттилоотӣ ҷорӣ гардида, вақти кори дидбонгоҳҳои асосии сарҳадию гумрукӣ шабонарӯзӣ хоҳанд гашт;
- дар соҳаи ҳамлу нақли ҳавоӣ ва тавассути роҳи оҳан ҷиҳати либерализатсияи бозор ва фароҳам овардани шароит барои ҷалби интиқолдиҳандагони нав тадбирҳо андешида мешаванд, ки имконият медиҳанд, хароҷоти нақлиётии инвесторҳои афзалиятноки хориҷӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон хеле кам гардад;
- татбиқ ва мониторинги тадбирҳои шаффоф ва амалкунандаи дастгирии давлатии бизнеси хурд ва миёна, аз ҷумла оид ба таъминоти иттилоотӣ ва таълим, инчунин рушди бозори хизматрасониҳои микромолиявӣ бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ пешбинӣ мегардад. Ҳукумат ба субъектҳои бизнес-ҷомеаҳо дар таъсиси ассотсиатсияҳои мухталифи бизнес мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин масъалаи дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис намудани Шӯрои инвеститсионӣ баррасӣ хоҳад шуд, ки дар ҳайати худ намояндагони корхонаҳои бизнеси хурд ва

миёна, бизнеси калон ва Ҳукуматро дар бар мегирад ва дорои штати техникии амалкунанда мебошад. Инчунин ҷиҳати ҷалби ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, бизнес-ҷомеаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, барои таҳия ва татбиқи барномаҳо ва санадҳои меъёрӣ тадбирҳо пешбинӣ мешаванд. Барои фароҳам овардани муколамаи амалӣ байни бизнес ва давлат чораҳо андешида хоҳанд шуд;

- оид ба кам кардани монеаҳои сиёсӣ ва институтсионалӣ дар раванди ҳамгироии минтақавӣ тадбирҳо андешида мешаванд, ки ба тавсеа ва таъмиқи ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорат, инвеститсия, нақлиёт, коммуникатсия (барои интиқоли озоди молу хизматрасонӣ, корҳо ва сармоя) ва устувории экологии истифодаи захираҳои табиии байнисарҳадӣ нигаронида шудаанд.

Махсусан ба тавсеаи ҳамкорӣ бо Афғонистон, аз ҷумла тавассути дастгирии соҳибкорон дар доираи ҳамкориҳои давлатию хусусӣ (дастгирии иттилоотӣ, таълим, хизматрасониҳои маркетингӣ, дастгирии содирот) таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Ҳамчунин ҷиҳати таъсиси системаҳои истифодаи самарабахши нерӯи обию энергетикӣ ва захираҳои ашёи ангишту водородӣ, таъсиси системаи ягонаи энергетикӣ тадбирҳо андешида мешаванд;

- таҳияи стратегияи умумӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ пешбинӣ мегардад, ки муқаррар намудани тарифҳои умумии гумрукӣ, бекор кардани назорати гумрукӣ дар сарҳадҳои дохилӣ, мавҷудияти механизми якнавъии танзими иқтисодиёт ва савдоро дар доираи Евра АзЭС дар бар мегирад;

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 с.

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе - 26 январи 2021 с.

2. Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли с.2016, №3.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Минтақаҳои Озоди иқтисодӣ”. Душанбе-2006.

4. Қонуни Ҷумхури Тоҷикистон «Дар бораи муносибатҳои иқтисодии беруна». Душанбе, 27декабри 1993г. »№ 870.

5. Барномаи дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030

6. Барномаи рушди иқтисодии миллӣ то соли 2030.

7. Сармоягузорӣ, соҳибкорӣ ва хусусигардонӣ дар 29 соли Истиқлолият. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ, Душанбе, 2020.

8. Комилов С.Ҷ. Низомова Т. “Иқтисоди корхона” Душанбе-2003

9. Комилов С.Ҷ. Умед Д. “Иқтисоди корхона” Душанбе-2012 сол.

10. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.


## РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЗА СЧЕТ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ

**АБДУДЖАБОРЗОДА ШАРИФ АБДУДЖАБОР,**

ассистент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира- 33,
Тел.: (+992) 985-84-25-96. E-mail: abdujaborzoda96@mail.ru
**АБДУЛЛОЕВ МУХАММАД БОБОХОНОВИЧ,**
заведующий кафедрой финансово-банковской экономики,
Колледжа информатики и вычислительной техники,
г. Душанбе, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад – 48/1,
Тел.: (+992)-902-32-51-32. E-mail: muhammadjon.abdullozoda@mail.ru

*В статье авторы собрали данные о привлечении инвестиций и их вкладе в развитие национальной экономики и представили их в виде таблиц и диаграмм. В то же время важность привлечения иностранных инвестиций и их вклада в экономическое развитие страны была определена и проанализирована на конкретных примерах. Авторы статьи также определяют и представляют положительные аспекты увеличения прямых инвестиций в национальную экономику и положительные причины иностранных инвестиций в национальную экономику на конкретных примерах.*

***Ключевые слова:*** *Предпринимательство, инвестиции, иностранные инвестиции, стратегическое, производство, национальная экономика, туризм, прямой капитал, косвенный капитал, социальный, экономический.*

## ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN BY ATTRACTING FOREIGN INVESTMENT

**ABDUJABORZODA SHARIF ABDUJABOR,**
assistant of the Management Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-84-25-96. E-mail: abdujaborzoda96@mail.ru
**ABDULLOEV MUHAMMAD BOBOKHONOVICH**
head of the Department of Financial and Banking Economics,
College of Informatics and Computer Engineering,
Tajikistan, Dushanbe, 48/1, Borbad str.,
Phone: (+992)-902-32-51-32. E-mail: muhammadjon.abdullozoda@mail.ru

*The authors collected data on attracting investments and their contribution into the national economic development in the article, and presented them in the form of tables and diagrams. At the same time, there were analyzed and considered the importance of attracting foreign investment and their contribution in the country's economic development, using specific examples. The authors of the article also identify and present the positive aspects of increasing direct investment in the national economy and the positive reasons for foreign investment in the national economy using specific examples.*

***Key words:*** *Entrepreneurship, investment, foreign investment, strategic, production, national economy, tourism, direct investment, indirect investment, social, economic.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 340.11

# ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ЗАРДУШТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХӢ

**ҒАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛӢ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,профессор,
ректори Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. С. Носир,33,
Тел.:( +992 37) 2-24-17-86. E-mail: Khalil-77@mail.ru
**РАШИДОВ ҶАМШЕД ҚОСИМОВИЧ,**
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел.: (+992) 918-35-51-21. E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масоили назариявии танзими муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Яке аз сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ин “Авесто” ва қисматҳои он мебошад. Муаммоҳои ҷойдошта дар танзими меъёрии муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ масъалаи таҳқиқшавандаи мақолаи мазкурро ташкил менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *табиат, муносибатҳои экологӣ, зардуштӣ, Авесто, қонун, сарчашмаи ҳуқуқӣ, сарватҳои табиӣ, ҳифз, сарват.*

Халқи тоҷик аз қадимулайём дорои таърих, фарҳанг ва усулҳои давлатдорӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии ба худ хосро доро буда, он аз ҷониби мутафаккирони соҳаи таърих ва ҳуқуқ то ҳол мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад. Имрӯз ба мақсади гиромидошти таъриху фарҳанги гузаштагон, баланд бардоштани тафаккури хештаншиносиву худогоҳӣ ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи дӯст доштани ватан мо вазифадор ҳастем, ки дар доираи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ давраҳои алоҳидаи таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқи онро омӯзем ва ба ояндагон ба мерос гузорем.

Дар ҳар давру замон яке аз масъалаҳои муҳиме, ки доим ҳамроҳи инсоният буд, ин ҳифз ва истифодаи дурусти бойигариҳои табиӣ аз ҷониби одамон мебошад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар давру замон барои тазими муносибатҳои экологӣ меъёрҳои гуногуни ба замони худ мувофиқ мавриди истифода қарор дода мешуд. Албатта, агар ба таърихи бавуҷудоӣ ва танзими меъёрии муносибатҳои экологӣ назар афканем, маълум мегардад, ки яке аз давраҳои муҳимтарини рушди мафкураи солим дар фазои таъсироти мутақобилаи инсоният ва табиатро давраи зардуштӣ бозидааст.

Яке аз аввалин равандҳои бавуҷудоӣ ва инкишофи фазои илмӣ оид ба қонуниятҳои ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ ба давраи зардуштӣ рост меояд. Фаҳмиш оид ба экология чандин аср пеш аз истилоҳ ва мафҳуми экология ба вуҷуд омадааст [1. с. 3]. Ба ғайр аз ин проблемаҳо вобаста ба тозагии муҳити атроф, ҳифзи муҳити зист ва олами набототу ҳайвонот, куштори ғайриқонунии ҳайвоноти нодиру камёфт, соф нигоҳдории фазову тозагии об ва монанди инҳо ба сифати ядро таълимоти зардуштиро ташкил менамуд.

Қобили зикр аст, ки зиёда аз се ҳазор сол пеш аллакай масъалаҳо оид ба истифодаи босамар ва ҳифзи сарватҳои табиӣ андешаи одамонро банд менамуд, ки ҳолати мазкур ба мо имкон медиҳад, то оид ба муҳимияти аввалиндараҷа доштани боигариҳои табиӣ андеша намоем. Инсоният аз солҳои нахустини бавуҷудой ва зиндагонии худ аз раванди истифодабариву зарароварӣ ба табиат ҷудо набуд, ки ин ҳолат то замони муосир ҳаст ва баъд аз он низ арзи вуҷуд хоҳад дошт. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар ҳамон вақт аллакай воситаҳои ҳифз, яъне меъёрҳо оид ба нигоҳдории пурраи экосистема коркард карда шудаанд.

Дар ҷаҳони имрӯза вобаста ба афзоиши талаботи одамон ба сарватҳои табиӣ муаммоҳои экологӣ торафт зиёд шуда истодаанд. Дар баробари ин, ягона роҳи самараноки ҳифзи муҳити зист ин амалигардонии механизми ҳуқуқии соҳаи экологӣ ба шумор меравад [1. с. 4].

Айнан ҳолати ҳифзи муҳити атроф, олами наботот, объектҳои обӣ ва олами ҳайвонотро мо дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, алалхусус, меъёрҳои алоҳидаи "Авесто" мушоҳида менамоем. Дар сарчашмаҳои таърихии мавҷуда шумораи дақиқ оварда нашудааст, ки то чӣ андоза заминаи меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ дар давраи муайян мавҷуд буданд, лекин асоси шаклгирии меъёрҳои соҳаи мазкурро аз давраи зардуштӣ ҳисобидан ҷоиз аст. Ба сифати исботи ин гуфтаҳо мо метавонем, тамоми меъёрҳои Авесторо роҷеъ ба экология мисол биёрем, ки мақсад ва моҳияти онҳо муносибати хуб бо объектҳои табиӣ мебошад. Аз мисолҳои боло маълум мегардад, ки қонуниятҳои мавҷудаи давраи зардуштӣ онро нишон медиҳад, ки дар тамоми муқарраротҳои меъёрҳои амалкунандаи он принсипи инсондӯстӣ дар мадди аввал меистад.

Меъёрҳо вобаста ба ҳифз ва истифодаи сарватҳои табиӣ дар тамоми қисматҳои "Авесто" (Вандидод, Ясно, Яштҳо, Хурд Авесто, Виспарад) мавҷуд бошанд ҳам, лекин бештар дар қисмати "Вандидод" ба назар мерасанд.

Муҳаққиқони соҳа қисмати Вандидодро чунин тавсиф менамоянд: "Вандидод қисмати китобии ба худ хос аст, ки аз қонуниятҳои динӣ-ҳуқуқӣ иборат буда, аз маҷмӯи меъёрҳо оид ба ҳифзи саломатии инсон ва муҳити атроф равонагардида таркиб ёфтааст" [2. с. 282]. Дар дигар сарчашмаҳои даврони зардуштӣ муқаррарот вобаста ба экология мавҷуд бошанд ҳам лекин, алалхусус дар "Авесто" ба таври пурра ва ҳаматарафа ба олами ҳастӣ ва таъсири инсоният ба табиат эътибори ҷиддӣ дода шудааст.

Як ҳолати хусусияти прогрессивӣ доштани сарчашмаҳои низоми ҳуқуқи зардуштӣ ин дар он буд, ки дар баробари танзими комплексии муносибатҳои экологӣ дар он давра боз ҳолатҳое буданд, ки муносибатҳо вобаста ба объектҳои алоҳида низ ба таври ҷудогона танзим мешуданд. Ин ҳолат боис мегардид, ки ҳар як сарвати алоҳидаи табиӣ самаранок истифода гардида, дар як маврид нисбати он чораҳои ҳифзнамоии алоҳида амалӣ гардонида мешуд. Масалан, барои ифлос кардани об ва ё ғайримақсаднок истифода намудани дилхоҳ объектҳои табиӣ муҷозоти муқаррарнамудаи меъёрҳои қисмати дахлдор татбиқ карда мешуданд.

Дар фазои илмӣ мо табақабандӣ ва таснифоти меъёрҳоро дар "Авесто" дучор омаданамон мумкин аст, ки онҳо дар асоси омӯзиши пай дар пайи системаи сарчашмаҳои давраи зардуштӣ ба вуҷуд омадаанд. Чунин ҳолатро мо дар андешаи муҳаққиқи соҳа Ю. Нуралиев дучор мешавем, ки меъёрҳои Авесторо дар шакли зайл гурӯҳбандӣ кардааст:

1. Экологияи ҳифзи муҳити зист дар маҷмӯъ;
2. Экологияи хок ва заминҳои обёришаванда;

3. Экологияи оташдони хонадон;
4. Экологияи сарчашмаҳои обӣ;
5. Экологияи олами ҳайвонот ва наботот [2. с. 293].

Агар мо дар асоси муқаррароти илми ҳуқуқшиносӣ низоми меъёрҳои Авесторо бо дарназардошти ҳифз ва истифодаи самараноки тамоми объектҳои мавҷудаи барои одамон заруриятдоштаро бо хусусиятҳои ҳуқуқӣ чунин таснифбандӣ кардан мумкин аст:

1. Ҳолати экологӣ-ҳуқуқии истифодабарии замин;
2. Ҳолати экологӣ-ҳуқуқии истифодабарии объектҳои обӣ ва таъмини ҳифзи онҳо;
3. Ҳолати экологӣ-ҳуқуқии истифодабарии олами ҳайвонот ва ҳифзи онҳо;
4. Ҳолати экологӣ-ҳуқуқии ҳифзи муҳити атроф: оташдони хонагӣ ва олами наботот.

Дар баробари объектҳои дар боло ишорагардида ба таври махсус ва ҳадафмандона ба ҳифзи муҳити зисти атроф диққати махсус дода мешавад, ки ин ҳолат дар қисматҳои алоҳидаи "Авесто" зикр карда шудааст. Барои ба таври пурра равшан гардидани механизми ҳифз ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба мо зарур аст, ки ҳолати экологӣ-ҳуқуқии объектҳои табииро ба таври алоҳидагӣ дар "Авесто" ва, умуман, низоми ҳуқуқи зардуштӣ таҳқиқ намоем.

Яке аз объектҳои барои инсон муҳим замин мебошад, ки барои мавҷудияти тамоми сарватҳои табиӣ алалхусус баландиву ландшафтҳо, сарватҳои зеризаминӣ, олами нотототу ҳайвонот ва монанди инҳо ба сифати объекти ҳуқуқи экологии муосир ва дар як маврид давраи зардуштӣ ба ҳисоб меравад" [1. с. 351].

Мувофиқ ба таълимоти давраи зардуштӣ ва хусусан "Авесто" заминро ба сифати модари маънавии инсоният низ меҳисобиданд, ки ҳолати мазкур барои инсон руҳияи меҳру эҳтиромро нисбати замин пайдо мекард. Албатта, ҳолати мазкур барои дуруст нигоҳ доштани замин ҳамчун объекти экологӣ ва ҳадафмандона истифода намудани он то андозае мусоидати воқеӣ кунад, аз ҷониби дигар, барои содир накардани кирдорҳои ғайримеъёрӣ нисбат ба замин оварда мерасонд.

Дар давраи зардуштӣ вобаста ба сатҳи истифодашавии қитъаи замин дар меъёрҳои "Авесто", алалхусус Аҳура Маздо таснифоти зеринро пешбинӣ кардааст, ки аз панҷ қисм иборат аст:

1. Ин дарҳои дӯзах мебошанд, ки рӯҳҳои бад аз он ҷойҳо мегузаранд;
2. Ин замине мебошад, ки ҷасадҳои одамон ва сагҳо дар он дафн карда мешаванд [3. с. 238];
3. Ин замине, ки ҷасадҳои одамон қабр карда мешаванд;
4. Ин он замине, ки пайравони Аҳриман зисту зиндагонӣ мекунанд;
5. Ин он замине, ки дар он ҷо аз ҳалокати ғайриқонунии ғуломон, гиря мекунанд [4. с. 431-432].

Ҳолати дар боло ишорагардида, яъне тавсифбандии заминҳо ба категорияҳои алоҳида боис мегардад, ки консепсияи соҳибӣ ва истифодаи қитъаи замин дар системаи ҳуқуқи зардуштӣ гардад. Ба ғайр аз ин истифодабарандаи замин хоҳ ҳуқуқи соҳибӣ дошт ва ё ба сифати иҷорагирандаи он баромад мекард, уҳдадор мегардид, ки заминро аз лиҳози ҳосилнокӣ дар ҳолати хуби коршоямӣ нигоҳ дорад. Дар ҳолати иҷро накардани талаботҳои меъёрҳои мазкури "Авесто" одамон новобаста ба ҳолати ҳуқуқияшон ба сифати ҷавобгар барои муҷозот додан ҷалб карда мешуданд.

Дар асоси сарчашмаҳои мавҷудаи “Авесто” заминро вобаста ба ҳолати он мавриди истифода қарор медоданд, ки раванди мазкур барои заминҳои барои фаъолияти кишоварзӣ истифодашаванда низ тааллуқ доштанд. Вобаста ба ҳолати зикршуда меъёрҳои Авесторо метавон ба ду зергурӯҳ ҷудо кард:

1. Меъёрҳое, ки заминро аз ифлосшавӣ ҳифз менамоянд. Эътибори асосӣ нисбат ба муҳофизати замин аз ҳар гуна ифлосиҳо, алалхусус, ҷасадҳо ва монанди ин дигар партовҳо;

2. Меъёрҳое, ки барои самаранок истифодабарии қитъаҳои замин ва хок равона гардидаанд. Дар навбати худ гурӯҳи мазкур боз ба ду қисм ҷудо мешавад: меъёрҳое, ки истифодабарандагони заминро уҳдадор менамояд, то чизи коштаашонро пурра аз замин гирифта, аз алафу буттаҳои бегона тоза намоянд ва меъёрҳо оид ба ҳифзи замин ва хок аз эрозия ва обзеркунӣ (шусташавии замин).

Ҳамин тариқ, бояд таъкид намоем, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба замин яке аз неъматҳои муҳими пешбурди зиндагӣ маҳсуб мегардад, ки ин ҳолат боиси дар “Авесто” муқаррар гардидани меъёрҳои мушаххас ва алоҳида гардидааст. Дар як маврид барои вайрон кардани талаботҳои мавҷуда оид ба истифодаи дурусти замин ҷазоҳои муайянро татбиқ менамуданд, ки ҳолати мазкур сатҳи муҳимияти ҳифзи муҳити зист дар фазои ҳуқуқии зардуштиро нишон медиҳад.

Яке аз объектҳои дигари табиӣ, ки дар давраи зардуштӣ то замони мо муҳимияти аввалиндараҷаи худро гум накардааст, объектҳои обӣ мебошанд. Дар муқаррароти “Авесто” ва умуман, зардуштӣ нисбат ба об ва сарчашмаҳои он эътибори ҷиддӣ дода шудааст, ки ҳолати мазкурро мо дар ҳаёти инсонҳо вобаста кардани ин объекти табиӣ мушоҳида намуда метавонем.

Дар қисмати “Вандидод” обро ҳамчун яке аз неъматҳои муҳими табиат зикр карда, ҳифзи он ва истифодаи самараноки онро вазифаи муҳимтарини одамон новобаста аз мавқеи ҷамъиятияшон нишон дода шудааст. Оид ба талаботи истифодабарии об хусусияти самаранок истифодакардани он муқаррароти алоҳида бахшида шудааст ва дар як маврид барои ғайримақсаднок истифодабарӣ ё ифлос намудани он ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони ҳозира низ масоили ҳифз ва истифодаи объектҳои обӣ на як ё якчанд давлат, балки ҷомеаи ҷаҳониро низ ба ташвиш гузоштааст. Дар ҳамин асно 22-юми апрели соли 2002 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр карда буданд: «Пешгирии хатарҳои экологӣ, сарфаҷӯии захираҳои оби нӯшокӣ, рафъи гуруснагӣ ва дигар проблемаҳои дорои хусусиятҳои умумибашарӣ мавҷуданд, ки танҳо дар сурати пешбурди оқилонаи сиёсати хориҷӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳар фарди бедордили сайёра ҳал шуда метавонанд.

Аҳли башар бояд сайёраи Заминро чун гавҳараки чашм ҳифз намояд. Мо танҳо як замин, як маъвои ҳастӣ ва як гаҳвораи ҳаёт дорем» [5].

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва меъёрҳои “Авесто” яке аз объектҳои ҳифз ва истифодашавандаи биологӣ ва экологӣ олами ҳайвонот мақоми хосаро доро мебошад. Олами ҳайвонот низ яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи табиат буда, дар асоси гурӯҳбандӣ бо хусусияти ҳамбастагияш ба сифати як гурӯҳи объекти табиӣ эътироф гардидааст. Дар давраи зардуштӣ нисбат ба истифодаи олами ҳайвонот ва наботот муқаррароти танзимкунандаи умумӣ ва муқаррароти танзимкунандаи хоса мавҷуд буд. Албатта, ба муқаррароти умумии танзими муносибатҳои одамон оид ба истифодаи олами наботот

ва ҳайвонот мо метавонем, меъёрҳои қисмати вандидодии “Авесто”-ро ба таври том асос биоварем. Дар ҳолати танзими хос ва алоҳидаи муносибат ва истифодаи олами ҳайвонот ва наботот бошад, ба таври алоҳида дар меъёрҳои “Авесто” ҷой дода шудаанд. Ба таври мушаххас барои куштор ва истифодаи бераҳмона ва ғайримақсадноки олами ҳайвонот (ваҳшӣ ва ё хонагӣ) ҷавобгарии сангинро пешбинӣ карда буд. Албатта, ҳолати мазкур ба таври асосноку мустаҳкам ҳифз гардидани ин объекти табиию биологиро аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқии “Авесто” дарак медод.

Дар баробари ин, мувофиқи таснифоти қисмати вандидодии “Авесто” олами ҳайвонот вобаста ба мақсад ва ҳадафи истифодаву хислаташон чунин гурӯҳбандӣ карда шудааст:

1. Махсусияти динидошта - аз онҳо сарчашмаи ҳаёт ва офарандагиро медиданд;
2. Махсусияти биологӣ - қонеъкунандаи талабот оид ба таъмини ғизоии одамон;
3. Махсусияти иқтисодӣ - истифодабарӣ ҳамчун объекти ивазнамоӣ ва хариду фурӯш;
4. Махсусияти экологӣ - қабул кардани онҳо ба сифати тозакунандаи муҳити атроф.

Ҳамин тариқ, барои танзими муносибатҳои инсон ва объекти табиӣ, яъне олами ҳайвонот ва наботот дар “Авесто” муқаррароти гуногун ҷой дода шудаанд, ки барои мисол мо метавонем, чунин меъёрро аз “Авесто” зикр намоем: (Қисмати Фаргард 13, Вандидод, сатрҳои 8-9) “Барои куштори ҳамин гуна ҳайвон (саг) дар ин олам ҷазо дар намуди 1000 зарба бо қамчини аспӣ ва 1000 зарба бо чӯбдаст ҷазо дода мешавад” [6. с. 1330]. Маълум мегардад, ки олами ҳайвонот дар ҳимояи меъёрҳои қонунгузории даврони зардуштӣ қарор дошт ва барои содир намудани гуноҳ санксияи муайян таҳдид мекард. Албатта ҳолати мазкур яке аз роҳҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят бошад, аз тарафи дигар ба татбиқи ҷазо бароиислоҳи гунаҳкор ва дарки нодурустии рафтори содирнамудааш оварда мерасонад. Дар баробари ин мо бо такя ба методи таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ метавонем, ҳамбастагии ҳуқуқи экологӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар давраи зардуштӣ мушоҳида намоем.

Олими намоёни фаронсавӣ, ки пажӯҳиши зардуштиро анҷом додааст, чунин менависад: “Даврони зардуштӣ гӯё махсусан барои барқароркунии адолат нисбати олами табиӣ ва ҳайвонот ба вуҷуд омадааст” [7. с. 163].

Албатта, чунин андеша нишон медиҳад, ки муқаррароти “Авесто” ва қонуниятҳои дигари мавҷудаи зардуштӣ нисбат ба тамоми объектҳои табиӣ кафолати ҳифзшавандагиро пешбинӣ намудааст. Ҳолати мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ аз лиҳози техникаи ҳуқуқӣ ва сохтор дар замони худ давраҳои муайяни инкишофро аз сар гузаронидаанд.

Дар давраи зардуштӣ зиндагии инсонҳо бевосита ва бавосита ба олами ҳайвонот ва наботот ҳамбастагии зич дошт. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар муқаррароти меъёрии ин давра дар баробари олами ҳайвонот ба олами наботот низ эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шудааст.

Дар замони худ зардуштиён олами набототро ба тағйирёбии фасл вобаста мекарданд, ки ин ҳолатро аз нуқтаи назари динӣ ва фазои ҳуқуқӣ дарк мекарданд. Аз сабаби он, ки растаниҳо ва, умуман, олами наботот аз оғоз гардидани фасли баҳор нашъунаморо оғоз мекунад, аз ҳамин нуқтаи назар ин марҳиларо зардуштиён махсусан эҳтиром мекарданд. Тасдиқи онро мо метавонем, ба ҷашнгирии идҳои Наврӯз [8. с. 233-234] ва Меҳргон [8. с. 242-243] рабт диҳем, ки дар даврони зардуштӣ ба таври

ҳатмӣ қайд карда мешуданд. Ҳолати мазкур имкон фароҳам меовард, ки маърифати экологии қишрҳои гуногуни ҷомеаи зардуштӣ баланд гардида, нисбат ба муқарраროти "Авесто" оид ба ҳифзи объектҳои табиӣ ва муҳити атроф бетарафи зоҳир накунанд.

Ҳамчунин, доир ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин нуқтаро қайд карда буданд: «Наврӯз ҷашни мубораку хуҷастаи мо - тоҷикон ва тамоми мардуми ориёӣ буда, ниёгонамон барои ҳифзи расму русум ва ойинҳои неки он дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърихӣ истодагарӣ кардаанд.

Яъне ин андешаи неку созанда се ҳазор сол пеш аз пайдоиши дини зардуштӣ ва чоруним ҳазор сол қабл аз зуҳури дини мубини ислом паҳн шудааст ва тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар ҳамон давраҳои бостон Наврӯз дар қаламрави 23 кишвар таҷлил мегардид» [9].

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки муқарраროти меъёрии давраи зардуштӣ, ки дар "Авесто" оварда шудаанд чандин ҳазорсолаҳо пеш арзи вуҷуд мекарданд ва хушбахтона то замони мо аҳамияти худро гум накардаанд. Дар баробари ин, барои инкишофи минбаъдаи фазои ҳуқуқии гузаштагони мардуми мо, яъне тоҷикон, асрҳои аср ба сифати заминаи боэътимоди сарчашмаи ҳуқуқӣ баромад карданд, ки ҳуқуқи экологӣ низ аз ин маврид мустасно нест. Бинобар ин, мо метавонем, ки сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои мутақобилаи табиат ва инсонро дар даврони зардуштӣ ва баъд аз он ба сифати сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқи экологии муосири давлатдории миллии тоҷикон пазируфта бошем.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло ишорагардида ва омӯзиши самти мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Давраи зардуштӣ барои шаклгирии фазои танзими меъёрии муносибатҳои экологӣ заминаи воқеӣ гузоштааст, ки ин ҳолатро мо дар эътибори аввалиндараҷа додани зардуштиён дар меъёрҳои "Авесто" мушоҳида карданамон мумкин аст. Дар баробари ин, "Авесто" барои илми таърихӣ-ҳуқуқии ҷаҳони муосир яке аз таҳкурсии асосӣ ба шумор меравад, ки ҳар як ғояҳои он хусусияти принсипиалӣ дошта, метавонад рушди мафкураи илмии одамонро дар самти ҳифзи муҳити зист инкишоф дода бошад.

2. Меъёрҳои "Авесто" оид ба ҳифз ва истифодаи тамоми объектҳои табиӣ, махсусан замин, хусусияти динӣ-ҳуқуқӣ дошта, метавонад, зуд ба мафкураи одамон таъсири мусбии худро расонад ва барои баамалбарории мақсадҳоиояндабинона дар самти ҳифзи муҳити зист заминагузорӣ намояд.

3. Дар баробари дигар объектҳои табиӣ ба сарчашмаҳои обӣ ва оламӣ наботот ва ҳайвонот дар давраи зардуштӣ, махсусан "Авесто", меъёрҳои алоҳида бахшида шудааст, ки ин муқаррарот агар танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баҳогузорӣ намоем, маълум мегардад, ки то ин рӯз махсусияти таъсиррасонии тарбиявӣ, вазифадоркунӣ, уҳдадоркунӣ ва руҳбаландкунии худро гум накардааст. Ҳамчунин, метавон баъзе аз меъёрҳои алоҳидаи хусусияти муҳим ва унверсалии "Авесто"-ро ҳамчун ғояҳои роҳбарикунанда дар ҳифз ва истифодаи босамари сарватҳои табиӣ ҳисобид.

**Адабиёт:**

1. Ерофеев Б. В. Экологическое право России: учебник для вузов. – М.: Новый юрист, 1998. – С.351-371.
2. История таджикского народа. Древнейшая и древняя история / Под. ред. Б.А. Литвинского, В.А. Ранова-Т.1. – С. 238.

3. Нуралиев Ю. Медицина и экология в «Авесте». – С. 282.
4. Авеста. Дж.Дустхох. – С. 431-432.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2002. Манбаи электронӣ: URL: http://www.president.tj (Санаи муроҷиат: 16.01.2021).
6. Вендидат. Рази Х.-Т.3. – С.1330.
7. Дармстетер Т. Тафсир-е. Авеста ва тарджома-йе Гат-ха. – С. 163.
8. А. Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе. Изд.: Ирфон, 1990. – С. 233-234.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013. Манбаи электронӣ: URL: http://www.president.tj (Санаи муроҷиат: 15.01.2021).

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ ЗОРОАСТРИЗМА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ

**ГАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛИ,**
доктор юридических наук, профессор,
ректор Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул. С. Носир, 33,
Тел.: +992 (37) 2-24-17-86. E-mail: khalil-77@mail.ru
**РАШИДОВ ДЖАМШЕД КОСИМОВИЧ,**
соискатель Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 918-35-51-21; E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*В статье анализируются и исследуются теоретические вопросы регулирования экологических отношений в системе зороастрийского права. Одним из основных источников регулирования экологических отношений в зороастрийской правовой системе является Авеста и ее составляющие. В статье рассматриваются проблемы регулирования экологических отношений в правовой системе зороастризма.*
***Ключевые слова**: природа, экологические отношения, зороастризм, Авеста, закон, правовой источник, природные ресурсы, защита, богатство.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF LEGAL REGULATION OF ENVIRONMENTAL RELATIONS IN THE LEGAL SYSTEM OF ZOROASTRIANISM: THEORETICAL AND HISTORICAL ISSUES

**GAFURZODA ABDUKHALIL DAVLATALI,**
Doctor in Law, Professor, Rector of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: )+992 37) 224-17-86. E-mail: khalil-77@mail.ru

**RASHIDOV JAMSHED KOSIMOVICH,**
Applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-35-51-21. E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*The article analyzes and studies the theoretical issues of regulating environmental relations in the system of Zoroastrian law. One of the main sources of regulation of environmental relations in the Zoroastrian legal system is the Avesta and its components.. Existing problems in the regulation of environmental relations in the Zoroastrian legal system are the subject of this article.*

***Key words:*** *nature, ecological relations, zoroastrianism, Avesta, law, legal source, natural resources, protection, wealth.*

УДК: 341.1.01

# ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ИНСТИТУТА МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ ЖЕНЩИН

**ИМОМОВА НИЛУФАР МАХМАИСУФОВНА,**
доктор юридических наук, доцент,
заведующая кафедрой международного права и сравнительного правоведения
Российско-Таджикского (Славянского) университета
734025, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30.
Тел.: (+992) 900-20-04-00. E-mail: nilufar-2010@mail.ru

*В статье исследуется процесс становления института защиты прав женщин в современном международном праве. Проводится анализ деятельности международных межправительственных организаций в данной сфере. Проанализированы отдельные положения международно-правовых актов в области защиты прав женщин. Рассмотрена деятельность такого специализированного учреждения ООН как Международная организация труда, которая внесла солидный вклад в область защиты прав женщин.*

***Ключевые слова:*** *права женщин, Лига Наций, ООН, международное сотрудничество, унификация законодательства, безгражданство.*

С точки зрения многосторонних международно-правовых актов правозащитного характера, права человека универсальны по своей природе, так как относятся ко всем людям. Нормы международных соглашений по правам человека призывают государства предоставлять всем лицам на своей территории одинаковый объем прав, независимо от расы, пола, языка, социального статуса, религии, политических убеждений и т.д. Права женщин в данном случае не являются исключением, более того, в условиях современности существует ряд серьезных проблем, которые обуславливают международно-правовое регулирование данного вопроса.

Закрепление в Уставе ООН принципа равноправия полов положило начало становлению, вернее, выделению вопросов, относящихся к правам женщин, в самостоятельный предмет международного сотрудничества государств в рамках международного права прав человека, что позволило выделить проблемы прав женщин в отдельный комплекс, включающий:

• констатацию того, что в результате целого ряда исторических условий женщины обладают меньшими социальными возможностями по сравнению с мужчинами. Поэтому международная защита должна быть направлена на обеспечение женщинам таких же прав и возможностей, какие имеют мужчины;

• необходимость учета физиологических особенностей женского организма при реализации общих прав [2,63].

Выделив вопрос о правах женщин, международное сообщество, прежде всего в рамках ООН, не стремилось решать конкретные задачи, ибо вся защита прав человека, и женщин, в частности, связывалась напрямую с возможностями конкретных государств обеспечивать тот или иной комплекс прав человека. Кроме того, движение за права женщин развивалось в рамках более широкого явления - борьбы за мир. Так, принимая решение о проведении Международного года женщины, Генеральная Ассамблея ООН, а затем и Комиссия ООН по положению женщин подчеркнули

тесную связь между соблюдением и развитием прав женщин и соблюдением всеобщего мира [9,3].

В целом, подобная взаимосвязь прав женщин с установлением мира представляется нам немного некорректной. Дело в том, что проблема защиты прав женщин является самостоятельным институтом, которому должно быть посвящено отдельное внимание международного сообщества. Вопросы обеспечения мира должны рассматриваться не в связке с правами отдельных категорий людей. Каждая проблема должна разрешаться разными механизмами и международно-правовыми актами для достижения более эффективного результата.

Процесс становления института защиты прав женщин прошел несколько этапов.

В XX веке взаимодействие государств в области обеспечения прав женщин проводилось в нескольких плоскостях:

1) унификация законодательства различных государств в части определения правового статуса и гражданства женщин;

2) противодействие таким криминальным явлениям как принуждение к проституции и торговля людьми;

3) разработка и внедрение на национальном уровне международных стандартов труда в отношении женщин.

Однако, следует подчеркнуть, что в то время государства не ставили перед собой главной целью исключительно защиту прав женщин. Первостепенными задачами подобного сотрудничества выступали вопросы обеспечения законности, пресечения правонарушений, унификаций правил труда в связи с процессами индустриализации во многих странах Европы и т.д. Тем не менее, подобные инициативы косвенно положительным образом сказались на вопросе защиты прав женщин в целом.

Широко развитая торговля женщинами, принявшая в различных странах размеры организованного международного промысла, побудила государства принять меры для совместной борьбы с этим видом преступной деятельности. В результате были приняты Парижское соглашение от 18.05.1904 г. и Парижский договор от 04.05.1910 г. о мерах борьбы с торговлей женщинами. Договаривающиеся государства обязались установить уголовное наказание за торговлю женщинами и девушками даже в том случае, если отдельные действия, входящие в состав преступления, были совершены в различных странах. Сама торговля была отнесена к категории преступлений, за совершение которых преступник подлежит выдаче государству, возбудившему против него преследование [3,599].

Анализ международных договоров показывает, что борьба с проституцией находилась в пределах внутригосударственного ведения и не могла быть сколько-нибудь эффективной. Первые международные соглашения в рассматриваемой сфере сформулировали ряд норм, закреплявших право женщин на жизнь, свободу, личную неприкосновенность, защиту их человеческих достоинств, права на равноправие с мужчинами [5,4].

Затрагивая вопрос гражданства женщин, государства пытались избежать ситуаций, когда могла возникнуть коллизия в национальных нормативных правовых актах. Чаще всего это были отношения частноправового характера, но, тем не менее, эти вопросы имели место быть, особенно в случае возникновения семейных правоотношений, когда женщина выходила замуж за гражданина другого государства.

К концу Первой мировой войны был заключен целый ряд международных (многосторонних и двусторонних) договоров, которые в какой-то степени затрагивают

вопросы гражданства замужней женщины. Это мирные договоры между государствами Антанты и их противниками; договоры о защите меньшинств; акты, регулирующие обмен населения при территориальных изменениях и т.д. Все эти договоры решали вопросы гражданства на основе господствовавшей концепции семьи, где муж является "главой семьи" [6,153]. Отсюда гражданство жены всегда определялось по гражданству мужа.

Задача обеспечения признания прав женщин и достижения равенства не ставилась и в более поздней многосторонней международной конвенции, регулирующей эту проблему, - Гаагской конвенции 1930 г. Основная цель ее - предупреждение безгражданства и двугражданства. В соответствии с этим статьи 8 и 9 Конвенции устанавливают, что женщина, выходя замуж за иностранца, лишается своего гражданства лишь в том случае, если она приобретает гражданство мужа. Если же муж меняет свое гражданство в период состояния в браке, то жена лишается гражданства, если она приобретает новое гражданство мужа.

Впервые на всемирном уровне вопрос о гражданстве женщины на основе равенства был поставлен в Лиге Наций Советским Союзом [4,68], однако, не найдя поддержки со стороны других государств, так и не был рассмотрен.

Еще одним важнейшим направлением деятельности государств в сфере обеспечения прав женщин было создание универсальных механизмов по защите трудовых прав. Такой организацией стала Международная организация труда (далее – МОТ), которая была создана наряду с Лигой Наций.

Согласно Уставу, основной целью МОТ было содействие срочному улучшению условий труда и жизни трудящихся, необходимых для достижения всеобщего мира на основе социальной справедливости. В число более конкретных задач включались регламентация рабочего времени, борьба с безработицей, установление заработной платы, обеспечивающей удовлетворительные условия жизни, защита труда женщин, детей и подростков и т.д. Таким образом, и здесь вопрос о равноправии женщин не ставился, и защита особых прав женщин не связывалась с достижением равноправия. Речь шла о защите узкого, отдельного права - права женщин на особую охрану труда, связанную с материнством [2,55].

Уже на первой сессии МОТ в 1919 г. были обсуждены вопросы о труде женщин до и после родов, о ночном труде и о труде на вредных производствах. На этой же сессии были приняты две международные конвенции об охране женского труда: Конвенция № 3 о труде женщин до и после родов; Конвенция № 4 о труде женщин в ночное время. И впоследствии вопросы об условиях труда женщин обсуждались МОТ на конференциях, созванных в период между двумя мировыми войнами.

Тесная связь особой охраны женского труда с жизнеспособностью будущего поколения - с его физическими, интеллектуальными, моральными и др. качествами, а, следовательно, с интересами всего общества, способствовала тому, что международно-правовые нормы об охране женского труда, принятые в рамках МОТ, выглядят более последовательными, чем решения этой организации по другим вопросам. Так, общепризнанно, что Конвенция № 3 об охране материнства - один из наиболее понятных и четких международно-правовых актов, принятых в области трудовых отношений [1,38].

Несмотря на ряд недостатков, Конвенция об охране женского труда имела большое значение, так как многие государства не уделяли проблеме прав женщин

особое внимание. Так, в 1919 г. к моменту принятия Конвенции № 3 ни в одном государстве не было закреплено право женщин на отпуск по беременности и родам [7]. В этой связи трудно не согласиться, что борьба рабочего класса за свои права и общества в целом, объективно способствовала улучшению положения женщин [2,56].

Следует отметить, что хотя МОТ и не ставила своей главной задачей повсеместную защиту прав женщин и создание эффективной системы защиты прав женщин, но, тем не менее, внесла огромный вклад в вопрос улучшения положения женщин в трудовой сфере. Более того, до XX столетия подобных механизмов в принципе не существовало. Деятельность МОТ во многом определила общее видение того как должны формироваться международные стандарты в области труда как для женщин, так и для мужчин.

Резюмируя, можно отметить, что общий вектор развития института защиты прав женщин, да и системы защиты прав человека в целом, были инициированы именно на заре XX века, а с созданием ООН работа в этом направлении приобрела невиданные до этого масштабы.

На наш взгляд, международное сообщество, изучив горький опыт прошлого, осознало всю важность установления новых правил, где человеческая жизнь будет бесценна. Позиция самих государств во многом изменилась в том ключе, что человеческий капитал, а также образованная и технологически развитая нация может достичь подлинного прогресса. Началась новая эпоха, где индивид занимал центральное место. Следует помнить, что все эти процессы происходили на фоне «холодной войны», противоборства двух систем, что не могло не отразиться на последовательном и поступательном построении современной системы защиты прав человека.

Заметим, что государства в прошлом столетии не всегда охотно шли на все инициативы, направленные на защиту прав женщин. В тот период большинство из них все еще занимало ту позицию, согласно которой мужчина является главой семьи, а роль женщины преимущественно ограничивалось домашним хозяйством и воспитанием детей. Нельзя не согласиться с мнением ряда исследователей о том, что подобный характер международного сотрудничества был закономерным, ибо традиционные взгляды на роль мужчины и женщины находили свое закрепление и во внутригосударственном праве [8,15].

На наш взгляд, для того чтобы была создана эффективная правозащитная система нужны были исторические предпосылки. Иными словами, XX век лучше всего подходил для этого, условия назрели именно в этот период, а не раньше в силу различных исторических обстоятельств.

Развитие международной защиты прав женщин связано с появлением и формированием после II мировой войны отрасли международного права - международного права прав человека. В данном случае мы придерживаемся аналогичного мнения. Принятие Устава ООН и создание всех ее структур сыграли чрезвычайно важную роль в этом отношении. Нужно учитывать, что данный акт является не просто учредительным документом, чисто технически регулирующим деятельность организации, его относят к так называемым договорам особого характера (sui generis). Устав ООН в преамбуле закрепляет положение о равноправии полов, что является немаловажным с точки зрения создания эффективной глобальной правозащитной системы. Кроме всего прочего, Устав ООН закрепляет важнейшие принципы современного международного права. И в этом свете указание на важность

установления равноправия женщин и мужчин имеет важное морально-политическое значение.

В настоящее время можно говорить о сформировавшимся институте международной защиты прав женщин. Это подтверждается солидной международно-правовой базой, закрепляющей и гарантирующей права женщин.

**Литература:**


1. Владимиров В. Международная организация труда. - М.: Изд-во ИМО, 1959. - 103 с.
2. Дмитриева Г.К. Международная защита прав женщины. - Киев: Вища шк., 1975. - 168 с
3. Фердросс А. Перевод с немецкого Ф.А. Кублицкого и Р.Л. Нарышкиной; Под редакцией и с предисловием доктора юридических наук Г.И. Тункина. – М.: Издательство иностранной литературы, 1959. – 652 с.
4. Перетерский И. Советская инициатива в ЛН по вопросу о равноправии женщин // Советское государство и право. 1943. № 6. С.68.
5. Проституция как общественно-классовое явление, и общественная борьба с нею. Перевод с немецкого / Кампфмейер П.; Под ред.: Авилов Б.; Пер.: Афанасьев П. - М., Петроград: Госиздат, 1923. – 157с.
6. Семейное право зарубежных европейских социалистических стран / Сост.: Ворожейкин Е.М.; Под ред.: Белякова А.М. (Вступ. ст.), Грибанов В.П. - М.: Прогресс, 1979. – 387с.
7. Курьер ЮНЕСКО. 1959. № 11.[электронный ресурс]. - Режим доступа: https://unesdoc.unesco.org /ark:/48 223/pf0000261279_rus (дата обращения 05.03.2021)
8. Коршунова Е.Н. Международная защита прав женщин: К Международному Году женщины // XVIII ежегодное собрание Советской Ассоциации международного права.1975 г.: Тезисы докладов / Советская Ассоциация международного права. – М., 1975. – С. 13-18.
9. Шибаева Е.А. Международный год женщин // Вестник МГУ. 1975. № 6. С. 3-7.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ЗАНОН


**ИМОМОВА НИЛУФАР МАХМАИСУФОВНА,**
доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи муқоисавии
Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон
734025, Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30.
Тел.: (+992) 900-20-04-00. E-mail: nilufar-2010@mail.ru



*Дар мақола раванди ташаккули институти ҳимояи ҳуқуқи занон дар ҳуқуқи муосири байналмилалӣ баррасӣ шудааст. Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ дар ин самт гузаронида мешавад. Муқаррароти муайяни санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занон таҳлил карда мешаванд. Фаъолияти чунин як муассисаи махсусгардонидашудаи СММ, ба монанди Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки дар ҳифзи ҳуқуқи занон саҳми босазо гузоштааст, баррасӣ карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи занон, Лигаи Миллатҳо, СММ, ҳамкории байналмилалӣ, ягонагии қонунгузорӣ, бешаҳрвандӣ.*

# FEATURES OF THE FORMATION OF THE INSTITUTE OF INTERNATIONAL LEGAL PROTECTION OF WOMEN'S RIGHTS

**IMOMOVA NILUFAR MAKHMAISUFOVNA,**
Doctor in law, Associate Professor, Head of International Law and Comparative Law Department
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Dushanbe, 30, M. Tursunzade str.,
Phone: (+992) 900-20-04-00. E-mail: nilufar-2010@mail.ru

*The article examines the process of formation of the institution of women's rights protection in modern international law. There carried out an analysis of the activities of international intergovernmental organizations in this area. Certain provisions of international legal acts in the field of women's rights protection are analyzed. As well as considered the activity of such a specialized UN agency as the International Labor Organization, which has made a solid contribution to the field of women's rights protection.*

***Key words:*** *women's rights, League of Nations, UN, international cooperation, unification of legislation, statelessness.*

УДК: 323.1

# МУХТАСАРИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶАМОАҲОИ АВВАЛИЯ

**МУХТОРОВ ЗАЙНИДИН МУХТОРОВИЧ,**
доктори илмҳои филологӣ,
сардори раёсати робитаҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 907-80-18-22. E-mail: mukhtorov67@gmail.com

*Дар мақола сухан дар бораи заминаҳои асосии ташаккули ҳуқуқ ва механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар сатҳи ҷамоаҳои аҳди бостон ва маҳал меравад. Таъкид мешавад, ки аз заминаҳои муҳими марбут ба сатҳи ҷамоаи бостон аслан механизмҳои марбут ба додуситад ва гирифтани ҳаққу гузоштани саҳм дар ҳаёти ҷамоавӣ буд, ки баъдан ин омилҳо ба низоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳо заминаи асосӣ гардиданд. Тавзеҳи масъалаи ҳақ ва саҳм бар он асос меёбад, ки доштани ҳақ ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ замина гардид ва гузоштани саҳм ба ташаккули низоми андоз ва ҳуқуқи андоз замина гардид. Яъне ҳақ ва саҳм ду омили муҳими муносибатҳои иҷтимоӣ, ки заминаҳои асосии ташаккули ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад.яъне агар ҳақ ихтиёрдорӣ кардан ва гирифтани чизе бошад, саҳм барои умум додани чизе ва кореро анҷом додан ба манфиати умум ва дигарон аст. Маҳз ҳамин ду механизми додуситади миёни одамон муносибатҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои ҳуқуқиро ба миён овард. Дар марҳилаҳои минбаъда маҳз ҳамин гуна додуситад ва маҳз ҳамин тарзи иштироки одамон дар муносибатҳои иҷтимоӣ синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба миён овард. Ҳар кас ки бештар саҳм гузошт бештар ситад ва ҳар касе камтар саҳм гузошт камтар ситад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷамоа, башарият, ҳуқуқ, низоми иҷтимоӣ, муносибат, синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, саҳм, ҳақ, андоз ва ҳуқуқ, меъёр, арзиш, ахлоқ.*

Хишти оғозини эҷоди ҷамоаи башарӣ кадом аст ва гузориши он ба чӣ расм шурӯъ шудааст? Ин суол ҳанӯз барои аксари муҳаққиқон солҳои зиёде дар доираи мубоҳисаҳои печидаву мураккаб матраҳ аст ва то имрӯз ин масъалаи ҳолиб ниҳоӣ нашудааст.

Ҳарчанд ки башарият барои сохтани як ҷомеаи навину муназзам ва пешрафта муваффақ шудааст, дар умқи афкору андешаи худ суоли зиёде дорад, ки барои дарёфти ҷавоби яксону якранг ҳанӯз омода нест.

Дар сарчашма ва манобеи гуногун мутолиа мекунем ва дармеёбем, ки инсон ҳаёти аввалияи худро ҳамчун як фарди маданӣ ва худшинос дар ҷамоаи ибтидоӣ шурӯъ кардааст, ки он бо номи обшинаи ибтидоӣ ва марҳалаи аввалини форматсияҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Аммо суоли мубрам чунин матраҳ аст, ки дар он марҳала инсонҳо аз кадомин меъёр ва қонуну воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, ё худ ҷамоавӣ сару кор мегирифтанд. Маҳз ҳамин гуна масъалагузорӣ ва ҷустори назариву илмӣ аз самтҳои мубрами таҳқиқ буда, суолҳои зиёдеро дар миён мегузорад [4; 7;11].

Ҳуқуқ ҳамчун механизми муҳими муносибати иҷтимоӣ аввалан дар шакли танзимкунандаҳои иҷтимоӣ (social regulators) ба миён омад. Ба сифати ин гуна танзимкунандагони иҷтимоӣ саҳми шахс дар оила, саҳми оила дар авлод ва саҳми авлод дар қабила буд, ки ин саҳм дар шакли мол ва ё намуди мушаххаси фаъолият чун шикор, посбонӣ, ширкат дар ҷангу мухолифатҳо ва ҳифзи манфиатҳо муаррифӣ

мешуд. Бо ҳамин тартиб дар заминаи намудҳои гуногун ва парокандаи воситаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ механизмҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ба миён омад, ки аввалин воситаҳои танзими муносибати ҳуқуқ асосан ду шакли муносибат ба шумор мерафт:

Пардохти андоз

Интихоб кардан

Ин ду мафҳум ба ду мафҳуми нисбатан қабл аз худ ташаккулёфта рабт дошт: ҳақ ва саҳм. Яъне доштани ҳақ ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ замина гардид ва гузоштани саҳм ба ташаккули низоми андоз ва ҳуқуқи андоз замина гардид. Яъне ҳақ ва саҳм ду омили муҳими муносибатҳои иҷтимоӣ, ки заминаҳои асосии ташаккули ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад, яъне агар ҳақ ихтиёрдорӣ кардан ва гирифтани чизе бошад, саҳм барои умум додани чизе ва кореро анҷом додан ба манфиати умум ва дигарон аст. Маҳз ҳамин ду механизми додуситади миёни одамон муносибатҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои ҳуқуқиро ба миён овард. Дар марҳилаҳои минбаъда маҳз ҳамин гуна додуситад ва маҳз ҳамин тарзи иштироки одамон дар муносибатҳои иҷтимоӣ синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба миён овард. Ҳар кас ки бештар саҳм гузошт, бештар ситад ва ҳар касе камтар саҳм гузошт, камтар ситад. Бинобар ин яке аз омилҳои аввалини нобаробарии миёни одамон аз саҳми худи одамон, аз меҳнату қобилияти онон ва аз малакаҳои гуногуни одамон дар ҳамон ҷомеаи ибтидоии шаклан баробар ва демокросӣ бармеояд, ки дар марҳилаҳои минбаъда омили мухолифоту нобаробариҳо гардид.

Аз тарафи дигар ҳамин гуна нобаробариҳо боиси мубориза ва талош, омили такондиҳандаи рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва сабаби таҳарруки зеҳн гардид. Одамон талош мекарданд, ки бештар неъмат ба даст оваранд, то ҳаққу ҳуқуқи бештар дошта бошанд. Талош мекарданд, то ба неъматҳои иҷтимоӣ бештар дастрасӣ дошта бошанд [3; 6; 7; 8].

Бо ҳамин тартиб, инсонҳо чун дар зинаи аввалини муносибатҳои байниҳамдигарӣ фазои оиларо агар эҷод карда бошанд, пасон дар заминаи муносибатҳои байниоилавӣ ва густариши як оила ба якчанд хонавода воҳиди дигари нисбатан мураккаби иҷтимоӣ бо номи авлод ба миён омад. Маҳз дар ҳамин марҳилаи ташаккул ва таҳаввули авлод воситаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба миён омаданд ва рушд карданд.

Барои беҳтар кардани вазъи зиндагӣ аҳли хонаводаҳо ва авлод оҳиста-оҳиста бо авлоди дигар робитаҳо пайдо карда, муносибатҳои хешутаборӣ ва дигар робитаи иҷтимоию молӣ ва манфиатҳои умумӣ пайдо карданд. Ҳамин робитаҳо ва манфиатҳо марҳила ба марҳила авлодҳоро муттаҳид намуда, заминаи ташаккули қабилаҳо гардид.

Ҳамин тавр, робитаҳо ва мухолифату муомилоти байни қабилаҳо ин воҳидҳои нисбатан калони иҷтимоиро марҳила ба марҳила ба ҳамдигар даромехт ва муттаҳид намуд, ки дар марҳилаҳои минбаъда иттиҳоди қабилаҳо бо таҳия ва роҳандозии муносибатҳои нисбатан мураккаби иҷтимоӣ ва иқтисодиву ҳуқуқӣ ба ташаккули давлатҳои аввалин замина гузоштанд.

Дар ин марҳила низоми додуситади аҳди аввали ҷамоавӣ ба механизмҳои ҳуқуқи андоз ва ҳуқуқи интихоб табдил ёфта, ба маротиб инкишоф ёфт ва дар ин росто шаклу воситаҳо ва механизмҳои дигари ҳуқуқ, институтҳои нави ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккул ва таҳаввулоти худ қарор гирифт.

Таҳқиқи маводи дастрас нишон дод, ки дар таърихи башар манобеи арзишманде рӯи кор омадаанд, ки дар онон аз ҳаёти ҷамоаи инсонӣ, меъёрҳо ва қонуну санадҳои иттилооти арзишманд то ба мо омада расидаанд. Дар натиҷаи таҳлилу баррасӣ ба чунин хулосае расидем, ки кулли ин манобеъро ба ду гурӯҳи фарогир ҷудо кардан мумкин аст:

Манобеи ниёгон ва мероси миллӣ
Манобеи халқият ва мардумони дигар.

Ин ҷо мехостем, ки аз баъзе манобеъ чанд нуктаеро баён намоем ва онҳоро то ҳадди имкон тасниф намоем. Манобеи миллии моро ҳамчун мероси гаронбаҳои ниёгон дар навбати худ аз нигоҳи тарзу тартиби ҳифозат ва посдорӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Манобеи хаттӣ ва собит
Мероси шифоҳӣ, оинҳо.

Дар баробари ин ҳамаи ҳамин мероси ҳам собиту хаттӣ ва ҳам шифоҳиву оинро аз нигоҳи баромади таърихӣ ба ду гурӯҳи дигар ҷудо кардан мумкин аст:

Манобеи аҳди бостон
Манобеи аҳди классикӣ.

Дар асоси таснифоти мазкур масъалаи ташаккул ва таҳаввули низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои танзими ҳуқуқии онҳоро дар зиндагии мардуми тоҷик ва умуман мардуми ориёитабор ба таври возеҳу муфассал шарҳу тавзеҳ додан мумкин аст.

Бо ҳамин тартиб манобеи мансуб ба халқият ва мардумони дигар низ таърихи дурударози худро доранд ва ба ин қабил мардумон ҳиндуён, чиниён, мисриён, бобулиён ва дигар ақвому миллатҳои соҳибтамаддунро шомил донистан мумкин аст. Манобеи мансуб ба мардуму ақвоми дигар низ метавонад бо ҳамон тартиби дар боло зикршуда тасниф ва даврабандӣ шавад. Дар раванди таҳқиқу омӯзиш мувофиқи зарурат аз мероси гаронбаҳои мардумони дигари олам низ метавонем истифода намоем ва дар баробари ин таҳлили қиёсии ин мавод дар доираи масъалаҳои мавриди таҳқиқ низ аз манфиат холӣ нест [2; 5; 10].

Бо ҳамин тартиб ба гурӯҳи манобеи аҳди бостони ниёгони мо сарчашмаҳои зеринро шомил донистан мумкин аст:

Авасто
Катибаҳои Бесутун
Катибаҳои Куруш.

Тафсироти аҳди Сосониён: Бундаҳишн, Шиканд гумоник вичор, Динкарт, Ардавирафномак, Корномаи Ардашери Бобакон [1; 5; 9].

Дар қисматҳои гуногуни “Авасто” масоили гуногуни ҳуқуқӣ матраҳ шудааст ва дар ин росто аз ҳаёти ақвом ва муносибати иҷтимоию ҳуқуқии онҳо низ нуктаҳои муҳим иброз шудааст.

Масалан, агар дар бораи яке аз қисматҳои ин китоби муқаддас бо номи “Виспарад” ҳарф занем, дар сурудаҳои ин бахш низ мо метавонем муносибатҳои ҳуқуқии сатҳи маҳал, муносибати мардум бо сарварону радон ва раҳбарону меҳон дар доираи ҳуқуқҳои эшонро мушаххас намоем. Ба гумони ғолиб калимаи «Виспарад» (Виспрат, Виспрад) дар Авасто низ бо ҷузъи «вис» ба маънии қавонини мардум ва ҷамоаи мардумӣ истифода шуда бошад. Дар манбаъҳои гуногун тавзеҳи тахмини он ба маънии ситоиши радону сарварон ва меҳтарон буда, дар шакли бостонии «виспературатаво» омадааст ва то ҳанӯз тавзеҳи ҷузъи аввали он - «виспе-» мушаххас нест. Ба андешаи мо вожаи «виспературатаво» аз се ҷузъ иборат аст, ба тартиби зайл: «вис» (виш, виса) – ҷамоаи мардум, қабила, «апе» - боло, баланд (дар забони англисӣ – up) ва «рата» ба маънии радон, сарварон, меҳтарон, ки дар умум «Виспарад» ба маънии ситоиши «бузургони ҷамоа» истифода мешавад. Аз ин нигоҳ «Виспарад» яке аз

сарчашмаҳои бостонии ориёиён аст, ки дар он масъалаҳои мубрами танзими муносибатҳои иҷтимоиро дар сатҳи ҷамоаҳо ва қабилаҳои аҳди қадим дар муносибат бо сарваронашон метавон мушаххас намуд. Ҳамчунин морфемаи «вис» дар таркиби вожагони аҳди бостон ва махсусан дар топонимҳои эронӣ ва ҳамчунин дар ҳудуди сукунати мардуми тоҷик ва дар ҳудуди Тоҷикистон низ ба назар мерасад: «вис» (маҳал) – «Висагирд» дар «Шоҳнома» ва «Вишгирд» номи қадимаи шаҳраки Файзободи Тоҷикистон. Дар забони юнонии қадим вожаи «сивитас» будааст, ки ба ҳамин маънои ҷамоаи мардум истифода шуда, дар марҳилаҳои минбаъда вожаи «полис» низ аз он вожа ташаккул ёфтааст. Ҳамчунон гунаи «вис-», «виш-» «вит-» дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ва махсусан дар водии Зарафшон, дараи Ромит, водии Рашт ва минтақаи Бадахшон дар таркиби номҳои гуногуни маҳал ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ ба назар мерасад, ба монанди «Висхарв», «Вишхарв», «Витхарв», «Вешаб» ва монанди инҳо. Ҳамчунин истилоҳоти дигареро аз қабили кана // ката (хона, хонавода), дудмон, буна, виса (қавм, қабила), ясна (ҷашнҳо), виспарад (ситоишҳо), даҳа, даҳява, деҳа дар манобеи бостон вохӯрдан мумкин аст, ки ин истилоҳ низ ба истилоҳоти марбут ба низоми мудирияти маҳал шомил буда метавонад. Маъмулан истилоҳоти марбут ба мудирият ва танзими муносибатҳои иҷтимоии сатҳи ҷамоа ва робитаи онро бо давлат ба таври зайл дидан мумкин аст:

хшатра // хшасра – шаҳр
хшасра – ҳокимият
рата // ратева – роҳбар,
меҳ – бузург,
кеҳ – хурд, мардуми қаторӣ
нмана – оила,
нманопати – соҳибхона (кадхудо)
нманопатни – соҳибхона (кадбону)
афшин – сарвар (сарварбону)
нафа – иттиҳоди бузурги авлод аз тарафи падар
азата – иттиҳоди авлоди барҷаста ва ашроф
вися - эзади қабила, эзади ҷамоа
ҳанчамана = анчуман – ҷаласа, шӯро, анҷуман, ҳамоиш
даҳю – иттиҳоди висаҳо ва деҳаҳо, баробар ба шаҳрак, ҷамоат
даҳюпати – сарвари даҳю
састар – ба маънои роҳбар
даҳюсасти – сарвари якчанд даҳю (эҳтимол баробари имрӯза ноҳия)
даҳюнам фратэмадато – шӯрои сарварон
хшайасия – шоҳ
хшайасия хшайасиянам – шоҳи шоҳон [5; 9].

Муносибат ва муомилоти натуралӣ, ки то солҳои ахир дар манотиқи деҳоту кӯҳистони Тоҷикистон ва дигар кишварҳои мардуми эронитабор дар мисоли нон гирифтан, нон додан, масолеҳи ғизо мубодила кардан, восита ва таҷҳизоти кориро аз ҳамдигар ба орият ва муваққат гирифтан, навбати шир, навбати пода ва монанди ин аз ҳамон муносибатҳои бостонии ҷамоаҳои воҳид ва деҳот то ба мо омада расидааст. Ташкили баъзе иду маъракаҳои миллӣ ва динӣ аз қабили наврӯз ва деги дарвешон дар баҳор, меҳргон дар тирамоҳ, тарзу усули махсуси ба муҳити миллии тоҷикон созгор намудаи иди қурбон ва иди рамазон аз маъракаҳои бостонии мардуми деҳот обу ранг гирифтааст ва то ба имрӯз омада расидааст [2; 6; 7; 8; 11; 13]..

Масалан дар деҳоти гуногуни кӯҳистони кишвар рӯзҳои иди қурбону иди рамазон мардум дар солҳои 80-90-уми садаи бист ба масҷид ба намози ид ҳангоми рафтан 8-10 кулчаҳои ширмоли равғанин ба миёнбанд баста мебурданд ва қабл аз даромадан ба намоз як нафари масъул кулчаҳоро аз миёнбанди мардум кушода дар як ҷои махсус ҷамъ мекард ва пас аз намози ид бошад, ҳама ду донагӣ нон ба миёнбанди худ аз дасти ҳамон нафари масъул мегирифтанду ба миён баста хона меомаданд. Дар ин маврид одамоне буданд, ки аз эҳтиёҷмандӣ нон бурда наметавонистанд ва пас аз намози ид ба онон низ ду донагӣ нон мерасид. Агар боз нонҳои дигар боқӣ бимонад, онҳоро аз масҷид бо маслиҳат ба хонаводаи ятимону бевазанон ва барҷомондагону ниёзмандон тақсим мекарданд.

Ин, албатта, як механизми басо ҷолиби диққати танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии ҳамагон ба неъматҳои иҷтимоӣ, зиндагии ҳамдастонаю сазовор ва пеш бурдани рисолати иҷтимоии аҳли ҷомеа ва нигаҳдории ҳисси масъулияти ҳар як узви ҷомеа, таъмини адолату баробарӣ ва бародарӣ дониста мешавад, ки ба истилоҳ онро метавон як низоми «ҳуқуқи оммавӣ» номид. Зеро чунин меъёрҳо аз рӯи зарурати иҷтимоӣ ва таҷрибаи зиндагии ҷомеа, эҳсоси ҳамдастиву «алтруизми иҷтимоӣ» дар муддати мадиди ҳаёти ҷомеа ба таври худпешравона ташаккул ёфта, ба чунин устуворӣ расидааст, ки онро ҳамчун як арзиш ва ҳамчун як меъёри собити иҷтимоӣ баррасӣ намудан мумкин аст.

**Адабиёт:**


1. Авасто. Ҷилди I./ Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 784 с.
2. Ализода Б.П. Система государственного управления в Республике Таджикистан: становление и развитие // Вестник Таджикского национального университета. (научный журнал). - Душанбе, 2017. №3/7- С.92-97.
3. Атаманчук Г.В., Теория государственного управления. Курс лекций. Изд.2-е, дополн. -М.: Омега-Л, 2004. - 584 с.
4. Буриев И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период). - Душанбе, 2008. – 187 с.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон /Б. Ғафуров. - Душанбе: Дониш, 2008. — 870 с.
6. Дандамаев М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика древнего Ирана.-М.: Наука, 1980. – 213 с.
7. Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): диссерт. канд. юрид. наук: 12.00.02; 12.00.14 / Джамшед Назаршоевич Джамшедов. – М., 2011. – 172 с.
8. Мавлонов М., Якубов А., Местные органы власти и местное самоуправление: состояние и перспектива развития, - Худжанд, 182 с.
9. Мероси хатти бостон. Душанбе: Бухоро, 2014. – 478 с.
10. Муллоев Д.М. Назарияи идораи давлатӣ. - Душанбе, 2013. - 256 с.
11. Мухторов К.Т. Компетенция органов самоуправления посёлков и сёл в Республике Таджикистан, - Худжанд: Андеша, 2011, 244 с.
12. Нестеренко В.А. История государства и права зарубежных стран: конспект лекций / В. А. Нестеренко. – Сумы: Сумский государственный университет, 2017. – 224 с.
13. Нормативные правовые акты государственной службы. Изд. 4. - Душанбе, 2017. - 376 с.

14. Раҳимова М., Сафаров С. Худидора ва мардумсолорӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2006. – 64 с.
***Key words:** social security background, specifications of social security**,** threat, security, state power, legal framework, individual and human society*

УДК: 330.5.057.7

# НАҚШИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ МИЛЛӢ

**ФАРХУДИНОВ ҶАМШЕД ИСРОИЛОВИЧ**,
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33.
Тел.: (+992) 918-69-68-10. E-mail: farkhudinzoda-86@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Яке аз талаботҳои иқтисоди бозорие, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаву рақобатпазир ва истифодаи самараноки замин оварда мерасонад, ин институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад, ки айни замон ниёз ба танзими дақиқи ҳуқуқиро талаб намуда истодааст.*

*Дар танзими ҳуқуқии суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Эҳтимолияти ба миён омадани хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ хело зиёд ба назар мерасад, ки ин ҳолат корхонаву ташкилотҳои суғуртавиро дар суғуртакунӣ чандон ҳавасманд намегардонанд. Вале корхонаву ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз мутахассисони соҳаи аграрӣ аз ҷумла агрономҳо, хокшиносон, тухмипарвар, растанипарвар, агроэкологҳо, мутахассисоне, ки ба пешгӯӣ ва огоҳонидани организмҳои зараррасон машғуланд, муассисаҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои акредитатсияшуда ҳамкорӣ намоянд. Дар сурати ҷалби муассисаҳои илми тадқиқотӣ, мутахассисони соҳа ва гирифтани хулосаҳои дақиқи онҳо ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ эҳтимолияти ба дӯш гирифтани хавфҳо нисбатан кам гардида, аз натиҷаи хулосаҳои дақиқи мутахассисони соҳа иҷро намудани бандҳои муҳими шартнома ва пардохтҳои маблағҳои суғуртавӣ вобастагии калон дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *суғурта, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, шартнома, офатҳои табиӣ, иқтисодиёт.*

Дар замони муосир иқтисодиёти Тоҷикистон ба таври назаррас марҳила ба марҳила рушд карда истодааст. Зеро гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ талабот ва хусусиятҳои хоси худро дорад, ки риоя ва иҷрои намудани онҳо ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ оварда мерасонад. Махсусан, ҷорӣ намудани система ва методҳои нави коргузорӣ, фарҳанги баланди истифодабарии техникаву технологияҳои муосир, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозор ҷавобгӯй, истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни рақобатпазир ва монанди инҳо. Яке аз талаботҳои иқтисоди бозорие, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаву рақобатпазир ва истифодаи самараноки замин оварда мерасонад, ин институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад, ки айни замон ниёз ба танзими дақиқи ҳуқуқиро талаб намуда истодааст.

Дар танзими ҳуқуқии суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро чуноне, ки маълум аст, масъалаҳои муҳим ва нозуки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ махсусан дар матни шартнома дарҷ мегардад. Гузашта аз ин соҳаи кишоварзи яке аз бахшҳои муҳимми рушди

иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба ҳисоби миёна аз 18 то 23% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад [4, С. 19].

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор дод, ки истифодабарии заминҳоро дар хоҷагиҳои кишоварзӣ танзим менамоянд. Ҳамзамон санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин давра қабулгардида ба рушду ташкили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Айни замон хоҷагидорон фаъолияти худро дар шаклҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ, растанипарварӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, ассотсиатсияҳо ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ба роҳ мондаанд, ки заминаи фаъолияти онҳоро қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад.

Дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ намудҳои гуногуни маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҷумла зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, меваю сабзавот, пахта, зироатҳои полезӣ, растаниҳои гуногун ва дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ кишт карда мешаванд, ки маҳсулотҳои мазкур барои қонеъ гардонидани талаботҳои аҳолӣ ва содирот ба хориҷи кишвар аҳамияти хоса доранд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ, ки санаи 26 январи соли ҷорӣ ироа гардида буд чунин қайд карданд, иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардидааст. Дар ин давра афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 8,8 % баробар гардид. Истеҳсоли маҳсулоти озуқа бошад нисбат ба соли 2019-ум 28,3 фоиз афзоиш ёфт, ки ин ҳолат ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд[5].

Ҳамаи ин пешравиҳо, ҷиҳати афзоиши нисбатан зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ нисбат ба солҳои гузашта аз фарҳанги баланди заминистифодабарӣ шаҳодат медиҳад, ки доимо зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон қарор дорад ва дар ин росто пайваста дар баромадҳои худ роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҳар як кишоварзро муваззаф менамоянд, ки дар истифодаи самараноки замин, пеш аз ҳама, заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, захира кардану истифодаи тухмиҳои аълосифат ва бо ҳамин роҳ гирифтани то се ҳосилро, махсусан, дар соли 2021 таъкид намуданд[5].

Албатта барои кишваре, ки аз лиҳози ҷуғрофию экологӣ ҷиҳати истеҳсоли зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ муфид аст, ин нишододҳо метавонанд дар натиҷаи истифодаи оқилонаву самараноки замин ва сиёсати хирадмандонаи роҳбари давлат дучанд зиёд истеҳсол карда шаванд.

Дар баъзан маврид таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки қисме аз хоҷагидорон ҳосили дилхоҳе, ки аз қитъаи замин дар назар доранд, гирифта наметавонанд, ки ҳолати мазкур хоҷагидоронро дар фаъолияти минбаъдаашон ҳавасманд намегардонанд. Албатта ба даст наовардани ҳосили дилхоҳ дар шароити кунунӣ сабабу омилҳои гуногун дорад, ки мо онҳоро шартан ба субъективӣ ва объективӣ ҷудо менамоем. Ба омилҳои субъективӣ дохил мешавад: а) надоштани таҷрибаи кории кофии истифодабарии замин, б) огоҳ набудан аз таркиби хок ва дигар захираҳои генетикии замин, в) надонистан ё дуруст ба роҳ намондани усулҳои кишт кардани замин, г) огоҳ набудан аз иқлими ҷойгиршавии минтақаи кишт, ғ) надоштани

техникаҳои зарурӣ барои кишт кардани зироатҳо ё нисбатан дер истифода бурдани техникаҳои зарурӣ, д) истифодаи нодурусти доруҳои минералӣ ва дигар омилҳои муҳим. Ба омилҳои объективӣ бошад дохил мешавад: а) номусоид омадани боду ҳаво, б) шӯршавии заминҳо, в) хушксолӣ, г) омадани тундбодҳо, ғ) омадани сел, д) боридани жола, е) сар задани сӯхторҳо, ё) сар задани касалиҳои сироятӣ, эпидемияҳо ва дигар ҳодисаҳои табиӣ.

Олимон ва мутахассисони иқтисоддон таваккали ба даст наовардани ҳосили дилхоҳро на танҳо дар ба миён омадани ҳолатҳои фавқуллода мебинанд, балки чунин андеша доранд, ки ба даст овардани ҳосили дилхоҳ аз шароити иқтисодии хоҷагидорон низ вобаста мебошанд[8].

Дар Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [4] роҷеъ ба истифодаи дурусти замин ва мукаммалагардонии механизми танзими давлатии заминҳои кишоварзӣ дар сектори аграрӣ қайд шудааст, ки тағйирёбии иқлим яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба харобшавии заминҳо ҳисоб меёбад, ки ин ҳолат коҳишёбии ҷиҳати гирифтани ҳосили дилхоҳро дар соҳа ба миён меорад. Таҳлили вазъи имрӯзаи истифодаи захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли бадшавии вазъи экологии заминҳои обӣ ба чашм мерасад. Мувофиқи маълумоти оморӣ ҳамасола зиёда аз 60 фоизи заминҳои обёришаванда ба бодхӯрдашавӣ, шӯразании заминҳо дар 120 ҳазор гектар ва баландшавии сатҳи обҳои еризаминӣ дар 23 фоизи заминҳои киштшавандаи обӣ мушоҳида карда мешаванд. Зарари иқтисодии солона аз бодхӯрдашавӣ 150 млн. сомонӣ, аз баландшавии сатҳи обҳои еризаминӣ - 140,4 млн. сомонӣ, аз шӯразании заминҳои обӣ беш аз 105,3 млн. сомонӣ ва талафоти нахи пахта як гектар кишт дар арзиши пулӣ 1093 сомониро ташкил додааст[2, С. 3].

Гузашта аз ин мутахассисон чунин қайд мекунанд, ки дар баробари мавҷуд будани омилҳои субъективӣ, объективӣ ва иқтисодӣ ҳамзамон як қатор омилҳое мавҷуд аст, ки дар рушди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ монеаҳоро ба миён меорад. Ба андешаи онҳо яке аз сабабҳои паст будани нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ин камчин будани истифодаи нуриҳои минералӣ, камбудиҳои низоми мелиративию ирригатсионнӣ, набудан ё кам будани тухмиҳои хушсифати зироатҳои кишоварзӣ ва воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ба ҳисоб меравад[2, С. 23-24]. Гузашта аз ин, мутахассисон пешниҳод доранд, ки баҳри таъмини техникаҳои зарурӣ дар мавсими киштукор ва гирифтани ҳосили дилхоҳ аз ҳар як ваҷаб замин зарур аст, ки дар ҳар як ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ корхонаҳои махсусгардонидашуда, яъне стансияҳои (базаҳои) моддӣ-техникӣ (СМТ) ташкил карда шаванд. Стансияҳои (базаҳои) моддии техникӣ аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳо аз фондҳои гуногун, ки ҳамасола ба тариқи бебозгашт ба соҳаи кишоварзӣ ҷудо мешаванд, бунёд карда шаванд[2, С. 25].

Масъалаи дигаре, ки ба пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ метавонад мусоидат кунад, ин бунёди озомишгоҳҳо ба шумор меравад. Айни замон зарурият ба миён омадааст, ки таҳқиқи хок, муайян кардани ҳолат ва сифати он, андешидани чораҳо оид ба ҳифз, барқарор ва беҳ намудани ҳолати хок дар озмоишгоҳҳо чораандешӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, бунёди чунин озмоишгоҳҳои аккредитатсияшудаlо, ки дорои мутахассисони сатҳи баланд ва технологияҳои муосир мебошанд, на танҳо дар марказҳои вилояту шаҳру ноҳияҳо, балки дар ҳар як минтақаи кишоварзӣ роҳандозӣ намудан лозим аст. Ноҳияҳои дурдаст бошад, аз озмоишгоҳҳои мобилие, ки дар заминаи озмоишгоҳҳои

вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таъсис меёбанд, истифода намоянд. Дар ин самт ҳар як хоҷагиҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликияташон вазифадор карда шаванд, ки аз хизматрасониҳои озмоишгоҳҳо танҳо бо мақсади арзёбии ҳолати заминҳо ва қабули қарор оид ба гузаронидани рекултиватсияи заминҳо, консерватсия, ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо дар истифодаи заминҳо, барқароркунӣ, ҳифз ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок, инчунин таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати истифодаи оқилонаи заминҳо ва беҳдошти муҳити зист истифода намоянд.

Яъне ҳамаи ин омилҳои дар боло ишорагардида зарурияти ҷорӣ намудани суғуртакуниро дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ талаб намуда истодааст. Ногуфта намонад, ки аз ин категорияи замин иҷроиши яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ вобаста мебошад.

Муҳаққиқон, ҳангоми таҳлили арзёбии иқтисодии рушди хоҷагиҳои қишлоқ дар кишвар ба чунин хулоса омаданд, ки соҳаи кишоварзӣ ба хатари калон мувоҷеҳ аст, ки ин ҳолат зарурияти ҷорӣ намудани суғуртакуниро дар соҳа талаб намуда истодааст[4, С. 22].

Иқтисоддонҳои ватани бозори хизматрасониҳои суғуртавиро муҳим арзёби намуда рушди онро дар ташаккули иқтисодӣ миллӣ муҳим арзёбӣ мекунанд. Онҳо чунин қайд мекунанд, ки пешравиҳо дар соҳаи бонкдорӣ, телекомуникатсия, технологияҳои компютерӣ, сайёҳат ва меҳмондорӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва нақлиёт бештар рушд кардаанд. Аммо дигар соҳаҳои хизматрасони ба монанди бозори қоғазҳои қимматнок ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ то ҳол рушд наёфтаанд. Ба андешаи Ғ.Д. Ашуров бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи аввали ташаккул қарор дорад ва нақши он дар кишвар то кунун нокифоя мушоҳида мегардад. Тибқи нишондиҳандаҳои соли 2019 ҳаҷми умумии воридоти ҳаққи суғуртавӣ 234,3 млн сомониро ташкил додааст, ки баробар ба 0,31 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад ва ин нишондод дар муқоиса бо дигар кишварҳо нокифоя арзёбӣ мегардад[1, С. 4].

Муносибатҳои суғуртавӣ гуногуншакл ва ҳамчун зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқи дорои сохтори мураккаб мебошанд[7, С. 10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” суғуртаро ба шаклҳо, соҳаҳо, гуруҳҳо ва намудҳо ҷудо кардааст. Аммо мутаасифона моддаи 4 Қонуни мазкур, суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ (заминҳои таъиноти кишоварзӣ) ҳамчун соҳаи суғуртакунӣ дар матни худ муқаррар накардааст. Ҳол он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари аграрӣ ҳисоб ёфта, шумораи зиёди аҳолии кишвар дар деҳотҷойҳо зиндагӣ мекунанд. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар чуноне, ки дар боло қайд карда шуд, санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқи, ки бахри танзими муносибатҳо ва рушди бозори суғурта равона шуда буданд, қабул гардидаанд, ба истисноии соҳаи кишоварзӣ. Танҳо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 1994 таҳти №36 “Дар бораи суғуртаи ҳатмии амволи хоҷагиҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шкали моликияташон” қабул гардида буд. Қарори мазкур чунин объектҳоро, аз ҷумла: а) ҳосили зироатҳои кишоварзӣ (ғайр аз алафҳои худруй), б) соҳаи чорводорӣ, парандаҳои хонагӣ, харгӯш ва оилаҳои занбӯри асал, в) иморат, иншоот, механизмҳои интиқолдиҳанда, мошинаву воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот, ашё, маҳсулот ва дарахтони бисёрсоларо суғурта мекунанд. Яъне дар байни ин объектҳо заминҳои таъиноти кишоварзӣ вуҷуд надорад.

Албатта Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матни худ боби махсусро (боби 51), ки ба танзими муносибатҳои суғуртакунии амвол равона шудааст,

бахшидааст. Гузашта аз ин сархати 10 қисми 1 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳуқуқ додааст, ки ихтиёран молу мулки худро, яъне зироатҳои кишоварзӣ, чорво, воситаҳои асосӣ ва дигар молу мулкро суғурта кунанд. Ҳамзамон, моддаи 35 Қонуни мазкур муқаррар мекунад, ки аъзои хоҷагии деҳқонӣ бо суғуртаи иҷтимоии давлатӣ фаро гирифта шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нафақа ва дигар имтиёзҳо таъмин карда мешаванд.

Аммо аз мазмуни меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маълум мегардад, ки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври мушаххас дар онҳо муқаррар нашудааст. Бинобар ин, зарур аст, ки низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, дар он ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаҳои дақиқи ҳуқуқӣ гузошта шавад.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 таҳти №1005 қабул гардидааст, ба суғуртакунии соҳаи кишоварзии мамлакат диққати махсус дода шудааст. Дар матни Консепсия қайд шудааст, ки бо мақсади ташаккул ва рушди судманди низоми суғурта дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи кишоварзӣ» роҳандози шавад. Албатта қабули қонуни мазкур дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳамияти басо муҳим дорад. Зеро соҳаи кишоварзӣ васеъ ва гуногунпаҳлу буда, муносибатҳои васеъи ҷамъиятиро дар самти хоҷагидорӣ яъне на танҳо дар истифодабарии замину об, балки ҳифзи растаниҳо, дарахту буттаҳои мевадиҳанда, токзорҳо, дороиҳои биологӣ (чорвоҳои калон ва хурд ва ғ.), маҳсулотҳои кишоварзӣ, тартиб ва чараёни ҷамъоварии маҳсулотҳои кишоварзӣ, нигаҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҳашаротҳои зарарасон, паррандаҳо ва ғайраҳо танзим менамояд.

Зарур мешуморем, ки ҳангоми таҳия ва қабули қонуни мазкур ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ”, “Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор” ва дигар қонунҳои соҳа тағйиру иловаҳои зарурӣ вобаста ба суғуртакунии заминҳо ворид карда шавад.

Умедворем, ки амали қонуни макур дар доираи суғуртакунии маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ маҳдуд намегардад, балки ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ низ дахл хоҳад кард. Чуноне, ки бомаврид қайд мекунанд: “Зараре, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавкулода ба соҳаи хоҷагиҳои кишоварзӣ расидааст, ин на танҳо зарари хоҷагии кишоварзӣ ҳисоб меёбад, балки дар маҷмӯъ ин зарар ба соҳаи иқтисодиёти кишвар низ таъсирбахш ҳисоб меёбад[6, С 63].

Эҳтимолияти ба миён омадани хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ, бахсус дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ хело зиёд ба назар мерасад, ки ин ҳолат корхонаву ташкилотҳои суғуртавиро дар суғуртакунӣ, чандон ҳавасманд намегардонанд. Вале корхонаву ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз мутахассисони соҳаи аграрӣ аз ҷумла аграномҳо, хокшиносон, тухмипарвар, растанипарвар, агроэкологҳо, мутахассисоне, ки ба пешгӯи ва огоҳонидани организмҳои заррарасон машғуланд, муассисаҳои илмӣ тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои акредитатсияшуда ҳамкорӣ намоянд. Дар сурати ҷалби

муассисаҳои илми тадқиқотӣ, мутахассисони соҳа ва гирифтани хулосаҳои дақиқи онҳо ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ эҳтимолияти ба душ гирифтани хавфҳо нисбатан кам гардида аз натиҷаи хулосаҳои дақиқи мутахассисони соҳа иҷрои бандҳои муҳими шартнома ва пардохтҳои маблағҳои суғуртавӣ вобастагии калон дорад.

Гузашта аз ин ба мақсад мувофиқ аст, ки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар зиёд будани хавфи таваккалашон аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷети амали карда шавад. Дар қонунгузорӣ аллакай маблағҳое, ки бо мақсадҳои ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва антропогенӣ ба вуҷуд омадаанд аз ҳисоби буҷаи давлат ва маблағҳои махсуси бо ин мақсадҳо ҷудогардида амали карда мешавад, ки заминаи ҳуқуқии худро дар моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” ёфтааст.

Ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ он корхонаҳое ҷалб карда шаванд, ки қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷети маблағгузорӣ мешаванд. Ё ин ки метавонанд дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ширкатҳо ё ташкилотҳои хусуси низ ҷалб карда шаванд. Аммо зарур аст, ки аз ҷониби давлат механизми ҷалби ширкату ташкилотҳои хусусӣ коркард шуда талаботҳои махсус дар ин самт вогузор карда шавад. Яке аз ин талаботҳо метавонад устувории молиявии ширкат ё ташкилоти хусуси ҳисоб ёбад, дигар ин ки ин ширкат ё ташкилотҳои суғуртавӣ объекти суғурта мекардаашон танҳо сирф ба соҳаи кишоварзӣ нигаронида шуда бошад.

Ин ҳолат метавонад аз як ҷониб шумораи корхонаҳои давлатӣ ва ташкилоту ширкатҳои хусусияро дар суғуртакунии соҳаи кишварзӣ ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ зиёд намояд ва аз ҷониби дигар ба гурӯҳбандии соҳаҳои суғурта, ки заминаи ҳуқуқии худро дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ёфтааст мусоидат намояд.

Ба андешаи иқтисоддонҳои ватани яке аз сабабҳои рушд наёфтани бозори хизматрасониҳои суғурта дар ҷумҳурӣ ин ба соҳаҳои суғурта гурӯҳбанди нашудани ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, ки айни замон раванди якранг ва унверсалӣ доранд[7].

Нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар амали гардонидани суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар иқтисодиёти миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми омода намудани шартномаи суғурта тамоми паҳлуҳои масъалаи мазкур аз ҷумла тарифҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ вобаста ба мавқеъи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳосилхезнокии қитъаи замин, устувории қитъаи замин, таркиби хок, ҳолатҳои гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, экологию биологӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, геоботаникӣ, зиддиэрозиявӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим ба инобат гирифта шаванд. Тазаккур бояд дод, ки дар сурати ташаккул ёфтани заминаҳои ҳуқуқие, ки махсусан ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нигаронида мешавад, шумораи зиёди аҳолӣ аз ҷумлаи мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, хокшиносон, ботаникҳо, иқтисоддонҳо, ҳуқуқшиносон, экологҳо соҳиби ҷойҳои кории доимӣ гашта, муҳимтар аз ҳама, ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз деградатсия, олуда шудани хок ва дигар ҳолатҳои номатлуб эмин мемонад, ки ин ҳолатҳо аз лиҳози иқтисодӣ муфид арзёбӣ мегарданд.

**Адабиёт:**

1. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назарияи, методология, амалия / Диссертатсия д.и.и. Душанбе 2020 с. 4
2. Комилов Н.Б. Такмили механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоби Вилояти Хатлон) / Автореферат. Кӯлоб 2019 с. 25.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 таҳти №636 с.63
4. Қодирзода Д.Б., Собирзода Н.М. Арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон с. 2020 №1 с. 22
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Манбаъи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/25005 (Санаи муроҷиат: 27.03.2021)
6. Сафаров М./ Суғурта чист?. Душанбе 2003. С.63
7. Фақеров Ҳ.Н., Ашуров Ғ.Д. Рушди низоми муносибатҳои суғуртавӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон 1 (30) Душанбе с.2020 с. 10
8. Шарипов З. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК из. Ирфон Душанбе.2008 с. 385

# РОЛЬ ДОГОВОРА СТРАХОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО НАЗНАЧЕНИЯ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**ФАРХУДИНОВ ДЖАМШЕД ИСРАИЛОВИЧ,**
соискатель Института философии, политологии и права
Национальной академии наук Таджикистана,
734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект, 33.
Тел.: (+992) 918-69-68-10; E-mail: farkhudinzoda-86@mail.ru.

*В статье исследуется роль договора страхования земель сельскохозяйственного назначения в развитии экономики страны. Одним из требований рыночной экономики, который ведет к развитию сельского хозяйства, производству экологически чистой и конкурентоспособной продукции и эффективному использованию земель, является институт страхования земель сельскохозяйственного назначения, который в данный момент требует четкого правового регулирования.*

*Роль нормативных правовых актов, в частности роль договоров страхования земель сельскохозяйственного назначения, считается важной в правовом регулировании страхования земель сельскохозяйственного назначения. Вероятность рисков в аграрном секторе, особенно в сфере страхования земель сельскохозяйственного назначения высока, что не дает большого стимула страховым компаниям и организациям для заключения договоров. Однако страховые компании и организации могут застраховать сельскохозяйственные земли, посредством вовлечения специалистов, включая агрономов, почвоведов, семеноводов, растениеводов, агроэкологов, специалистов занимающихся прогнозированием и предупреждением вредителей, научно-исследовательские учреждения и лаборатории. В случае привлечения научно-исследовательских институтов, специалистов в данной области и получения их точных заключений при страховании земель сельскохозяйственного назначения, риск относительно снижается, а также выполнение*

*важнейших пунктов договора и уплата страховых взносов зависит от точных выводов специалистов данной отрасли.*

***Ключевые слова:*** *страхование, земли сельскохозяйственного назначения, контракт, стихийные бедствия, экономика.*

## ROLE OF AGRICULTURAL LAND INSURANCE AGREEMENT IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**FARKHUDINOV JAMSHED ISRAILOVICH,**
Applicant of Institute of Philosophy,
Political Science and Law of the National
Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 918-69-68-10; E-mail: farkhudinzoda-86@mail.ru

*The article examines the role of the agricultural land insurance agreement in the development of the national economy. One of the requirements of the market economy, which leads to the development of agriculture, the production of organic and competitive products and the efficient use of land, is the institute of agricultural land insurance, which requires clear legal regulation now.*

*The role of regulatory legal acts, in particular the role of agricultural land insurance agreement, is considered important in the legal regulation of agricultural land insurance. Potencial risks in the agricultural sector, particularly in the field of agricultural land insurance are high, which does not give much incentive to insurance companies and organizations. However, insurance companies and organizations can insure agricultural land through the cooperation with agricultural specialists, including agronomists, soil scientists, seed growers, plant growers, agroecologists, pest forecasting and prevention specialists, research institutions and laboratories. In the case of involving research institutes, specialists in this field and obtaining their accurate conclusions when insuring agricultural land, the risk is relatively reduced. After all, the preparation of the most important clauses of the contract and the payment of insurance premiums depend on the exact conclusions of the specialists of this industry.*

***Key words:*** *insurance, agricultural land, contract, natural disasters, economy.*

УДК: 342.726 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ХАТ ВА ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД-НОБИНОЁНУ НОШУНАВОЁН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ВАЛИЕВ ДАВЛАТЁР ҒАФОРОВИЧ,**
докторант (PhD,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33;
Тел.: (+992) 937 88 68 50. E-mail: valievdavlatyor@gmail.com

*Баррасии масъалаҳои танзими ҳуқуқии хат ва забони давлатии шахсони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла нобиноён ва ношунавоён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ аҳамияти ҷиддӣ пайдо намудааст. Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки ин гурӯҳи иҷтимоӣ дар баробари он ки ба солимгардонӣ, меҳнат, дар умум ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоӣ доранд, бояд ҳуқуқ ба хат ва забон, таълиму иттилоот, коммуникатсия ва ғайра дошта бошанд. Дар қонунгузории забони давлатӣ дар танзими хат ва забони барои шахсони имкониятошон маҳдуд-нобиноёну ношунавоён камбудиҳо дида мешавад. Ҳадафи баррасии мавзӯъ ва таҳияи мақола ошкор намудани камбудиҳои хат ва забон дар қонунгузории соҳаи забони давлатӣ барои нобиноёну ношунавоён ва пешниҳоди андешаҳо ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *хат, забон, нобиноён, ношунавоён, қонун, таълим, маълумот, ҳифзи иҷтимоӣ, хати брайлӣ, имову ишора, мафҳум.*

Шахсони имкониятошон маҳдуд қишри имтиёзноки ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба кафолатҳои давлатии шароити зиндагии арзанда ҳақ доранд. Таҳқиқот нишон дод, ки дар масъалаи таҳсилу таълим, таъмини хату забон ва адабиёти мувофиқ ба омӯзиши нобиноёну ношунавоён мушкилот ҷой дорад. Сатҳи маърифатнокиву маълумотнокии шахсони имкониятошон маҳдуд, бахусус нобиноёну ношунавоён дар он вақт баланд мешавад, ки онҳо ба хату забон ва адабиёти мувофиқ дастрасӣ дошта бошанд. Аз ин ҷиҳат омӯзиши имкониятҳои қонунии хат ва забони нобиноёну ношунавоён ва пешниҳодҳо ба қонунгузории соҳаи забони давлатӣ ҷиҳати танзиму такмил ва таҳкими он барои нобиноёну ношунавоён аҳамиятнок аст. Бо назардошти масъалҳои болозикр ба таҳлилу тадқиқ ва таҳқиқи он пардохтем.

Моҳияти забони тоҷикӣ дар он фаҳмида мешавад, ки таърихи бою куҳан дорад. Ҳар як давлату миллат таърих, фарҳанг, анъанаҳои гузаштагон, урфу одат ва расму оинҳои хоси худро тавассути забон ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд. Пас забон дар баробари Парчам, Нишон, Суруди Миллӣ ва дигар арзишҳои хоси миллат муқаддасоти давлат дониста мешавад. Мурдуми соҳибтамаддуни тоҷик аз таърих то кунун забонро ҳамчун як рукни давлатдорӣ ҳифз намуда, ба он арҷ мегузоранд. Талошу ҷоннисориҳои аҷдодони шарафманди халқи тоҷик буд, ки забони тоҷикӣ ҳифзу такомул ёфта, чун муаррифгари миллати тоҷик боқӣ монд. Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ташаккули забон ва пойдориву рушди ҳамаҷонибаи он таъсири хуб гузошт. Маҳз, дар ин марҳила дар баробари масъалаҳои асосии танзими низоми давлатдории навини халқи тоҷик ба забон ва побарҷои он тадбирҳои аниқ татбиқ шуд. Масъалаи забон ва ҷой доштани он дар маркази сиёсати фарҳангии давлату Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз соли 1994 мавқеи муҳимро пайдо карда буд. Се даҳсола мешавад, ки забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд, ҳар

марҳилаи он гузариш ба рушд ва вижагиҳои хоси худро дорад. Имрӯз забони тоҷикӣ дар шароите амал мекунад, ки давлату миллатро рӯ ба ҷаҳонишавӣ овардааст. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ қарор дорад ва забони давлатӣ бояд ҳамқадам ба он бошад.

Дар моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тоҷикӣ аст» [1, 1]. Мутобиқи ин меъёри конститутсионӣ забони давлатии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ эълон шудааст. Ин меъёр шарҳ ва танзими худро дар бахшҳои мухталифи ҷомеа рушан менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи меъёри конститутсионии забони давлатӣ заминаҳо гузошта шудааст. Институтҳои алоҳида дар самти рушду назорат ва ҳифзи забони давлатӣ бо таъмини ваколатҳои қонунӣ фаъолият доранд. Барои ташаккулу инкишоф, танзиму такмил ва ҳифзи забони давлатӣ пайваста қонуну қарор ва барномаҳои давлатӣ қабул карда мешаванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 5 октябри соли 2009, №553 қабул шуда, вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» забони тоҷикиро аз хатарҳои олоиш бо дигар забонҳо ҳифз намуда, дар даҳсолаи охир забони тоҷикиро ҳамчун забонӣ аслӣ, миллӣ ва сармояи гаронмояву ёдгорӣ аз ниёгони барӯманди халқи тоҷик ба наслҳои имрӯзу оянда муаррифӣ кард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбат ба Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 22 июли соли 1989 амал мекард, бартариятҳои зиёд дорад. Агар қонуни забони қаблӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ қабул шуда буд ва воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлолро пурра инъикос намекард, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос ёфтааст. Тибқи меъёрҳои конститутсионӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифодаи забони давлатӣ дар шохаҳои гуногуни ҳокимият, идораҳои давлатӣ, ташкилотҳо, тамоми ниҳодҳои дар мамлакат фаъолиятдошта матраҳ гардида, муайян шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баробари бартариятҳо ва татбиқи амалӣ камбудиҳо низ дорад. Қонуни мазкур ҳанӯз 12 сол қабл қабул шуда, бо назардошти пайдо шудани муносибатҳои нав дар ҷомеа, аз ҷумла тарзҳои забони реклама, ҷой додани забони давлатӣ дар ҳамагуна дастурамали маводҳои истеҳсолӣ, истилоҳсозиву истилоҳёбӣ барои ашёҳои навпайдошуда, номгузорӣ, бахусус танзими ҳуқуқии хату забони барномаҳои таълимӣ, адабиёти мувофиқ барои шахсони нобинову ношунаво, инчунин дар коммуникатсия қонунан таъмину танзими ишораву аломат ва ғайра ба такмил ниёз дорад.

«Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Шаклҳои дигари таҳсилро қонун муайян мекунад» [1, 2].

Мафҳуми таҳсилотро метавон ҳамчун раванди мақсадноки таълиму тарбияи шахс ба манфиати худи ӯ, ҷомеа ва давлат фаҳмид. Дар заминаи ин раванд талаботи

таҳсилкунанда барои дастрасӣ ба сатҳҳои таълими аз ҷониби давлат муқаррargардида муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот дар асоси муқаррароти меъёри пешбининамудаи моддаи 41 Конститутсия муайян карда мешавад ва ба принсипҳои ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ, дастраси умум будани таҳсилот, моҳияти башардӯстонаи таҳсилот, афзалияти арзишҳои милливу умумиинсонӣ, рушди озодонаи шахсият, ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, хусусияти дунявӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани таълим, рушди системаи маориф бо назардошти меъёрҳои байналмилалии сифати таълим ва таъмини иттилоотии маориф такя мекунад. Ҳуқуқ ба таҳсил ҳуқуқи муҳимми иҷтимоии инсон буда, барои рушди ҳам шахсият ва ҳам ҷомеа замина мегузорад. Дар давлатҳои тараққикарда ҳуқуқ ба таҳсил дар худ маҷмӯи пурраи ҳуқуқи ройгон гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, дастраси умум будани таҳсилот, озодии таълим, ҳуқуқ ба таъсиси муассисаҳои таълимии шахсиро таҷассум мекунад. Давлат ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таҳсил бо роҳи таъсиси низоми таълим ва шароити дахлдори иҷтимоию иқтисодӣ барои таҳсилот таъмин менамояд. Тибқи моддаи 41 Конститутсия ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои омӯзиши хати арабиасос ва табъу нашри адабиёт бо ин хат шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар ин радиф, таъкид ба маврид аст, ки шаҳрвандони имконияташон маҳдуд-нобиноёну ношунавоён низ гурӯҳи иҷтимоии имтиёзнокро ташкил менамоянд ва бе истисно ба ҳамагуна имкониятҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда, инчунин, ба хат, забон ва адабиёти барои онҳо мувофиқ ҳуқуқ доранд. Имрӯз дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон 3911 муассисаҳои таълимии ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ, ки 6 муассисаи он ба таълими нобиноёну ношунавоён (маъюбон) нигаронида шудааст, фаъолият доранд. Дар 6 муассисаи махсусгардонидашуда 3604 нафари нобинову ношунаво машғули таҳсиланд. Барои баррасии таъмину танзими қонунии маводҳои дарсӣ ва имкониятҳои хаттии ин гурӯҳи иҷтимоӣ ба бештар аз 20 санади аҳамияти ҳуқуқидоштаи соҳаи забони давлатӣ (қонуну қарор ва барномаҳои давлатӣ) руҷӯъ намудем, вале дар ҳеҷ як санад оид ба хат, забон ва адбиёти мувофиқи шахсони нобинову ношунаво меъёри мушаххас пешбинӣ ва муқаррар нашудааст. Ҳаминро бояд гуфт, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» 29 декабри соли 2010, №675 ба тасвиб расидааст. Дар қонуни мазкур талабот пешбинӣ шудааст, ки дар заминаи воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон воситаҳои махсус барои таълим (аз қабили адабиёт барои нобиноён), шароити зарурӣ барои таҳсил, кафолатҳои давлатии барномаи инфиродии тавонбахшӣ ба маъюбон, аз ҷумала таълиму тарбияи ройгон дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ, таҳсилоти иловагӣ ва махсус дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ва махсус муҳайё карда шаванд.

«1. Давлат забони имову ишораро ба маъюбон ҳамчун воситаи муоширати байни шахсон эътироф мекунад.

2. Вазъи ҳуқуқӣ ва доираи истифодаи забони имову ишораро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд» [2,1].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ба масъалаи таҳсилу таълим ва таъмини адабиёти мувофиқ ба омӯзиши нобиноёну ношунавоён меъёрҳо пешбинӣ шудааст ва дар заминаи он бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшҳои соҳаи педагогика, аз ҷумла, илмҳои дактилология, дефектология, сурдопедагогика, логопедия ва ғайра бо назардошти таъмини асосҳои ҳуқуқӣ рушд

дода шаванд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» давлат забони имову ишораро ба маъюбон ҳамчун воситаи муоширати байни шахсон эътироф намудааст, вазъи ҳуқуқӣ ва доираи истифодаи забони имову ишораро ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд. Ин меъёр нахуст бознигарӣ ва такмили баъзе аз санадҳои вобаста ба хат, забон ва таъмини таҳсилу таълимро пеш меорад. Барои татбиқ ва пурра гардидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» тақозо мегардад, ки масъалаи хат ва забони шахсони имконияташон маҳдуд-нобиноёну ношунавоён дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва масъалаҳои таълиму таҳияи адабиёти мувофиқ, инчунин, заминаву рушди илмҳои болозикр дар қонунгузории соҳаи маориф мушаххасу муқаррар гардида, такмилу танзим ва таҳким ёбанд.

Мутобиқи маълумоти расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактаб-интернатҳо барои кӯдакони нобино таълим бо забони тоҷикӣ ва хати брайлӣ ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии нобиноён дар шаҳри Ҳисор чопхона барои нашри китобҳои брайлӣ фаъолият намуда, (то соли 2020) бо истифода аз имкониятҳои техникиву моддии ин муассисаи таълимӣ китобҳои дарсии алифбои синфи 1, забони англисии синфи 3, таърихи халқи тоҷик барои синфи 10, китобҳои бадеӣ, инчунин, бо мақсади огоҳӣ пайдо намудани нобиноён аз бемории COVID-19 «Дастурамали пешгирӣ аз бемории COVID-19» бо хати брайлӣ чоп шуда, дастраси таълимгирандагон гардиданд. Ҷиҳати рушд додани забони имову ишора дар мактаб-интернатҳо барои ношунавоён аз ҷониби мутахассисони сурдопедагог ва мураббиён корҳо пеш бурда мешаванд. Баҳри мустаҳкам намудани забони имову ишора соли 2019 қисми дуюми китоби дарсии забони имову ишора барои хонандагони ношунавои мактабҳои махсус 500 нусха интишор шудааст. Мақсади нашри китоби мазкур таълиму маърифатнок намудани ношунавоён мебошад. Бо хондани китоб ва аз худ намудани имову ишора ношунавоён дар дунёи хеш аз тамоми калима ва ибораҳои забони модарӣ истифода бурда метавонанд. Дар китоби мазкур 515 калимаҳои тоҷикӣ аз “Фарҳанги забони тоҷикӣ” истифода шудааст.

Дар банди 1 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” вобаста ба масъалаи забони таҳсил чунин меъёр муқаррар шудааст: “Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад” [3, 1]. Дар ин масир ҳаминро метавон гуфт, ки татбиқи ин меъёри қонун дар муассисаҳои таълимӣ дар доираи муҳассилини солим бараъло ба назар мерасад, аммо татбиқи он дар доираи шахсони имкониятaшон маҳдуд, аз ҷумла нобиноёну ношунавоён норавшан аст. Дар банди 3 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррарот барои омӯзиши хати арабиасос ва табъу нашри адабиёт бо ин хат пешбинӣ шудааст. Меъёри муқарраршуда барои маърифатнок шудан ва аз хати арабиасос бархӯрдор гаштани шаҳрвандон шароит фароҳам овардааст. Дар баробари ин, агар меъёрҳои алоҳида дар моддаи мазкур вобаста ба масъалаи хати брайлӣ барои нобиноён, адабиёти мувофиқ бо назардошти асосҳои илми дактилология барои ношунавоён пешбинӣ шаванд, ба вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба таҳсили шахсони имкониятaшон маҳдуд-нобиноёну ношунавоён заминаҳои қонунии бештар фароҳам мегарданд. Бо назардошти имкониятҳои мавҷуда, ҳоло ҳам нобиноён ба адабиёти таълимӣ ниёз доранд. Аз сабаби

кам будани маводҳо бо хати брайлӣ шахсони нобино маҷбуранд, нафари солимеро хоҳиш намоянд, то барояшон китобу дигар маводи таълимиро бихонад. Шумораи мактаббачагоне, ки пурра нобиноанд ба 2088 (ба ҳолати моҳи марти соли 2021) нафар мерасад. Пас зарур аст, барои тамъини тамоми нобиноён бо маводи таълимӣ ҳар як китоби мувофиқи таҳсили онҳо бештар аз 2000 нусха интишор шавад. Фарогирии хати брайлӣ васеъ аст, як китоби оддии синфи 3 пас аз баргардон бо хати брайлӣ чор китоб мешавад. Новобаста ба ин, бояд чунин имконият фароҳам оварда шавад, то ин қишри ҷомеа донишу маърифат омӯзанд.

«Дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ таъмин карда мешавад” [3, 2]. Ин меъёр аз моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бар меояд. Дар Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқи таҳсил дорад ва давлат ба он кафолат додааст. Шахсони имконияташон маҳдуди мамлакат, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, тибқи меъёри конститутсионӣ ҳуқуқи таҳсил доранд, инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар муассисаҳои таълимӣ дар баробари нафарони солим омӯзиши забони давлатиро барои онҳо низ ҳатмӣ муқаррар кардааст. Агар таҳияву нашри маводҳои таълимӣ оид ба омӯзиши забони давлатӣ бо назардошти илмҳои махсуси нобиноёну ношунавоён омода шаванд, омӯзгорону мураббиёни касбӣ забони давлатиро дар заминаи маводҳо ба онҳо омӯзонанд, меъёри моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” пурра татбиқ мегардад. Зарур аст, ки дар моддаи мазкур меъёри алоҳида оид ба тарз ва воситаҳои омӯзиши забони давлатӣ аз ҷониби шахсони нобинову ношунаво дар муассисаҳои таълимии давлатии махсусгардонидашуда бо назардошти таҳияи маводу адабиёт бо хати ба онҳо мувофиқ пешбинӣ шавад.

Таъмини имову ишора ва аломатҳо дар коммуникатсия, ки бевосита шахсони имконияташон маҳдуд-нобиноёну ношунавоён аз онҳо истифода менамоянд, масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Маълумотнок гардидани нобиноён нахуст зарурати рушду таҳкими илми “Дактилология”-ро пеш меорад. Дактилология аз истилоҳи юнонии “daktilos”-ангушт, “loos”-калима гирифта шуда, маънои системаи ҳарфҳои рақамиро ифода мекунад. Яъне алифбои ангуштҳо. Дактилология ва дигар илмҳои педагогӣ дар давлатҳои аврупоӣ, дар Федератсияи Россия дар ҳоли рушд аст. Муҳаққиқон ва омӯзгорони рус, ки дар ин соҳа фаъолият доранд, барои маълумотнок гардидани ношунавоён ва тезу осонтар муошират намудани онҳо ба соҳа навоварӣ мехоҳанд. Дар заминаи асосҳои дактилологӣ тарзҳои нави таълимдиҳиро ба роҳ монда, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гаштаанд. Пас аз таҷрибаҳо ба хулоса омаданд, ки илмҳои дактилологӣ ба рушди равонӣ ва иҷтимоии ношунавоён мусоидат мекунад: “Использование жестовой речи способствовало умственному и социальному развитию глухого” [4,1]. Нутқи дактилӣ муҳимтарину муассиртарин воситаи расидан ба мақсадҳои асосии таълим, ташаккул ва инкишофи нутқи ношунавоён мебошад. Дар роҳраву нақлиёт, дар коргоҳу муассисаҳои таълимӣ талаботи коммуникатсионии нобиноёну ношунавоён бо назардошти асосҳои илмҳои педагогӣ, бахусус доктилологӣ ва имкониятҳои дигари онҳо бояд таъмин бошанд.

Хулоса, забон ганҷинаи ҳастӣ ва муарририфгари давлату миллат аст. Хат муҳимтарин василаи дарк ва омӯзиши забон аст. Бинобар ин, хуб омӯхтану донистан ва арҷ гузоштан ба забони давлатӣ барои ҳар як шаҳрванд шарт ва зарур аст. Аз ин рӯ,

тақозо мегардад, ки забони давлатӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа дар тарз ва шаклҳои зарурӣ, инчунин, бо назардошти маводу адабиёти мувофиқ таҳия гардида, дастрас бошад. Ҳамагонро зарур аст, ки барои пойдорию устувории ин ганҷинаи бебаҳо талош варзем ва бояд ин рукни мустаҳкамтарини миллатамонро чун мероси ниёгон ва сармояи маънавии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳифз намоем.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 6. 11. 1994 (2016), –64 саҳ.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон». –Душанбе, 29. 12. 2010, №675.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», –Душанбе, 05. 10. 2009, №553.
4. Г. А. Карпова. Основы сурдопедагогики. –Екатеренбург, 2008, –354 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. –432 саҳ.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», –Душанбе, 22. 07. 2013, №104.
7. И. Г. Багрова, Т. Г. Богданова, Е. А. Большакова, М. А. Зыкова, Ю. А. Костенкова, Е. П. Кузьмичева, Е. Ю. Малеванов, Л. П. Носкова, Е. В. Пархалина, Л. А. Плуталова, Н. В. Покровский, Е. Г. Речицкая, И. В. Речицкий, Л. И Руленкова, И. Л. Соловьева, К. И. Туджанова, Л. А. Черкасова, Е. З. Яхнина. Сурдопедагогика. –Москва, 2004, –652 с.
8. И. Ю. Левченко, Н. А. Киселевой, С. Д. Забрамная, Т. Г. Богданова, Т. Н. Волковская, Т. А. Добровольская, Л. И. Солцева, В. В. Ткачева. Психолого–педагогическая диагностика. –Москва, 2003, – 320 с.

## ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПИСЬМЕННОСТИ И ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА ЛИЦ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ – СЛЕПЫХ И ГЛУХИХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ВАЛИЕВ ДАВЛАТЁР ГАФОРОВИЧ,**
докторант (PhD),
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734025, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33;
Тел.: (+992) 937 88 68 50. E-mail: valievdavlatyor@gmail.com

Особое значение имело рассмотрение вопросов правового регулирования письменности и государственного языка лиц с ограниченными возможностями, в том числе слепых и глухих в Республике Таджикистан. Актуальность темы проявляется в том, что эта социальная группа, наряду с тем, что имеет право на реабилитацию, имеет в целом право на социальную защиту, должна иметь право и на письменность и язык, обучение и информацию, коммуникации и так далее. В законодательстве о государственном языке можно увидеть недостатки для лиц с ограниченными возможностями – слепых и глухих. Целью обсуждения темы и подготовки статьи является выявление недостатков письменности и языка в законодательстве в области государственного языка для глухих и слепых, и были предложены мысли и мнения в решении проблем в этом деликатном вопросе.

***Ключевые слова:*** *письменность, язык, слепые, глухие, закон, обучение, информация, защита, социальное обеспечение, шрифт по системе Брайля, жесты, выражения.*

# ISSUES OF LEGAL REGULATION OF THE SCRIPT AND STATE LANGUAGE OF PERSONS WITH DISABILITIES - BLIND AND DEAF PEOPLE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**VALIEV DAVLATYOR GAFOROVICH,**
doctoral student (PhD,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
Address: Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 937-88-68-50. E-mail: valievdavlatyor@gmail.com

*Consideration of the issues of legal regulation of the script and the state language of persons with disabilities, including the blind and deaf in the Republic of Tajikistan in the current situation is of great importance. The urgency of the issue is reflected in the fact that this social group, in addition to the right to health, labor, and social protection in general, should have the right to writing and language, education and information, communication and so on. Legislation on the state language has shortcomings in the regulation of writing and language for people with disabilities, such as the blind and deaf. The purpose of the discussion of the topic and the preparation of the article is to identify the shortcomings of writing and language in the legislation in the field of the state language for the deaf and blind and provide feedback on how to overcome the existing problems..*

***Key words:*** *script, language, blind, deaf, law, training, information, social protection, Braille line, gestures, concept.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 004.9**

# ИНФОРМАЦИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ - ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ СТАБИЛЬНОСТИ ОБЩЕСТВА

**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**
доктор философских наук, профессор,
член Центральной комиссии
по выборам и референдумам Республики Таджикистан
г. Душанбе, пр. Рудаки 42
Тел.: (+992) 918-63-97-54. E-mail: makfirat@mail.ru

*Статья посвящена анализу актуальной проблемы современности – информационному обеспечению политических процессов в современном обществе. Автор уделяет особое внимание анализу таких вопросов, как информационное обеспечение, информационное противодействие, информационное управление, а также выявлению эффективных механизмов обеспечения информационного противодействия в условиях нарастания информационных угроз. На примере Республики Таджикистан анализируется процесс реального информационного обеспечения избирательного процесса.*

***Ключевые слова:*** *информация, информационное противостояние, информационное общество, информационная атака, информационное обеспечение, угроза, стабильность, манипуляция, ассиметричная информация, содержание информации, система ценностей.*

Глобализация со своими особенностями как необратимый процесс охватывает все страны планеты, в связи с чем, происходят структурные, содержательные и институциональные трансформации. Практика показывает, что именно эти влияния привели к значительным изменениям в политической и социальной жизни народов, наций и государств. В этом процессе особо чувствуется развитие информационного общества. По мнению российских ученых А.В. Манойло, А. И. Петренко и Д. Б. Фролова, «трансформация традиционной системы общественных отношений в систему отношений информационного общества приводит к полной трансформации существующей системы ценностей индустриального общества, многополярности геополитического пространства и приводят к геополитическим конкурентным преимуществам» [2, С.12]. С точки зрения содержания и функциональности, если мы сравним эти изменения, то увидим, что изменения, произошедшие в этом контексте, являются фундаментальными и всеобъемлющими, а трансформация совокупности ценностей приводит к значительным изменениям в политической среде. Этот процесс активно влияет на характер, скорость и сущность политических процессов в обществе.

Окинавская хартия глобального информационного общества гласит, что «информационные и телекоммуникационные технологии являются одним из наиболее важных факторов, влияющих на формирование общества двадцать первого века. Их революционное влияние распространяется на образ жизни людей, их организации и деятельность, а также на взаимодействие между государством и гражданским обществом» [3]. Из этого можно сделать вывод, что вся жизнь человека меняется под воздействием информации, а также меняются его интересы, позиция, мнение, ценности и нормы социального поведения.

В связи с этим информация занимает особое место и роль в системе ценностей, необходимых для общества, и усиливает свои позиции во всех политических и социальных процессах и даже в повседневной жизни людей. В современном обществе информация - это средство обеспечения безопасности и стабильности, ресурс власти, ее поддержания и содействия устойчивому развитию. Ценность информации возросла до такой степени, что она занимает одну из лидирующих позиций в системе ценностей общества.

Ценность информации в наше время - бесспорный факт, так как информация стала инструментом управления всеми отношениями в мире. Появление термина «информационный менеджмент» неспроста, это выражение позиции информации в процессе управления обществом. В связи с этим следует отметить, что информация - это надежная ценность, сила и ресурс, владение которыми позволяет субъекту регулировать и управлять развитием общества.

В современной политологии широко используются термины «информационная безопасность», «информационная среда», «информационная атака», «информационное сопротивление», «информационные системы», «информационные войны», «сетевые войны», «информационные технологии», «обработка информации» и др., что является признаком особого положения информации в обществе. Информация даже влияет на формирование содержания общества в целом. Русский ученый В.Д. Попов отмечает, что «информационное общество - это форма развития постнеоклассической цивилизации» [4, С.3]. Отсюда следует, что информация даже признана средством формирования новой человеческой цивилизации, а информационное общество - это новый этап в развитии человечества.

В то же время М. Кастельс различает понятия «информационный капитализм» и «информационная экономика» [1, С. 81], что само по себе является признаком многогранного и всестороннего признания информации в обществе. Другими словами, информация сейчас важна не только как политический инструмент и ресурс, но и как важный и необходимый экономический фактор.

При таком описании информации одним из наиболее важных вопросов является информационное обеспечение социально-политических процессов в обществе.

По нашему мнению, информационное обеспечение - это деятельность по разработке, обработке, сбору и распространению информации по определенному направлению политических процессов в обществе, и требует высокого уровня профессионализма и технических средств, с помощью которых информация передается получателю, то есть обществу. Другими словами, это еще называют коммуникационной и информационной активностью.

Социальные и психологические аспекты очень важны в процессе информационного обеспечения. По мнению В.Д. Попова, «социальная и психологическая информация не только отражает содержание социальных явлений, но и должна отражать установки индивидов, групп и коллективов через выражение их интересов, норм, воли и чувств.

Социально-психологическая информация - это совокупность знаний, информации о ситуации, деятельности и тенденциях в развитии отношений между субъектом и объектом и субъектом и субъектом в обществе. В частности, это совокупность знаний о потребностях, интересах, чувствах, отношениях, мыслях и мотивах поведения и действиях людей” [1]. Помня об этом важном требовании, важно учитывать характер информационного обеспечения.

В связи с информационным обеспечением существует еще одна особенность информационного общества - управление информацией.

Управление информацией - это процесс разработки и внедрения мер управления ситуации, когда влияние менеджера незаметно, а организация предоставляет общую информацию о ситуации. Соответственно и объект управления определяет свою позицию. Важность этого действия заключается в том, что предоставленная информация может быть противоречивой и неустойчивой перед лицом информационных атак со стороны оппозиции [2, С. 413].

Управление информацией должно иметь ряд важных функций. Это срочность, скорость, технологические и человеческие ресурсы, адаптивность, использование асимметричной информации и облегчение адаптации.

Во время эскалации атак и информационных войн управление этим огромным ресурсом должно основываться на четкой стратегии, поскольку это деятельность, которая может подорвать эффективность информационных атак противника на двух фронтах - как оборонительном, так и наступательном. В связи с этим в современном информационном обществе эффективное управление может помочь в достижении цели. Определение системы использования информации, классификация ее содержания в зависимости от политической цели, иерархии ее использования, продолжительности информационных атак, предоставление технологии человеческих ресурсов и ее научная и практическая осуществимость могут сделать процесс управления более эффективным в условиях информационной конкуренции. Эти аспекты также были признаны компонентами при разработке стратегий информационного противодействия.

В разгар информационной и психологической борьбы важно разработать правильную стратегию информационного противодействия. Необходимо учитывать средства обеспечения информационного и психологического превосходства, находить методы адресного информационного и психологического воздействия, необходимое содержание, психологическую и политическую обработку информации при реализации информационного противодействия.

Информационное противодействие - это соперничество социальных систем в области информации и психологии с целью влияния на ту или иную область социальных отношений и установления контроля над стратегическими источниками, в результате чего один участник получает преимущество, а другой проигрывает. Целью информационного противодействия является обеспечение национальных интересов в области информации и психологии [2, С. 413].

В связи с предлагаемым описанием следует отметить, что информационное противодействие - важный механизм обеспечения информационной безопасности в условиях эскалации латетных геополитических конфликтов. Эскалация информационных атак, особенно во время важных политических кампаний, включая выборы, в наше время стала обычным явлением. Поэтому информационное сопротивление посредством реализации адресных мер может обеспечить эффективность психологической и информационной борьбы в этой сфере.

На наш взгляд, в процессе организации и реализации данной формы информационной деятельности, необходимо учитывать следующие особенности, а именно:

**- суть современного информационного общества, в котором мы живем:**

- **содержание информации, предоставленной как средство противодействия**. Предоставляемая информация должна быть независимой, рациональной, целевой и психологически ориентированной на широкую аудиторию. Политически и юридически обоснованные материалы, которые отражают реальность ситуации с точки зрения человека, непосредственно вовлеченного в процесс, а не сфабрикованы кем-либо, могут оказать влияние на более широкую аудиторию. Напротив, материалы, не соответствующие этим требованиям, снижают уровень информационной устойчивости, ослабляют ее эффективность и снижают уровень эффективности борьбы в информационном пространстве;

- **соблюдение этики дискуссии и культуры общения в процессе информационного сопротивления**. Информационная борьба оказывает сильное психологическое воздействие. Основная цель информационных и психологических атак - сыграть на эмоции объекта, спровоцировать, обмануть, мотивировать и заставить его действовать агрессивно. Поэтому в процессе «ответов» или демонстрации информационного сопротивления участники этого поля боя часто используют нецензурную лексику, унижающую человеческое достоинство. С одной стороны, это показатель достижения цели вывести объекта из состояния психологического равновесия, с другой стороны, это показатель уровня политической культуры объекта. Если мы посмотрим на проблему с точки зрения информационной эффективности, сопротивление, проявленное в контексте высокой культуры, более эффективно, чем эмоциональная реакция;

- **техническая и кадровая поддержка необходимого уровня**. Важным и необходимым фактором информационного противодействия является его техническое и кадровое обеспечение. Реальность нашего времени такова, что информационные и коммуникационные технологии быстро развиваются. Этот процесс логически отражает действительно высокий уровень информационной борьбы в эпоху глобализации. Ежедневно развивающиеся разработки в этой области требуют постоянного прогресса как в плане технологических, так и человеческих ресурсов. Это подтверждается нашей повседневной реальностью.

На основании приведенного выше теоретического анализа политического опыта Таджикистана можно доказать, что организация надлежащего информационного сопротивления, в зависимости от различных факторов, может обеспечить его эффективность.

Нынешний этап государственного строительства совпадает с периодом, когда информационные атаки происходят по всем направлениям. Это стало обычной практикой иностранных оппозиционных сил и геополитических игроков. Они игнорируют процессы развития, происходящие в различных сферах, и используют различные информационные, психологические и технологические средства для ослабления мощи государства. Такие атаки до некоторой степени носят постоянный характер и могут встречаться ежедневно через социальные сети и веб-сайты. Однако опыт показывает, что поток необъективной информации набирает обороты, особенно в то время, когда происходят политические кампании и важные политические события. В этой связи в качестве примера можно привести предвыборную кампанию Президента Республики Таджикистан, прошедшую 11 октября 2020 года.

Информация, предоставленная в ходе избирательного процесса в Таджикистане, значительно способствовала информационному сопротивлению в этой сфере. Анализ

ситуации в ходе избирательной кампании выявил ряд действий, свидетельствующих о наличии интенсивной информационной борьбы в этой сфере. Включая:

- информационные атаки экстремистских и террористических группировок за пределами страны в лице членов бывшей террористической организации «Партия исламского возрождения», «Паймони милли» и др. Целью их активной информационной атаки было сорвать избирательный процесс, посеять недоверие среди людей, создать хаос с помощью лжи, политического мошенничества, популизма и других деструктивных действий, которые подрывают избирательный процесс, а также стабильность и безопасность общества. Эти экстремистские и террористические силы регулярно проводили информационные атаки перед выборами, но удвоили свои усилия в период выборов;

- провокационные действия внутренних сил путем использования манипуляций и социальных сетей, целью которых было создание атмосферы недоверия и введение людей в заблуждение;

- через прямые стимулы и финансирование со стороны некоторых зарубежных СМИ, таких как Радио "Свобода" в Таджикистане, которые объявили конкурс на лучшую фотографию или видео о выборах. Для так называемых «победителей» парламентских выборов был материальный стимул. На президентских выборах они хотели продолжить эту работу. Эта форма информационной борьбы подразумевает деятельность иностранного субъекта, которая осуществляется с целью создания условий для побуждения государственных органов к действиям, необходимым внешнему субъекту с информационной точки зрения. Однако такая практика может иметь серьезные политические последствия.

Цель этих запланированных информационных атак состояла в том, чтобы создать нестабильную информационную и психологическую среду, подорвать политическую стабильность в стране, поставить под сомнение результаты выборов и легитимность правительства.

Анализ активности пользователей социальных сетей в этой сфере показывает, что информационное сопротивление общества сыграло значительную роль в отражении всех этих атак. В связи с этим можно выявить некоторые особенности проявления информационного противодействия при помощи социальных сетей.

Во-первых, асимметричный характер информационного противодействия. В науке асимметричное информационное сопротивление или информационная атака относится к активности информации, которая достигается путем нанесения информационного удара относительно слабой и незащищенной точке противника. Это информационное сопротивление, независимо от его эмоциональных аспектов, могло ослабить атаки как извне, так и изнутри. Нельзя ничего сказать о полной неэффективности внешних и внутренних информационных атак, так как они затрагивают определенный сегмент общества и способствуют формированию их отношения к политическим процессам в обществе. Это может привести к противодействию, политической апатии или другим формам поведения и социальному насилию.

Во-вторых, сильный содержательный аспект предоставленной информации. Например, публикация десятков и сотен научных, аналитических, теоретических статей, отчетов о реальном ходе кампании, организация масштабных информационных кампаний и распространение огромного количества достоверной информации в ходе

важного политического мероприятия, помогло укрепить политическую среду о характере процесса. Однако в социальных сетях все еще было много случаев эмоциональных откликов, далеких от этики общения и культуры дебатов.

Выявленные особенности процесса информационного и психологического сопротивления на разных этапах выборов в Таджикистане свидетельствуют о том, что наша страна также находится на арене борьбы и информационных войн. Данная ситуация вынуждает принимать необходимые меры по самообороне с учетом сложившейся ситуации.

Таким образом, анализ проблемы информационной обеспеченности политических процессов в современном мире показывает, что в нынешних условиях развития информационного общества наряду с другими своими качествами, информация становится важным ресурсом, обеспечивающим стабильность политических процессов в обществе.

**Литература:**


1. Кастельс М. Информационная эпоха.- М., 2000. –С.81-152
2. Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Государственная информационная политика в условиях информационно-психологической войны. – М., 2017. –С. 12.
3. Окинавская хартия глобального информационного общества. Принята 22 июля 2000 года лидерами стран G-8, Окинава, 2000г.
4. Попов В.Д. Тайны информационной политики.- М., 2003. – С.3.


# ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ РАВАНДҲОИ СИЁСӢ - ОМИЛИ ТАҲКИМИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕА


**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Комиссияи маркази интихобот
ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
Тел.: (+992) 918-63-97-54. E-mail. makfirat@mail.ru



*Мақола ба таҳлили масъалаи муҳимми замони муосир – таъминоти иттилоотии равандҳои сиёсӣ дар ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф ба таҳлили чунин масъалаҳо аз қабили таъминоти иттилоотӣ, муқовимати иттилоотӣ, идоракунии иттилоотӣ, инчунин муайян намудани механизмҳои самараноки таъмини муқовимати иттилоотӣ дар шароити авҷи ҳуҷумҳои иттилоотӣ диққат додааст. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди воқеии таъминоти иттилоотии маъракаи интихоботӣ таҳлил карда шудааст.*



***Калидвожаҳо:*** *иттилоот, муқовимати иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, ҳуҷуми иттилооотӣ, таъминоти иттилоотӣ, таҳдид, субот, назарфиребӣ, иттилооти ассиметрӣ, мазмуни иттилоот, низоми арзишҳо.*


# INFORMATION SUPPORT OF POLITICAL PROCESSES - A FACTOR OF STRENGTHENING SOCIETY STABILITY


**KHIDIRZODA MAHFIRAT UMAR,**
Doctor of Philosophy, Professor,

Member of the Central Commission for Elections and
Referendums of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 42, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 918-63-97-54. E-mail. makfirat@mail.ru

*The article is devoted to the analysis of an urgent problem of our time - information support of political processes in modern society. The author pays special attention to the analysis of such issues as information support, information countering, information management, as well as identifying effective mechanisms for ensuring information countering in the context of growing information threats. It is analyzed the process of real information support of the electoral process on the example of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *information, information confrontation, information society, information attack, information support, threat, stability, manipulation, asymmetric information, information content, value system.*

**УДК: 327.3**

# НАЗАРЕ БА ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ СИЁСИИ РОССИЯ ДАР БУХОРО

**РОЗИҚЗОДА АБДУЛҲАКИМ ШЕРАЛӢ,**
доктори илмҳои таърих, профессор,
раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Шевченко 39,
Тел.: (+992) 918 62 77 44. E-mail: roziqzoda_a@mail.ru

*Дар мақола дар бораи муносибатҳои байни Россия ва Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, бахусус фаъолияти як ниҳоди сохтории Вазорати корҳои хориҷии Россия Агентии сиёсии Россия дар Бухоро (1886-1917) сухан меравад.*

*Дар солҳои 60-уми асри XIX дар натиҷаи забткориҳои Россия Аморати Бухоро аз як қатор заминҳои худ маҳрум гардида, мустақилияти худро аз даст дода, ба як давлати ниммустамликаи империяи Россия табдил ёфт. Аморати Бухоро дигар ҳуқуқи мустақилона бурдани сиёсати хориҷиро надошт. Акнун Россия назоратро аз болои амир ва ҳукуматаш пурзӯр намуда, ба тамоми корҳои аморат дахолат мекард.*

*Зиёда бар он, охири соли 1885 император Александри III барои ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои сиёсию иқтисодии Россия дар аморат, дар бораи таъсиси Агентии сиёсии Россия дар Бухоро фармон имзо намуд. Аз ин ба баъд тамоми масъалаҳои муносибатҳои байнидавлатӣ маҳз бо миёнаравии ҳамин ниҳод, ки яке воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои хориҷии Россия маҳсуб меёфт, амалӣ мегардид.*

*Фаъолияти Агентии сиёсии Россия дар Бухоро ба ҳимояи манфиятҳои Россия нигаронида шуда бошад ҳам, дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии Аморати Бухоро нақши муҳим бозидааст. Дар баробари ин, Агентии сиёсии Россия дар зери таъсири таҳаввулоти сиёсии дар Россия рухдода, нисбат ба дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва бахусус ҳаракати ҷадидҳо-ислоҳотхоҳон на ҳамеша мавқеи дақиқу рӯшан ва прогрессивиро ишғол намудааст.*

*Дар тӯли беш аз 30 сол ба ин ниҳод шахсони гуногун, вале фарзандони содиқу сарсупурдаи Россия роҳбарӣ кардаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Империяи Россия, Агентии сиёсӣ, Туркистон, Бухоро, амир, қушбегӣ, ҷадидия, ислоҳот, резиденсия, намоиш, аксулҳаракат.*

Муҳаққиқону донишмандон, сайёҳон, низомиён ва намояндагони касбу кори гуногун чи дар гузашта ва чи имрӯз, ҳам аз Россия ва ҳам аз Осиёи Марказӣ пиромуни муносибатҳои Россия ва Аморати Бухоро хеле зиёд навиштаанду боз хоҳанд навишт. Бо вуҷуди он, баъзе мавзӯъҳое ҳастанд, ки ҳанӯз ҳам пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд ва манзури мо фаъолияти Агентии сиёсии Россия дар Бухоро (минбаъд- Агентӣ) мебошад.

Пеш аз ҳама, бояд як нуктаро зикр намуд, ки дар бораи фаъолияти ниҳоди мазкур дар Аморати Бухоро муҳаққиқон дар замони шӯравӣ бисёр навишта бошанд ҳам, бо якчанд сабабу омилҳо ҳақиқатро пурра гуфта наметавонистанд. Зеро агар аз як тараф маводи бойгонӣ дар ин мавзӯъ ба онҳо камтар дастрас бошад, аз ҷониби дигар, идеологияи ҳукмрони вақт ва наранҷидани «бародари калонӣ», муҳаққиқон на ҳамеша ҷуръат доштанд, ки ҳақиқатро инъикос намоянд.

Хушбахтона имрӯз бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои дастрасии муҳаққиқон ҳатто ба ҳуҷҷатҳои дар гузашта махфибудаи бойгониҳо бештар гардидааст ва дар ин замина месазад, ки ба баъзе мавзӯъҳои камомухташудаю саҳифаҳои

норӯшани таърихи халқамон бо диди наву тоза назар андозем. Чунончи, дар бойгонии собиқ Вазорати корҳои хориҷии Россияи подшоҳӣ фонди махсуси махфӣ зери унвони Бухоро барқияҳои агентҳои сиёсӣ ва резидентҳо таҳти парвандаи №1753 маҳфуз аст, ки дар он садҳо барқияҳо мавҷуданд [5]. Ин барқияҳо вазъияти мураккабу нобасомони аморатро дар соли 1917, фаъолияти Агентӣ, ҳукумати амир, муносибати амалдорону рӯҳониёнро нисбат ба ҳаракату ҷараёнҳо бахусус ҷадидон ва ғ. бозгӯ мекунанд. Баъзеи ин ҳуҷҷатҳо дар таърихнигории тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар таърихнигории замони шӯравӣ дар бораи фаъолияти ин ниҳод баъзе муҳокимаронию ишораҳоро дар асарҳои устод Садриддин Айнӣ [1, 2, 3, 4], А.И.Ишанов [8-9], Т.Г.Тухтаметов [21], Б.И.Искандаров [7] ва Ф.К.Касимов [10] пайдо кардан мумкин аст. Аз муаллифони зикршуда танҳо устод Айнӣ, ки бевосита бо кормандони Агентии сиёсии Россия дар Бухоро шиносоӣ ва борҳо бархӯрдҳо доштааст, нисбат ба сиёсати мустамликавӣ ва баъзан мавқеи зиддидемократиро ишғол намудани онҳо бо ҷуръат ва бепарда (албатта, он таҳқиқоти алоҳидаро мехоҳад) сухан рондааст.

Дар таърихнигории муосир дар бораи фаъолияти Агентӣ баъзе андешаҳои тозаро дар навиштаҳои муҳаққиқон О.А.Чернов [25,с.5], Р.Ю.Почекаев [15,с.10], Н.Б.Ҳотамов [23,с.2] пайдо кардан мумкин аст. Қобили зикр аст, ки муаллифони номбурда низ ба таҳқиқи фаъолияти ин ниҳод махсус машғул нашудаанд, балки зимни омӯзиши дигар масъалаҳо ба фаъолияти он дахл кардаанд. Акнун, ки дастрасӣ ба сарчашмаҳои сершумор имконпазир гардидаасту имконияти фаъолияти ин ниҳодро аз диди нав ва воқеъбинона арзёбӣ намудан фароҳам омадааст, мо кӯшиш намудем оид ба фаъолияти Агентӣ, ки дар пешбурди муносибатҳои Россия бо Аморати Бухоро нақши муҳим ва дар баъзе мавридҳо ҳалкунанда бозидааст, нуқтаи назар ва андешаҳои хешро иброз намоем.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки Россияи подшоҳӣ баъди шикасти худ дар ҷанги Қрим (аз 4 октябри соли 1853 то 18 марти соли 1856) ва коста гардидани обрӯйи байналмилалиаш мехост аз ҳисоби истило кардани як қатор заминҳои Осиёи Миёна худро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун як империяи абарқудрат аз нав намоиш диҳад. Ин буд, ки миёнаи солҳои 60-уми асри XIX Россия бар зидди хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Аморати Бухоро амалиётҳои ҳарбӣ оғоз намуда, вориди набард шуд.

Ҷанги Россия бо Аморати Бухоро, ки дар давраи ҳукмронии амир Музаффар (1860-1885) сурат гирифта буд, бо шикаст хӯрдани аморат ва имзои шартномаи сулҳи 23 июни соли 1868 анҷом ёфт. Имзои ин шартнома обрӯйи амирро дар байни аҳолии мамлакат ва давлатҳои ҳамсоя хеле коста гардонид ва амир Музаффар аз ғояти шармсорӣ ба шаҳри Бухоро ворид нашуда, Карминаро қароргоҳи минбаъдаи худ интихоб намуд. Ҳарчанд, ки шартномаи 23 июни соли 1868 аз ҷониби император Александри II тасдиқ нашуда, дар ягон маҷмӯаи қонунҳо ва шартномаҳои байнидавлатии Россия мунташир нашуда бошад ҳам, вале маҳз ҳамин шартнома барои ба тобеияти Россияи подшоҳӣ гузаштани Аморати Бухоро асос гузоштааст. Зеро тибқи ин шартнома, амир Музаффар шикасти худро аз Россия эътироф намуда, ба маблағи 50 ҳазор тангаи тилло ва 19 ҳазор тангаи нуқра товони ҷанг дода, аз як қатор музофотҳои худ маҳрум гардид. Минбаъд амири Бухоро аз бурдани муносибатҳои мустақилонаи дипломатӣ бенасиб гардида, миқдори сарбозони артиши худро кам карда [23, с.12-13], шукуҳу шаҳомат ва шаъну шавкати худро ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр аз даст дод. Аморати Бухоро акнун, амалан, яке аз «губернияҳои гапдаро»-и Россияи

подшоҳӣ гардида, бо иқрори яке аз генерал-губернаторҳои Туркистон амир ба «яке аз беҳтарин сардорҳои уезди ӯ...» [12, с.5], табдил ёфтааст. Дахолати Россия ба корҳои дохилии аморат, ки ба воситаи Агентӣ амалӣ мегардид, хусусан дар давраи салтанати амир Олимхон зиёд гардида, характери ошкоро касб намуд. Ба ғуломи ҳалқабаргӯши Россия табдил ёфтани амир Олимхонро устод Айнӣ возеҳтару нишонрастар чунин баён кардааст: «Абдулаҳад бошад, писари худ Миролимро дар вақти хурдсолиаш ба дарбори император фиристод, ки ӯ дар он ҷо ғуломи ҳалқабаргӯши колонизаторон шуда тарбия ёфт» [3, с.310].

Ба андешаи мо Александр II шартномаи 23 июни соли 1868 байни Россия ва Аморати Бухороро танҳо бо дарназардошти тезу тунд нагардонидани муносибатҳо бо Англия, ки дар Осиёи Миёнаву Афғонистон манфиатҳои худро дошт, ба тасвиб нарасонид. Бо вуҷуди ин, минбаъд муносибатҳоро бо Аморати Бухоро густаришу тақвият дода, тамоми фаъолияти амиру амалдоронашро таҳти назорати ҷиддии худ қарор дод. Аз ин ба баъд, махсусан робитаҳои берунаи Аморати Бухоро бо давлатҳои ҳамсоя, сафирону сайёҳоне, ки аз кишварҳои хориҷӣ вориди аморат мешуданд, таҳти таҳқиқу назорати ҳамаҷонибаи Россияи подшоҳӣ қарор гирифт.

Дар сатҳи роҳбарияти олии Россияи подшоҳӣ низ дар муносибат бо Аморати Бухоро ягонагию ҳамфикрӣ мавҷуд набуд. Чунончи, вазири ҳарбии Россия Д.А.Милютин тарафдори он буд, ки кишвараш дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ амалиётҳои фаъоли ҷангӣ дошта бошад. Баръакси ӯ, вазири корҳои хориҷӣ А.М.Горчаков намехост, ки Россия бо Англия дар ин минтақаҳо бархӯрд намуда, муносибатҳо тезу тунд гардад ва бинобар ин, ҳамеша императорро дар муносибат бо кишварҳои Осиёи Миёна ба эҳтиёткорӣ ҳидоят мекард [14, с.14].

Дар муносибатҳои байни Россия ва Аморати Бухоро сардиҳо ва номуайяниҳо хеле зиёд буданд. Чунончи, амир Музаффар мехост, ки масъалаҳои байнидавлатиро бевосита бо худи император ҳаллу фасл намояд, вале генерал-губернатори Туркистон бо исрор талаб мекард, ки ҳамагуна муносибати Аморати Бухоро бо Россия танҳо ба воситаи ӯ анҷом пазирад [12, с.13-18]. Албатта, чунин талабот чи аз тарафи амир ва чи аз ҷониби Россия на ҳамеша риоя мегардид.

Бо мақсади танзим ва ҳимояи бештари манфиатҳои сиёсию иқтисодии Россия дар Аморати Бухоро император Александри III (1881-1894) 12 ноябри соли 1885 дар бораи таъсиси Агентии сиёсии императории Россия дар Аморати Бухоро фармон баровард. Худи калимаи «агентӣ» дар луғатҳо низ ҳамчун шуъба ё намояндагии маҳаллии ниҳоди марказӣ, ки супоришҳои онро иҷро мекунад, шарҳу тавзеҳ шудааст [25, с.52-56] ва Агентии сиёсии Россия дар Бухоро намояндагии Империяи Россия маҳсуб ёфта, як ниҳоди сохтории Вазорати корҳои хориҷии Россия буду ҳамзамон дар итоати вазири корҳои хориҷӣ ва генерал-губернатории Туркистон низ қарор дошт [14, с.16]. Акнун минбаъд тамоми муносибатҳои Санкт-Петербург ва Тошкент бо Аморати Бухоро танҳо ба воситаи ҳамин ниҳод роҳандозӣ мегардид. Аз натиҷаи ин муносибатҳо ва дастуру ҳидоятҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, Агентӣ вазифадор буд, ки генерал-губернатории Туркистонро ҳатман огоҳ намояд ва дар ҳаллу фасли масъалаҳо ҳар ду ниҳод дар мувофиқа ва якҷоя амал мекарданд. Дуҳӯрагии тобеияти ин ниҳод, яъне дар итоати ҳам Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳам генерал-губернатори Туркистон қарор доштани он борҳо боиси ихтилофу нофаҳмиҳо байни Санкт-Петербургу Тошкент ва ҳам Бухоро гардида буд [17]. Агентӣ ҳамчун воҳиди сохтории Вазорати корҳои хориҷӣ ниҳоди татбиқкунандаи сиёсати мустамликавии Россияи подшоҳӣ дар аморати Бухоро буд.

Агентӣ, амалан, аз 1 январи соли 1886 бо сардории Н.В.Чариков ба фаъолият оғоз намуд. Таъсису оғози фаъолияти ин ниҳод маънои онро дошт, ки мақоми амири Бухоро дар назди Россия аз вассал болотар, вале аз давлати мустақил поёнтар мебошад, чунки Агентӣ аз мақоми консули генералӣ болотар, вале на ҳамчун сафорат дар як давлати мустақилу соҳибихтиёр буд [17].

Барои фаъолияти пурсамари ин ниҳод амир Абдулаҳад, ки ба қарибӣ ба тахт нишаста буд, яке аз биноҳои хуштарҳу зебои Бухороро ҷудо намуд ва тамоми хароҷоти Агентӣ, аз ҷумла пардохти маоши ҳайати хизматрасон, сарбозони муҳофиз ва дастаи казакҳои савораро ба уҳдаи худ гирифт. Минбаъд, соли 1891 аз ҷониби амир барои Агентӣ дар яке аз маҳаллаҳои руснишини Когон, дар наздикии истгоҳи роҳи оҳан як бинои нав сохта шуд ва худи ҳамон сол тамоми кормандони ин ниҳод ба бинои нав кӯчиданд [26. с.23].

Омадани аввалин роҳбари Агентӣ Н.В.Чариковро дар Бухоро хеле ботантанаю бошукӯҳ пешвоз гирифтанд. «Воридшавии агенти мо Чариков ба пойтахти хонигарӣ, навиштааст муаллиф П.П.Шубинский, ниҳоят пурдабдаба сурат гирифт ва дарҳол байни ӯ ва амир муносибатҳои нек барқарор гардид» [26, с.126].

Николай Валеревич Чариков 8 январи соли 1855 дар губернияи Екатеринослав дар оилаи дворянин таваллуд шудааст. Падараш дар замони ҳукмронии Александри II губернатори Вятск ва Минск будааст. То синни 15-солагӣ ӯ дар Шотландия зиндагӣ ва таҳсил кардааст ва аз ин ҷост, ки бо забони англисӣ натанҳо озодона суҳбат мекард, балки асарҳо низ менавишт. Солҳои 1877-1878 дар ҷанги Россия бо Туркия иштирок намуда, барои ҷасораташ мукофотонида шудааст [25]. Соли 1883 ба мансаби дипломатии Генерал-губернатории Туркистон таъйин шуда, соли 1886 ба вазифаи роҳбари Агентӣ таъйин гардидааст. Баъдтар солҳои 1896-1897 мушовири сафири Россия дар Берлин, солҳои 1897-1900 вазир-резиденти Россия дар назди Папаи Рим, солҳои 1900-1903 сафири фавқулодда дар Сербия ва солҳои 1905-1908 сафири фавқулодда дар Голландия таъйин шудааст. Дар фаъолияти кориаш вазифаи баландтарини ӯ ҷонишини (товариш министр) вазири корҳои хориҷии Россия мебошад, ки 25 январи соли 1908 таъйин гардида, дар ин мансаб якуним сол фаъолият кардааст. Дар ин давра, дар мансаби вазири корҳои хориҷии Россия Александр Изволский фаъолият мекард. Аз 23 майи соли 1909 то 26 феврали соли 1912 Н.В.Чариков сафири фавқулодда дар Константинопол (Истамбули ҳозира) таъйин гашта, 26 феврали соли 1912 Н.В.Чариков ҳамчун аъзои Сенат ба Санкт Петербург баргардонида мешавад. Соли 1919 ба Константинопол ҳиҷрат карда, то охири умраш, яъне то 12 сентябри соли 1930 дар ҳамон ҷо зиндагӣ ихтиёр мекунад. Ба таърихи сиккашиносӣ, дипломатияи рус, хусусан муносибатҳои Россияву Туркия дар асрҳои XVII-XX шавқу завқи беандоза дошт. Солҳои зиёд ба кори бойгонисозию бойгонишиносӣ машғул шуда, даҳҳо асарҳою мақолаҳои илмӣ, илмӣ-публисистӣ таълиф намудааст [25].

Таҳти сарварии ҳамин гуна шахси бомаърифат, кордону ботаҷриба Агентӣ ба фаъолият оғоз намуд. Дар ибтидо ба доираи фаъолияти Агентӣ танҳо вазифаи консулгарӣ дохил мешуд, вале баъдҳо доираи ваколату вазифаҳои он хеле васеъ мегардад. Аз ибтидои соли 1893 ба доираи вазифаҳои Агентии сиёсӣ назорати маҳаллаҳои руснишини Аморати Бухоро низ дохил карда мешавад.

Дар байни амалдорони аморат Агентиро, баъзан, «консулхона» ва аксаран ба хусус устод Айнӣ «элчихона» ном мебурданд. Масъулияти таъмини робитаи байни элчихона ва Ҳукумати Бухоро асосан ба уҳдаи қушбегӣ, яъне сарвазири Аморати

Бухоро аз ҷумла, Муҳаммад Шариф (1886-1888), Остонакул-бий (1888-1910) Насрулло-бий (1910-1917) вогузор шуда буд.

Тадриҷан, Агентӣ ба як ниҳоди назоратию ташкилӣ ва ҷосусӣ баҳри татбиқи сиёсати мустамликавии Империяи Россия дар Аморати Бухоро мубаддал гардида, танҳо манфиатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва давлатии Россияро ҳимоя менамуд.

Н.В.Чариков сарфи назар аз ҷавонии худ (он замон 31 сола буд) корро муваффақона оғоз намуда, доир ба сиёсати геополитикии Россия дар Осиёи Миёна нақшаи амиқ тарҳрезишуда ва консепсияи асоснокшудаеро дар даст дошт ва ҳамон вақт ҳақ ба ҷониби ӯ буд, ки мегуфт дар ин минтақа «шери британӣ» назар ба «хирси русӣ» мавқеи ниҳоят заиф дорад [25, с.52]. Яке аз муваффақиятҳои Н.В.Чариков ҳангоми дар Бухоро иҷрои вазифа карданаш ин сохтмони роҳи оҳани Закаспий мебошад ва дар ин бора худи ӯ чунин иброз намудааст. «Дар зиндагиам беҳтарин рӯз ҳамон рӯзе буд, ки поезди аввалин аз Марв ба истгоҳи Чорҷӯй омада расид» [25, с.53]. Қобили зикр аст, ки дар коркард ва таҳияи лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани мазкур ӯ бо олими шинохта С.П.Семён-Тян-Шанский ҳамкории зич дошт.

Дар ибтидои фаъолияти Агентӣ яке аз масоили мубрам, ин мавзӯи озодии ғуломон буд, ки аз банди 5-уми шартномаи 23 июни соли 1868 бармеомад. Дар ибтидои фаъолият барои аз ғуломӣ озод шудан ба Агентӣ даста-даста аризаҳо ворид мегардид. Н.В.Чариков дуруст дарк мекард, ки ин масъала хеле нозук буда, яку якбора онро мусбат ва то охир ҳал намудан кори ниҳоят мушкил мебошад. Ӯ ин масъаларо ҳарчанд то охир ва пурра ҳал карда натавониста бошад ҳам (ва ҳал карда ҳам наметавонист), дар ин самт бисёр корҳоро анҷом дода, боварии мардум ва пеш аз ҳама боварии худи ғуломонро ба даст оварда тавонист.

Дигар масъалаи муҳимму риққатовар ва барои аксари мардум сарпӯшида, ки Н.В.Чариков ҳамчун намояндаи сиёсии Россия дар Бухоро онро, ҷиддан пайгирӣ намуд, ин масъалаи вазъи зиндонҳо дар аморат буд. Ҳамчун дипломат ва намояндаи кишвари нисбат ба Аморати Бухоро мутамаддин дар бораи зиндонҳо, шароити тоқатфарсою зиддиинсонии нигоҳдории бандиён маводи зиёде гирд овард. Бахусус дар бораи «обхона»-ю «канахона»-ном зиндонҳои аморат маводи зиёдеро ҷамъ кард, ки ҳар як шахси ба он шиносшуда, албатта, ба даҳшат меомад. Ба ӯ муяссар гардид, ки ба амир таъсир расонида, зиндониёни «обхона»-и амирро ба зиндонҳои шароиташон нисбатан беҳтар гузаронида, таваҷҷуҳи амирро ба хубтар намудани вазъи беҳдоштӣ, сару либос, хӯрду хӯрок ба бандиён расонидани ёрии тиббӣ ва ғ. ҷалб намояд [25, с.53].

Талабҳои боисрори Н.В. Чариков дар хусуси беҳтар намудани шароити зиндонҳо, буду бош, хӯрду хӯрок ва нигоҳубини бандиён барои амир Абдулаҳад нофорам буд ва онро дахолати Россия ба корҳои дохилии аморат медонист. Абдулаҳадро амалдорон ва аҳолии аморат дастнишондаи Россия медонистанд, зеро валиаҳдӣ ва ба тахт нишастани ӯ бо миёнравии Н.В.Чариков аз ҷониби император Александри III (1881-1894) мувофиқа шуда буд [25, с.53]. Дар нахустин рӯзҳои ба сари қудрат омаданаш амир Абдулаҳад дар яке аз суҳбатҳои хосааш ба амалдори бонуфуз ва сарватманд Остонақул-бий аз назорати Ҳукумати подшоҳии Россия ва дахолаташ ба корҳои дохилии аморат шикоятомезона гила кардааст. Ҳамин далели таърихиро нависандаи тоҷик С.Улуғзода дар романи «Восеъ» чунин ба риштаи тасвир кашидааст: Баъд Аҳадхон аз «мудохилаи намояндагони Россия» ба корҳои дохилии аморат шикоят кард. Ба ин ҷо аз кадом гӯре як нафар одами губурнатури Туркистон омада будааст,

Кари Юсуф[2] ном – гуфт амир, - вай ҳар рӯз Ҷалолиддини тарҷумонро ҷеғ зада, аз номи губурнатур «амир ин тавр кунад, он тавр кунад гуфта, дастурҳо медиҳад. Барои таҳнияти мо як ҳайати сафорати Урусия меомадааст, то омадани ин сафорат ман аз барои хушнудии императур зиндонҳоро обхонаю канахонаро нест кунам, ба мисоли ҳабсхонаҳои нав созонам будааст. Аз Чоруқуф (Н.В.Чариков дар назар аст – Р.А.) ҳам ба ҳамин мазмун мактуб омад... Чоруқуф боз илтимос кардааст, ки маҳбусони сиёсӣ аз обхонаю канахона ба ҳабсхонаи дигар, аз қабили турмаҳои русию фарангӣ кӯчонда шаванд, муҳлати ҳабсашон, хӯроку пӯшокашон муқаррар шавад» [22, с.156-157].

Вақте амир Абдулаҳад аз ҳамсуҳбаташ пурсидааст, ки «... Шумо чи маслиҳат мебинед, бий-додхоҳ, ман ба онҳо чи хел ҷавоб диҳам дуруст мешавад?» Остонақул-бий ҳамчун фарзанди замони худ ва парвардаи муҳити Аморати Бухоро ба амир чунин ҷавоб додааст:» - ҷаноби олӣ худ беҳтар медонед... аммо маслиҳати ин фақир ин аст, ки ба пешниҳоди вакилони Россия не нагӯянд, хуб гӯянд, аммо корро ба ҳар хел баҳона файсал диҳанд, ақиб партоянд... агар мо ҳозир зиндон, обхонаву канахонаро нест кунем душманони ҷаноби олӣ, қотилон, дуздон далер мешаванд. Охир, султоне, ки зиндон, дурраю кундаю занҷир надошта бошад, чӣ султонест? Аз вай кӣ метарсад?» [22, с.157]. Воқеан, ин суҳбат ва муколамаи байни амир Абдулаҳад ва Остонақул-бий, ки С.Улуғзода ба таври бадеӣ тасвир кардааст, заминаи воқеӣ ва таърихӣ дорад.

Агентии сиёсии Россия дар Бухоро агар дар солҳои аввали фаъолият дар тақдири мардуми Бухоро то андозае нақши тараққихоҳона бозида бошад ҳам, баъдҳо дар раванди ҳимояи манфиатҳои мутлақияти подшоҳӣ ва Ҳукумати муваққатии рус зиёдаравиҳо карда, ба як ниҳоди ҷосусии иртиҷоӣ бадал гардидааст. Хусусан, баъди воқеаҳои соли 1917 дар Россия Агентии сиёсӣ пурра ба мавқеи иртиҷоӣ гузашта, таҳти сарварии А.Я. Миллер бар зидди дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ислоҳотхоҳону тараққихоҳон ва рӯшанфикрони Аморати Бухоро тадорукоту таҳрикҳои душманонаро роҳандозӣ кардааст. Маҳз дар давраи роҳбарии А.Я.Миллер Агентии сиёсӣ пурра ба мавқеи зидди рӯшанфикрон-ҷадидҳо гузашта, дар мубориза ва ҷазодиҳии ҷадидҳо-ҷавонбухороиён ташаббускору маслиҳатчии бевоситаи амир Олимхон ва ҳукуматаш буд.

Аз мавқеи душманона, зиддидемократӣ ва муносибати душманонаи Агентӣ нисбат ба ҷавонбухороиён ва дигаргуниҳои дар аморат оғозшудаистода обрӯйи ин ниҳод дар байни ҳам аҳолии Бухоро ва ҳам маҳаллаҳои руснишин, коргарон, сарбозону афсарон хеле коста гардида, ҳисси нобоварӣ нисбат ба кормандони он, бахусус, Миллер зиёд гардид.

Роҳбари Агентӣ Миллер хуб эҳсос мекард, ки зиёд гаштани нобоварӣ ва норизогии мардум ҳаргиз ба манфиати ӯ нахоҳад буд. Вале дар байни аксарияти аҳолии деҳаҳои руснишин афсарону солдатҳои рус ҳисси нобоварӣ ва нафрат нисбат ба Агентӣ, хусусан ба Миллер ва Шулга зиёд гардида, акнун мардум ба онҳо бо назари шубҳа менигаристанд. Аз ин ҷост, ки Миллер дар барқияи 13 марти соли 1917 ба номи вазири корҳои хориҷии Россия фиристодааш вазъияти мавҷударо мулоим карда чунин навиштааст: «...бо назардошти он, ки дар байни аксарияти аҳолии рус нодуруст дарк кардани маънои «агенти сиёсӣ» ва дар ин замина зиёд гардидани ҳисси нобоварӣ... илоҷаш номи «агенти сиёсӣ ба номи Резиденти Россия дар Бухоро» иваз карда шавад»

---

[2] Кари Юсуф – гуфта амир Абдулаҳад капитани штаби генералии Россияи подшоҳӣ, яке аз маъмурони сохтмони роҳи оҳани Закаспий Карасевро дар назар дорад, ки дар байни амалдорони Бухоро бо ҳамон ном маълум буд.

[5, с.37]. Дере нагузашта 17 марти ҳамон сол ин масъала аз ҷониби Ҳукумати муваққатӣ мусбат ҳал гардид, вале аз ин номивазкунӣ вазъият дигар нагардид, ҳатто тамоми ҳайати пештараи кормандон боқӣ монданд.

Баъди чанд вақте бо қарори намоишчиён ва маҷлиси шӯрои коргарон, афсарону солдатҳои шаҳри Когон ва дастаи низомии аз Самарқандомада, бегоҳии 16 апрели соли 1917 Миллер ба ҳабс гирифта шуда, пас аз чанд вақт ба Россия фиристода мешавад [5, с.21]. Баъди Миллер роҳбарии Резиденсия аввал ба уҳдаи Введенский ва баъдан ба дӯши дипломат Чиркин, ки аз Тошкент даъват шуда буд, вогузор мегардад [5, с.21-22]. Резиденсия то тобистон ва тирамоҳи соли 1917 фаъолият карда, пас аз инқилоби октябрии ҳамон сол барҳам мехӯрад [17].

Агентиро дар тамоми давраи фаъолияташ, ки 31 солро ташкил додааст, 7 нафар роҳбарӣ намудаанд, ки ба тартиби хронологӣ ба ин қарор аст:

| № р/т | Ному насаби роҳбарон | Солҳои роҳбарӣ | Муҳлати роҳбарӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Чариков Николай Валеревич | 1886-1890 | 4 сол |
| 2. | Лессар Павел Михайлович | 1890-1895 | 5 сол |
| 3. | Игнатев Владимир Иванович | 1895-1902 | 7 сол |
| 4. | Лютш Яков Яковлевич | 1902-1911 | 9 сол |
| 5. | Сомов Александр Сергеевич | 1911-1913 | 2 сол |
| 6. | Беляев Александр Константинович | 1914-1916 | 3 сол |
| 7. | Миллер Александр Яковлевич | 1916-1917 | 2 сол |

Чуноне, ки аз ҷадвал дида мешавад, ин ниҳодро аз ҳама зиёдтар Я.Я.Лютш 9 сол ва ду нафари дигар камтар А.С.Сомов ва А.Я.Миллер дусолӣ роҳбарӣ кардаанд. Як нуктаи муҳим қобили зикр аст, ки Вазорати корҳои хориҷии Россия ба ин ниҳоди ҷосусии худ ҳамеша диққати махсус медод ва табиист, ки ба он ҳаргиз шахсони ғайримутахассис, бетаҷрибаю тасодуфиро роҳбар таъйин намекард. Назаре ба шарҳи ҳоли роҳбарони ин ниҳод басанда аст, ки ба андешаҳои боло бори дигар боварӣ ҳосил намоем. Воқеан, аксари роҳбарони ин ниҳод фидоии касби хеш буданд ва дар оянда шахсиятҳои маъруфу барӯманд, арбобони барҷастаи давлатӣ ва олимони шинохтаи замони хеш шуда, барои манфиатҳои Россия содиқона хизмат карданд. Ин ҷо чанд маълумоти мухтасару ҷолиб ва ибратомӯзро аз зиндагиномаи баъзеи онҳо мухтасаран манзур менамоем.

П.М.Лессар (1852-1905) ҳанӯз то ба Агентии сиёсии Россия дар Бухоро роҳбар таъйин шуданаш соли 1885 ҳамчун узви комиссияи сетарафаи байни Афғонистону Англия ва Россия дар дақиқу муайян кардани хатти сарҳади Туркистон (хонда шавад Россия) фаъолона иштирок карда буд. Ҳамчун олим ва муҳаққиқ корҳои зиёди илмӣ бурда, барои силсилаи корҳои географии илмиаш дар бораи Осиёи Миёна, ки дар «Ахбори Ҷамъияти императории географии Россия» ба табъ расида буданд, соли 1882 сазовори медали нуқра ва соли 1883 бошад, сазовори медали хурди тилло гардидааст. Ҳамчунин дар такмили қонунгузории судии аморат (бо ташаббуси ӯ соли 1893 қонуне

таҳия гардид, ки парвандаҳои судии хориҷиёни насронии дар аморатбуда ба русҳо ва ғайринасрониёни хориҷӣ ба бухороиён баробар карда шуд), сохтмону таъмири роҳҳои калон, роҳҳои ағбаҳо ва мураттабии тақсимоти оби дарёи Зарафшон корҳои наҷибу зиёде кардааст. Соли 1905 турбаташро бо киштии «Мюнхен» якҷоя бо часади қаҳрамони муҳофизи Порт-Артур генерал Р.И.Кондратенко ба Одесса оварда, ба хок супоридаанд [11].

Я.Я. Лютш (Рудолф Александр), (таваллудаш-19.05.1854-вафоташ номаълум) ягона роҳбари Агентӣ аст, ки аз дигарон зиёдтар - 9 сол ба ин ниҳод роҳбарӣ кардааст. Факултети шарқшиносии Университети С.Петербургро бо дараҷаи номзади илм хатм намуда, соли 1878 ба ихтиёри Генерал- губернатории Туркистон фиристода шуда, ҳамчун ёрдамчии хурди коргузори генерал- губернатор ба фаъолияти кории худ оғоз намудааст. Дар давраи роҳбариаш дар Бухоро фоҷеаи шиаю суннӣ (соли 1910) рух дода буд, ки норизогии генерал-губернатори Туркистон А.В.Самсоновро ба миён овард ва дар натиҷа Я.Я.Лютш аз вазифааш барканор карда шуд. Ҳамчун шарқшинос шуҳрат пайдо карда, аввалин мураттиби китоби дарсӣ бо забони қирғизӣ мебошад. Дар экспедитсияҳои илмии Хитой иштирок намуда, дастхатҳою сарчашмаҳои зиёду нодирро гирд оварда, бисёр асарҳои муаллифони Осиёи Миёнаро ба забони русӣ баргардон намудааст [13].

А.С.Сомов (1859-1928) набераи духтарии нависандаи рус А.М.Тургенев (фарзанди Олга Александровна Тургенева) буда, то ба роҳбари Агентии сиёсии Росия дар Бухоро таъйин шуданаш дар вазифаҳои гуногуни дипломатӣ дар Америка, Сербия, Руминия, Япония ва Эрон кору фаъолият карда буд [19].

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки Агентии сиёсии Россия дар Бухоро дар давоми беш аз 30 сол ба ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва байналмилалии Аморати Бухоро алоқаманд буд ва дар бисёр самтҳо нақши созгору мусбат ҳам бозидааст, вале онҳо таҳқиқоти ҷудогонаро тақозо доранд.

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсеклопедияи миллии Тоҷик. 2009. - 680 с.

2. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе: Адиб, 1987. -240 с.

3. Айнӣ С. Кордории ҳокимони давраи кӯҳна ва интихобот //Акнун навбати қалам аст. Осори баргузида дар 2 ҷилд. Ҷилди якум: «Ирфон», Душанбе. 1977. - С. 309-314.

4. Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро //Куллиёт. Ҷ.10. Душанбе: «Ирфон». 1966. - 326 с.

5. Бухара в 1917 году. Библиотека древних рукописей. [Электронный ресурс]. Доступ: http://drevlit.ru/docs/central_asia/XX/1900-1920/Buchara_1917 /text.php (дата обращ.: 11.03.2021).

6. Из истории советско-бухарских отношений (1917-1920) //Труды САГУ. 1956. Вып.78. - С.105-108.

7. Искандаров Б.И. Бухара (1918-1920 гг.). Душанбе. 1970. - 157 с.

8. Ишанов А.И. Победа Народной Советской революции в Бухаре. Ташкент. 1957. - 270 с.

9. Ишанов А.И. Бухарская Народная Советская Республика. Ташкент. 1969. – С.381-390.

10. Касымов Ф.К. Советская историография Бухарской Народной Советской Республики. Дисс. …канд. ист. наук. Ташкент. АН. Респ. Узб. 1968. - 33 с.

11. Лессар П.М. Википедия. [Электронный ресурс]. Доступ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Лессар_Павел_Михайлович (дата обращ.: 15.02. 2021).

12. Логофет Д.Н. Страна бесправия. СПб. 1909. - 239 с.

13. Лютш Я.Я. Википедия. [Электронный ресурс]. Доступ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Лютш (дата обращ.: 15.02.2021).

14. Превезенцева Т.В. Бухарский эмират под протекторатом Российской империи (конец XIX - начало XX века) //Международная научная конференция. Исторические наследия. Казань. 2015. - С.13-18.

15. Почекаев Р.Ю. Политико-правовые реалии Бухары в период установления Российского протектората //Восточный архив. №1 (35). 2017. - С.21-30.

16. Почекаев Р.Ю. Российской протекторат над Бухарой в оценках бухарской элиты конца XIX-начала XX в. //Вестник РУДН. Серия: Юридические науки. 2017. Т.21. №4. - С.508-527.

17. Российское императорское политическое агентство //Материал из Википедии-свободной энциклопедии. [Электронный ресурс]. Доступ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Российское_императорское_политическое_агентство (дата обращ.: 10.12.2020).

18. Словарь русского языка в 4-х томах //РАН. Институт лингвистич. исследов., под ред. А.П. Евгеньевой. М.: Русск. яз. 1999. - 702 с.

19. Сомов А.С. Википедия. [Электронный ресурс]. Доступ: https://moluch.ru/conf/hist/archive/129/7638/ (дата обращения: 15.02.21).

20. Тревер К.В. История народов Узбекистана //От образования государства Шейбанидов до Октябрьской революции. В 2-х т. АНУз. ССР 1947. Т.2. -С.402-403.

21. Тухтаметов Т.Г. Русско-бухарские отношения в конце XIX начале XX вв. Победа Бухарской Народной революции. Тошкент. 1966. - 178 с.

22. Тухтаметов Т.Г. Россия и Бухарский эмират в начале XX в. Душанбе. 1988. - 208 с.

23. Улуғзода С. Восеъ. Душанбе //«Адабиёти бачагона». 2018. – 317 с.

24. Хотамов Н.Б. Свержение эмирского режима в Бухаре. Душанбе. 2018, - С. 12-13.

25. Чарыков Н.В. Википедия. [Электронный ресурс]. Доступ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Чарыков_Николай_Валерьевич (дата обращ.: 09. 02.2021).

26. Чернов О.А. Деятельность Российского политического агента Н.В.Чарыкова в Бухарском эмирате //Известия Саратовского университета. 2008. Т.8. Сер. Ист.межд.отн. Вып.1. - С.52-56.

27. Шубинский П.И. Значение для Бухары русского политического агентства //Исторический вестник. 1892. №7. -С.119-141.

## ВЗГЛЯД НА ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПОЛИТИЧЕСКОГО АГЕНТСТВА РОССИИ В БУХАРЕ

**РОЗИКЗОДА АБДУЛХАКИМ ШЕРАЛИ,**
доктор исторических наук, профессор,
Председатель Высшая аттестационная комиссия при
Президенте Республики Таджикистан
г. Душанбе, ул. Шевченко, 39
Тел.: (+992) 918-62-77-44. E-mail: roqiqzoda_a@mail.ru

*В статье рассматривается вопрос об отношениях между Российской империей и Бухарским Эмиратом во второй половине XIX и начало XX вв, особенно о деятельности Политического агентства России в Бухаре - структурной единицы Министерства иностранных дел России в период с 1886 по 1917 гг.*

*В 60-годы XIX века Бухарский Эмират в результате захватнических войн Российской империи потерял часть своих земель и лишился независимости и фактически превратился в полуколониальной страну Российской империи. Бухарский Эмират лишился права вести самостоятельную внешнюю политику. Российская империя взяла под свой контроль деятельность эмира и его правительства, она вмешивалась во все дела Бухарского эмирата.*

*В конце 1885 года император Александр III для защиты политических и экономических интересов России в Бухарском эмирате подписал указ об учреждении Политического агентства России в этой стране. Отныне все вопросы межгосударственных отношений осуществлялось при посредничестве данного института, который являлся структурной единицей Министерства иностранных дел Российской империи.*

*Деятельность Политического агентства России в Бухаре играла значительную роль в политической и социальной жизни Бухарского эмирата. Вместе с тем, Политическое агентство России, под влиянием происходивших политических событий в России, не всегда занимало чёткую и прогрессивную позицию в отношении политической жизни Бухары, особенно, в отношении реформистского движения джадидов-просветителей и сторонников прогрессивных реформ в Бухаре.*

*На протяжении более 30 лет своего существования данного института в разные годы его возглавляли верные своему отечеству сыны России.*

***Ключевые слова:*** *Российская империя, Политическое агентство, Туркестан, Бухара, эмир, кушбеги, джадиды, реформа, резиденция, демонстрация, реакция.*

## A LOOK AT THE ACTIVITY OF A RUSSIAN POLITICAL AGENCY IN BUKHARA

**ROZIKZODA ABDULKHAKIM SHERALI,**
Doctor of History, Professor,
Chairman of the Higher Attestation Commission under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 39, Shevchenko str.,
Phone: (+992) 918-62-77-44. E-mail: roqiqzoda_a@mail.ru

*The article discusses the issue of relations between the Russia and the Bukhara Emirate in the second half of the 19th and early 20th centuries, in particular, the activity of a structural unit of the Russian Ministry of Foreign Affairs, the Russian Political Agency in Bukhara (1886-1917).*

*In the 60s of the XIX century, as a result of conquests of the Russia, the Bukhara Emirate lost part of its lands and its independence and actually turned into a semi-colonial country of the Russian Empire. The Bukhara Emirate no longer had the right to conduct its foreign policy independently. Russia now tightened its control over the emir and his government, interfering in all the affairs of the emirate.*

*Moreover, at the end of 1885, Emperor Alexander III, in order to protect the political and economic interests of Russia in the Bukhara Emirate, signed a decree on the establishment of the Russian Political Agency in Bukhara. From now on, all issues of interstate relations are carried out through the mediation of this institution, which was a structural unit of the Ministry of Foreign Affairs of the Russia.*

*Even the activities of the Russian Political Agency in Bukhara are aimed at protecting Russia's interests; they also have played an important role in the political and social life of the Emirate of Bukhara. At the same time, the Russian Political Agency under the influence of the political events in Russia, has not always taken a clear and progressive position in relation to political and social changes, especially the movement of Jadids-educators new reformers.*

*For more than 30 years this institution has been led by different people, but by the loyal and devoted children of Russia..*

***Key words:*** *Russian Empire, Political agency, Turkestan, Bukhara, emir, kushbegū, Jadids, reform, residence, demonstration, reaction.*

УДК: 327 (091) (575.3+73)

# ТОҶИКИСТОН ВА ИМА: БУРДУ БОХТ ВА ДУРНАМОИ РОБИТАҲО ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**КАРИМОВ ШАМСИДДИН ТУРСУНМАТОВИЧ,**
доктори илмҳои сиёсӣ,
сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Амрикои
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734003, г. Душанбе, хиёбони Рудаки, 33
Тел.: (+992) 935-70-17-80. Email: shamskarimov14@gmail.com

*Мақолаи мазкур ҷанбаҳои мухталифи робитаҳои Тоҷикистону ИМА-ро дар даврони Истиқлолият мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф ба ин фикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати муҳими Осиёи Марказӣ аз лиҳози аҳамияти махсуси геополитикӣ доштанаш мавриди таваҷҷуҳи махсуси ИМА қарор гирифтааст. Робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону ИМА бештар ба масъалаҳои марбут ба рушди иқтисодӣ, таъмини суботу амният, волоияти қонун ва таҳкими раванди демократикунонии минтақа тахассус дода шудаанд. Пешниҳоди муаллиф ин аст, ки ИМА ва Тоҷикистон бояд чунин робитаҳоро махсусан дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) боз ҳам бештар тақвият бахшанд.*

***Калидвожаҳо:*** *геополитика, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, ИМА, СҲШ, рушди устувор, амнияти минтақа, ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

## БУРДУ БОХТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман кишварҳои Осиёи Марказӣ на ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ИМА қарор доштаанд. Дар гузашта ин ҳолат ба он сабаб ҷой дошт, ки кишварҳои минтақа дар муносибатҳои байни ИМА ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нақши муҳимме надоштанд. Чунин ҳолат ҳатто пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ибтидо чандон ҷилои тоза ба худ касб накард. Фақат баъд аз чанд соли даврони истиқлолияти давлатии ин кишварҳо, ки ба арсаи байналмилалӣ ҳамчун симоҳои тозаи сиёсӣ ворид шуданд, ҷумҳуриҳои мустақили Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи ИМА қарор гирифтанд. Аз тарафи дигар, ИМА таърихан ҳаргиз аз донандагони хуби аҳамият ва махсусиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ набудааст ва мутаассифона ҳанӯз ҳам нест. Ва ниҳоят, дар солҳои аввали пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, ба гумони комил, ИМА бовар ба он дошт, ки низоми собиқи коммунистӣ дар кишварҳои минтақа қудрати сиёсиро аз даст нахоҳад дод, онҳо тобеи Россия боқӣ хоҳанд монд, аз ин рӯ, тамоми кӯшиш ва таваҷҷуҳи худро ба кишварҳои Назди Балтика равона сохт.

Ба ҳар ҳол, қазия баъд аз соли 1991 оҳиста-оҳиста ранги дигар гирифт. ИМА ба ҳайси ягона кишвари абарқудрати замон беш аз пеш ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар соли 1997 ин кишварҳоро минтақаи махсуси манфиатҳои стратегии дарозмуддати худ эълон намуд. Гузашта аз он, 3 августи соли 1999 Конгресси ИМА ҳуҷҷати муҳимеро тахти унвони «Санади стратегияи Роҳи Абрешим» (Silk Road Strategy Act) қабул намуд, ки дар он мақсаду маром ва ҳадафҳои ИМА дар бобати Осиёи Миёна ба таври возеҳ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, дар ин ҳуҷҷат гуфта мешавад, ки ИМА истиқлолият ва мустақилияти иқтисодиву сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро дастгирӣ хоҳад кард, то тобеияти энергетикии худро аз давлатҳои Халиҷи Форс камтар созад (13). Албатта, чунин ҳолат бо назардошти мавқеи муҳими ҷуғрофии

Осиёи Марказӣ дар муносибатҳои геополитикии муосир; захираҳои фаровони табиӣ ва инсонии минтақа; қаробати наздик доштан аз нигоҳи марзу бум, таъриху фарҳанг ва нуфузи аҳолӣ ба марказҳои низоъ, ихтилоф ва ташаннуҷ дар ҷаҳони ислом; тамаркузи назарраси мушкилиҳо ва таҳдидҳои глобалӣ дар минтақа (сарҳадӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, муҳити зист ва ғайра) (12, 167-177) сурат гирифтааст. Сабаби дигари чунин таваҷҷуҳ, албатта, ба арсаи ҳаёт қадам гузоштани Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ҳамчун сохтори сиёсиву иқтисодӣ ва роҳ ҳалли муҳими ба низом овардани мушкилиҳо ва мавзӯъҳои марбут ба минтақаи Осиёи Миёна бо ҳузури ду кишвари қудратманди ҷаҳон – Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Чин – ва нуфузи зиёд пайдо кардани он дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ИМА-ро ба ташвиш оварда буд (5).

Баъдтар, дар солҳои 2015 ва 2019, ИМА ҳуҷҷати муҳимеро тахти унвони «Стратегияи ИМА оид ба Осиёи Марказӣ» таҳия ва қабул мекунад. Стратегияи нави ИМА оид ба Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025 бо таваҷҷуҳи махсус ба инкишоф ва такомули соҳибихтиёрӣ ва рушди иқтисодии минтақа қабул гардидааст (14). Стратегияҳои мазкур дар асл идомаи консепсияи маъмули «Осиёи Марказии Бузург» ва дигар лоиҳаҳои маъруф аст, ки солҳои 90-уми қарни гузашта тарҳрезӣ шуда, мақсадашон таъмини ҳузури воқеӣ ва тавонмандии ИМА на фақат дар Осиёи Миёна, балки дар тамоми ҷаҳони Шарқ аз тариқи заиф сохтани нуфузи дигар кишварҳои абарқудрат дар ин минтақа, махсусан, кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия мебошад. Тибқи ин нақша бояд ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои осиёии ба ИМА содиқ бояд бештар муташаккил шаванд ва оқибат аз Россия камтар вобаста гарданд (11).

Бояд қайд намуд, ки сиёсати ИМА дар мавриди Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳамеша некбинона арзёбӣ шудааст, ки барои таъмини сулҳу субот, пешгирӣ аз низоъҳои номатлуб, рушди устувори иқтисодӣ, идоракунии самараноки давлатӣ, таъмини озодиҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ нигаронида шудааст. Барномаҳои мухталифи илмию фарҳангӣ ва маърифатӣ низ қисмати умдаи ин сиёсатро ташкил медиҳанд. Чунин муносибатҳо дар доираи консепсияи «ҳимояи манфиатҳои миллии ИМА» амалӣ мегарданд. ИМА ҳамеша кӯшидааст, ки амнияти миллии кишвар, тавонмандии иқтисодӣ ва ҳокимияти муқтадири сиёсии он дар саросари минтақа мавқеи асосӣ дошта бошанд.

Аз тарафи дигар, сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ (ба шумули Тоҷикистон) ҳамеша устувор ва муваффақ набудааст. Маълумоти мукаммал надоштан дар бораи авзои этникӣ, рӯҳию идеологӣ, қавмию мазҳабӣ ва ғайраи минтақа, пурра дарк накардани махсусиятҳои кишварҳои минтақа дар ибтидо, сиёсати сарфи назар кардани манфиатҳои кишварҳои дигар ба хотири қудратмандии танҳо худ, дуруст муайян ва мушаххас карда натавонистани афзалиятҳо, «забон» наёфтан бо дигар шарикони рушди минтақа (махсусан, Чин ва Россия) ва ғайра аз ҷумлаи он камбудиҳоеанд, ки ИМА дар таъйини сиёсати хеш роҳ додааст. Аммо чашмандоз ва манзараи сиёсии минтақа ҳам бетағйир намондааст. Аз як тараф, сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ тайи солҳои ахир оҳанги дигар касб кардааст, роҳбарони сиёсии ин кишварҳо камолоти сиёсӣ ёфтаанд, аз тарафи дигар, ИМА низ мавқеъгирии худро дигар сохтааст. Ба арсаи вуҷуд қадам гузоштани Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҳодисаҳои Афғонистону Шарқи Наздик, Эрон, Иттиҳоди Аврупо ва албатта, фоҷиаи 11 сентябри соли 2001 боиси чунин мавқеъгириҳо ва таҷдиди назар ба вазъи куллии минтақа гардидаанд.

Имрӯз миёни ИМА ва Тоҷикистон муносибатҳои дуҷонибаи мустаҳкам густариш ёфтаанд (3). Ин муносибатҳо расман аз 14 феврали соли 1992 оғоз гардида, “чун ҳамеша дар сархати авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонанд” (7). Ҳар ду давлат ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон, таъмини сулҳу суботи бардавоми минтақа, ислоҳоти васеи демократӣ ва иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра ҳамкорӣ менамоянд. Дар таҳкими бештари муносибатҳои сиёсӣ сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ИМА дар соли 2002 ва мулоқот бо президент Ҷорҷ Буш, ки зимни он ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир матраҳ гардиданд, нақши муҳим бозидааст. Ба тақвияти муносибатҳои дуҷониба сафарҳои котибони давлатии ИМА Ҷеймс Бейкер, Кондолиза Райс, Ҳиллари Клинтон ва Ҷон Керри ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мусоидат намудаанд (6).

Қобили қайд аст, ки ИМА аввалин кишвари абарқудрате буд, ки истиқлолияти сиёсии Тоҷикистонро эътироф намуд ва аз ҳамин тариқ ба густариши минбаъдаи мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва боло рафтани нуфузи сиёсии он мусоидат намуд. Сафари расмии намояндаи олирутбаи ИМА Ҷеймс Бейкер, Котиби давлатии Амрико ба Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 1992 ба ин раванди бебозгашт такони тоза бахшид (1,82-90).

Моҳи феврали соли оянда 30-солагии муносибатҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар таҷлил мегардад. Қобили зикр аст, ки аз соли 1993 инҷониб Ҳукумати ИМА танҳо аз тариқи USAID ба Тоҷикистон беш аз 500 миллион доллар кумак кардааст, ки дар рушди иқтисоди Тоҷикистон, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ ва маориф, истифодаи таҷрибаҳои самараноки кишоварзӣ ва идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ мусоидат кардааст. Дар маҷмӯъ, дар давоми ин солҳо Ҳукумати ИМА ба андозаи тақрибан 1 миллиард кумак расондааст. Дар доираи чунин кумак ва ҳамкориҳои дуҷониба, масалан, танҳо ба соҳаи тандурустии Тоҷикистон тақрибан 125 миллион доллар ихтисос дода шудааст (10).

Аз тарафи дигар, дар давоми ин солҳо мазмун ва моҳияти муносибатҳо ва робитаҳои Тоҷикистону ИМА мазмуни навро касб кардаанд. Агар солҳои аввал матлаб фақат фароҳам овардани ***кумакҳои башардӯстона*** буд, ҳоло сатҳи муносибатҳо то ба дараҷаи ҳамкорӣ барои ***рушди устувори иқтисодӣ*** боло рафтааст. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун шарики ҳамкориҳо барои рушди устувор мақоми махсус пайдо кардааст. Чуноне ки сафири ИМА дар Тоҷикистон Ҷон Марк Поммершайм қайд намуд (4), ҳамкориҳои миёни ду кишвар рӯ ба инкишоф ва такомул буда, имрӯз бештар ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба афзалиятҳои зерин нигаронида шудаанд: Якум, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти марзҳои Тоҷикистон; Дуюм, афзоиши робитаҳои иқтисодии минтақа; Сеюм, пешбурди ниҳодҳои идоракунии давлатии пурмасъулу самаранок дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар. Чуноне ки сафир хотиррасон намуд, дар ҳамаи ин кӯшишҳо Сафорат барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии мардумони ин ду кишвар талош хоҳад кард. Масалан, ба иртибот ба таъмини амнияти минтақа моҳи январи соли 2019 аз тарафи Ҳукумати ИМА ба маблағи 3,8 миллион доллар таҷҳизоти амниятӣ ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистондода шуданд. Таҷҳизоти мазкур ҳамчун таҷҳизоти сенсории назорати заминӣ барои тақвияти иқтидори Қӯшунҳои сарҳадӣ барои назорати доимии қисмҳои марзие, ки тавассути посдории маъмулӣ

имконнопазиранд, мусоидат хоҳад намуд. Дар моҳи апрели соли 2020 бошад, танҳо барои пешгирӣ аз пандемияи COVID-19 аз тариқи USAID ба андозаи 868 923 доллари ИМА кумаки молӣ расонда шуд (8). Чунин тарзи ҳамкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ИМА ва Тоҷикистон доираи ҳамкориҳои дуҷонибаро барои таъмини рушди устувор беш аз пеш таҳким бахшида,фарохтар сохтаанд.

Моҳи ноябри соли 2015 Котиби Давлатии ИМА ва панҷ вазири корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ш.Самарқанд вохӯрданд. Дар натиҷаи ин вохурӣ платформаи нави C5+1 ташкил дода шуд ва ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки диққати махсус ба рушди шабакаи минтақавӣ равона карда шавад. Соли 2016 дар Самарқанд Вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои C5+1 инчунин барои ҳамкории якҷоя дар мубориза бар зидди ифротгароии хушунатомез ба мувофиқат омаданд. Ин, бешубҳа, боз як ҷанбаи муҳими ҳамкориҳои амниятии ИМА ва Тоҷикистон мебошад. Терроризми ҷаҳонӣ, ки як шакли бадтарин ва манфуртарини ифротгароии сиёсист, яке аз навъҳои бузургтарин таҳдидҳои олами муосир ба ҳисоб меравад. Чунин мушкилиҳоро танҳо тавассути ҳамкориҳои мақсаднок ва муассир метавон бартараф кард.

Дар баробари лоиҳаҳои сершумори USAID, ки бо ҳадафи рушди тиҷорати минтақавӣ фаъолият мекунанд, Ҳукумати ИМА инчунин лоиҳаи CASA-1000-ро дастгирӣ менамояд. Лоиҳаи CASA-1000 ба Тоҷикистон ва Қирғизистон имконият медиҳад, ки неруи барқи изофии худро ба Афғонистону Покистон фурӯшанд. Ба наздикӣ ИМА омодагии худро барои дастгирии фаъолиятҳои сохтмонии неругоҳи барқи обии Себзор ҳамроҳ бо шарикони сармоягузори худ бо мақсади дастгирии ҷамоатҳои Бадахшон изҳор намуд. Мисоли дигари чунин ҳамкориҳои судманд барномаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аст, ки барои таҳкими волоияти қонун ва пурзӯр кардани робитаи байни мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣпешбинӣ шудааст. Ин барномаҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, унсурони мазҳабӣ, мақомоти низомию қудратӣ ва мақомоти ҳокимияти расмиро ба сифати ҷамоати ягона барои бартараф кардани мушкилиҳо бо ҳам гирд меоварад. Дар асл чунин барномаҳо воситаи муассир дар ҳаллу фасли мушкилиҳои марбут ба амнияти дохилии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд.

Сафорати ИМА дар Тоҷикистон инчунин барномаҳои гуногуни илмиву фарҳангиро амалӣ менамояд. Як намунаи чунин барнома, ки дорои шабакаи ҷаҳонии беш аз 400 маркази машваратӣдар саросари ҷаҳон буда, бо дастгирии Шуъбаи барномаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангии Департаменти давлатии ИМА фаъолият мекунад, - Education USA ба шумор меравад. Ин маркази омӯзишӣ дар Душанбе соли 1992 кушода шуда, аз тарафи созмони ҷамъиятии Шӯроҳои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ (ACTR/ACCEL) идора мешавад. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – хатмкардагони барномаҳои мухталифи таълимии ИМА сомонаи интернетии *Ҷамоати байналмилалии хатмкардагони барномаҳои мубодила* вуҷуд дорад. Ҳамасола барои донишҷӯён ва алоқамандони такмили ихтисос стипендияҳои махсус ҷудо мешаванд. Барномаи Фулбрайт (Fulbright Program) аз ҷумлаи онҳост. Барномаҳои дигари илмию фарҳангӣ низ амал мекунанд, аз қабили *Барномаи ҳифозати мероси фарҳангӣ*, *Барномаи тавонмандсозии занону духтарон*, *Барномаи такмили ихтисос*, *Барномаи мубодилаи виртуалӣ*, *Барномаи омӯзиши забони англисӣ* ва ғайра.

**ДУРНАМОИ ИНКИШОФ**

Гумон меравад, ки ИМА дар Тоҷикистон манфиатҳои иқтисодӣ намеҷӯяд, Тоҷикистон ин захираҳоро надорад ва иқтисоди пешрафтаро соҳиб нест. Кишвари мо аз нигоҳи бозори иқтисодӣ низ ҷавобгӯи манфиатҳои Амрико буда наметавонад (баръакси Ӯзбекистон ва Қазоқистон). ИМА дар Тоҷикистон ҷӯёи ҳадафҳои геополитикист, ки ҷавҳари онро зиёд кардани нуфузи Амрико дар Осиёи Марказӣ аз тариқи маҳдуд кардан ва агар имкон бошад, озод кардани ин кишварҳо аз таъсири Россия ва Чин ташкил медиҳад. Бо ин мақсад сиёсати чанд соли ахири ИМА аз тариқи ЮСАИД ва дигар созмонҳои маблағгузор асосан ба он равона карда шудааст, ки мафкура ва андешаи мардумони минтақаро дар бобати интихоб – Россия ё ИМА—ба фоидаи Амрико ва кишварҳои Аврупо тағйир бидиҳад (аз тариқи маблағгузориҳо ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, барномаҳои мухталифи таълимӣ ва ғайра). Албатта, ҳадафи чунин як сиёсат он аст, ки дар ниҳояти кор дар Тоҷикистон (ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна) заминаҳои мусоид барои бозсозиҳои ҷиддии сиёсию иҷтимоӣ ба вуҷуд ояд ва ҳамин тавр ҳузури ИМА дар Тоҷикистон (ва минтақа) барои солҳои зиёд таъмин карда шавад (тибқи сиёсати глобалии ИМА). Масъалаи ҳамкориҳои Амрико бо неруҳои қудратии Тоҷикистон (Кумитаи амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Мақомоти корҳои дохилӣ) дар ниҳояти кор ба боло рафтани ташаннуҷ ва ихтилофҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Россия оварда мерасонад. Масъалаи будан ё набудани Пойгоҳи ҳарбии Россия дар Тоҷикистон мавриди баҳс қарор мегирад. Ва ин Пойгоҳ метавонад дигар кафолати амният ва сулҳу субот дар минтақа набошад. Маслиҳат ин аст, ки Тоҷикистон дар муносибатҳои худ бо ИМА бештар ба масъалаҳои таълиму тарбия, омӯзиш ва истифодаи технологияи нав, таъмини волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он таваҷҷуҳ намояд, ки ҳам барои Амрико хушоянд аст ва ҳам ба таҳкими бештари бозсозиҳои кишвар мусоидат намуда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷомеаи озод ва давлати иҷтимоӣ муаррифӣ менамояд.

Хотирнишон бояд кард, ки дар Тоҷикистон ба раванди робитаҳои мутақобилаи кишвар бо ИМА ҳамеша назари мусбат вуҷуд доштааст. Масалан, тибқи як назарпурсии ҷамъиятие, ки соли 2012 анҷом дода шудааст, 44% шаҳрвандони Тоҷикистон ҳузур ва фаъолиятҳои ИМА–ро дастгирӣ ва ҷонибдорӣ кардаанд, дар ҳоле ки 38%-и онҳо чандон қаноатманд нестанд, 18% пурсишшудагон дар ин бобат мавқеи равшан надоранд (15). Аз тарафи дигар, мавқеъ ва нуфузи байналмилалии ИМА ба он далолат мекунад, ки доштани робитаҳои хуби дуҷониба бо ин кишвар эътибори махсус дорад. Чуноне ки дар боло ишора рафт ва гурӯҳе аз муҳаққиқон низ ба ин фикранд (9), ИМА метавонад дар доираи стратегияи худ оид ба Осиёи Марказӣ ва дар ҳамкорӣ бо Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони амнияти дастаҷамъӣ (САД) корҳои зиёдеро ба анҷом расонад (2). Таъмини сулҳу субот дар минтақа, мубориза бар зидди экстремизм, терроризм ва сепаратизм, ҷилавгирӣ аз низоъҳои номатлуб дар ҷомеа, таҳкими бештари равандҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии боровар ва ниҳодҳои пурсамари он ва ғайра аз ҷумлаи ин самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо ва робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону ИМА буда метавонанд. Мавзӯи таъминоти энергетикӣ ва истифодаи самаранок аз захираҳои табиии тавлиди барқ дар доираи ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон таҳти унвони «Об- барои амал ва рушди устувор», ташаккул ва рушди «иқтисоди сабз» низ аз ҷумлаи чунин авлавиятҳоянд. Ва ниҳоят, рушду такомули бештари илмиву фарҳангӣ, омӯзишиву таҳқиқотӣ, ҳамкориҳои

дучониба дар фазои интернет (онлайн) доира ва муҳтавои ин робитаҳоро боз ҳам густурдатар ва амиқтар мегардонанд.

**Адабиёт:**


1. Абдулло Рашид. Политика США в Таджикистане: от признания независимости к партнерству // Центральная Азия и Кавказ, №4 (52), 2007. – С. 82-90.
2. Баранов А.Ю. Шанхайская организация сотрудничества и политика США в Центральной Азии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени канд. полит. наук. Москва. 2011. – 32с.
3. Воҳидова С., Ширинҷонова М.И. Инкишофи муносибатҳои ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият // Осиё ва Аврупо. №2, 2019. – С.44-50.
4. Дипломатические отношения США и Таджикистана //https:/ /tj.usembassy.gov/ru/our-relationship-ru/policy-history-ru/embassy -fact-sheets-ru/
5. Лю Цян. Взгляды и политика США по отношению к ШОС // Вестник РУДН, серия Международные отношения, 2011, № 2.- С. 66-73.
6. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка //www.mfa.tj/tg/main/view/175/munosibathoi-tojikiston-bo-ijoloti-muttahidai - amriko
7. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон дар бораи самтхои асосии сиёсати дохили ва хоричии чумхурӣ, Душанбе, 26 январи соли 2021.
8. Правительство США выделяет более $850 тыс. для борьбы с COVID-19 в Таджикистане // https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/ 20200408/ pravitelstvo-ssha-mobilizuetsya-dlya-borbi-s-covid-19-v-tadzhikistane
9. Саидмуродов, Ахмад Лютфиллоевич. Эволюция политики США в отношении Республики Таджикистан: диссертация кандидата политических наук. Москва, 2012.- 150 с.; Ташматова, Салтанат Изатбековна. Политика США в отношении стран Центральной Азии : диссертация . кандидата политических наук. Москва, 2008. - 208 с.
10. Сарчашма: https://www.usaid.gov/tajikistan
11. Стратегия США в Центральной Азии // http://eurasian-defence.ru/?q=node/6529
12. Юлдашева Гули. Стратегия США в Центральной Азии: проблемы и достижения//Центральная Азия и Кавказ. Том 14. Выпуск 2, 2011. – Стр. 167-177.
13. Silk Road Strategy Act: Электронный архив Конгресса США// документ о принятии «американской стратегии Шелкового пути»
14. United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity // https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email
15. U.S. Global Leadership Project Report — 2012 // https://news.gallup.com/poll/153998/global-leadership-project-report.aspx


## ТАДЖИКИСТАН И США: СЕГОДНЯШНЕЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ОТНОШЕНИЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


**КАРИМОВ ШАМСИДДИН ТУРСУНМАТОВИЧ,**
доктор политических наук, главный научный сотрудник
отдела стран Европы и Америки
Института изучения вопросов стран Азии и Европы НАНТ,
734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33.
Тел.: (+992) 93 570 17 80. Email: shamskarimov14@gmail.com

*В статье анализируются различные аспекты таджикско-американских отношений с момента обретения независимости. Автор считает, что Республика Таджикистан, как важная часть Центральной Азии, представляет особый интерес для США в силу своего особого геополитического значения. Двусторонние отношения между Таджикистаном и США сосредоточены на вопросах, связанных с экономическим развитием, стабильностью и безопасностью, верховенством закона и укреплением процесса демократизации в регионе. Автор предлагает США и Таджикистану и дальше укреплять такие связи, особенно в рамках ШОС и ОДКБ.*

***Ключевые слова**: геополитика, Центральная Азия, Таджикистан, США, ШОС, устойчивое развитие, региональная безопасность, гражданское общество.*

## TAJIKISTAN AND THE USA: HIGHS AND LOWS, AND PROSPECTS OF RELATIONS DURING INDEPENDENCE

**KARIMOV SHAMSIDDIN TURSUNMATOVICH,**
Doctor of Political Sciences, Chief Researcher of the
Department of Europe and America of the Institute for the Study of
Asian and European Countries issues,
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Rudaki Avenue,.
Phone: (+992) 93 570 17 80. Email: shamskarimov14@gmail.com

*The article analyzes various aspects of Tajik-American relations since independence. The author believes that the Republic of Tajikistan, as an important part of Central Asia, is of particular interest to the United States due to its special geopolitical significance. Bilateral relations between Tajikistan and the United States focus on issues related to economic development, stability and security, the rule of law and strengthening the democratization process in the region. The author proposes the United States and Tajikistan should further strengthen such relations, especially within the framework of the Shanghai Cooperation Organization (SCO) and the Collective Security Treaty Organization (CSTO).*

***Key words:** geopolitics, Central Asia, Tajikistan, USA, SCO, sustainable development, regional security, civil society.*

УДК: 327.3

# ЛОББИЗМ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ: МАЗМУН, МОДЕЛ ВА ВОСИТАҲОИ АМАЛИСОЗӢ

**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**МӮМИНОВ МУСТАҚИМ АБДУВАКИЛОВИЧ,**
магистранти курси 2-юми ихтисоси менеҷменти сиёсии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 926-16-09-18. E-mail: muminovmustaqim@gmail.com

*Дар даврони муосир идоракунии сиёсӣ ҳамчун низом дорои захираҳои бузурги идоракунӣ ва ё таъсир ба идоракуниро дорад. Низоми сиёсии ҷомеа ҳамчун майдони муборизаи гуруҳи манфиатҳо ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои муҳими таъсиррасон ба раванди идоракуниро дар замони муосир лоббизм дорад. Дар адабиёти сиёсии муосир лоббизм ҳамчун ниҳоди сиёсӣ дар низоми сиёсӣ дониста мешвад, ки дар раванди қабули қарори сиёсӣ хосияти таъсиррасониро доро мебошад.*

*Дар мақолаи мазкур лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ ва нақши он дар раванди идоракунии сиёсӣ аз нигоҳи муҳаққиқони ғарб, олимони русу ватанӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст. Лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ дар адабиёти сиёсии ватанӣ падидаи нав ба ҳисоб меравад. Аммо дар таҷрибаи амалии кишварҳои ғарб ва ШМА таърихи дурудароз дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, низоми сиёсӣ, мафҳуми лоббизм, лобби, лоббикунонӣ, фаъолият, субъект, объект, ҷанбаҳои мусбӣ, манфӣ, гурӯҳи манфиатҳо, таҷрибаи сиёсӣ.*

Дар замони муосир идоракунии сиёсӣ ҳамчун низом дорои захираҳои бузурги идоракунӣ ва ё таъсир ба идоракунӣ аст. Низоми сиёсии ҷомеа ҳамчун майдони муборизаи гурӯҳи манфиатҳо ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои муҳими таъсиррасон ба раванди идоракунӣ лоббизм мебошад. Дар адабиёти сиёсии муосир лоббизм ҳамчун ниҳоди сиёсӣ дар низоми сиёсӣ дониста мешавад, ки дар раванди қабули қарори сиёсӣ хосияти таъсиррасониро доро мебошад.

Лоббизм яке аз институтҳои муҳимми ҷомеаи муосири демократӣ маҳсуб меёбад. Дар маънои васеъ зери мафҳуми лоббизм «чорабиниҳо оиди расонидани таъсир ба сиёсатмадорон ва мансабдорон» [17], «дилхоҳ кӯшиши инфиродҳо ва ё гурӯҳи манфиатҳо ҷиҳати таъсиррасонӣ ба қарори ҳукумат» [19] фаҳмида мешавад. Нуктаҳои зикршударо хулоса намуда, лоббизмро дар шакли умумитар, муҳаққиқи рус Павроз А. В. «ҳамчун фаъолият вобаста ба намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳо ба воситаи таъсиррасонӣ ба ашхоси мансабдор ва мақомоти ҳокимияти оммавӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба ташакил ва амалисозии сиёсати давлатӣ» маънидод мекунад. [13, 158]

Лоббизм таърихи дурударoз дорад. Ташаккули он дар асрҳои XVII–XIX ба амал омада, бо тавлиди таҷрибаи таъсиррасонии ғайрирасмӣ ба одамони тобеи ҳокимияти

давлатӣ алоқаманд буд. Калимаи «лобби» (lobby) ба забони англисӣ аз лотинии асримиёнагӣ (лот. lobia) ворид шуд ва барои ифодаи даҳлез ва ё галереяҳои ибодатгоҳҳо истифода мегардид. Солҳои 40-уми асри XVII вестибюл ва ду даҳлези палатаи обшинҳоро дар парлумони британиягӣ, ки дар он ҷо депутатҳо (вакилон) метавонистанд бо ашхоси дар фаъолияташон манфиатдор, ки ба ҷаласаҳои палата роҳ дода намешуданд вохӯрӣ намоянд, ҳамин тавр (яъне «lobby») ном мебурданд. Дар ИМА низ чун дар Британияи Кабир, клуарҳои барои омма дастраси Палатаи намояндагон ва Сенат, ки дар он ҷо шаҳрвандони манфиатдор метавонистанд бо аҳли парлумон барои таъсиррасонӣ ба тафаккури онҳо нисбати ин ё он лоиҳаи қонун вохӯрӣ гузаронанд бо калимаи «лобби» номгузорӣ гардиданд. Маҳз дар ИМА дар нимаи аввали асри XIX истилоҳи «лобби» маънои сиёсӣ касб кард ва гурӯҳи одамонеро ифода менамуд, ки бо манфиатҳои умумӣ (масъалаҳои корӣ, марзӣ-ҳудудӣ, касбӣ ва ғ.) муттаҳид гаштаанд. Мафҳумҳои аз он ҳосилгардидаи «лоббизм» (lobbyism) ва «лоббикунонӣ» (lobbying) бошад, барои таърифдиҳии таъсири ғайрирасмӣ ба овозҳои қонунгузорон дар даҳлезҳои парлумон (lobby), яъне берун аз палатаи қонунгузор, истифода мегардид [1, 5-8].

Муҳаққиқи рус А.В. Попова қайд менамояд, ки дар адабиёти илмии муосир аксари муаллифон миёни истилоҳоти «лоббизм» ва «фаъолияти лоббистӣ (ё лоббикунонӣ)» фарқият намегузоранд, ки ин ба нофаҳмии истифодабарии илмӣ ва мустаҳкамнамоии ҳуқуқии он оварда мерасонад [14, 33].

Бо андешаи муҳаққиқи варзидаи англис К.Кумс, дар адабиёти илмии ғарбӣ ду нуқтаи назар вобаста ба масъалаи мазкур паҳн шудаанд. Мувофиқи яке аз онҳо, лоббизм ин шакли махсуси фаъолияти касбии ашхоси алоҳида, гурӯҳҳо ва ё мушовирони аз ҷониби ташкилотҳо, ширкатҳо, ассотсиатсияҳо ва ғ., таъйиншуда мебошад, ки барои ҳимояи манфиатҳои шахсӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ташкил ва амалисозии сиёсати давлатӣ ва амсоли инҳо равона карда шудааст. Нуқтаи назари дуюм бошад, лоббизм ин амалигардонии ҳуқуқҳои шаҳрвардон аз ҷониби онҳое мебошад, ки метавонанд бо изҳорот ба давлати худ муроҷиат намоянд [7, 34]. Яъне дар ҳар ду ҳолат лоббизм тариқи фаъолият муайян карда мешавад.

Муносибати дигар вобаста ба мафҳуми мазкур дар мақолаи муҳаққиқи рус В.А.Лепехин "Лоббизм дар Россия ва масоили танзими ҳуқуқии он" ба чашм мерасад. Муаллиф тасдиқ менамояд, ки ақидаи умумиқабулшуда оиди он, ки лоббикунонӣ (лоббизм) – ин пеш аз ҳама фишор ба ҳокимият аст, нодуруст ва нокомил мебошад. Ба андешаи ӯ ба ҳокимияте, ки нисбати он фишор оварда мешавад, танҳо ҳокимияти "расмӣ" ("рӯякӣ", "рамзӣ" – М.М.) мебошаду халос (институтҳои сиёсӣ дар фаҳмиши анъанавии он – ҳамчун ашхоси қабулкунандаи қарор), аммо ҳокимияти воқеӣ маҳз ҳамон қувваҳое маҳсуб меёбанд, ки раванди лоббикунониро амалӣ менамоянд. Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои Лепехин ба хулосае омадан мумкин аст, ки лоббизм на танҳо артикулятсияи (намояндагии) манфиатҳои ин ва ё он гурӯҳ (иҷтимоӣ, сиёсӣ иқтисодӣ) дар сохторҳои давлатист, балки раванди мувофиқнамоии ҳокимияти расмӣ бо ҳокимияти воқеӣ мебошад[8]. Таҳлили мазкур шояд аз воқеияти сиёсии давраи гузариши ҷомеаи Россия баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии он сарчашма гирифта бошад.

Муҳаққиқи дигари рус А.П. Любимов дар мақолаи «Таҷрибаи истифодаи мафҳумҳои «лоббизм», «фаъолияти лоббистӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии Федератсияи Россия» қайд менамояд, ки «дар натиҷаи

барқароршавии асосҳои демократии давлат ва рушди плюрализм дар Россия мафҳуми «лоббизм» ҳамчун воситаи бисёрҷанба ва зарурии ҳамкории ҳокимият ва ҷомеа (шаҳрвандон) тафсири боз ҳам васеътарро касб намуд»[10].

Ҷойи дигар ӯ менависад, ки дар маънои ҳуқуқӣ лоббизм – «ин маҷмӯи меъёрҳои танзимкунандаи ҳамкории (иштироки) шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои махсусгардонидашудаи фаъолияти лоббистӣ, субъектони дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои барои лоббистон зарурӣ ва ҳимояи фаъолонаи манфиати онҳо мебошад» [9, 18].

Профессор А.В. Малко чунин меҳисобад, ки лоббизм аз як тараф «зуҳуроти ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқии муосир», аз тарафи дигар бошад – «фаъолияти дилхоҳ ашхоси манфиатдор (чӣ воқеӣ ва чӣ ҳуқуқӣ) вобаста ба ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои худ дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият бо мақсади таъсиррасонӣ ба қарорҳои қабулшаванда» мебошад [11, 16].

А. Артемов бошад, тасдиқ менамояд, ки лоббизм, ҳамчун омили таъсиррасон ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тариқи мақомоти қонунгузор ва иҷроияи давлатӣ дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ механизми амалисозии муносибатҳои байни сиёсати давлатии иқтисодӣ ва шакли ҷамъиятии идоракунии хоҷагидориро ифода мекунад [2, 4].

С. В. Зотов диққати асосиро ба он равона кардааст, ки лоббизм – ин институти намояндагии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра буда, қисми раванди сиёсӣ-идорӣ ба ҳисоб меравад, яъне лоббизм – ин низоми амали гурӯҳҳое мебошад, ки ба мақомоти давлатӣ тариқи қонунӣ (легитимӣ) ва ё ғайриқонунӣ (ғайрилегитимӣ) таъсир мерасонанд. Ҳамчун воситаи таъсиррасонии гурӯҳҳои калони саноатӣ ва давлат - лоббизм барои ташаккули курси сиёсат мусоидат менамояд [5, 8]. Ин нуқтаи назарро дастгирӣ намуда, муаллиф чунин меҳисобад, ки ба сифати унсури лоббизм ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, метавонад фаъолияти лоббистӣ (лоббикунонӣ) ҳамчун механизми амализосии принсипҳо ва мақсадҳои лоббизм дар сиёсати давлатӣ ба воситаи навъҳои гуногуни фаъолияти ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ғайриҳуқуқӣ баромад намояд. Бо баинобатгирии ҳолати мазкур, ба нуқтаи назари муаллиф мавқеи А. Автономов наздикӣ дорад, ки зери мафҳуми лоббизм «маҷмӯи шаклҳо ва намудҳои усулҳои таъсиррасонии гурӯҳҳои манфиатдорро бо мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба таркиби қарорҳои мақомоти мазкур» мефаҳмад. [1, 5]. Ба лоббикунонӣ ӯ аз нуқтаи назари институтсионалӣ баҳо дода, онро ҳамчун «васитаи равонашуда барои ҳимоя ва дар ҳаёт татбиқ намудани манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ аз ҷониби намояндагони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ» тавсиф менамояд [1, 8].

Ҳамин тавр, лоббизм на фаъолият, балки як навъ зуҳурот ва низомеро ифода менамояд ва танҳо муносибати мазкур имконият медиҳад, ки лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шавад.

Манфиатҳои шахсиро ҳимоя намуда, лоббистҳо маълумоти муҳимро вобаста ба талабот ва хоҳишҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа ба сиёсатмадрон мерасонанд. Лоббистҳо нишон медиҳанд, ки чӣ тавр қарорҳои сиёсӣ ба гурӯҳҳои алоҳида таъсир мерасонад, натиҷаи он дар ояндаи наздик ва дур чӣ тавр метавонанд бошад ва ҳамчунин қарори беҳтаринро аз нуқтаи назари ин ва ё он гурӯҳҳои ҷамъият ба сиёсатмадорон пешниҳод менамоянд. Дар натиҷаи гирифтани чунин иттилоот, дар шуури сиёсатмадорон вобаста ба манфиатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва алтернативаҳои қарорҳои сиёсӣ тасаввуроти комил ҳосил мегардад, ки ба онҳо барои қабули қарори

самараноктар кӯмак менамояд. Дар ин ҳолат лоббистҳо бо сиёсатмадорону мансабдорон зид гузошта намешаванд ва баръакс ба раванди сиёсӣ-маъмурӣ ба таври амиқтар ворид мегарданд. Мувофиқи андешаи Ҷ. Бирнбаум «лоббистҳо ҳамчун кормандони пардохтнашавандаи (бемузди) субъектони қабулкунандаи қарор кор мекунанд. Онҳо қонунгузоронро бо маблағ таъмин менамоянд, ки он барои аз нав интихоб шудани онҳо (қонунгузорон, яъне аҳли парлумон) лозим аст ва иттилоотеро оиди сиёсат ва равандҳои бавуқӯоянда ба онҳо мерасонанд, ки барои мансабдорони давлатӣ дастрас намудани чунин маълумот аз тарафи сохторҳои ҳукуматии аксаран ба таври зарурӣ малағгузоринашаванда, на он қадар осон ба даст меояд» [16, 6].

Муҳаққиқи дигари рус Клочкова М. лоббизмро ҳамчун падидаи манфӣ баррасӣ намуда, лоббикуниро ҳамчун фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оиди расонидани кӯмак ва дастгирӣ ба маҳаллҳо ва ташкилотҳо тариқи ягон соҳаи муайяни фаъолият мефаҳмад, ки на бо мақсади зарур будани чораҳои таъминнамоии ҳаёти муътадили одамон, рушди кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳои алоҳида, балки бо мақсади ҳимояи манфиатҳои шахсӣ амалӣ карда мешавад. [6, 108].

Сенатори ИМА К. Левин қайд менамояд, ки лоббизм имрӯзҳо ҳамон унсури идоракуние амсоли коркард ва гузаронидани лоиҳаи қонунҳо ва ё мурофиаи оммавие маҳсуб меёбад ва нақши муҳимтаринро дар интиқол ва гирифтани иттилоот дар раванди сиёсӣ бозӣ мекунад, ки устувории ҳаёти демократияро таъмин менамояд. Режимҳои ғайридемократӣ ба лоббизм ниёз надоранд, зеро дар онҳо шароити лозимае мавҷуд нест, ки дар он ашхоси ба ҳукумат шомилнабуда имконияти таъсиррасонӣ ба қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшавандаро дошта бошанд. Дар шароити демократия ҳолат умуман дигаргуна аст. Иттилооти аз ҷониби шаҳрвандон мерасида барои қабули қонунҳои инъикоскунандаи ихтиёри халқ ва ҳимояи раванди солими демократӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад[4]. Яъне, ба андешаи муҳаққиқи мазкур, барои мавҷудияти лоббизм ва фаъолияти лоббистон низоми демократӣ муҳим ва зарурӣ буда, дар ҷомеаи ғайридемократӣ аз сабаби набудани зарурияти объективӣ ва шароити сиёсӣ-иҷтимоӣ, лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ мавҷуд нест, ва ё агар вуҷуд дошта бошад ҳам, ба таври фаъолу самаранок фаъолият (амал) карда наметавонад. Вале, мо метавонем ба ин нуктаи назар пурра розӣ нашавем, зеро лоббизм новобаста ба он, ки дар ягон санадҳои меъёрӣ навишта шудааст ва ё зикр нагардидааст, хоси тамоми системаи сиёсӣ мебошад. Энсклопедияи Британника дар маънидоднамоии лоббизм маҳз ба ҳамин нуқта ишора менамояд: «лоббизм дар шаклҳои гуногун дар дилхоҳ системаи сиёсӣ мавҷуд аст» [17].

Лоббикунонӣ натанҳо дар режими демократӣ, балки инчунин дар режимҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ низ мавҷуд аст. Фарқият дар он аст, ки дар режимҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ лоббикунонӣ аз ҷониби доираи маҳдуди сиёсатмадорон, ки ба элитаи ҳукмрон дастрасӣ доранд амалӣ гардида, хусусияти махфӣ буданро дорад.

Лоббизм ҳамчун институти махсуси амалисозии ҳокимияти давлатӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

- Объекти лоббикунонӣ (мақом ва ё мақомоти давлатӣ, ки лоббикунонӣ нисбати он равона гардидааст);
- Предмети лоббикунонӣ (бевосита ба мақомоти давлатие алоқаманд аст, ки лоббикунонӣ ба он равона гардидааст);
- Субъекти лоббикунонӣ (лобби-институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои гуногуни ифодакунандаи манфиатҳои иқтисодӣ,

иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ғ., ки фишороварии мақсаднокро ба мақомоти гуногуни давлатӣ амалӣ менамоянд) [15, 27-28].

Сиёсатшиносон дар баҳодиҳии падидаи лоббизм ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: тарафдорони гурӯҳи аввал нақши лоббизмро дар низоми сиёсӣ бо ҳар роҳ инкор менамоянд. Онҳо лоббизмро бо коррупсия ва соҳаи ҷиноӣ баробар намуда, бо ин роҳ онро умуман аз мафҳумоти илмӣ берун менамоянд. Ҷонибдорони гурӯҳи дуюм усулҳои қонунӣ (легалӣ) ва ғайриқонунии (ғайрилегалӣ) лоббизмро ҷудо намуда, бо ин роҳ фаъолияти лоббикунонӣ (ё лоббистӣ)-ро дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ маҳдуд мекунанд ва коррупсияро аз амалияи сиёсӣ берун менамоянд. Фарқияти намудҳои зикргардидаи муносибат бо лоббизм дар он ифода мегардад, ки муносибати дуюм нисбатан самараноктар ва маҳсулноктар аст, зеро алоқаҳоро бо ҷомеа ва ҳокимият нигоҳ дошта, низоми намояндагии функсионалии гурӯҳи манфиатхоҳ (лоббистон)-ро дар чаҳорчӯбаи қонун нигоҳ медорад.

Лоббизм барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хеле муҳим аст. Он ба ҳаёти ҳар як ҷомеа ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам оқибатҳои манфӣ ба бор меорад. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии лоббизмро дида мебароем. Ба ҷиҳатҳои мусбии лоббизм омилҳои зерин дохил мешаванд:

**Якум**, ба ҳокимияти сиёсӣ таъсир расонида, лоббизм мақомотҳои идориро маҷбур менамояд, ки худро дар ҳолати хуби касбӣ нигоҳ доранд. Бо ҳокимият рақобат карда, ҳокимиятро маҷбур менамояд, ки зудҳаракат бошад. Дар шароити тақсими ҳокимият ҳар як шохаи ҳокимият метавонад ин ё он гурӯҳи лоббистиро ба манфиати худ истифода барад. Масалан, дар Конгресси ИМА байни қонунгузорон ва лоббистон ҳамкории зич мавҷуд аст. Ин ҳамкорӣ мавқеи мақомоти қонунгузориро қавӣ мегардонад.

**Дуюм**, лоббизм ба сифати воситаи (инструмент) худтакмилдиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунад. Ба воситаи он дастгирии ҷамъиятӣ ва ё оппозитсияи ин ё он қонун ё қарор сафарбар карда мешавад. Дар чунин ҳолат лоббизм ба сифати рақиби бюрократия амал мекунад.

**Сеюм**, лоббизм имконият фароҳам меоварад, то манфиатҳои ақаллиятҳо ҳимоя карда шаванд.

**Чорум**, лоббизм имконият медиҳад, ки базаи информатсионӣ ва ташкилии қарорҳои қабулмешуда васеъ шавад ва диққати зарурӣ ба масъалаҳои актуалӣ равона карда шавад. Гурӯҳҳои лобистӣ мақомотҳои давлатиро бо ахбороти зарурӣ оиди масоили баррасишаванда таъмин мекунанд. Аъзоёни парлумон ва дигар вазифадорони давлатиро бо мушкилиҳои табақаҳои гуногуни ҷомеа шинос мекунанд. Барои ҳамин онҳоро «фурӯшандагони ахбор» низ меноманд.

**Панҷум**, лоббизмро метавон ҳамчун воситаи ҳамкории байни мақомоти қонунгузор ва иҷроия номид. Тақсими ҳокимият ин ду шохаро дар муқобили ҳамдигар намегузорад. Ҳамкории байни лоббистони вазоратӣ ва лоббистони парламентӣ ба фоидаи кор аст. Ин ҳамкорӣ падидаи мусбӣ дар ҳаёти сиёсӣ ҳисобида мешавад.

**Шашум,** сифати идоракунии давлатиро баланд мебардорад ва сатҳи хатою иштибоҳҳои мақомоти идоракуниро кам мегардонад;

Дар баробаи ҷиҳатҳои мусбӣ лоббизм ҳамчун институти сиёсӣ-ҷамъиятӣ палуҳои манфӣ низ дорад.

**Якум**, ҳангоми пурқувват будани лоббизми хориҷӣ, ки як навъи лоббизм мебошад, манфиатҳои миллӣ метавонанд сарфи назар гарданд. Ҳолати мазкур хоси кишварҳои рӯ ба инкишоф ва ё ҷомеаҳое мебошад, ки таҷрибаи ҷомеаи сармоядориро

кам доранд. Дар ин кишварҳо ширкатҳои фаромиллӣ бахри ҳимояи манфитаҳои худ бо роҳҳои нисбатан нарм ба қонунгузорӣ таъсир мерасонанд, ки аксаран ба манфиати давлат набуда, метавонад манфиатҳои милливу давлатӣ сарфи назар шавад.

**Дуюм,** лоббизм метавонад аз механизмҳои ғайриқонунии фишор ба мақомотҳои давлатӣ истифода барад. Дар ин ҷо метавон аллакай дар бораи навъҳои лоббизме сухан гуфт, ки пояҳои давлатдориро суст мегардонанд.

**Сеюм,** лоббизм метавонад омили рушд ва ҳимояи бюрократияи носолим, маҳалгароӣ, миллатгароии канора ва ғайра гардад. Раванди ҳимояи «манфиатҳои махсус» хеле зиёд мешавад.

**Чорум,** лоббизм метавонад унсурҳои ҳокимияти халқиро суст гардонад. Институтҳои демократиро ба институтҳои пурқуввати гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатҷӯ табдил медиҳад.

**Панҷум,** маъракаҳои лоббистӣ метавонанд сабаби зиёдшавии нобаробарии иҷтимоӣ гарданд. Гурӯҳҳои лоббистӣ манфиатҳои гурӯҳҳои бузурги молиявию иқтисодиро ҳимоя карда, аксар вақт манфиати оммаро сарфи назар мекунанд.

**Шашум,** дар баъзе ҳолатҳо лоббистон монеаи қабули қарорҳои барои ҷомеаи муфиднок мешаванд. Онҳо аксар вақт манфиатҳои оммаро қурбони манфиатҳои гурӯҳҳои олигархӣ мекунанд.

Лоббизм ин мавҷудияти гурӯҳи пуркудрат дар сари ҳокимият мебошад, ки ҳамаи имкониятҳоро барои азнавтақсимкунии захираҳои моддӣ ба фоидаи худ истифода мебарад [12].

Лоббизм ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ метавонад ҳам барои хайрияти умум ва ҳам барои хайрияти доираи маҳдуди одамон истифода бурда шавад. Барои он ки лоббизм барои тамоми ҷомеа муфиднок бошад, зарур аст, ки шароити зарурӣ таъмин карда шавад: амали реалии институтҳои демократӣ ва меъёрҳои демократӣ, муътадилии иқтисодӣ ва сиёсӣ, озодии ВАО, ҷомеаи шаҳрвандии боқувват ва ғайраҳо. Танҳо дар ҳолати мавҷудияти чунин омилҳо лоббизм метавонад ба нафъи ҷомеа истифода бурда шавад. Аммо дар шароити бухронҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва руҳонӣ, давраҳои гузариш лоббизм аз чаҳорчӯбаҳои тамаддунӣ баромада, бештар хосиятҳои манфиро касб мекунад.

Стюарт Томсон ва Стив Ҷон дар китоби худ «Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалия» менависанд: «Лоббизм таркиби муҳими равандҳои демократӣ буда, ҳамеша мавҷуд буд ва боқӣ мемонад. Барои маслиҳате, ки мушовири сиёсӣ медиҳад, маблағ додан кори нодуруст нест. Соҳибкорон, муассисаҳои хайриявӣ ва ассотсиатсияҳои савдоӣ мутахассиси соҳаи низоми сиёсӣ нестанд ва онҳо ба шахсоне маблағ медиҳанд, ки мутахассиси ҳамин соҳаанд» [18, 3].

Хусусиятҳои фарққунандаи фаъолияти лоббистӣ инҳо мебошанд:

**Якум,** лоббизм бо ҳокимияти сиёсӣ сахт алоқаманд аст. Лоббизм ба сифати ҳокимияти сиёсӣ табдил ёфтааст.

**Дуюм,** фаъолияти лоббистӣ ҳатман ба фоидаи ягон гурӯҳи алоҳида бурда мешавад (синфҳо, табақаҳо, минтақаҳо, ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, миллатҳо, конфессияҳо ва ғайраҳо).

**Сеюм,** лоббистон нақши миёнаравро байни гурӯҳҳои манфиатдори сернуфуз, корпоратсияҳои молиявӣ, созмонҳои тиҷоратӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва мақомотҳои давлатӣ (мақомотҳои қонунбарор ва иҷроия) иҷро мекунанд.

**Чорум,** лоббизм имконият медиҳад, ки натанҳо манфиатҳои гурӯҳҳо ва корпоратсияҳои бузург, балки шахсони алоҳида ҳимоя карда шаванд.

**Панҷум,** лоббизм имконият медиҳад, ки шахсони алоҳида ё гурӯҳи шаҳрвандон дар таҳия ва қабули қонунҳо ба таври бавосита иштирок кунанд.

Ҳамчунин, лоббизмро ба намудҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра ҷудо мекунанд. Вобаста ба самти фаъолият лоббизмро ба соҳавӣ ва минтақавӣ ҷудо менамоянд.

Вобаста ба танзимнамоии ҳуқуқии лоббизм кишварҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дар давлатҳои гурӯҳи аввал (Канада, ШМА, Қонуни федеролӣ дар барои танзимнамоии лоббизм соли 1946 дар ШМА) лоббизм тариқи қонунгузорӣ мавриди танзимнамоии қатъӣ қарор гирифта, лоббистон ба таври ҳатмӣ ба қайд гирифта мешаванд ва вобаста ба фаъолияти худ ҳисобот медиҳанд. Дар давлатҳои гурӯҳи дуюм (баъзе кишварҳои Аврупо) лоббизм пурра (ва ё танҳо дар мақомоти алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ) дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқи нарм танзим гардида, бақайдгирии лоббистон ҳатмӣ нест. Дар гурӯҳи сеюми кишварҳо (ба он аксари давлатҳои муосир шомиланд) лоббизм тариқи қонуни махсус ба танзим даровarda нашудааст. Вале, дар аксари давлатҳо (новобаста аз он ки дар қонунгузории миллии онҳо истилоҳи «лоббизм» мавҷуд ҳаст ва ё нест) асоси ҳуқуқии лоббизм ҳуқуқи тариқи санади конститутсионӣ мустаҳкамгардидаи пешниҳоди петитсия ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад.

Асоси ҳуқуқии лоббизм ин ҳуқуқи шаҳрвандон ба пешниҳоди петитсия ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин ба ташкилоти байналхалқӣ мебошад. Ин ҳуқуқ (ҳуқуқи пешниҳоди петитсия) дар қонунгузории як қатор кишварҳо (аз ҷумла дар Конститутсияи давлатҳо) новобаста ба он, ки дар ҳуқуқи миллӣ истилоҳи «лоббизм» мавҷуд ҳаст ва ё нест, мустаҳкам гардидааст. Ғайр аз ин, дар бисёр давлатҳо қонунгузории махсуси самти лоббизм мавҷуд аст, ки фаъолияти лоббистони касбиро бо пешбинии бақайдгирӣ ва ҳисоботдиҳии ҳатмии онҳо, иловатан ба танзим медарорад. Муҳаққиқ О. Доспан ду модели муосири танзимнамоии фаъолияти лоббистиро номбар намудааст [4-112]:

Модели англосаксонӣ – (ИМА, Канада) – санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсуси танзимкунандаи фаъолияти лоббистиро доранд.

Модели континенталӣ (Франсия ва дигар давлатҳо), ки дар он санади меъёрии махсуси танзимкунандаи лоббизм мавҷуд нест.

Хулоса, лоббизм яке аз институтҳои намояндагии сиёсии гурӯҳи манфиатҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин усулҳои лоббизм на танҳо дар низоми намояндагии манфиатҳои функсионалӣ, балки инчунин дар самтҳои зиёди ҳаёти сиёсӣ-ҷамъиятӣ, аз ҷумла фаъолияти сиёсӣ-идорӣ низ истифода мегардад. Мавқеъ ва нақши лоббизмро дар низоми идоракунии сиёсӣ метавон бо баинобатгирии як қатор махсусиятҳои лоббизм ҳамчун институти ҷамъиятӣ дарк намуд.

Якум, лоббизм – ин "кӯчае бо ҳаракати яксамта" мебошад, ки дар он уҳдадории тарафайнии иштирокчиён мавҷуд набуда, баръакс низоми намояндагии функсионалӣ дар ҳолатҳои муайян масъулияти тарафҳро барои амалҳои худ пешбинӣ манамояд.

Дуюм, лоббизм аксаран алоқаҳои ғайрирасмиро истифода менамояд. Вай, чун қоида, манфиатҳои ашхосеро ҳимоя менамояд, ки имконияти иштирок дар раванди қабули қарорро надоранд ё онро аз даст додаанд.

Сеюм, лоббикунонӣ ҳамкорӣ миёни давлат аз як тараф ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро аз тарафи дигар дар назар дорад.

Ҳамин тавр, лоббизм – ин низоми намояндагии ғайрирасмии манфиатҳо дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ буда, дар фаҳмиши сиёсӣ-идорӣ он одатан ҳамчун таъсиррасонии гурӯҳҳо ва ташкилтҳои онҳоро дар ҳокимияти давлатӣ намояндагикунанда бо мақсади қабул ва ё раднамоии қарорҳои ба манфиати ин гурӯҳҳо дахлдор мебошад.

**Адабиёт:**


1. Автономов А. Азбука лоббирования. М.: Права человека, 2004. 112 с. (Avtonomov A. S.The ABC of Lobbying. M.: Prava cheloveka, 2004. 112 p.).
2. Артемов А. Канадская основа открытого общества. Лоббизм, протекционизм и либерализм - составляющие новой экономической политики России // Независимая газета. 2000,16 января.
3. Доспан О. Лоббизм как многоаспектный феномен социально-политической системы // Вестник Поволжского института управления. — 2013. — № 3 (36). — 112
4. Закон об открытости лоббистской деятельности 1995 года: взгляды двух законодателей // Вопросы демократии. Лоббирование в Америке. 1998. Июнь. Т. 3, № 2. С. 8–12 (Lobbying Disclosure Act of 1995: the Views of Two Legislators // Issues of Democracy. Lobbying in America. 1998. June. Vol. 3, N 2. P. 8–12).
5. Зотов С. В. Лоббизм как институт политического представительства интересов в современной России: Автореф. дис ... к.п.н. -М., 1997.
6. Клочкова М. Краткий курс по политическому менеджменту: учеб. пособие / М. Клочкова. -М.: Издательство «Окей-книга», 2009.-110 - (Скорая помощь студенту. Краткий курс).
7. Кумс К. Лоббизм и его регулирование: советы британского эксперта // Бизнес и политика. 1994. № 1.
8. Лепехин В.А. Лоббизм в России и проблемы его правового регулирования. В. А. Лепехин // Политические исследования, 1998. № 4.
9. Любимов А.П. Лоббизм как конституционно-правовой институт. - М.: ИГПАН, 1998.
10. Любимов А.П. Практика использования терминов «лоббизм», «лоббистская деятельность» в нормативных правовых актах и иных официальных документах в Российской Федерации [Электронный ресурс] // URL: http://www.pvlast.ra/archive/index.32.php (Дата обращения 23.03.2021).
11. Малько А.В., Субочев В.В. Лоббизм: проблемы правового регулирования. Пятигорск, 2003.
12. Малютин М., Нещадин А. Лоббизм-всего лишь средство обогащения. //Известия 1994. 16.11.
13. Павроз А. В. Институт лоббизма в современных демократических обществах // Политическая экспертиза: ПОЛИТЭК — 2014. Т. 10. № 3.
14. Попова А.В. Лоббизм и лоббистская деятельность// ПРАВОВОЕ ГАСУДАРСТВО: теория и практика, 2014. №4 (38);
15. Толстых П.А. GR. Практикум по лоббизму в России. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2007.
16. Birnbaum J. The Lobbyists: How Influence Peddlers Get Their Way in Washington. New York: Three Rivers Press, 1993. 334 p.

17. Encyclopedia Britannica. Lobbying // www.britannica.com/EBchecked /topic/345407/lobbying (date of access: 17.01.2021).
18. Stuart Thomson, Steve John. Public affairs in practice. –London, 2007. -P.3.
19. Webster's New Collegiate Dictionary. Lobbying // www.merriam-webster.com// lobbying (date of access: 17.01.2021).

## ЛОББИЗМ В ПОЛИТИЧЕСКОМ УПРАВЛЕНИИ: СОДЕРЖАНИЕ, МОДЕЛИ И СРЕДСТВА РЕАЛИЗАЦИИ

**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
кандидат политических наук, доцент,
проректор по науке и инновациям
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**МУМИНОВ МУСТАКИМ АБДУВАКИЛОВИЧ,**
магистрант 2-го курса по специальности политический менеджмент
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира 33,
Тел.: (+992) 92-616-09-18, E-mail: muminovmustaqim@gmail.com

*В современном периоде политическое управление как система, обладает огромными ресурсами управления или влияния на управление. Политическая система общества рассматривается как поле битвы групп интересов. Одним из важнейших инструментов влияния на процесс управления в современном мире является лоббизм. В современной политической литературе лоббизм рассматривается как политический институт политической системы, оказывающий влияние на процесс принятия политических решений.*

*В статье рассматривается лоббизм как политический институт и его роль в процессе политического управления с точки зрения западных, российских и отечественных ученых.*

*Лоббизм как политический институт – является как новое явление в отечественной политической литературе. Но в практическом опыте западных стран и США имеет давнюю историю.*

***Ключевые слова:*** *Политическое управление, государственное управление, политическая система, понятие лоббизма, лоббирование, деятельность, субъект, объект, аспекты, позитив, негатив, группа интересов, политический опыт.*

## LOBBYING IN POLITICAL ADMINISTRATION SYSTEM: CONTENT, MODELS AND IMPLEMENTATION TOOLS

**KOMILBEK AMID YORBEK,**
Candidate of Political Science, Associate Professor,
Vice-Rector for Science and Innovation of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**MUMINOV MUSTAQIM ABDUVAKILOVICH,**
2nd year master's student in political management

Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 92-616-09-18. E-mail: muminovmustaqim@gmail.com

*In the modern world, political governance as a system has enormous resources of administration or influence on administration. The political system of a society is seen as a battleground for interest groups. Lobbying is one of the most important tools to influence the administration process in the modern world. In modern political literature, lobbying is a political institution of the political system that influences the process of making political decisions.*

*The article examines lobbying as a political institution and its role in the process of political governance from the point of view of Western scientists, Russian and domestic scientists.*

*Lobbying as a political institution is a new phenomenon in national political literature. But in the practical experience of Western countries and the United States has a long history.*

***Key words:*** *Political governance, public administration, political system, the concept of lobbying, lobbying, activity, subject, object, aspects, positive, negative, interest group, political experience.*

УДК 327.88

# ТАШАККУЛЁБИИ ТАҲДИДУ ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР ДАР ШАРОИТИ ПЕШРАФТИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ

**САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи
равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 98 812 73 83. E-mail: quddusov@mail.ru

*Дастовардҳои илмию техникӣ ва рушди технологияҳои нав аз як ҷониб ҳалли мушкилиҳои гуногуни инсониятро имконпазир гардонида бошанд, аз ҷониби дигар хавфу хатар ва таҳдидҳои бешуморро ба вуҷуд овардаанд. Рушди илмҳои микробиология ва генетика, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ боиси пайдоиши биотерроризм, агротерроризм ва кибертерроризм гардиданд. Давлатҳои гуногун ва созмонҳои ҷаҳонӣ бо ташкил намудани марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва ҷамъоварии иттилооти зиёд хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтодани натиҷаҳои таҳқиқоти ин соҳаҳои илмро ба вуҷуд овардааст. Рахна намудани системаҳои иттилоотии озмоишгоҳҳо ва дӯздидани иттилооти махфӣ хеле хатарзо мебошад. Ғайр аз ин, давлатҳои алоҳида низ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию геостратегии худ ва инчунин барои ба даст овардани афзалиятҳои иқтисодӣ яроқи биологию химиявиро дар шароити гуногун истифода менамоянд. Бо дарназардошти чунин вазъият ва бо мақсади таъмини амнияти биологию озуқаворӣ таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни таҳдидҳои ҷаҳони муосир иқдоми муҳим ва саривақтӣ мебошад. Гузашта аз ин, яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмини амнияти озуқаворӣ ташкил медиҳад, ки мубориза бо таҳдидҳои биологӣ яке аз самтҳои афзалиятноки амалишавии ин стратегия бояд дониста шавад. Муайян намудану нишон додани воқеияти истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби субъектҳои гуногуни сиёсати ҷаҳонӣ мақсади ин таҳқиқотро ташкил медиҳад. Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки на танҳо давлатҳои алоҳида, балки ташкилотҳои террористӣ низ барои истифодаи яроқи биологӣ талош варзида истодаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *пешрафти илмию техникӣ, биотерроризм, агротерроризм, яроқи биологӣ, яроқи химиявӣ, амнияти озуқаворӣ.*

Пешрафти илму техника ва ташаккули технологияҳои навин дар ҳалли масъалаҳои гуногун ва рафъи мушкилоти дар тӯли асрҳо бавуҷудомада муосидат карданд. Ҳамзамон рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва фароҳам овардани шароити муосид барои пешбурди кору фаъолият аз рушди илму техника вобаста мебошад. Аммо дар баробари ин, чунин дастовардҳо инсониятро бо таҳдиду хатарҳои нав рӯ ба рӯ намудаанд. Ҳанӯз 10 ноябри соли 1975 Ассамблеяи Генералии СММ чунин вазъро ба инобат гирифта, «Эъломия дар бораи истифодаи пешрафти илмию техникӣ ба манфиати сулҳ ва инсоният»-ро қабул намуда буд. Дар ҳуҷҷати мазкур эътироф мегардад, ки пешрафти илмию техникӣ яке аз омилҳои муҳимтарини рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо он метавонад мушкилиҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд оварад ва боиси поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардад. Аз ин рӯ, аз давлатҳои узви СММ даъват ба амал оварда шудааст, ки аз ҳама гуна амалҳое, ки бо Оинномаи СММ мухолифат доранд, даст кашанд ва аз пешрафти илмию техникӣ дар ин гуна вазъият истифода накунанд. Махсусан, дар ҳуҷҷати мазкур истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ барои вайрон кардани истиқлолият ва

дахлнопазирии сарҳадоти давлатӣ, дахолат намудан ба корҳои дохилии давлатҳо, ташкил намудани ҷангҳои агрессивӣ, саркӯб намудани ҳаракатҳои миллию озодиҳоҳӣ ва пешбурди сиёсати нажодпарастию миллатпарастӣ маҳкум карда мешавад [2]. Аз қабули ин ҳуҷҷат бештар аз чаҳор даҳсола сипарӣ гардид ва дар ин муддат истифодаи дурусти пешрафти илмию техникӣ ва рушди технологияҳои навин то кадом андоза риоя шуд? Инчунин пешрафти илмӣ ва рушди технологияҳои муосир кадом мушкилиҳоро барои инсоният эҷод намуданд?

Таҳлили адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар замони муосир аз ҳама бештар рушди илмҳои микробиология (биологияи синтетикӣ) ва генетика, пайдоиши зеҳни сунъӣ, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инқилоби чоруми саноатӣ хавфу хатари бештарро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Дар шароити муосир рушди бемайлони илмҳои микробиология ва генетикаро мушоҳида намудан мумкин аст. Дастовардҳои илмию технологии илмҳои мазкур имкон додаанд, ки дар соҳаҳои тиб, бойторӣ, растанипарварӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оянд. Аммо дар баробари манфиат ва ҷанбаҳои мусбати чунин пешрафти илмӣ, инчунин хавфи бо мақсадҳои ғаразнок ва нияти расонидани зарар ба дигарон истифода шудани чунин дастовардҳои илмӣ низ ба вуҷуд омад. Ҳанӯз дар миёнаҳои асри XX файласуфи немис К.Ясперс чунин тамоюлотро мушоҳида карда, иброз намуда буд, ки дастовардҳои илмию техникӣ дар баробари имкониятҳои всаеи худ, инчунин хатарҳои беохирро дар худ нигоҳ медоранд. Ба андешаи ӯ, «техника танҳо воситаи анҷом додани корҳо аст, худ ба худ он на хуб асту на бад. Ҳама ҳолати техникӣ аз он вобаста аст, ки инсонҳо онро дар кадом шароит истифода мекунанд, барои чӣ истифода мебаранд ва ба чӣ табдилаш медиҳанд. Тамоми паҳлуҳои масъала дар он аст, ки чӣ гуна инсонҳо (инсонҳои хуб ё бад) техникаро тобеи худ месозанд ва ба воситаи техника онҳо чӣ гуна рафтор мекунанд» [17, с.140]. Дар шароити муосир рушди на танҳо техника, балки технологияҳои навинро низ дар чунин қонуният баррасӣ намудан мумкин аст. На танҳо технологияҳои биологию генетикӣ, балки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияҳои компютерӣ ва муҳандисӣ низ айни замон хавфу хатари зиёдро ба вуҷуд оварда истодаанд. Дар мавриди хавфу хатари технологияҳои иттилоотию компютерӣ дар мақолаҳои қаблии худ [10] андешаҳои худро иброз намудаем ва ин ҷо дар бораи хавфу хатари пешрафти илмҳои биологию гентикӣ ва муҳандисӣ масъалагузорӣ менамоем. Як қатор муҳаққиқон дар атрофи хавфу хатари биологияи синтетикӣ андешаронӣ намуда, онро яке аз самтҳои навини муҳандисии генетикӣ номидаанд. Муҳандисии генетикиро ҳамчун илм эътироф намекунанд ва онро ҳамчун воситаи рушди биотехнология медонанд. Дар маҷмӯъ, мутахассисони соҳаи биологияи синтетикӣ эҳтимолоияти сохтани яроқи биологиро таҳдиди пуриқтидор дар соҳаи амнияти биологӣ муаррифӣ кардаанд [4, с.78].

Бо дарназардошти хавфу хатари дастовардҳои биологию генетикӣ на танҳо давлатҳои алоҳида, балки аз охири асри XX сар карда ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таъмини амнияти биологӣ чорачӯӣ намуда истодаанд. Ҳанӯз соли 1971 бо ташаббуси Ассамблеяи Генералии СММ «Конвенсия дар бораи манъи коркард, истеҳсол ва ҷамъоварии захираҳои яроқи бактериологӣ (биологӣ), токсинӣ ва несту нобуд кардани онҳо»-ро қабул намуд [7]. Соли 2008 Комиссияи аврупоӣ бо иштироки се кумитаи илмии давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо вобаста ба омӯзиши оқибатҳои биологияи синтетикӣ гурӯҳи кории доимоамалкунанда ташкил намуда буд. Ба ин масъала аз соли

2010 сар карда Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ низ диққати махсус медиҳад. Бо дарки эҳтимолияти зиёди оқибатҳои ногувори таҳдидҳои биологӣ соли 2017 дар назди Академияи илмҳои ИМА Кумитаи стратегӣ оид ба пешгирии таҳдидҳои биологӣ таъсис дода мешавад.

Таъмини амнияти биологӣ ва мубориза бо таҳдидҳои биологӣ дар ибтидои асри XXI ба яке аз масъалаҳои афзалиятнок табдил ёфтаанд. Чунин вазъ бо тавсеаи терроризми байналмилалӣ асоснок карда мешавад, ки рӯз то рӯз хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтодани дастовардҳои соҳаи микробиология, аз ҷумла вирусология, генетика ва технологияҳои ядроӣ ба вуҷуд омадааст. Хавфу хатари истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ оқибатҳои ногувор дорад. Зеро дар шароити паҳн намудани вирусҳои сунъӣ, ба муддати тӯлонӣ пешгирӣ ва ё безарар намудани ин гуна тахрибкорӣ мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд меоварад. Дар ин маврид мушкилии ташвишовар ин аст, ки бо даҳолати террористон ба амал омадани паҳншавии вирусҳои марговарро муайян намудан хеле мушкил аст. Масалан, дар бораи вируси сироятии COVID-19, ки дар охири соли 2019 дар шаҳри Ухани Чин пайдо шуда, дар тамоми кишварҳои олам паҳн гардид, то ҳанӯз ягон давлат, созмонҳои байналмилалӣ ва ё марказҳои илмию таҳқиқотӣ ҳадафмандона паҳн намудани онро тасдиқ накардаанд. Ба ҳамин монанд, дар оянда низ дар шароити паҳншавии вирусҳои нав муайян намудани паҳнкунандаи он кори хеле мушкил аст. Эҳтимоли аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ паҳн намудани ин гуна вирусҳо аллакай ба амал омадааст.

Арбобони сиёсӣ ва сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳониро ташкил гардидани озмоишгоҳҳои биологию химиявӣ ва махсусан, озмоишгоҳҳои коркарди уран дар давлатҳои ғайридемократӣ ба ташвиш овардааст. Ба андешаи онҳо, дастрасӣ пайдо кардани ин гуна давлатҳо ба яроқи қатли ом ва яроқи атомӣ хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтодани ин гуна яроқҳоро хеле зиёд менамояд. Аз ин рӯ, як гурӯҳ сиёсатмадорон пешниҳод намудаанд, ки пеши роҳи чунин тамоюлот бояд гирифта шавад. Масалан, собиқ сарвазири Сингапур Ли Куан Ю дар ин бора андешаронӣ намуда, қайд менамояд, ки «ҷаҳон дар муқобили дастрасӣ пайдо кардани террористон ба яроқи қатли ом рӯ ба рӯ гардидааст. Аз ин рӯ, барномаҳои ҳастаии давлатҳои шубҳанок (барои низоми муносибатҳои байналхалқӣ) бояд манъ карда шаванд ва захираҳои моводи ядроии онҳо бояд мусодира гарданд» [12, с.114]. Ӯ дар идомаи суҳбати худ иброз медорад, ки «ислом дар маҷмӯъ ҳеҷ мушкилие надорад. Мушкилии асосӣ бо тундгароии исломӣ ва ё исломгароӣ алоқаманд аст. Нафт бе исломгароӣ метавонад мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд оварад, аммо нафт+исломгароӣ ба моддаи хатарноки тарканда табдил меёбад. Нафт+исломгароӣ+яроқи қатли ом – аллакай таҳдиди воқеӣ аст» [12, с.115]. Дар мавриди паҳншавии яроқҳои биологӣ ва химиявӣ низ чунин андешаронихо хеле зиёд ба назар мерасанд.

Ба амал омадани хавфу хатари паҳншавии вирусҳои марговар ва бемориҳои сироятӣ дар баъзе аз мавридҳо аз озмоишгоҳҳои биологие вобаста мебошанд, ки амнияти онҳо ё дар сатҳи зарурӣ таъмин нестанд ва ё хавфи аз онҳо берун баромадани ин гуна вирусҳо дида мешаванд. Барои мисол, дар ибтидои соли 2011, яъне замоне, ки Ҳусни Муборак – президенти Миср дар натиҷаи бетартибиҳои сиёсӣ аз сари қудрат дур карда мешавад, дар баробари дигар объектҳои давлатӣ, инчунин озмоишгоҳҳои асосии низоми тандурустии Миср, ки дар наздикии шаҳри Қоҳира ҷойгир буданд, аз ҷониби тазоҳургарон вайрону валангор ва ғорат карда мешаванд. Дар натиҷаи чунин амалҳои ғоратгарона қуттиҳои шишагии дорои микроорганизмҳои зараровар, аз ҷумла дорои вируси H5N1 низ аз озмоишгоҳ нобуд мешаванд. Дар аввал чунин

мешуморидаңд, ки ҳамлагарон дар бораи ин микроорганизмҳо ҳеҷ тасаввуроте надоранд ва барои онҳо техникаи электронӣ ва дастгоҳҳои дигари қимматбаҳои ин марказҳо лозим аст. Аммо, дар ин маврид Миср ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад: айни замон ин кишвар аз рӯйи шумораи гирифторони ин навъи зуком баъди Индонезия дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол менамояд, ки сабаби асосии онро Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани амнияти биологии ин кишвар қаламдод намуда буд [9].

Айни замон олимону муҳаққиқон ва як қатор ҳукуматҳоро масъалаи биотерроризм ба ташвиш овардааст. Зеро суръати рушди илму техника дастовардҳои соҳаи микробиология ва генетикаро на танҳо камхарҷ намудаанд, балки рушди технологияҳои иттилоотӣ хавфи паҳншавии натиҷаҳои чунин таҳқиқотҳоро зиёд намудааст. Дар навбати аввал давлатҳо, созмонҳо ва ширкатҳои хусусӣ барои қонеъ намудани талаботи объективии худ (барои нигоҳ доштани мавҷудияти худ ва таъмини амнияти худ) ва хубтару беҳтар намудани дурнамои рушди худ ба дастовардҳои навини илму техника рӯ меоранд. Аммо дар бисёре аз ҳолатҳо натиҷаи дастовардҳои илмиро метавонанд баъзе неруҳои сиёсӣ барои зарару зиён расонидан алайҳи рақибони худ низ истифода баранд. Дар мавриди истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби ин гуна неруҳо ва пайдоиши таҳдиди биотерроризм бояд иқрор шуд, ки дар баробари рушди соҳаҳои биология ва генетика, инчунин рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ низ сабабгор гардидааст. Зеро ташкилотҳои террористӣ ба воситаи рахна намудани пойгоҳҳои иттилоотии озмоишгоҳҳо метавонанд иттилооти дорои сирри давлатӣ ва махсусан, натиҷаи таҳқиқоти биологиро дастрас намоянд. Ин падидаро кибертерроризм номидан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар чунин шароит таъмин намудани амнияти кибернетикии системаҳои иттилоотӣ ва пойгоҳҳои иттилоотии озмоишгоҳҳо хеле муҳим мебошад.

Айни замон дар ҷаҳон шумораи зиёди сарчашмаҳои пуриқтидори яроқи биологӣ мавҷуд аст. Пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ, рушди илмҳои тиббӣ дар маҷмӯъ тақозои онро намуда буд, ки намунаи вирусҳо ва бактерияҳо барои сохтани ваксина ва доруҳои табобатӣ дар марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳҳо ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ карда шаванд. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, айни замон дар пойгоҳҳои муассисаҳои илмию таҳқиқотии 67 давлати дунё зиёда аз 453 намуди вирусҳо ва бактерияҳо нигоҳдорӣ мешаванд. Аз ҷумла 54 маркази тиббӣ вируси сухтанӣ ва 18 маркази тиббӣ вируси тоунро нигоҳдорӣ менамоянд. Мутахассисони соҳа бар он боваранд, ки 100 кг маҳлули дорои вируси сухтанӣ (сибирская язва) агар пош дода шавад, оқибати он баробар бо таркиши 1 мегатон бомбаи атомӣ аст. Чунин ҳолат масъалаи таъмини амнияти кибернетикии озмошигоҳҳо ва амнияти низоми иттилоотии онҳоро тақозо менамояд [3]. Зеро хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтидани ин гуна вирусҳо ва ё иттилоти марбут ба онҳо аллакай ба вуҷуд омадааст.

Дар баъзе ҳолатҳо пайдоиши таҳдидҳои биологӣ ба таври тасодуфӣ ба амал меоянд. Масалан, паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар байни ҳайвонот ва наботот, рух додани садамаҳои техникию техногенӣ дар объектҳои хатарноки биологӣ, аз ҷониби кормандони озмоишгоҳҳо риоя накардани техникаи бехатарӣ ва ғайраҳо. Аммо дар баробари ин кам нестанд ҳолатҳое, ки дастовардҳои таҳқиқоти биологиро ҳадафмандона ҳамчун яроқи биологӣ истифода мебаранд. Ҳамаи инро ба инотат гирифта, биотерроризмро дар адабиёти илмӣ ба таври зерин муаррифӣ намудаанд: ҳамчун яроқ истифода гардидани микроорганизмҳои хатарноки биологӣ аз ҷониби

субъектҳои гуногун (аз ҷумла, ташкилотҳои террористӣ), расонидани зарар ба саломатии одамон ва дар ин замина амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсию идеологии онҳо [5, с.92]. Чи гунае ки дар боло қайд гардид, яке аз роҳҳои пешгирӣ намудани пайдоиши чунин амалҳо ҳифзи маводҳои биологӣ ва пешгирӣ намудани паҳншавии натиҷаҳои таҳқиқоти ин соҳаи илм мебошад.

Ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои расидан ба мақсадҳои худ яроқи химиявию биологиро аллакай истифода намудаанд. Барои мисол, моҳи марти соли 1995 ҳаракати динию сиёсии «Аум Синрикё» дар роҳҳои зеризаминии (метроҳои) шаҳри Токио (Ҷопон) бо истифодаи гази марговари «зарин» амали террористӣ анҷом дода буданд. Дар натиҷаи ин воқеа 13 нафар ба ҳалокат расида, саломатии зиёда аз 6 ҳазор нафари дигар зарари ҷиддӣ диданд [1]. Моҳи сентябри соли 2001 баъди ба амал омадани амали террористӣ дар ИМА тариқи почтаи давлатӣ террористон ба хабарнигорон ва сиёсатмадорони шинохта мактубҳои бо вируси бемории сухтанӣ (сибирская язва) заҳролудшударо фиристода буданд. Дар натиҷа 5 нафар ба ҳалокат расида, 17 нафар зарар дида буданд [11]. Соли 2018 хадамоти амниятии шаҳри Кёлн (Фаронса) ду шаҳрванди Тунисро бо ҷурми биотерроризм дастгир намуданд. Ин нафарон узви фаъоли ташкилоти террористии бо ном «Давлати исломӣ» ба шумор мерафтанд. Аз онҳо 84 мг маводи химиявии «ритсин» ва дигар лавозимоти зарурӣ барои сохтани бомбаи химиявӣ дарёфт кардаанд. Тибқи иттилооти хадамоти амниятии Кёлн ин нафарон барои сохтани бомбаи химиявӣ омодагӣ медиданд ва агар онро истифода мекарданд, зиёда аз 13 ҳазор нафар ба ҳалокат мерасид [13]. Дар маҷмӯъ, дар шароити муосир хавфи истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ мавҷуд аст. Аммо дар мавриди муайян намудани иқтидори онҳо, оқибати ин гуна ҳуҷумҳои террористӣ, гуфтан мумкин аст, ки аз зарари биологӣ дида, оқибатҳои психологии он зиёдтар аст. Зеро ташкилотҳои террористӣ дар ихтиёри худ озмоишгоҳҳои бо техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз ва мутахассисони варзидаи ин соҳаи илмро надоранд. Аз ин рӯ, маводи биологии омодакардаи онҳо сифати хеле паст дорад ва барои ташкил намудани қурбониҳои зиёд иқтидори зарурӣ надоранд. Аммо оқибатҳои психологию сиёсии он ба афкори ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, дар ҷомеаи фазои тарсу ҳаросро ба вуҷуд меоваранд.

Ҳамин тариқ, дар бораи пешгирии биотерроризм ба чунин хулоса омадан мумкин аст: маълумотҳо дар бораи омода намудани маводҳои биологӣ (яроқи биологӣ) аслан аз пойгоҳҳои иттилоотии озмоишгоҳҳои тиббию биологие дастрас мешаванд, ки аксари онҳо дар давлатҳои тараққикарда ҷойгиранд. Аз ин рӯ, давлатҳои мазкур бояд дар самти таъмини амнияти кибернетикии системаҳои иттилоотии ин марказҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, дар баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ чунин озмоишгоҳҳо ташкил карда шудаанд ва хавфи аз онҳо паҳн гардидани на танҳо иттилооти хатарнок, балки моддаҳои хатарнок низ мавҷуд аст. Дар аксари давлатҳои рӯ ба инкишоф ин гуна марказҳо вуҷуд надоранд, аммо ба онҳо низ хатари сар задани ҳуҷумҳои биологӣ ва биотерроризм таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, ин гуна давлатҳо бояд бо кишварҳои ҳамҷавор ва давлатҳои дар самти мубориза бо биотерроризм манфиатдор ҳамкориҳои зичи байналмилалӣ ҷорӣ намуда, дар бораи амалу рафтор ва ҳадафҳои ташкилотҳои террористӣ маълумотҳои саривақтӣ дастрас намоянд, то ки дар самти пешгирии чунин навъи терроризм муваффақият дошта бошанд.

Дар таърихи инсоният кам нестанд ҳолатҳое, ки ҳатто давлатҳо дар шароити ҷангӣ дар муқобили якдигар яроқҳои биологӣ ва химиявиро истифода намудаанд. Яроқи химиявиро дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ франсавиҳо ва немисҳо истифода

намудаанд. Соли 1943 артиши Япония дар муқобили хизматчиёни ҳарбии Чин яроқҳои бактериологӣ ва химиявӣ истифода намуда буданд. Дар солҳои 1962-1971 амрикоиҳо дар ҷанги Ветнам яроқи химиявиро барои нобуд сохтани растаниҳо истифода намудаанд, то ки пайдо кардани рақибон осон шавад [14]. Дар солҳои 1980-1988 дар ҷанги байни Ироқ ва Эрон ҳарду ҷониб аз яроқи химиявӣ ба таври васеъ истифода намудаанд [15]. Ҳамин тариқ, рушди илмҳои микробиология ва генетика на танҳо барои давлатҳои алоҳида, балки барои инсоният таҳдиду хатарҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки рушди техникию технологии илмҳои мазкур ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаврии кишварҳои алоҳида таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд оварда истодааст. Соҳаи аграрӣ барои ҳар як давлат аҳамияти хеле муҳим дорад. Зеро таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва безрар шарти муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ дониста мешавад. Чунин масъала дар сатҳи байналмилалӣ низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Тибқи омори Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ ҳамасола бо сабаби паҳншавии ангезаҳо ва ҳашароти зарарасон зиёда аз 40% ҳосили кишоварзӣ баробар ба 220 млрд доллар талаф меёбанд [16]. Албатта, паҳншавии ҳашароти зарарасон ва талафоти кишоварзӣ ва чорводорӣ аз омилҳои дигар низ вобаста аст. Аз ҷумла, тағйирёбии иқлим, паст шудани сифати маводи химиявии безараркунанда, ба шароити нав мутобиқ шудани микроорганизмҳои зараровар ва ғ. Аммо дар баробари ин, хавфи ба таври сунъи паҳн намудани ин гуна микроорганизмҳо низ ба вуҷуд омадааст. Мутахассисони ин соҳа эътироф намудаанд, ки микроорганизмҳои барои ҳайвонот ва наботот зараровар аз ҷониби давлатҳо ва неруҳои тахрибкор бо ду мақсад истифода бурда мешаванд: якум, барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ ва дуюм, барои ба даст овардани афзалиятҳои иқтисодӣ [6, с.103]. Ба таври сунъӣ паҳн намудани бемориҳои хатарнок дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ ҳамчун агротерроризм шинохта шуда, микроорганизмҳои зарароварро ҳамчун яроқи биологӣ номидан мумкин аст. Ба ибораи дигар, ҳадафмандона истифода намудани яроқи биологӣ ва химиявӣ барои зарару зиён расонидан ба хоҷагии қишлоқ ва вайрон намудани фаъолияти муназзами саноати озуқаворӣ агротерроризм мебошад. Ҳуҷум намудан ба майдонҳои зироат ва фермаҳои чорводорӣ нисбат ба ҳуҷумҳои ҳарбию сиёсӣ осонтар аст, аммо зарари молиявию иқтисодии он аз дигар навъи ҳуҷумҳо зиёдтар аст. Аз ин рӯ, як зумра давлатҳо ва ташкилотҳои террористӣ аллакай чунин стратегияро фаъолона истифода бурда истодаанд. Дар давлатҳои аграрию саноатӣ аз 1/3 ҳиссаи шуғли аҳолӣ бо хоҷагии қишлоқ алоқаманд аст. Агар ҳуҷумҳои биологию химиявӣ дар ин кишварҳо анҷом дода шаванд, амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии онҳо зарари ҷиддӣ мебинанд.

Соли 2002 дар штати Калифорнияи Амрико дар натиҷаи паҳншавии бемории зукоми паранда зиёда аз 4 млн паранда несту нобуд карда шуда буд. Дар ин чорабинӣ бештар аз 1600 нафар сафарбар гардида буданд. Талафот, хисорот ва масрафи ин чорабиниро 350 млн доллар гуфтаанд. Соли 2001 паҳншавии бемории яшура (сумдард ва даҳондарди чорво) дар Британияи Кабир ба ин кишвар 16 млрд доллар зиён расонида буд. Зеро барои пешгирӣ намудани паҳншавии ин беморӣ бештар аз 10 млн сар чорворо несту нобуд карда буданд. Сабаби паҳншавии бемориро ба таври гуногун шарҳ додаанд: берун шудани вирус аз озмоишгоҳҳои маҳаллӣ ва инчунин ҳадафмандона паҳн намудани он [8]. Чи гунае, ки дидан мумкин аст, ҳадафмандона паҳн намудани вирусҳои марговари хоҷагии қишлоқ аллакай ба воқеият табдил ёфта

истодаанд. Дар натиҷаи паҳншавии он ба хоҷагии халқ ва иқтисодиёти миллӣ хисороти зиёди молию пулӣ расонида мешавад ва ҳамзамон амнияти озуқаворӣ ва амнияти биологии кишвар зери хавфу хатар қарор мегирад. Чунин тамоюлот ва падидаҳо метавонанд инчунин оқибатҳои нохуби иҷтимоию сиёсӣ низ дошта бошанд. Зеро дар баъзе ҳолатҳо яроқи биологиро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ низ истифода мебаранд.

Дар асри XX зиёда аз 100 ҳолати ғайриқонунӣ истифода гардидани маводи биологӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 19 ҳолати онро амалҳои террористӣ ташкил медиҳанд. Дар ибтидои асри XXI бошад аллакай садҳо ҳолати дигарро ба қайд гирифтаанд. Масалан, танҳо соли 2000 дар ИМА аз 257 парвандаи ҷиноятӣ 115-тои онро бо сабаби ғайриқонунӣ истифода намудан ва ё кӯшиши истифода кардани яроқи биологӣ оғоз намудаанд [3]. Бояд гуфт, ки дар муқобили рақибон истифода намудани яроқи биологӣ падидаи нав нест ва он таърихи хеле қадима дорад. Дар тамаддунҳои қадима дар дарёҳо ва обанборҳои душманон ҷасади ҳайвоноти беморро мепартофтанд, то ки бемориро дар байни рақибон паҳн намоянд. Дар асрҳои миёна бошад дар рафти муҳорибаҳо дар байни артиши душман ва ба дохили шаҳрҳои онҳо ҷасади шахсони беморшударо бо манҷаниқҳо ҳаво медоданд, то ки дар байни онҳо бемори паҳн шавад. Дар натиҷаи пешрафти илму техника шаклҳои гуногуни истифодаи яроқи биологӣ дар асри XX мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Давлатҳое, ки дар ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳони иштирок намуданд, навъҳои гуногуни яроқи биологиро мавриди санҷиш қарор доданд. Аз ҷумла, Ҷопон, ИМА, Фаронса, Олмон, Англия ва чанде дигар давлатҳо ба ин мисол шуда метавонанд. Дар ибтидои асри XXI бошад ин таҷрибаро аллакай ташкилотҳои террористӣ низ истифода кардан мехоҳанд. Дар чунин шароити мураккаб дар баробари суботи сиёсӣ инчунин таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи манфиатҳои ин соҳаи муҳим аз тахрибкорӣ афзалияти бештар пайдо менамояд.

Ҳамин тариқ, пешрафти илму техника дар баробари ҷанбаҳои мусбати худ, инчунин барои инсоният таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст. Дар ин раванд кишварҳое зарари бештар мебинанд, ки аз лиҳози илмию технологӣ рушди камтарро соҳибанд. Зеро барои саривақт муайян намудани чунин амали душманона ва пешгирӣ кардани он марказҳои илмию таҳқиқотие заруранд, ки барои гузаронидани пажуҳишҳои илмии навин қодир бошанд. Инчунин тақвияти амнияти кибернетикӣ, такмили ихтисоси кормандони сохторҳои қудратӣ, рушди илмҳои табиию техникии ватанӣ низ барои пешгирии чунин амалҳо имконият фароҳам меоваранд.

**Адабиёт:**


1. В Японии казнили всех приговоренных к смерти членов "Аум Синрикё" [электронный ресурс]. URL: https://www.bbc.com/russian/news-44963790 (дата обращения: 25.03.2021 г.)
2. Декларация об использовании научно-технического прогресса в интересах мира и на благо человечества. Резолюция 3384 (XXX) от 10.11.1975 г. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/science.shtml (дата обращения: 13.05.2021 г.)
3. Жиганова Л.П. Биотерроризм и агротерроризм – реальная угроза [электронный ресурс]. URL: https://www.portal-slovo.ru/impressionism/36426.php (дата обращения: 27.02.2021 г.)

4. Завриев С., Шемякин И. Синтетическая биология – современные вызовы и проблемы биобезопасности // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т.63. –№12. –С.77-83.
5. Завриев С., Колесников А. Проблемы биобезопасности и противодействия биотерроризму // Мировая экономика и международные отношения. –2009. –№12. –С.90-100.
6. Завриев С., Игнатов А. Потенциальные угрозы в сфере сельскохозяственной и продовольственной безопасности // Мировая экономика и международные отношения. – 2020. –Т.64. –№7. –С.100-107. DOI: 10.20542/0131-2227-2020-64-7-100-107
7. Конвенция о запрещении разработки, производства и накопления запасов бактериологического (биологического) и токсинного оружия и об их уничтожении. Одобрена резолюцией 2826 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1971 года [электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/bacweap.shtml (дата обращения: 25.03.2021 г.)
8. Мовсесян Л. Побег «живого» вируса. В утечке вируса ящура подозревают исследовательскую лабораторию [электронный ресурс]. URL: https://lenta.ru/articles/2007/08/06/cow/ (дата обращения: 25.02.2021 г.)
9. Революция в области синтетической биологии: перспективы и риски [электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/20131126/979860591.html (дата обращения: 25.03.2021 г.)
10. Сафарализода Х.К. Появление новых угроз в условиях трансформации общества // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. –№8. –С.308-315.
11. Сибирская язва постучалась в Белый дом [электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/288789 (дата обращения: 26.03.2021 г.)
12. Сингапурское чудо: Ли Куан Ю. пер. с англ. –М.: АСТ, 2015. – 288 с.
13. Скрытая угроза: террористы могут переключиться на биологическое оружие [Электронный ресурс]. URL: https://iz.ru/1015454/kseniia-loginova/skrytaia-ugroza-terroristy-mogut-perekliuchitsia-na-biologicheskoe-oruzhie (дата обращения: 13.03.2021 г.)
14. Смертоносные газы. Пять случаев масштабного применения химического оружия [электронный ресурс]. URL: https://tass.ru/armiya-i-opk/5784138 (дата обращения: 25.03.2021 г.)
15. Супотницкий М.В., Шило Н.И., Ковтун В.А. Химическое оружие в ирано-иракской войне 1980-1988 годов. Применение химического оружия в боевых действиях // Вестник войск РХБ защиты. – 2019. – Т.3. – №2. – С.150-174.
16. ФАО положила официальное начало Международному году охраны здоровья растений 2020 [Электронный ресурс]. URL: http://www.fao.org/news/story/ru/item/1253731/icode/ (дата обращения: 13.03.2021 г.)
17. Ясперс К. Смысл и назначение истории. Пер. с немец. –М.: Политиздат, 1991. – 527 с.

# ФОРМИРОВАНИЕ ВЫЗОВОВ И УГРОЗ СОВРЕМЕННОГО МИРА В УСЛОВИЯХ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО ПРОГРЕССА

**САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ,**
кандидат политических наук, доцент,
докторант кафедры политических процессов в Таджикистане,
Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 988-12-73-83. E-mail: quddusov@mail.ru

*Научно-технические достижения и развитие новых технологий, с одной стороны, позволили решить различные проблемы человечества, а с другой - создали бесчисленные опасности и угрозы. Развитие микробиологии и генетики, а также развитие информационных и коммуникационных технологий привели к появлению биотерроризма, агротерроризма и кибертерроризма. С созданием исследовательских центров и сбором большого количества информации различные страны и международные организации создали риск того, что результаты исследований в этих областях науки попадут в руки террористических организаций. Взлом лабораторных информационных систем и кража конфиденциальной информации стали очень опасними. Кроме того, отдельные государства используют биологическое и химическое оружие в различных направлениях деятельности для достижения своих политических и геостратегических целей, а также для получения экономических выгод. С учетом данной ситуации и с целью улучшения качества обеспечения биологической и продовольственной безопасности является важным и своевременным шагом изучение различных аспектов угроз современного мира, исходящие из достижения научно-технического прогресса. Кроме того, одной из стратегических целей Правительства Республики Таджикистан является обеспечение продовольственной безопасности, а борьба с биологическими угрозами должна считаться одним из приоритетных направлений этой стратегии. В связи с этим, определение и выявление реальности использования биологического оружия различными игроками в мировой политике составляет цель данной статьи. Исследование этого вопроса показали, что не только отдельные государства, но и террористические организации пытаются использовать биологическое оружие.*

***Ключевые слова:*** *научно-технический прогресс, биотерроризм, агротерроризм, биологическое оружие, химическое оружие, продовольственная безопасность.*

# FORMATION OF THREATS AND DANGERS OF THE MODERN WORLD IN THE CONTEXT OF SCIENTIFIC AND TECHNICAL PROGRESS

**SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor,
doctoral student of the Department of Political Processes in Tajikistan,
Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushnabe, 17, Rudaki ave.
Phone: (+992) 988-12-73-83. E-mail: quddusov@mail.ru

*Scientific and technical achievements and the development of new technologies, on the one hand, have made it possible to solve various problems of mankind, and on the other hand, have created countless dangers and threats. The development of microbiology and genetics sciences, as well as the development of information and communication technologies, has led to the emergence of bioterrorism, agroterrorism and cyber terrorism. With the creation of research centers and the collection of a large amount of information, various countries and international organizations have*

*created a risk that the results of research in these areas of science will fall into the hands of terrorist organizations. Hacking laboratory information systems and stealing confidential information has become very dangerous. In addition, individual states use biological and chemical weapons in various areas of activity to achieve their political and geostrategic goals, as well as to obtain economic benefits. Taking into account this situation and in order to improve the quality of biological and food security, it is an important and timely step to study various aspects of threats to the modern world, emanating from the achievement of scientific and technological progress. In addition, one of the strategic goals of the Government of the Republic of Tajikistan is to ensure food security, and the fight against biological threats should be considered one of the priority areas of this strategy. In this regard, the definition and identification of the reality of the use of biological weapons by various players in world politics is the purpose of this article. The study of this issue has shown that not only individual states, but also terrorist organizations are trying to use biological weapons.*

***Key words:*** *scientific and technical progress, bioterrorism, agroterrorism, biological weapons, chemical weapons, food security.*

УДК: 659.4

# МАСОИЛИ ТАЪСИРИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ БА ТАФАККУРИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК

**МИРЗОЕВА ШОИРА ГУЛШУКУФОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 934-55-03-55. E-mail: poetesa7878@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳо вобаста ба нуфуз ва таъсири технологияҳои иттилоотӣ хусусан, шабакаҳои интернетӣ ба ҳаёт ва фаъолияти ҷавонон баррасӣ гардида, тарафҳои манфӣ ва мусбати ин зуҳуроти иҷтимоӣ муайян карда шуданд. Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон доданд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба тафаккури ҷавонон таъсири манфӣ расонида, дар баъзе ҳолатҳо наврасону ҷавонон бо сабаби беназоратӣ ва риоя накардани меъёри самаранок истифодабарии шабакаҳои интернетӣ онро бештар бар зарари худ ва ҷомеа кор мефармоянд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷавонони ноогоҳ бештар қишри осебпазири ҷомеаро ташкил дода, пешгирии омилҳои харобиовари таъсири манфии шабакаҳои интернетӣ амали саривақтист.*

***Калидвожаҳо:*** *технологияи иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, шабакаҳои интернетӣ, беназоратӣ, мутобиқшавӣ, тафаккур, ҷавонон.*

Шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро баррасӣ менамоянд. Рисолати ин ниҳод маълумотҳои саривақтӣ, асоснок ва иттилооти сайёраро дар муддати 30 дақиқа метавонад, муфассал дастрас намояд.

Технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаҳои интернетӣ баробари он ки мушкилоти моро осон менамоянд, иттилоотро сари вақт ба ҷойи лозимӣ мерасонад, ҷаҳонро ба як деҳ табдил медиҳад, табдилёбии оламро бо гузариши ҳар сония инъикос менамояд, тағйирёбии оламро такону неру мебахшад, бо тафаккур ва арзишҳои худшиносии ҳар корбар бозӣ мекунад ва онро чун олоти лозиму нолозим сӯйистифода менамояд, бо ақл мубориза мебарад, гоҳ парвози онро бо манфиатҳои ғаразнокаш бод медиҳаду гоҳ онро аз роҳи солимии пиндораш боз медорад, хирадро маҳв ва ноаён сохта имконияти инсонро номаҳдуд гардонида, боварии ӯро аз имкониятҳо фарохтар мегардонад, ҷавононро дар ҳолати сархушии мафкуравӣ ба ҳаёти воқеӣ ҳидоят менамояд. [ 2, с.7].

Дар шароити имрӯз интернет яке аз раванди технологияи нав ва аз зумраи василаҳои асосии таҳмилпазир ба шаклгирии тафаккури ҷавонон мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки аксарияти истифодабарандагони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавонон мебошанд, ки онҳо бо хусусиятҳои хоси худ дар раванди ҷаҳонишавӣ қишри осебпазири ҷомеа маҳсуб меёбанд.

Дар илми ҷомеашиносӣ махсусан иҷтимоиёт назари олимони ин соҳа Зубок Ю.А. ва Чупров В.И. ба он аст, ки сотсиологияи ҷавонон яке аз соҳаҳои муҳим ва мустақили сотсиологияи умумӣ буда, ҷавононро ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ-демографӣ, нақши онҳоро дар сохтор ва такрористеҳсолии ҷомеа, муносибати онҳо бо дигар гурӯҳҳои ҷомеа, хусусияти мафкураи (шуур) онҳо ва рафтори иҷтимоии онҳоро меомӯзад. [ 1, с.10].

Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дастрас намудани маълумот осон ва муносиб буда, онро танҳо бояд бошуурона барои рушди мусбии шахс истифода намуд.

Мутаассифона, дар баъзе ҳолатҳо наврасону ҷавонон бо сабаби беназоратӣ ва риоя накардани меъёри истифодаи шабакаҳои интернетӣ онро бар зарари худ ва ҷомеа истифода мебаранд.

Яке аз омилҳои ба роҳи нодуруст майл намудани ноболиғон ва ҷавонон ва гаравидани онҳо ба ҳизбҳо, иттиҳодҳо ва гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ин истифодаи нодурусти шабакаҳои интернетӣ ва гирифтани маълумотҳои ғаразнок ва зараровар мебошад.

Барои таъмини амнияти Тоҷикистон дар шароити босуръати илму техника, рушди воситаҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи мафкураи ҷавонон аз таҳдидҳои маънавӣ аҳамияти чандгонаро касб кардааст. Зеро маҳз иттилоот, ки бузургтарин неъмат ва дастоварди рушди ҳаёти иҷтимоист, имрӯзҳо ҳадафи нопоки гурӯҳҳои носолими ҷомеа гардидааст. Фазоиозоду демократии кишварҳоирӯ ба инкишоф то ҷое ба ин осебпазирӣмусоидатменамоянд. Маҳз соли 2017-ро эълон намудани “Соли ҷавонон”аз ҷониби Пешвои Миллат Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ муҳтарам Э. Раҳмон бесабаб набуд. Ин як таконе буд барои ҳифз намудани ҷавонони кишвар аз ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо ва рушд додани нерӯи зеҳнӣ ва ақлонии онҳо. Мо рисолати хеш медонем, ки ҷавонони кишварро аз фарҳанги истифода намудани воситаҳои технологияи иттилотиро таълим диҳем, тартиби дурусту самараноки истифода намудани воситаҳои алоқаро омӯзонем ва ҷиҳати пешгирии сӯистифодаи аз ин манбаи пурғановати илму маърифат тадбирандешӣ намоем.

Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар раванди ҷаҳонишавӣ бо вуҷуди дастовардҳои зиёди моддӣ ва маънавӣ, аз ҷиҳати рушди технологияи иттиллотӣ мавқеи на он қадар баландро нисбат ба кишварҳои ИДМ ишғол намудааст. Ҷавонони кишвар қобилияти заифи таҳлил намудани арзишҳое, ки дар равандҳои ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд меоянд ва ба фарҳангу анъанаҳои миллии мо бегона мебошанд, зуд осебпазир мегарданд.

Дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ, тантанаи озодиҳои сиёсӣ, вусъат ёфтани унсурҳои низоми идораи демократӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо рушди илму техника ва афзоишу тараққӣ ёфтани технологияи иттилоотӣ сурат мегирад ва таъмини ҳифзи амнияти иттилоотӣ мураккаб мегардад. Ин мураккабӣ дар заминаи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва зуҳури манфиатҳои сиёсӣ ва вазъи иқтисодии кишварҳои олам дар минтақа, раванди ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва тинҷию оромии кишвар муҳимияти бештарро касб менамояд.

Албатта, тамоюлҳои мусбати раванди ҷаҳонишавӣ кам нестанд, аммо ногузирии таҳлил ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони ҷаҳонишавӣ аз нигоҳи ҷавонон моро водор мекунад, ки тахдидҳоро аз ин раванди хатарзо муайян намуда, роҳҳои ҳалли онро дар масъалаҳои мубрами рӯз, аз ҷумла дар таъмини чораҳои амниятии фазои иттилоотӣ дар ҷомеа пешниҳод созем.

Хусусияти фарқкунандаи насли ҷавони имрӯз дар он зоҳир мешавад, ки онҳо бештар барои соҳибияти мавқеи баланди иҷтимоӣ талош менамоянд ва ба дастовардҳои чашмдошт зуд муваффақ шаванд. Сабаби сар задани ин воқеиятро аз сатҳи пасти зиндагӣ, номуайянии иҷтимоӣ ва рушди номутаносиби иҷтимоӣ ҷустуҷӯ намудан лозим аст. Маҳз дар доираи ин шароит хусусиятҳои хоси худамалнамоии фарҳангии насли ҷавони ҷомеаи муосир ифодаи худро меёбад. Бояд зикр кард, ки масъалаи ҷавонон аз бисёр ҷиҳат ба он равандҳои объективие, ки дар ҷаҳони муосир ба амал меоянд, мисли глобализатсия, информатизатсия, прагматизатсия, урбанизатсия ва

ғ. алоқамандии зич дорад. Чӣ тавре, ки қайд карда шуд, масоили ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Барқароршавӣ ва иҷтимоишавии ҷавонони муосир дар шароити ниҳоят мураккабу мушкил шакл гирифта, боиси аз байн рафтани арзишҳои кӯҳна ва ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ гардидааст. Маҳз, аз ин ҷо ошуфтаҳолӣ ва парешонхотирӣ, бепарвогию беҳавсалагӣ, нобоварӣ ба ояндаи худ сар мезананд. Дар баробари ин ноқаноатмандӣ, ҳаяҷон, қаҳру ғазаб, бегонашавӣ, шовинизм ва ҷинояту ҷинояткорӣ меафзояд.

Мушкилоти дигарин айниятдиҳӣ, монандгардонӣ (идентификатсия)-и ҷавонон ва манфиатҳои онҳо бо ҷомеа шакли муайянеро нагирифтааст. Маҳз аз ин ҷо муносибати истеъмоли нисбати ҷомеа ва инкишоф наёфтани эҳсоси масъулияти иҷтимоию шаҳрвандӣ ҷараён мегирад. Тасаввуроти худи ҷавонон низ нисбати моҳияти шаҳрвандӣ тағйирёбанда ва дигаргуншаванда аст. Тағйиротҳои муосири иҷтимоӣ низ аз бисёр ҷиҳат ба таъсири истеъмолӣ нисбати ҷанбаҳои гуногуни моддӣ ва рамзӣ – намояндагӣ вобастагии зиёд дорад.

Айни замон дар муҳити ҷавонон як қатор зуҳуротҳо ва тамоюлҳои манфӣ мушоҳида мегарданд:

- шакливазнамоии арзишҳои маънавӣ – ахлоқӣ то ҳол идома дорад, дар роҳи дастовардҳои муваффақиятҳои шахсӣ арзишҳои маҳдудгардонандаи ахлоқӣ моҳияти худро аз даст медиҳанд;
- маданияти рафтори масъулиятшиносии шаҳрвандӣ, малакаю маҳорати фаъолияти ҷамъиятӣ ва худидоранамоӣ ниҳоят суст инкишоф меёбанд;
- масъалаҳои оилаҳои ҷавон тезу тунд мегарданд;
- ҳолати тандурустии ҷисмонӣ ва равонии насли ҷавон торафт бад мегардад;
- дастраси ба таълимоти босифат коҳиш меёбад;
- дар муҳити ҷавонон табақабандии иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад;
- заволи сохтори шуғлмандӣ ва вайрон шудани мақсаднокии кормандони ҷавон.

Аз тарафи дигар, дар муҳити ҷавонон як қатор тамоюлҳои мусбӣ устувор мегарданд:

- ❖ иқтидори навоварандаи ҷавонон инкишоф меёбад;
- ❖ мустақилият, таҷрибанокӣ, ҷойивазнамоӣ, ба тақдири худ бетараф набудан ва ба зуҳуротҳои нав зуд сарфаҳм рафтан меафзояд;
- ❖ шумораи ҷавононе, ки бо ташаббуси шахсӣ мушкилотҳои ба миёномадаро ҳал менамоянд, ботадриҷ меафзояд;
- ❖ эътиборнокии таълимоти босифат ва омодагии касбӣ зиёд мешавад;
- ❖ муносибати расмӣ-мақомӣ ҷои худро ба истифодаи амалии донишҳои ба дастомада ҳамчун асосҳои муваффақиятҳои шахсию касбӣ ва некӯаҳволии оянда иваз менамояд;
- ❖ ҷавонон ба устувор гардонидани вазъи саломатии худ таваҷҷӯҳи бештаре медиҳанд. [4, с.62].

Аз ҳисоботи Академияи илмҳои ҶТ ба хулоса кардан мумкин аст, ки нобаробарии иҷтимоӣ миёни ҷавонон рақобати носолимро ба вуҷуд меоварад. Ҷаҳонбинии ҷавонон ҳоло дар арафаи вусъатёбии беназири инқилобӣ қарор дорад. Барои ба инқилоби илмӣ-техникӣ дуруст сарфаҳм рафтан зарур аст, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии дуруст ва васеъ диққати бештар зоҳир карда шавад. Вазъи мунтазам тағйирёбандаи ҳаёт насли ҷавонро водор месозад, ки ба воқеияти навин мутобиқ шуда, доимо дар ҷустуҷӯи шаклҳои комилан нави барпо кардани ҷаҳони моддӣ ва маънавии хеш гарданд.

Ҳамчунин дар шароити бархурди фарҳанги ҷавонон дар муайян намудани руйоварии дуруст ва ба шароити муосир мувофиқу созгор нестанд.

**Адабиёт:**


1. Зубок Ю.А., Чупров В.И. Становление и развитие отечественной социологии молодежи. // СоцИс. 2008. № 7.
2. Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ., Одиназода Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ). Душанбе: Маориф, 2019. -240с.
3. Ҷавонон – пайрави Эмомалӣ Раҳмон (Силсилаи мақолаҳои олимони ҷавони Тоҷикистон оид ба ҳидояту дастурҳои Пешвои миллат дар самти татбиқи сиёсати давлатии чавонон). Душанбе: "ЭР-граф", 2017.- 464с.
4. 4Ҳисобот дар бораи корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ дар солҳои 2014 - 2018 дар мавзӯи "Омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангии азнавсозии ҷомеаи Тоҷикистон: ҳолат, масъалаҳо, дурнамо». АИҶТ. Душанбе 2019. -616с.
5. Кон И.С. Социология личности. М., 1989.
6. Иконникова С.Н. Социология молодежи. Л.: Знание, 1985.
7. Молодежь и современность / под ред. В.Т. Лисовского и В.А. Ядова. М., 1978.
8. Кон И.С. Молодежь //Философский энциклопедический словарь / ред. кол.: С.С. Северинцев и др. 2-е изд. М., 1989.
9. Демин А. Адаптация молодежи к социальным изменениям // Социальные изменения в России и молодежь. М., 1997.
10. Филиппов Ф. Р., Чупров В. И. Социальные проблемы молодежи // Рабочая книга социолога .М., 1983.


## ПРОБЛЕМЫ ВЛИЯНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ СЕТЕЙ НА МЫШЛЕНИЕ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ОБЩЕСТВЕ


**МИРЗОЕВА ШОИРА ГУЛШУКУФОВНА,**

соискатель кафедры психологии и социологии управления
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира 33.
Тел.: (+992) 934-55-03-55. E-mail: poetesa7878@mail.ru



*В статье рассматриваются вопросы, связанные с влиянием и влиянием информационных технологий, в частности Интернета, на жизнь и деятельность молодежи, а также выявлены плюсы и минусы этого социального явления. Наблюдения последних лет показали, что социальные сети негативно влияют на сознание молодежи, а в некоторых случаях подростки и молодежь из-за отсутствия контроля и неэффективного использования Интернета, используют его во вред себе и обществу. В условиях глобализации неосведомленная молодежь образует наиболее уязвимый слой общества, и нужно своевременное предотвращение деструктивных факторов негативного воздействия Интернета.*



***Ключевые слова:*** *информационные технологии, глобализация, Интернет, неконтролируемость, адаптивность, мышление, молодежь.*


## THE PROBLEMS OF THE INFLUENCE OF SOCIAL NETWORKS ONTO THE THINKING OF YOUTH IN THE MODERN TAJIK SOCIETY

**MIRZOEVA SHOIRA GULSHUKUFOVNA,**
applicant of the Department of Psychology and
Sociology of Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 934-55-03-55; E-mail: poetesa7878@mail.ru

*The article deals with issues related to the influence of information technologies, in particular the Internet, onto the life and activities of youth, and also identifies the pros and cons of this social phenomenon. Observations of recent years have shown that social networks negatively affect the consciousness of young people, and in some cases, teenagers and youth people, due to lack of control and ineffective use of the Internet, use it to the detriment of themselves and society. In the context of globalization, uninformed youth form the most vulnerable segment of society, and necessary timely prevention the destructive factors of the negative impact of the Internet is necessary.*

***Key words:*** *information technology, globalization, Internet, uncontrollability, adaptability, thinking, youth.*

УДК: 323.1

# РУШДИ ДЕҲОТ ВА АҲАМИЯТИ СТРАТЕГИИ ОН ДАР ИНКИШОФИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**МИРЗОЕВ ЗАФАР ШИРИНОВИЧ,**
унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121,
Тел.: (+992) 918-89-40-45. E-mail. anushmirzoev@list.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили назариявӣ ва амалии ташаккули ғояи рушди деҳот дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Рушди деҳот ҳамчун ҳадафи афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давлат эътироф шуда, дар ин замина чорабиниҳои гуногуни дорои аҳамияти сиёсӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, инфрасохторӣ ва созандагӣ амалӣ шуда истодаанд. Воқеияти муосири ҷомеаи Тоҷикистон собит месозад, ки баҳри таъмини рушди босуботи кишвар рушди деҳот аҳамияти хосса дорад. Рушди деҳот ҷанбаҳои гуногун дошта, он дар маҷмӯъ ба тақвияти неруи инсонӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Беҳтар шудани инфрасохтори иҷтимоӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, аз байн бурдани тафриқаи байни шаҳр ва деҳот масъалаҳое мебошанд, ки аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди деҳот, ташаккул, ғоя, Стратегияи миллӣ, Тоҷикистон, неруи инсонӣ.*

Деҳа ҳамчун макони зист ва фаъолияти одамон дар тӯли таърих мақоми махсуси худро нигоҳ дошта, таърихан ифодагари умумияти ҳудудию иҷтимоиест, ки теъдоди муайяни одамонро аз рӯйи робитаҳои хешутаборӣ, қабилавӣ, таърихӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ муттаҳид мекунад. Шинохти деҳа ҳамчун муҳити иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба заминаҳои муайяне асос меёбад, ки тавассути онҳо вазифаҳои муайяни иҷтимоӣ амалӣ мешаванд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми иҷтимоии деҳа ин таъмини имконият ва шароити ҳамзистӣ барои одамони қишрҳои гуногун мебошад. Аз он ҷумла, сарчашмаҳои таърихӣ собит менамоянд, ки пайдоиши нахустин деҳаҳо дар заминаи эҳтиёҷоти одамон ба зиндагии якҷоя дар ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ ба миён омада, минбаъд тавассути рушд додани соҳаҳои гуногун, бахусус кишоварзӣ инкишоф ёфтаанд.

Муттаҳидшавии одамон дар заминаи мансубияти қавмию оилавӣ низ нишонаи эҳтиёҷоти иҷтимоии онҳо барои зиндагӣ дар ҷомеа мебошад. Деҳа, ки ҳамчун шакли нахустини таърихии маскуншавии одамон ба ҳисоб меравад, баҳри ташаккул ва рушди шаклҳои соддатарини муносибатҳои иҷтимоӣ замина муҳайё намудааст. Ин муносибатҳо аз шакли муносибатҳои байнифардӣ оғоз шуда, то ба муносибатҳо дар сатҳи ҷомеаи хурдакаки деҳа дар шакли идоракунию итоат рафта мерасанд. Маҳз аз ҳамин сабаб деҳаро метавон ҳамчун хурдтарин ячейкаи иҷтимоии ҷомеа маънидод намуд, ки ба он мавҷудияти робитаҳои гуногуни иҷтимоӣ хос мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки омӯзиши масъалаи деҳа ва деҳот, ки дар фаҳмиши муосири он яке ҷузъи дигаре мебошад, дар доираи омӯзиши илмҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, ҳуқуқ, таърих иқтисод, этнография ва ғайра қарор гирифтааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ вобаста ба равандҳои сиёсии дохилие, ки дар кишвар ҷараён доштанд, масъалаи рушди деҳот дар ҳошияи дигар масъалаҳои

иқтисодию иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Вале ҳаргиз аз мадди назари роҳбарияти давлат дур набуд. Махсусияти ҷойгиршавии захираҳои демографӣ тақозо менамуд, ки масъалаи мазкур бояд ба меҳвари сиёсати давлатӣ бараояд.

Вобаста ба ин мушкилоти асосие, ки дар ҷодаи таъмини рушди деҳот эътироф гаштааст, ин „самаранокии пасти идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо, худидоракунии маҳаллӣ, инчунин истифодаи захираҳои дохилӣ ва иқтидори дар минтақаҳо мавҷудбуда“ [1, 38] ба ҳисоб меравад. Дар сатҳи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидани нуктаи мазкур худ нишонаи он аст, ки бе бартараф намудани камбудиҳои зикргардида таъмини идоракунии самаранок мушкил аст. Аз ин рӯ, ин масъала дар даҳсолаи охир мавқеъ ва муҳиммияти хос касб намуд.

Қабул шудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №АП-1059 аз аз 22 майи соли 2018 марҳилаи ҷадидро дар рушди деҳот кушод. Аслан Фармони мазкур ҳамчун василаи амалисозии ғояи созандае хизмат мекунад, ки онро метавон “Ғояи рушди деҳот„ номид.

Ғояи рушди деҳот маҷмӯи ақида, назарҳои сиёсӣ ва механизми мушаххаси амалиро дар бар мегирад, ки дар асоси он татбиқи чорабиниҳои идеологӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, инфрасохторӣ ва созандагӣ роҳандозӣ карда мешавад. Ғояи мазкур аз эҳтиёҷоти иҷтимоии ҷомеа ҷиҳати бартарафсозии мушкилиҳои мавҷудаи деҳот ва тафовути байни деҳа ва шаҳр ба миён омадааст.

Ҷанбаи идеологии ғояи мазкур дар он аён мегардад, ки тағйиротҳои дар деҳа ба вуқуъомада ҷиҳати дигаргуншавии афкори ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоии дар он мавҷудбуда мусоидат мекунанд.

Таркиби муносибатҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои хоси деҳа дар доираи илми махсуси сотсиологияи деҳа омӯхта мешавад. Сотсиологияи деҳа – назарияи махсуси сотсиологӣ мебошад, ки объекти маърифатии он ҳам умумияти иҷтимоию ҳудудӣ ва ҳам сохтори маскунии мушаххаси таърихӣ, яке аз шаклҳои нахустини маскуншавии одамон, ки аксаран ба кишоварзӣ машғул буданд, ба ҳисоб меравад [2]. Шакли дигари муносибатҳое, ки байни аъзои ин муҳити иҷтимоӣ ҷой дорад, ин муносибатҳои иқтисодию истеҳсолии вобаста ба замин мебошанд, ки асоси фаъолияти кишоварзиро таъмин намуда, дар ин замина ҳатто тибқи табақабандӣ ё ба синфҳо ҷудокунии аҳолӣ синфи махсуси деҳқонон низ ташаккул ёфта буд. Дар табақабандии имрӯзаи мо низ кишоварзон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии маскуни деҳот маънидод карда мешаванд, ки шакли фаъолияти вобаста ба замин дошта, ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд.

Иерархияи иҷтимоие, ки дар муҳити деҳот вуҷуд дошт маҳз дар заминаи дастрасии онҳо ба захираҳои замин ба вуҷуд омада буд. Ҳар нафаре, ки замини бисёр дошт, василаҳои бештари ҳукмрониро соҳиб буд. Ин хусусият хоси тамоми табақаи деҳқонон дар кишварҳои гуногун буд. Чуноне ки дар китоби «Таърихи умумиҷаҳонӣ» омадааст: «Дар байни деҳқонон иерархияи дохилии худ вуҷуд дошт, ки ба андозаи заминҳои онҳо ва сатҳи даромадашон вобастагӣ дошт. Мақоми моддӣ ва иҷтимоии кироякорон ва хизматгорон бо мақоми заминдорони доро қиёснашаванда буд» [3] . Вобаста ба ин метавон хулоса намуд, ки шакли дигари муносибатҳои мавҷуда дар деҳот ин муносибатҳои маъмулии ҳукмронию итоат аст, ки дар заминаи дастрасӣ ба захираҳои муайян, аз он ҷумла замин, ба вуҷуд меоянд.

Вобаста ба вазъи муосир ва шароити деҳот дар Тоҷикистон метавон хулоса намуд, ки дар маҷмуъ, муҳити иҷтимоии деҳа, тафриқаи иҷтимоӣ аз рӯйи дастрасӣ ба

захираҳои асосӣ, имкониятҳо баҳри рушди неруи инсонӣ ва муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ вобаста ба замин хусусияти хоси худро дошта, дигаргунсозии симои деҳа ва мунтазам кам намудани тафриқаи иҷтимоии мавҷуда байни шаҳр ва деҳот дар сиёсати давлат диққати муҳим дода мешавад, ки эълони солҳои 2019-2021 ҳамчун Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ далели ин гуфтаҳо мебошад. „Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад“ [4,23].

Лозим ба қайд аст, ки марҳилаи кунунии рушди ҷомеа нисбат ба инкишофи муҳити иҷтимоии деҳа талаботҳои навро пешниҳод мекунад. Аз он ҷумла, раванди рушди бемайлони тараққиёти шаҳрҳо, авҷ гирифтани равандҳои муҳоҷират, пурзӯршавии таъсиррасониҳои беруна, устуворгардии равандҳои иттилоотӣ таъсири бевоситаи худро ба раванди умумии рушди деҳа низ расонида, тағйиротҳои демографӣ ва иҷтимоие, ки дар ин муҳит мегузаранд, ба сатҳи умумии рушди муносибатҳо мусоидат намуда истодаанд. Вобаста ба ин, фаҳмиш ва дарки иҷтимоии мавҷуда дар масъалаи деҳа ва аҳолии он ба тадриҷ дигаргун гашта истодааст. Раванди пуртаззод ва ихтилофноке, ки ин ҷараёнро пайгирӣ мекунад, нишонаи он аст, ки минтақа ва сатҳи рушди минтақавӣ низ ба ҳолати умумӣ таъсир мерасонад. Дар ин замина қонуниятҳои мавҷудаи рушди иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ низ тағйир пазируфта, боиси пайдоиши низоми арзишии нав дар муҳити консервативии деҳа гашта истодаанд.

Бо дарназардошти ин метавон қайд намуд, ки раванди муосири рушди ҷомеа, болоравии эҳтиёҷот ва талаботҳои иҷтимоии одамон, такмили низоми муносибатҳо дар ҷомеа ва пурзӯршавии масъулияти давлат дар самти ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки муносибат ба деҳа ҳамчун макони истиқомати аҳолӣ ва муҳити иҷтимоии таъсирбахш ба раванди ташаккулёбии шахсият дар шакли куллан нав роҳандозӣ карда шавад. Ин якчанд паҳлӯҳои муҳимме дорад, ки ба инобат гирифтанашон зарур мебошад. Аз он ҷумла:

- шинохти деҳа ҳамчун воҳиди марзӣ ва ҳамчун муҳити иҷтимоии мусоид барои зист ҷиҳати ба танзим даровардани равандҳои демографӣ, муайян намудани захираҳои инсонӣ ва асоснок намудани барномаҳои стратегии рушд аҳамияти калон дорад;
- ташаккули муҳити созгори иҷтимоӣ ва маънавӣ заминаи мусоид баҳри ташаккули шахсияти комилест, ки субъекти асосии сиёсат ҳисоб ёфта, хусусияти равандҳои сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ аз дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва сатҳи шуури ӯ вобаста мебошад;
- беҳтар намудани шароитҳои маишии деҳа, дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ баҳри рушди сифати зиндагӣ ва нерӯи инсонӣ мусоидат мекунанд, ки натиҷаҳои минбаъдаи рушди ҷомеа аз он вобастагии зич доранд;
- таъсири муҳоҷирати меҳнатии аҳолии деҳа ба шаҳр ва берун аз мамлакат ба сатҳи умумии муносибатҳои иҷтимоӣ эҳсос гашта, дар масъалаи боло рафтани сатҳи ҷаҳонбинӣ, шуғл, омӯзиши касбу ҳунарҳои замонавӣ, таркиби демографӣ ва омезиши арзишҳо назаррас гашта истодааст, ки баҳри кушодани муҳити консервативӣ ва анъанавии деҳаҳо аҳамияти калон дорад.

Ҷанбаи иҷтимоии ғояи рушди деҳот имконият медиҳад, то ба масъалаҳои мавҷудаи деҳот муносибати комилан нав ташаккул дода шавад. Дар ин замина деҳа ҳамчун маҳалли аҳолинишин бояд дорои шароитҳои муайяни ободонӣ барои рушди захираҳои инсонӣ хизмат намояд. Зеро омилҳои зиёде мавҷуданд, ки таъсири худро ба ин раванди ҳаётан муҳим мерасонанд. Ба сифати чунин омилҳо метавон маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, фазои муосири иттилоотию фарҳангӣ, дастрасӣ ба шуғли муносиб, теъдоди нисбатан ками касбу ҳунарҳои истифодашаванда, вобастагии зиёд аз замин ва ҳодисаҳои табиат, устувории баъзе суннатҳои хусусияти хурофотидошта, маҳдудияти дастрасӣ ба шароитҳои муосири зиндагии дар шаҳр мавҷуда ва тафриқаи иҷтимоӣ байни „шаҳриҳо“ ва „деҳотиҳо“-ро номбар намуд. Тасаввуроти қолабгирифта дар бораи „деҳотӣ“ ё „қишлоқӣ“ унвон намудани ҳама гуна амали соддалавҳона ва ё дар дараҷаи зарурӣ иҷронашуда, ки аз ҷониби касе содир мегардад, бозгуӯйи он ҳақиқатест, ки мавҷудияти тафриқагузории иҷтимоӣ дар масъалаи захираҳои инсонӣ ва ақидаҳои барғалат дар бораи бартарияти „ақлии шаҳриҳо“-ро собит мекунад. Маҳз бо дарназардошти ҳамин воқеият, ки неруи инсонӣ асоси захираҳои ҳамагуна ҳокимиятро ташкил мекунанд, давлат муваззаф аст баҳри таъмини рушди неруи инсонӣ, новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии он, стратегияҳои ҳадафмандро амалӣ намояд, то ин ки шахрванд, ҳамчун субъекти муносибатҳои сиёсӣ, тавонад фаъолона дар раванди идоракунии ҷомеа ширкат намояд. Ба инобат гирифтан зарур аст, ки „маҳал хусусияти ягонаи иқлимӣ, ҷуғрофӣ, анъанавӣ ва ғайра надошта, аз нигоҳи пешрафт, рушд ва муносибатҳои анъанавӣ фарқ мекунад. Чунин хусусият сиёсати давлатиро водор менамояд, ки ҳангоми ташаккули сиёсати маҳаллӣ онҳоро дар мадди аввал қарор дода, аз он маншаъ гирад. Дар ин раванд хусусиятҳои хос ва объективии рушди маҳал бояд ба инобат гирифта шаванд“ [5,9.]. Вобаста ба ин, дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди неруи инсонӣ мавқеи муҳим дошта, он дар ду самт – тавассути таъмини рушди минтақаҳо ва тақвияти неруи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 муқаррар карда шудааст.

Стратегия бо назардошти муҳиммияти масъалаи мазкур дар самти якум чораҳои маҷмӯиро пешбинӣ намуда, тавассути амалӣ намудани онҳо тақвият бахшидани неруи инсониро пешбинӣ менамояд.

Ҳамчунин, андешидани чораҳо вобаста ба бартараф намудани тафриқаҳои иҷтимоӣ омили муҳимми таъмини рушди неруи инсонӣ низ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 рушди минтақаҳо ҳамчун самти афзалиятнок дарҷ карда шуда, зарурат ва самти ислоҳот дар чаҳорчӯбаи рушди минтақавӣ бо ҷанбаҳои зерин алоқаманд аст:

- коҳишдиҳии тафовути минтақавӣ ва таъмини тамоми аҳолӣ бо дастрасии баробар дар саросари кишвар ба хизматрасониҳои асосии заминавӣ (маълумоти ибтидоӣ, хизматрасонии аввалияи тиббӣ, таъминот бо тамоми намудҳои захираҳои энергетикӣ ва оби тозаи нушокӣ, шабакаҳои муносибаи корезӣ ва ғайра);
- ташаккулдиҳии сармояи сифатноки инсонӣ;
- фароҳам овардани шароитҳои ҷолиб барои зиндагонии мардум ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон. [6,38]

Таҷрибаи давлатдории навин дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки меҳвари сиёсати иҷтимоии давлатро маҳз таъмини фаъолияти механизмҳо ҷиҳати тақвияти рушди неруи инсонӣ ташкил медиҳад.

Ба сифати дороии миллӣ арзёбӣ гардидани неруи инсонӣ ва баланд бардоштани истифодаи самараноки он, таҳияи стратегияҳои нави рушди ҷомеаи соҳибистиқлоли тоҷик дар заминаи омилҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ, қабл аз ҳама омӯзишу баррасии стратегияҳои нави рушди инсон, бояд баҳри ноил гардидан ба хислатҳо ва қобилиятҳое, ки сатҳу сифати зиндагӣ ва фаъолияти инсон, ба ташаккули хислатҳо ва қобилиятҳое, ки дар маҷмӯъ иқтидори захираҳои инсониро ташкил медиҳанд, равона карда шаванд. [7,54]

Ҷанбаи дигари муҳимме,ки аз татбиқи ғояи рушди деҳот бармеояд, ин мусоидат ба рушди идоракунии самаранок дар сатҳи ҷомеа мебошад. Таҳлилу омӯзиши масъалаи деҳот берун аз самтҳои муқаррарнамудаи сиёсати давлатӣ ҷиҳати тақвияти мавқеи деҳот ҳамчун субъекти идоракунӣ ва объекти идоракунӣ номумкин аст. Субъекти идоракунӣ маънидод кардани деҳот ба он маъно аст, ки иерархияи муносибатҳо дар идоракунӣ ба ин воҳиди маъмурию идорӣ имконият медиҳад, ки сиёсати давлатиро дар ҳудуди муқарраршуда амалӣ намояд. Тамоми он қонуниятҳое, ки ба раванди идоракунӣ дар сатҳи боло хос аст, субъекти идоракунии деҳот – Ҷамоат метавонад аз онҳо дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад.

Маънидодкунии деҳот ҳамчун объекти идоракунӣ бошад, ба мавқеи ӯ дар иерархияи муносибатҳо нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ хос мебошад. Яъне, Ҷамоати деҳот ҳамон ячейкаи поёниест, ки новобаста ба моҳияти духӯраи худ, ҳанӯз ҳам объекти идоракунӣ боқӣ мемонад.

Ҷанбаи дигаре, ки муҳиммияти ғояи рушди деҳотро дар доираи илмҳои сиёсӣ баланд мебардорад, ин масъалаи ташаккули муҳити иҷтимоишавии сиёсии шахсият аст, ки барои тарҳрезӣ ва шаклгирии минбаъдаи шахсияти инсон аҳамияти муҳим дорад. Масъала сари он аст, ки иҷтимоишавии сиёсӣ дорои як қатор хусусиятҳои хоси худ буда, муҳити иҷтимоӣ омили таъсиррасон ба он мебошад.

Ташаббусу худфаъолият, пеш аз ҳама, дар сатҳи поёнӣ, дар ячейкаҳои нахустини ба таври демократӣ муттаҳидшудаи одамон аз рӯйи манфиатҳо ва мавқеъҳо дар ҷойи зист ҳамчун худфаъолияти ҷамъиятӣ ба амал омада, ин соҳа на танҳо ҷузъи ҳатмии нуфузи иҷтимоӣ, балки фазои муҳим баҳри ташаккули шахсият, эҳтиёҷот, манфиатҳо ва худтатбиқсозии фард мебошад [8,5]. Дар ин ҷода сафарбарнамоии ҳадафноки идеологӣ аҳамияти хосса дошта, тавассути тарғиби ғояҳои пешрафта ва созанда ин ячейкаҳои худсоз ва худфаъолиятро метавон дар маҷрои зарурии сиёсӣ равона карда, идора намуд. Идоракунии неруи инсонӣ ба раванди зарурӣ дар муҳити кӯчаки иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки:

- низоми арзишии шаклгирифтаи стоикиро тавассути тарғиби ҳадафмандонаи арзишҳои муосири мусоидаткунанда ба рушди неруи инсонӣ зина ба зина такмил дода, ҷиҳати таъмини дарки созишкорона ва озодонаи онҳо аз ҷониби ҷомеаи деҳот мусоидат намудан зарур аст;
- фазои идеологӣ ва маънавии ин муҳити иҷтимоиро аз таъсири омилҳои таассубӣ ва хурофотӣ, анъанаҳои хусусияти табъизидошта ва маҳдудкунандаи ҷаҳонбинии дунявӣ холӣ намудан лозим аст;
- дигаргуншавӣ ва тағйирпазирии тафаккури ҷамъиятиро дар муҳити деҳот тавассути механизм ва технологияҳои муосири сиёсӣ шакл дода, баҳри тақвияти он аз дастовардҳои муосири ҷаҳони мутамаддин истифода бурдан мумкин аст;

- сифати захираҳои инсониро тавассути таъмини дастрасии васеъ ба эҳтиёҷоти мавҷудаи илмию маърифатӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ба инобат гирифта, ҷиҳати тақвияти он тавассути қабули санадҳои стратегӣ мусоидат намудан мумкин аст.

Ҷанбаи инфрасохторию созандагӣ ифодакунандаи паҳлӯи бунёдии ғояи мазкур мебошад, ки дар доираи он дигаргуншавии куллии симои деҳот дар назар дошта шудааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 24111 иншооти гуногун ба нақша гирифта шудааст, ки аксарияти онҳо дар деҳот амалӣ карда мешаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 қайд гардид, ки „Соли 2020 дар саросари кишвар 18300 иншооти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба истиқболи ҷашни сисолагии истиқлол банақшагирифташуда, ки бештари онҳо иншооти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва варзиш мебошанд, бунёд ва ба истифода супорида шуда, бо ҳамин роҳ даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё карда шуданд“ [9,6]. Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки сохтмони иншооти иҷтимоӣ асосан дар деҳот амалӣ карда шуда истодаанд, ки дастрасии мардумро ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ беҳтар менамояд.

То 1 январи соли 2021 дар ҳудуди кишвар 487 корхонаҳои саноатӣ, 780 муассисаи соҳаи тандурустӣ, 991 муассисаи соҳаи маориф, 784 майдончаи варзишӣ, 370 истироҳатгоҳ ва фароғатгоҳ, 1726 муассисаи соҳаи хизматрасонӣ, 725 бинои истиқоматӣ, 166 бинои маъмурӣ, 1750 иншооти савдо ва хӯроки умумӣ, 2619 объекти роҳу купрӯкҳо ва 5990 дигар иншоотҳо тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида, сохта ба истифода дода шуданд. [10,]

Натиҷаи чунин бунёдкориҳост, ки сатҳи некуаҳволии мардум баланд гашта, дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои сифатноки иҷтимоӣ баланд шуда истодааст.

Ҳамин тариқ дар заминаи таҳлили масъалаи баррасишаванда метавон хулоса намуд, ки баҳодиҳии воқеии захираҳои инсонии деҳот, мониторинги сифати он ва таҳияи чораҳои маҷмӯӣ вобаста ба тақвияти заминаҳои моддию маънавии баланд бардоштани он бо мақсади таъмини устувории неруи идоракунии давлатӣ метавонад ба рушди деҳот таъсири бевосита расонад. Дар ин масир васеъ намудани дастрасиҳо ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба рушди неруи инсонӣ дар деҳот мусоидат намуда, имконияти бештарро баҳри рушди давлат дар маҷмуъ фароҳам меоварад.

**Адабиёт:**


1. Анварзода С. Хусусиятҳои раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал. [матн ]/ С.Анварзода//Автореф. дис.номзади илмҳои сиёсӣ. –Душанбе,2018.- 44с.
2. Маълумот аз нишасти матбуотии Раиси Кумитаи рушди маҳаллӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврали соли 2021.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» . [матн]. – Душанбе, 2021.- 47с.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [матн] / . – Душанбе, 2016.
5. Социология села - это... Что такое Социология села? . [электронный ресурс]/ ttps://sociological_guide.academic.ru/185/(дата обращения: 23.04.19)
6. Социальные отношения в городе и деревне/Всемирная история: в 6 томах. Том 4: Мир в XVIII веке [электронный ресурс]// https://history.wikireading.ru/151828 (дата обращения:23.04.19)

7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [текст ] //. – Душанбе, 2016.-С.38.
8. Шосаидов С.Х. Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии идоракунии захираҳои инсонӣ . [матн] / С.Х. Шосаидов // Идоракунии давлатӣ. №1(33), 2017.- С.54-62.
9. Тимофеева В.Т. Социально-политическая активность населения в условиях местного самоуправления. [текст] / В.Т.Тимофеева // Автореф.дис.канд.философ.наук.- М., 1994. – 23с.

**Поварақҳо**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [матн] / . – Душанбе, 2016.- С.38.
2. Социология села - это... Что такое Социология села? . [электронный ресурс]/ ttps://sociological_guide.academic.ru/185/(дата обращения: 23.04.19)
3. Социальные отношения в городе и деревне/Всемирная история: в 6 томах. Том 4: Мир в XVIII веке [электронный ресурс]// https://history.wikireading.ru/151828
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [матн// - Душанбе, 2018.-С.23.
5. Анварзода С. Хусусиятҳои раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал . [матн ]/ С.Анварзода // Автореф. дис.номзади илмҳои сиёсӣ. –Душанбе,2018.- С.9.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [текст ] //. – Душанбе, 2016.-С.38.
7. Ниг.:Шосаидов С.Х. Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии идоракунии захираҳои инсонӣ . [матн] / С.Х. Шосаидов // Идоракунии давлатӣ. №1(33), 2017.-С.54.
8. Тимофеева В.Т. Социально-политическая активность населения в условиях местного самоуправления . [текст] / В.Т.Тимофеева // Автореф.дис.канд.философ.наук.- М., 1994. – С.5.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» . [матн]. – Душанбе, 2021.-С.6.
10. Маълумот аз нишасти матбуотии Раиси Кумитаи рушди маҳаллӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврали соли 2021.

## СЕЛЬСКОЕ РАЗВИТИЕ И ЕГО СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ В РАЗВИТИИ МЕСТНОГО УПРАВЛЕНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**МИРЗОЕВ ЗАФАР ШИРИНОВИЧ**,
соискатель Государственного педагогического университета Таджикистана им.С.Айни.
г. Душанбе, прос. Рудаки 121,
Тел.: (+992) 918-89-40-45. E-mail. anushmirzoev@list.ru

*Данная статья посвящена теоретическому и практическому анализу становления и развития идеи развития села в Таджикистане. Развитие села признано приоритетной целью социально-экономической и культурной политики государства, и на этой основе реализуются различные меры политического, идеологического, культурного, инфраструктурного и творческого значения. Современные реалии таджикского общества доказывают, что развитие села имеет особое значение для устойчивого развития страны. Развитие села многогранно и в целом способствует укреплению человеческого потенциала в обществе.*

*Улучшение социальной инфраструктуры, создание новых рабочих мест, устранение неравенства между городом и деревней - вопросы, вытекающие из Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.*

***Ключевые слова:*** *развитие села, формирование, идея, Национальная стратегия, Таджикистан, человеческий потенциал.*

## RURAL DEVELOPMENT AND ITS STRATEGIC IMPORTANCE IN THE DEVELOPMENT OF LOCAL GOVERNMENT IN TAJIKISTAN

**MIRZOEV ZAFAR SHIRINOVICH,**
Applicant of the State Pedagogical
University of Tajikistan named after S. Aini.
Dushanbe, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 918-89-40-45. E-mail. anushmirzoev@list.ru

*This article is devoted to the theoretical and practical analysis of the formation of the idea of rural development in Tajikistan. The rural development is recognized as a priority goal of the socio-economic and cultural policy of the state, and on this basis, various measures of political, ideological, cultural, infrastructural and creative significance are being implemented. The modern realities of Tajik society prove that rural development is of particular importance for the ensuring sustainable development of the country. Rural development has various factors and generally contributes to the strengthening of human potential in society. Improving social infrastructure, creating new jobs, eliminating inequality between city and countryside are issues arising from the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030.*

***Key words****: rural development, formation, idea, National Strategy, Tajikistan, human potential.*

УДК: 327.2

# МУНОСИБАТҲОИ СИЁСИИ РИМ ВА ПОРТ ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ ОКТАВИАН АВГУСТ

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия
ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+ 992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru;

*Дар мақолаи мазкур оид ба муносибатҳои сиёсии Рим ва Порт дар давраи ҳукмронии император Октавиан Август сухан рафта, дар он масъалаи Арманистон ва низоъҳои сиёсии миёни ду империяи мазкур рух дода оварда шудаанд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки сиёсати Октавиан Август нисбати Ашкониён аз гузаштагонаш дида бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекард. Яъне ӯ бисёртар дар муносибот бо Ашкониён аз усули дипломатӣ истифода мебурд.*

*Муаллиф муносиботи сиёсии Рим ва Портро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки новобаста аз ҷой доштани бархе масъалаҳои печидаи мутақобилаи сиёсӣ, дар ҳамин вақт байни Рим ва Порт муносиботи муътадил барқарор гардида, он имконият дод, то ки тиҷорати байналхалқӣ рушд ёбад. Корвони тиҷоратии мунтазамро ҳам портҳо ва ҳам римиён дастгирӣ мекарданд, сиёсати мазкур ба болоравии иқтисодии ҳам Сурияи зери таъсири Рим ва ҳам Байнаннаҳрайни зери ҳокимияти Порт оварда расонд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ашкониён, Порт, Рим, Фарҳоди IV, Октавиан Август, муносибот, сиёсат, Арманистон, ҷанг, сулҳ.*

Ғалабаи портҳо 9 майи соли 53 п.м. аз болои лашкари Рими зери фармондеҳии Красс барои эронинажодон аҳамияти калон ба бор овард. Пирӯзии мазкур самти ҳаракаткунии минбаъдаи римиҳоро ба сӯи Фурот боз дошта, ҳокимияти онҳоро дар Осиёи Хурд, Сурия ва Фаластин ба ларза оварда, баъдтар дар минтақаҳои мазкур системаи мувозинати сиёсӣ байни Рим ва Порт ба вуҷуд омад, ки низоми мазкур бо баъзе мавридҳои танаффус қариб, ки то азбайнравии империяи Ашкониён мавҷудияти худро нигоҳ дошт. Аммо ба ин нигоҳ накарда, баъди юриши Красс низ римиён чанд лашкаркашии нокомро зидди портҳо ташкил карда буданд.

Аммо сиёсати Октавиан Август нисбати Ашкониён дар муқоиса бо амалкарди гузаштагонаш бо хусусиятҳои худ фарқ мекард. Гай Юлий Сезар Октавиан Август 23 сентябри соли 63 п. м. дар Рим таваллуд шуда, 19 августи соли 14 милодӣ дар Нола аз дунё реҳлат кардааст. Август яке аз сиёсатмадорони машҳури Рим шинохта шуда, 13 маротиба вазифаи консулро иҷро кардааст. Октавиан Август дар таърих асосгузор ва аввалин императори Рим шинохта шуда, дар тарбияи сиёсӣ - ҳарбии ӯ Юлий Сезар нақши калон гузоштааст.

Муносиботи мутақобилаи Порт ва Рим аз давраи юриши Марк Красс ба худ хислати душманонаро касб намуда, он боиси сар задани чанд низои дигари ҳарбӣ байни тарафҳо гардид. Баъди шикасти соли 53 п.м. Рим қариб, ки ҳамаи музофотҳои шарқии худро аз даст медод, аммо низои дохилӣ дар худи давлати Порт ба фоидаи римиён шуд. Соли 36 п.м. римиён боз бо сарварии Марк Антоний як юриши нокоми дигарро зидди Порт гузаронданд ва дар натиҷа Рим аз мақоми ҳукмфармоии худ дар Арманистон маҳрум гардид. Талафоти калон римиёнро маҷбур кард, ки аз сиёсати

экспансионии худ даст кашида, пурра ба роҳи дипломатӣ ҳал намудани масъалаҳо бо Ашкониёнро ба миён гузоранд.

Ҷанги бистсолаи шаҳрвандӣ дар Рим иқтисоди империяро хароб гардонд. Барои ҳамин таҷрибаи талхи юришҳои гузаштаро ба инобат гирифта, оғоз кардани ҷанг бо Порт низ барои Август хатарнок буд. Барои ҳамин, Октавиан Август масъалаи Шарқро муддате монда, ба мустаҳкам намудани мавқеи худ дар Ғарб банд гардид. Зимистони соли 30/29 пеш аз милодро бошад, Октавиан дар Антиохия гузаронда, идоракунии музофотҳои шарқиро ба тартиб дароварда, ба Рим баргашт. Дар солҳои минбаъда римиён мавқеи худро дар Шарқ мустаҳкам намуда, соли 25 п. м. бошад шоҳигарии Галатия зӯран ба қаламрави Рим ҳамроҳ карда шуда, бо ҳамин қисми марказии Осиёи Хурд зери назорати мустақими римиён дароварда шуда, таъсири Рим то Арманистони Бузург расид. Дар сиёсат нисбат ба Ашкониён бошад Рим аз системаи давлатҳои буферӣ истифода мекард.

Дар ин вакт дар шимолии Миср байни Август ва Антоний ҷанги дохилӣ барои қудрат сурат гирифт. Дар Тайсафун ҳам қариб воқеаи ба ин шабеҳ рух дод, дар он ҷо байни тарафдорони Фарҳоди IV ва Тиридот барои ба даст овардани тахти шоҳаншоҳӣ (с. 32 ё с. 31 п.м.) мубориза ба авҷи аълои худ расида буд [5, с. 153 – 154]. Ҳар ду тарафи низои дохилии Порт аз Август мадад хостанд, аммо ӯ ҷавоби худро кашола медод, интизорӣ мекашид, ки кадом тараф пирӯз мешавад [14, с. 71]. Дар натиҷа ба корҳои Миср банд мондааст. Баъдтар Август барои вайрон намудани этикети дипломатӣ дар назди портҳо бахшиш пурсида, онро бо банд будани худ дар корҳои Миср рабт додааст [14, с. 71 – 72]. Лекин ҳақиқати ҳолро бошад муаррихи юнониасли римӣ Дион Кассий мекушояд, ки тибқи ахбори ӯ Август интизорӣ мекашид, то ки рақибон ба таври возеҳ ҳамдигарро ҳар чи бештар заиф гардонанд [9: LI. 18. 2].

Аммо Фарҳод бо кӯмаки қабилаҳои сакоии Осиёи Миёна даъвогари тахт – Тиридотро шикаст дода, охирӣ бошад бо ҳамроҳии худ шоҳзодаи калонтари портиро низ ҳамроҳ гирифта, ба пеши римиён ба Сурия фирор намуд. Бо ҳамин, дар ихтиёри Август довталаби хатарнок ба тахти шоҳаншоҳӣ ва фарзанди дар асоратмондаи Фарҳод қарор гирифтанд [11, с. 523]. Акнун Август дар сиёсати худ аз ин вазъияти ба вуқуъ омада истифода бурданро оғоз кард. Барои ҳал намудани масъалаи мазкур соли 23 п.м. ба Рим сафорати Ашкониён фиристонда шудааст. Сафорат ба Август муроҷиат намуд, лекин ӯ онҳоро ба назди Сенат фиристонд, аммо вақте ки Сенат дар навбати худ сафоратро ба назди Август фиристонд, гуфтушунидҳо сар шуданд. Сафорати Ашкониён таслим намудани Тиридот ва баргардондани шоҳзодаро талаб намуд, аммо Октавиан Тиридотро надода, шоҳзодаро бошад ба хотири нияти нек пас гардонд. Яъне император бо шарти ба ивази ливоҳои дар дасти портҳо буда ва баргардондани аскарони римии дар асорат қарор дошта, розӣ шуд, ки вориси тахти Портро бармегардонад. Шоҳаншоҳи Порт иҷро намудани шарти мазкурро кашол медод ва ин боиси мудохила намудани римиён ба корҳои дохилии Арманистон ва Порт гардид [11, с. 523].

Ҳамин тавр, соли 23 п.м., баъди ба эътидол овардани вазъият дар Испания ба Шарқ сарлашкари аввали Октавиан Август – Марк Випсаний Агриппа фиристонда шуд. Аммо соли 22 п.м. Август боз худаш ба Шарқ равон шуда, барои воридшавӣ ба Арманистон тайёрӣ медид. Инчунин тавассути Балкан писархонди ӯ Тиберий низ ба Шарқ раҳсипор гардид. Аммо ҷанг рух надод. Зеро, замоне ки римиҳо ба Арманистон расиданд, сӯиқасдчиён шоҳ Арташеси II - ро ба қатл расонданд ва аз Август талаб карданд, ки ба онҳо ҳокими нав таъйин намояд. Тиберий бародари хурдии Арташес –

Тиграни III - ро ба тахт шинонд. Ӯро бошад дар вақташ Антоний асир гирифта буда, вай дар Рим дар гарав нигоҳ дошта шуда буд.

Бархе аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки намоиши мазкури қувваи ҳарбӣ таъсири худро ба шоҳаншоҳи Порт расонд. Гӯё ҷой доштани имконияти ҳамзамон ҳуҷум намудан аз Сурия ва Арманистон, дар ихтиёри Рим қарор доштани довталаб ба тахти Порт – Тиридот ва иттифоқ бо шоҳи Ҳинд, ҳамаи инҳо Фарҳодро маҷбур карданд, ки шартҳои Римро қабул намояд. Вақте ки Август ба Сурия омад, баҳори соли 20 п.м. сафирони портӣ ба Тиберий ливоҳо ва асирони римиро супориданд [11, с. 523]. Аммо зарур аст, қайд намоем, ки набояд ба ақидаи мазкур пурра розӣ шуд. Зеро тибқи маълумоти дигар, ҳанӯз пештар аз ин дар соли 23 п.м. Марк Випсаний Агриппа бо Фарҳод оид ба баргардондани ливоҳои Рим гуфтушунидҳои пинҳониро оғоз намуда буд [1, с. 145 – 152]. Веллей Патеркул менависад, ки Фарҳоди IV ҳанӯз пеш аз оғоз намудани маракаи римиён дар Арманистон ливоҳоро баргардонда буд [15: 92; 94]. Аз рӯи таҳқиқоти Н. К. Дибвойз Тиберий тантанавор инсигниҳои баргардондаро ба Август супоридааст [8]. Муаррихи барҷастаи Шӯравӣ А. Г. Бокшанин менависад, ки ин воқеа 12 майи соли 20 п.м. ба вуқуъ пайвастааст [5, с. 158]. Ин ҳодиса дар Рим ғалабаи калон ҳониста шуд. Аммо афкори ҷамъиятии Рим талаб мекард, ки барои торумори се артиши Рим аз Порт интиқом гирифта шавад, лекин Октавиан Август дигар роҳро интихоб кард. Аз як тараф империяи Рим низ дигар дар он қудрат қарор надошт, ки бо ҳарифи тавонои худ Порт ҷангро оғоз намояд. Гарчанде Август дар корномаи худ қайд менамояд, ки ман портҳоро маҷбур кардам ливоҳои се артишро баргардонда (яъне ливоҳои Красс аз соли 53 п. м., Лусий Десидий Сакса аз соли 40 п.м. ва Марк Антоний аз соли 36 п.м.), оид ба дӯстӣ аз Рим илтиҷо кунанд [7: XXIX. (2)], аммо Давид Мэйҷи менависад, ки аввалин императори Рим дар ихтиёри худ қувваи кофӣ надошт, ки бар зидди портҳое, ки Красс ва Антонийро мағлуб намуда буданд, ҷанги бузургро барад [1, с. 148]. Аз ҷониби дигар ливоҳои Красс ва Антоний ҳоло ҳам дар дасти портҳо буданд, то он даме, ки ин беобрӯгии миллӣ бартараф карда намешуд ва шарафи миллии Рим тавассути баргардондани дирафшҳо барқарор карда намешуд, ҳокимияти императори аввалини Рим ноустувор боқӣ мемонд [1, с. 149]. Мо бо хулосаи шарқшиноси барҷаста Б. А. Тураев ҳамфикрем, яъне ба хотири аз гарави римиҳо озод намудани писараш шоҳаншоҳ розӣ мешавад, ки ливоҳо ва асирони римиро ба Октавиан Август баргардонад. Аз ҷумла, ин олими машҳур менависад, ки танҳо ба хотири наҷот додани писараш Фарҳод ба ин амал даст зад [17, с. 912 – 915]. Муаррихи Рим Анней Флор низ менависад, ки портҳо ливоҳои римиро, ки ҳангоми бохти Красс ба даст оварда буданд, бо хоҳиши худ пас гардонданд [3: II. XXXIV. 63].

Ҳамин тавр, барои Рим, ба ҳар роҳе, ки набошад, баргардондани ливоҳо ниҳоят зарур буд. Чуноне ки маълум аст, ҷамъияти Рим барои қассос гирифтан лашкаркашӣ ва торумори қатъии портҳоро талаб намуда буд, аммо Октавиан Август ҳеҷ натавонист ба ин комёб шавад ва бисёртар аз дипломатия ва сиёсати анъанавии Рим – тақсим намо ва ҳукм рон нисбати Ашкониён истифода мебурд.

Баъди сулҳи мазкур портҳо ҳокимияти Тиграни III ва протекторати Римро аз болои Арманистон ба расмият шинохтанд. Мод (Атропатена), ки то ин дам ба Арташес тааллуқ дошт, давлати алоҳида гардида, зери ҳокимияти Ариабарзан, писари иттифоқчии римиён Артавазд ба доираи таъсири Порт даромад. Бо ҳамин системаи шоҳигарии клиентӣ аз нав барқарор гардид.

Дар натиҷаи шартномаи соли 20 п.м. Август ба Фарҳоди IV ғуломдухтар бо номи Музаро тӯҳфа кард. Тибқи хулосаи як қатор муҳаққиқон мумкин ин амалро Октавиан махсус анҷом додааст, зеро оқибат Муза ба маҳбубаи асосии шоҳаншоҳ табдил ёфта, таъсири Рим низ дар Порт боло гирифт, дар доираи олии ҳукмрони портҳо гурӯҳи романдӯстдорон шакл гирифт ва таъсиррасонии махфии Рим ба сиёсати Порт эҳсос карда шудааст [16, с. 140]. Вай аз шоҳаншоҳи Порт писарро бо номи Фарҳодак таваллуд карда, бо ҳамин мақоми ҷамъиятии худро иваз намудааст.

Ғайр аз ин, дар Порт боз бетартибӣ сар зада, қарибии соли 12 п.м. Фарҳод аз ҷониби Меҳрдоди IV (ғосиби тахт) аз Тайсафун пеш карда шуд. Дар соли 10/9 п.м. Фарҳод боз аз сари нав қудратро ба даст гирифт, аммо вазъияти ӯ ноустувор боқӣ монд. Аз он тарсид, ки ашрофони исёнгар аз ҳисоби хешони наздикаш номзади навро ба тахт пешниҳод менамоянд, Фарҳод ба кирдори бесобиқа дар таърихи муносиботи байналхалқӣ даст зад, яъне ба римиён ба сифати гарав аъзоёни оилаи худро дод. Ҳамин тавр, ба ҳокими римии Сурия Марк Тисий писарони худ – Сераспандон, Фарҳод, Родасп ва Вонон, инчунин ду то аз занҳои онҳо ва чор писари онҳоро супорид [8, с. 134]. Август оид ба ин масъала қайд менамояд, ки ба пеши ман ба Италия шоҳи портҳо Фарҳод, писари Ород, ҳамаи писарон ва наберагонашро фиристонд, дар ҷанг мағлуб нашуда, аммо иттифоқи моро хоҳиш кард ва ҳамаи фарзандони худро ба гарав дод [7: XXXII. (2)].

Август дар корномаи худ ҳамин тавр худро васф менамояд. Аммо вазъи Рим, вобаста ба масъалаи музофоти Германия, дар давраи мазкур ниҳоят бад буд ва нашояд, ки портҳо ба ин амал даст мезананд. Зеро мувофиқи хулосаи муҳаққиқон Фарҳоди IV ворисонашро бо хоҳиши худаш ба Рим фиристондааст, яъне ба хотири ҳал намудани мушкилиҳои дохилӣ, махсусан аз майлу хоҳиши фарзандон барои даъвокунӣ ба тахт халос хӯрда, хешро эмину бехатар гардонад. Аз ҷониби дигар ғуломдухатр Муза Теа, ки мақоми зани Фарҳод, яъне маликаро гирифт, барои он ки роҳ ба сӯи тахтро ба писари худаш кушояд, тавонист, ки Фарҳоди IV - ро ба он моил намояд, ки писаронашро ба Рим фиристонад. Бо ин роҳ Муза мехост, ки ворисони қонуниро аз тахт дур намуда, барои писари худ тахтро таъмин намояд [11, с. 525].

Дар ин вақт вазъияти Рим дар сиёсати самти Шимол бисёр бад гардида буд, зеро соли 9 п.м. дар муҳорибаи назди ҷангалзори Тевтобург легионҳои Рим бо сарфармондеҳии Публий Квинктилий Вар аз ҷониби қабилаҳои германӣ пурра торумор гардиданд. Ин ҳодиса дар Рим бонги изтиробро ба вуҷуд овард. Дар империя сафарбаркунии иҷборӣ эълон гардид, аммо хоҳишмандони дар артиш хизмат кардан хеле кам буданд. Масалан, муаррих ва нависандаи Рим Гай Светоний Транквилл нақл менамояд, ки як савораи римӣ ҳатто ангуштони писаронашро буридааст, то ки дар артиш хизмат накунанд [6: II. 24 (1)]. Зарурият пеш омадааст, ки ғуломонро ба артиш ҷалб намоянд ва ҳамин тавр бо доир намудани дораҷӯиҳои фавқулодда римиён тавонистанд қувваҳои нави иловагӣ ба Рейн фиристонда шаванд. Оқибат мубориаи зидди германитаборон аз ҷониби римиён хусусияти мудофиавиро ба худ касб кард [11, с. 521]. Ҳамин минвол Рим, ки бар зидди дастаҳои ҳарбии қабилаҳои германӣ истода натавонист, чи тавр метавонист бар зидди артиши як империяи муқтадир вориди набард шавад.

Дар масъалаи Арманистон бошад вазъ чунин сурат гирифтааст, ки пас аз марги Тиграни III қарибии соли 6 п.м. ҳокимият ба дасти гурӯҳи тарафдорони Порт гузашт. Шоҳ писари Тиграни III Тиграни IV гардид. Август ба Тиберий фармон медиҳад, ки дар Арманистон тартиботро ҷорӣ намояд, аммо ӯ аз иҷрои фармони мазкур сарпечӣ

карда, ба Родос бадарға карда мешавад. Оқибат римиён ба тахти шоҳӣ бародари Тиграни III – Артавазди III - ро шинонданд. Масъалаи сиёсати Рим ва Порт дар Арманистон муфассалтар аз ҷониби С. Д. Литовченко таҳқиқ гардидааст [10, 205 с.].

Вазъи сиёсӣ дар Порт низ тағйир ёфт. Яъне соли 2 п.м. дар натиҷаи табаддулоти дарборӣ Фарҳоди IV кушта шуда, Муза писари худ Фарҳодакро бо унвони Фарҳоди V ба тахт баровард. Қарибии соли 1 п.м. дар Арманистон тарафдорони Порт Артаваздро сарнагун намуда, ба тахт боз Тиграни IV - ро барқарор карданд. Август низ намехост, ки назоратро аз болои Арманистон аз даст диҳад ва ба ин хотир юриши навро ба самти Шарқ ташкил кард.

Сарфармондеҳи юриши мазкур набераи калонӣ ва писархонди император Октавиан Август – Гай Юлий Сезар Випсаниан (Гай Випсаний Агриппа) таъйин гардид. Светоний хабар медиҳад, ки ӯ, инчунин, ҳокими Шарқ таъйин карда шуд [6, III. 12 (2)]. Римиён дар рафти юриши мазкур аз усули тарғибу ташвиқ, ба истилоҳи муосир гӯем аз ҷанги иттилоотӣ низ истифода бурдаанд. Дар ҳама ҷой эълон карда шуд, ки Гай ба хотири наҷот додани тамоми инсоният бар зидди варварҳо мубориза мебарад. Лекин дар ҳуҷҷати эпиграфӣ, ки соли 1960 аз Миссена кашф гардидааст ва матни он маълумоти мазкурро дар бар мегирад, мушаххасан наомадааст, ки варварҳо гуфта римиён киҳоро дар назар доранд [2, с. 260; 14, с. 81 – 82]. Римиҳо акнун тарғиботу ташвиқот бурда, мехостанд дар ҷамъият обрӯи Гай Сезари ҷавонро баланд бардоранд.

Бо сабаби он ки Гай хеле ҷавон буда, таҷрибаи кофӣ надошт, амалан юришро мушовирони ӯ Марк Лоллий ва Публий Сулпитсий Квириний роҳбарӣ мекарданд. Фарҳоди V ба Август нома фиристонда, дар он ба ӯ қатъан панд дод, ки оид ба қонунӣ будани амалиёташ нисбати Арманистон андеша кунад ва талаб намуд, ки артиши худро пас хонад. Август бо номаи таҳқиронаи худ ҷавоб гардонда, дар он ҳатто аз унвони шоҳии Фарҳод ёд ҳам накардааст. Ӯ талаб намудааст, ки аз дастдарозӣ ба Арманистон даст кашад. Дар номаи ҷавобии худ Фарҳод худро шоҳи шоҳон ва Августро ба таври оддӣ «Сезар» номидааст. Дар натиҷаи мукотиботи таҳқиромез Порт ва Рим дар остонаи ҷанг қарор гирифтанд.

Дар натиҷа римиҳо амалиёти худро дар Германия қатъ карда, қувваҳои зиёди худро ҳамчун неруи иловагӣ иборат аз 4 легион ба Сурия фиристонданд. Аз Миср низ қувваҳои иловагӣ ба минтақа фиристонда шуданд. Дар натиҷа дар сарҳадоти Порт дастаҳои калони ҳарбӣ ҷамъ шуданд, аммо чи тавре ки Дион Кассий менависад, ки Август ин бор ҳам нахостааст, ки ҷанг рух диҳад [9: LV. 10]. Қарор карда шудааст, ки гуфтушунидҳо доир карда шаванд. Артишҳои ҷонибҳо дар ду тарафи соҳили дарёи Фурот қарор гирифтанд. Гай Сезар ва Фарҳоди V дар соли 1 ё 2 п.м. дар ҷазирае миёни оби Фурот вохӯрданд. Яке аз афсарони Рим, трибуни ҷавон дар назди Гай Сезар, муаррихи римӣ – Веллей Патеркул, ки шоҳиди воқеа будааст, ин вохӯриро ба қалам додааст. Ӯ дар асари худ симои Фарҳодро васф намуда, менависад, ки вохӯрии ду шахсияти барҷаста ва роҳбарони империяҳо дар ҳузури лашкари Рим дар як соҳили дарё саф кашида ва лашкари Порт дар дигар соҳили рӯд мустақар буда, воқеаи бузург буд ва шоистаи он аст, ки дар хотираҳо ҳифз нигоҳ дошта шавад. Сипас, тарафҳо ба навбат ба ҳамдигар зиёфат додаанд [15: II. CI. 1 – 3]. Ҳамин тариқ, сулҳ ва иттифоқ баста шуда, тибқи он портҳо аз ҳамагуна иддао ба Арманистон (мамлакати мазкур байни ду империя зонаи буферӣ эътироф гардидааст) даст мекашанд ва розигӣ доданд, ки шоҳзодагони ашконӣ низ дар Рим бимонанд [8, с. 138]. Дар ин масъала таъсири Муза ва ба фоидаи Рим ҳал намудани баҳс мушоҳида мегардад.

Дар ин вақт дар Арманистон низ вазъият тағйир ёфтааст. Тиграни IV хостааст, ки бо римиён ба як қарордод биёяд, аммо дар як муҳориба бо ким-кадом варварҳо ҷонашро аз даст медиҳад. Баъди ин ҳодиса Гай Сезар ба Арманистон юришро ташкил намуда, ба тахт шоҳи Мод Ариобарзанро мешинонад. Амалан гирем Арманистон мустақилияташро аз даст дод. Баъди муддате дар Арманистон бар зидди дастнишондаи Рим шӯриш сар мезанад. Дар рафти хобондани он Гай Сезар ба қалъаи Артагиру ҳуҷум намудааст, ки онро Адду (Аддон) ном шахс, эҳтимол меравад сатрапи шоҳи Порт, мудофиа мекардаст. Адду Гайро бо роҳи ҳила ба гуфтушунид даъват карда, 9 сентябри соли 3-юм дар натиҷаи сӯиқасд ӯро сахт захмӣ мекунад. Римиён Артагируро ишғол карданд, аммо дар соли 2-юм Гай Сезар аз натиҷаи захми бардоштааш ҷон додааст. Ариобарзан ҳам, ки ӯро Гай ба тахт шинонд, баъдтар вафот кардааст, писари ӯ Артавазди IV қарибии соли 6-ум кушта шудааст. Римиён ба тахти Арманистон набераи Ироди Яҳудӣ Тиграни V - ро шинонданд, аммо ӯро ҳам баъди муддате ашрофи маҳаллӣ аз тахт фуроварданд [8, с. 139 – 141].

Дар Порт бошад бӯҳрони сиёсии навбатӣ ба вуҷуд омада, тибқи ахбори баъзе манбаъҳо соли 4-ум Фарҳод ё кушта шудааст ё ба Сурия гурехта вафот кардааст. Шоҳаншоҳи нав Ороди III ҳам қарибии соли 6-ум кушта гардид. Баъди ин воқеа портҳо ба Рим сафоратро фиристонда талаб карданд, ки ягон то аз шоҳзодаҳои портӣ, фарзандони Фарҳоди IV -ро монанд, ки ба ватан баргарданд.

Август писари аз ҳама калони Фарҳоди IV Вононро ба Порт фиристонда, ӯ шоҳаншоҳ эълон гардид. Ба назар мерасид, ки римиҳо ба дастовард ноил гардиданд ва ба тахти Порт тарбиятгирифтаи худро бардоштанд, аммо ашрофи портӣ аз сиёсати Вонон норозӣ буданд, ки ӯ 15 сол дар Рим анъаноту одати ғарбиро азхуд карда буд. Дар натиҷаи исёни навбатӣ ба тахт Артабони III омад ва Вонон бошад қарибии соли 12 ба Арманистон фирор кард ва он ҷо ҳокимиятро ғасб кард, аммо соли 15 маҷбур шуд, ки зери фишори портҳо аз тахт даст кашад. Римиҳо ҳам дар ин вақт ба хобондани шӯриши империя ва баъди он бо кӯшишҳои барқарор намудани ҳокимияти худ дар Германия баъди муҳорибаи ҷангалзори Тевтобург банд буда, наметавонистанд ба дастнишондаи худ ёрӣ расонанд ва протекторати худро аз болои Арманистон ҳифз нигоҳ доранд.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои муносиботи Рим ва Портро дар давраи мазкур баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст, ки:

- аз рӯзҳои аввали ҳукмронии худ Август аз сиёсати васеи забткорона дар Шарқ даст кашид. Аммо дар сиёсати самти шарқии империяи Рим нақши асосиро муносибот бо империяи Ашкониён бозӣ мекард. Нотиқони римӣ Октавиан Августро ба он даъват мекарданд, ки бар зидди портҳо юриш ташкил карда, барои он беобрӯгие, ки аз замони Красс боқӣ мондааст, интиқом гирад. Аммо Август аз нақшаҳои Красс, Сезар ва Антоний тамоман дур буд. Ӯ пеш аз ҳама кӯшиш мекард, ки аз низоъҳои дохилии портҳо истифода намуда, масъалаҳои баҳснокро бо роҳи дипломатӣ ҳал намояд [11, с. 522]. Барои ҳамин, дипломатҳои Рим дар давраи идоракунии Август дар масъалаи сиёсати хориҷӣ бо Ашкониён комёбиҳои калонро ба даст даровардананд. Бо ин ҳама дастовардҳо пеш аз ҳама мушкилиҳои дохилии давлати Порт дар солҳои ҳукмронии Фарҳоди IV (с. 38/37 – 3/2 п. м.) сабаб гардиданд. Зеро ӯ дар мубориза бо рақибони дохилиаш банд монда, аз сиёсати забткориҳо канор монд;

- масъалаи асосӣ дар муносибатҳои дипломатии миёни Рим ва Порт ин масъалаи Арманистон будааст, ки он муҳимияти худро дар тамоми давраи муносиботи ин ду империя нигоҳ дошт.

Ашкониён ҳеҷ намехостанд, ки дар Арманистон таъсири Римро роҳ диҳанд, зеро ки дар сурати амалишавиаш он метавонист барои ҳукмронии Порт дар Байнайннаҳрайн ва сатрапияҳои ғарбӣ таҳдид намояд. Римиҳо ҳам аз ҷониби худ ҳеҷ намехостанд, ки ба ҳукмронии портҳо дар Арманистон тан диҳанд, зеро ин ҳолат барои алоқаҳои римиён бо минтақаҳои шарқии назди баҳри Сиёҳ монеа эҷод мекард ва барои Сурия ва Каппадокия таҳдиди доимиро ба бор меовард. Октавиан Август ҳамаи кӯшишҳои худро ба он равона намуд, ки Арманистонро дастнишондаи Рим идора намояд. Ин дар соли 20 п. м. амалӣ гардид. Экспедитсияи махсус бо роҳбарии Тиберий масъалаи мазкурро ҳал кард, аммо ҳокими ҷонибдори Рим будаи Арманистон натавонист муддати дароз ҳокимиятро дар даст нигоҳ дорад. Кӯшишҳои минбаъдаи Август дар самти тахти Арманистонро дар ихтиёри дастнишондаи Рим нигоҳ доштан, натиҷа нadоданд.

Ҳамин тавр, дар Арманистон тантанаи сиёсати Август дер давом накард, аммо портҳо ҳам он дам натавонистанд, ки мавқеи худро дар мамлакати мазкур мустаҳкам намоянд. Аммо баъди солҳое оқибат дар Арманистон як шохаи сулолаи Аршакиён ҳокимиятро ба даст гирифта, аз соли 66 то соли 428-и мелодӣ дар ин мамлакат ҳукм ронданд. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои дипломатӣ соли 20 п.м. шартнома миёни давлатҳо баста гардида, римиҳо тавонистанд, ки 12 майи соли 20 п.м. аз шоҳаншоҳи Порт ливоҳо ва уқобҳои легионҳои римии дар натиҷаи юришҳои нокоми се артиш ба дасти портҳо афтидаро пас гардонад. Гарчанде ки Август тавассути дипломатия мушкилотро ҳал намуда буд, аммо ӯ оид ба масъалаи мазкур низ дар корномааш қайд менамояд, ки гӯё портҳоро маҷбур кардааст, ки ливоҳо ва нишонҳои се артишро гардонда, онҳо аз ӯ оид ба дӯстӣ илтиҷо кардаанд [7: XXIX. (2)];

- ливоҳое, ки Ашкониён баргардонда доданд, римиён онҳоро дар яке аз маъбадҳои асосии Рим – Марси Интиқомгир, ки дар форуми нави Август сохта шуда буд, ҷой доданд. Ба хотири баргардондани ливоҳҳои империя дар Рим идҳои ҳарсола барқарор карда шуда, арк сохта, тангаҳо сикка зада шуданд, ки аз комёбиҳои Август дар самти сиёсат дар Арманистон ва Порт дарак медоданд. Ин дастовардҳо ҳатто дар ашъори шоирони римӣ низ инъикос ва васф гардидааст;

- бархе аз муаллифони антиқа мақоми шоҳзодагони портиро дар Рим бо асирон-гаравгонон баробар инъикос намудаанд ва акнун мартабаи Портро низ дар муносибатҳои мутақобилаи давлатҳои мазкур назди қудрати Рим поёнтар нишон медоданд, ки он дар асл ин тавр набуд. Масалан, муҳаққиқ А. Р. Панов масъалаи мазкурро ҳаматарафа омӯхта, ба хулосаи дигар меояд, ки ба фикри мо мавриди эътироф мебошад. Дар умум менависад, профессор А. Р. Панов, маълумоти маъхазҳои мавҷудбуда имконият медиҳанд, ки ба хулосае омад, ки Фарҳоди IV ворисонашро бо хоҳиши худаш ба Рим фиристондааст, яъне ба хотири ҳал намудани мушкилиҳои дохилӣ, махсусан аз майлу хоҳиши фарзандон барои даъвокунӣ ба тахт халос хӯрда, хешро эмину бехатар гардонад. Баробари ин, интихоби мамлакат, ки ба он ҷо фарзандонашро фиристонд, низ мақсаднок ва аз рӯи ақли солим сурат гирифт. Яъне шоҳаншоҳ алоқаҳои пешин ва хусусан муътадил гаштани муносиботи Рим ва Портро баъди бастани шартномаи соли 20 п. м. ба инобат гирифта, боварӣ ҳосил намуда буд, ки римиҳо ба корҳои дохилии Порт мудохила намекунанд. Август бошад ҳузури шоҳзодагони портиро дар Рим ба манфиати шахсии худ истифода бурда, дар назди ҷамъияти римӣ онҳоро ҳамчун асирон (гаравгонон) муаррифӣ намуд ва кирдори Фарҳодро бошад ҳамчун хоҳишманди мустаҳкам намудани дӯстӣ бо император будан

шарҳ медод. Ҳамин тавр, муҳаққиқи мазкур ба хулосае меояд, ки чизе ки Фарҳод онро таъмин намудани мустаҳкамкунии низоми идории худ баҳогузорӣ кард, Август бошад онро ба ҷамъияти римӣ чунон расонд, ки гӯё он эътирофнамоии навбатии бартарияти қудрати Рим аз ҷониби портҳо мебошад [13, с. 146]. Аз ҷониби дигар, чи тавре ки қайд намудем, таъсири Муза низ ба Фарҳод расида буд, ки ӯ мумкин ба ин амал зери дахолати вай даст зада бошад;

- таърихнигории масъалаи мазкурро баррасӣ ва таҳлил намуда, эҳсос мегардад, ки чи тавр сиёсатмадорон ва бархе аз муаррихони римӣ ба вазни сухан ҳангоми иншои матн диққат дода, масъалаҳоро нозукбинона ба фоидаи худ тоб дода, ба қалам медоданд. Масалан, Август дар корномааш овардааст, ки портҳоро маҷбур кардам ливоҳоро баргардонанд, аз мо илтиҷои дӯстӣ намоянд ва ғайра, аммо оид ба корзори дар ҷангалзори Тевтобург барин ҳодисаҳо, ки шарафи Римро паст заданд, ҳарф ҳам намезанад. То ба имрӯз аз портҳо оид ба масъалаи мазкур мероси хаттии расмӣ боқӣ намондааст, аммо яқин аст, ки сулола ва империяи Ашкониён дар таърих ягона империяи эрониён сабт шудааст, ки ягон вақт ба империяҳои бегонагон сар нафуроварданд;

- боз ҳам зарур аст махсус иброз намоем, ки Ашкониён дар ҳеҷ маврид ва ягон вақт ҳангоми мавҷудияти давлатдории худ пеши ягон давлат сар хам накарданд. Инро худи римиён низ эътироф карда буданд. Масалан, Гней Помпей Трог овардааст, ки дар масъалаи тақсимоти ҷаҳон бо Рим ҳокимияти онҳо дар Шарқ эътироф гардидааст [18: XLI. 1. (1); 4, с. 3]. Ӯ, инчунин оид ба тавоноии портҳо менависад, ки онҳо се маротиба ба хуҷуми римиҳо, ки дар сари онҳо сарлашкарони машҳури Рим меистоданд, рӯ ба рӯ шуданд. Рим дар он вақт дар айни гул - гулшукуфии қудрати худ қарор дошт ва аз миёни ҳамаи халқҳо портҳо на танҳо бо римиҳо баробар буданд, ҳатто онҳоро мағлуб карданд ва ин дар ҳоле сурат гирифт, ки Ашкониёнро аз ҳар тараф хатар таҳдид мекард [18: XLI. 1. (7 – 9)]. Дар арафаи заволёбии империяи Ашкониён бошад намояндаи дигари Рим, нотиқ ва адвокати машҳур Марк Корнелий Фронтон иброз намудааст, ки аз миёни ҳамаи халқҳо танҳо портҳо рақиби шоистаи Рим мебошанд [12, с. 146].

Ҳамин тавр, новобаста ба бархе аз масъалаҳои печидаи мутақобилаи сиёсӣ, дар ҳамин вақт байни Рим ва Порт муносиботи муътадил барқарор гардида, он имконият дод, то ки тиҷорати байналхалқӣ рушд ёбад. Корвони тиҷоратии мунтазамро ҳам портҳо ва ҳам римиён дастгирӣ мекарданд, сиёсати мазкур ба болоравии иқтисодии ҳам Сурияи зери таъсири Рим ва ҳам Байнаннаҳрайни зери ҳокимияти Порт оварда расонд.

**Адабиёт:**


1. David Magie Jr. The Mission of Agrippa to the Orient in 23 B. C. // Classical Philology. Vol. 3. No 2 (Apr. 1908). PP. 145 – 152. / Д. Мэйджи - младший. Миссия Агриппы на Востоке в 23 г. д. э. Перевод С. Э. Таривердиевой под редакцией О. В. Любимовой/
2. Zetzel J. E. G. New Light on Gaius Caesar's Eastern Campaing // Greek Roman and Byzantine Studies. 1970. Vol. 11. N 3. PP. 259 – 266.
3. Анней Флор. Две книги римских войн // Малые римские историки. М.: Лодомир, 1996. С. 97 – 190.
4. Бокщанин А. Г. Парфия и Рим. Возникновение системы политического дуализма в Передней Азии. Часть первая. М.: Издательство Московского университета, 1960. – 252 с.

5. Бокщанин А. Г. Парфия и Рим (исследование о развитии международных отношений позднего периода истории античного мира). Часть II. Система политического дуализма в Передней Азии. М.: Издательство Московского университета, 1966. – 304 с.
6. Гай Светоний Транквилл. Жизнь двенадцати цезарей. М.: АСТ, 2010. – 544 с.
7. Деяние божественного Августа // Хрестоматия по истории Древнего Рима. Под редакцией профессора В. И. Кузищина. М.: Высшая школа, 1987. С. 166 – 176.
8. Дибвойз Н. К. Политическая история Парфии. Перевод с английского, научная редакция и библиографическое приложение В. П. Никонорова. СПб.: Филологический факультет СПбГУ, 2008. – 816 с.
9. Кассий Дион Коккейан. Римская история. Книги LI – LXIII. Перевод с древнегреческого под редакцией А. В. Махлаюка. СПб.: Нестор-История, 2014. – 680 с.
10. Литовченко С. Д. Римско-армянские отношения в I в. до н. э. – начале I в. н. э. Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. Харьков, 2003. – 205 с.
11. Машкин Н. А. Принципат Августа. Происхождение и социальная сущность. М. – Л.: Издательство Академии наук СССР, 1949. – 688 с.
12. Никоноров В. П. К вопросу о парфянском наследии в сасанидском Иране: военное дело // Центральная Азия от Ахеменидов до Тимуридов: археология, история, этнология, культура. Материалы международной научной конференции, посвященной 100 - летию со дня рождения Александра Марковича Беленицкого (Санкт-Петербург, 2 – 5 ноября 2004 года). СПб.: Институт истории материальной культуры РАН, 2005. С. 141 – 179.
13. Панов А. Р. Август и парфянские заложники в Риме // Проблемы истории, филологии и культуры. № 1. 2016. С. 136 – 149.
14. Парфенов В. Н. Император Цезарь Август: Армия, Война. Политика. СПб.: Алтейя, 2001. – 278 с.
15. Патеркул Веллей. Римская история // Малые римские историки. М.: Лодомир, 1996. С. 11 – 96.
16. Ру Ж. П. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней. Перевод с французского Некрасов М. Ю. СПб.: Евразия, 2005. – 432 с.
17. Тураев Б. А. Парфия и Парфяне // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона. Т. XXII А. СПб., 1897. С. 912 – 915.
18. Юстин. Эпитома сочинения Помпея Трога «Historiarum Philippisarum». СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета, 2005. – 493 с.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РИМОМ И ПАРФИИ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ ОКТАВИАНА АВГУСТА

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, тел: (+ 992934162099), E - mail: saynakov2012@mail.ru; saynak.rushon.saynakov@mail.ru

*В статье рассматриваются политические отношения между Римом и Парфией во время правления императора Октавиана Августа, а также обсуждается армянский вопрос и политические конфликты между двумя империями. Автор приходит к выводу, что политика Октавиана Августа по отношению к Аршакидам отличалась от политики его предшественников. Другими словами, он в основном использовал дипломатические методы в отношениях с Аршакидами.*

*Автор анализирует политические отношения между Римом и Парфией и приходит к выводу, что, несмотря на некоторые сложные политические вопросы, в то же время между Римом и Парфией установились стабильные отношения, что позволило развивать международную торговлю. Регулярные торговые караваны поддерживались как парфянами, так и римлянами, которые привели к экономическому росту как в Сирии, находящейся под влиянием Рима, так и Месопотамии которая находилась под властью парфян.*

***Ключевые слова:*** *Аршакиды, Парфия, Рим, Фраат IV, Октавиан Август, отношения, политика, Армения, война, мир.*

## POLITICAL RELATIONS BETWEEN ROME AND PARTHIA DURING THE RULE OF OCTAVIAN AUGUST

**SAYNAKOV SAYNAK PARPISHOEVICH,**
Candidate of History, Associate Professor of the Diplomacy and International Relations Department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
Phone: (+992) 934-16-20-99, E - mail: saynakov2012@mail.ru

*The article deals with the political relations between Rome and Parthia during the rule of Emperor Octavian Augustus, as well as discusses the Armenian issue and political conflicts between these two empires. The author comes to the conclusion that the policy of Octavian Augustus in relation to the Arshakids was different from the policy of his predecessors. In other words, he mainly used diplomatic methods in relations with the Arshakids.*

*The author analyzes the political relations between Rome and Parthia and concludes that, despite some complex political issues, stable relations were established between Rome and Parthia that time, which allowed to develop international trade. Regular trade caravans were supported by both the Parthians and the Romans, a policy that led to economic growth in both Roman-dominated Syria and Parthian-dominated Mesopotamia.*

***Key words:*** *Arshakids, Parthia, Rome, Phraate IV, Octavian Augustus, relations, politics, Armenia, war, peace.*

УДК:66.01+26.22

# ТАВСИФИ УМУМИИ НИЗОЪҲОИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ҚУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД**
номзади илмҳои сиёсӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур мафҳум, сабабу омилҳо ва заминаҳои таърихию сиёсӣ ва табиии пайдоиши низоъҳои вобаста ба об таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар заминаи таҳлили низоъҳои сатҳҳои гуногун вобаста ба об дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон муаллиф сабабу омилҳои асосии сар задани низоъҳоро мушаххас намуда, роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии онҳоро пешниҳод намудааст.*

*Дар мақола қайд гардидааст, ки яке аз омилҳои асосии сар задани низоъҳои вобаста ба об мавҷудияти ҳавзаҳо ва захираҳои ягонаи обии фаромарзӣ мебошад, ки давлатҳои ҳамҷавор бо сабаби мавҷуд набудани механизми мушаххаси ҳалли онҳо наметавонанд сари роҳи онҳоро гиранд.*

*Низоъҳои вобаста ба об таърихи тӯлонии худро доранд, аммо ташаккули онҳо ба шароити муосир рост меояд. Дар ҷаҳони муосир бо сабабҳои рушди босуръати демографӣ, пешрафти саноат, тағйирёбии иқлим, зиёд гардидани талабот ба маводи озуқаворӣ талошҳои кишварҳо барои дастрасӣ ба захираҳои об, махсусан ҳавзаҳои оби дарёҳои фаромарзӣ шадидтар мегардад. Ин ҳолат андешидани тадбирҳои иловагӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокро тақозо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати об, низоъ, об, дарёҳои фаромарзӣ, захираҳои об, иродаи сиёсӣ, шартнома, созишнома, давлатҳои ҳамҷавор, тағйирёбии иқлим, рушди демографӣ.*

Масъалаҳои вобаста ба об дар ҷаҳони муосир аз мубрамтарин масъалаҳои баррасишавандаи сатҳҳои гуногун маҳсуб ёфта, мавзӯи об яке аз мавзуъҳои асосии доираҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Имрӯз сиёсати об ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишварҳои алоҳида ва ниҳодҳои минтақавию ҷаҳонӣ табдил ёфта, бояд ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзиши фарохтар қарор дода шавад.

Низоъҳои обӣ яке аз қисмҳои таркибии сиёсати об ва ё гидрополитикаро ташкил дода, таърихи пайдоиш, сабабу омилҳо ва ҷанбаҳои хоси илмии худро дорад.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ дар минтақаҳои дорои захираҳои ками об, махсусан минтақаҳое, ки дорои масоҳати зиёди биёбон, нимбиёбон ва хушкӣ мебошанд аз замонҳои қадим об объекти баҳс ва сабаби асосии низоъҳо барои дастрасӣ ба он маҳсуб меёфт.

Имрӯз низ бисёре аз сиёсатшиносону сиёсатмадорон ва коршиносону олимон объекти асосии муборизаҳои сиёсӣ ва геополитикиро маҳз дар мубориза барои ба даст овардан ва истифодаи захираҳои табиӣ мебинанд. Дар ин радиф олимон иброз медоранд, ки захираи табиие, ки дарояндаи наздик мубориза барои дастрасӣ ба он шадидтару печидатар мегардад, маҳз об мебошад. Муборизаҳои сиёсию ҳарбие, ки имрӯз барои захираҳои сӯзишворӣ, махсусан захираҳои нафт сурат гирифта истодааст, дар оянда барои об сурат хоҳад гирифт. "Барои бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, махсусан

онҳое, ки норасоии обро аз сар мегузаронанд ва ё зиёда аз ин, бuҳрони обро аз сар мегузаронанд, ин мушкилот дар мадди аввал гузошта шудааст” [1].

Аммо ҳатто кишварҳои бо об таъминбуда низ дар худ хатарро эҳсос мекунанд. Чунки кишварҳое, ки дар онҳо норасоии об мавҷуд аст, метавонанд дар ҳар ҳолат ба захираҳои оби кишварҳои дорои захираҳои об дастдарозӣ кунанд. Яъне дар шароити муосир бо шиддатёбии буҳрони обӣ ҳам доштани захираҳои об ва ҳам норасоии он хатарро эҷод намудааст.

Ф.Кастро доир ба тақдири номуайяни ҷаҳон изҳори назар карда, таъкид месозад, ки он дар оянда аз қобилияти ҳарҷи сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ аз ҷониби инсоният вобаста аст [2].

Бисёре аз сарони давлатҳо эҳтимоли ҷангҳоро дар оянда вобаста ба захираҳои об пешгӯӣ мекунанд. Собиқ Дабири кулли СММ Бутрос Ғалӣ, ки доир ба мушкилот ва мавзӯи об маълумот ва таҷрибаи амалӣ дошт, таъкид намудааст, ки ҷанги навбатӣ дар Ховари Миёна метавонад маҳз бо сабаби об рӯй диҳад.

Захираҳои табиӣ беш аз пеш заминаи пайдоиши муноқишаҳо дар сатҳҳои гуногун мегарданд. Георгий Рудов – коршиноси масоили Осиёи Марказӣ, собиқ сафири Федератсияи Россия дар Қирғизистон сабаби асосии муноқишаҳоро тобистони соли 2010 дар ин кишвар дар масоили ҳалнашудаи вобаста ба об мебинад. Номбурда таъкид месозад, ки "Ман мутмаин ҳастам, ки асри 21 асри мубориза на танҳо барои захираҳои сӯзишворӣ, балки барои об хоҳад шуд. Мумкин аст мубориза барои об на камтар аз мубориза барои газ ё нафт шавад [3].

Рақобат барои захираҳои об хусусиятҳои муноқишаҳои байни миллатҳоро касб кардааст [4]. Ғайр аз ин, мушкилоти мубориза барои захираҳои об на танҳо ба қаламравҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ, балки ба минтақаҳои дигар - Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Наздик ва Миёна, Африка ва ғайра дахл дорад, ки муносибатҳои байни давлатҳои ҳамсояро на як бору ду бор бадтар кардаанд.

Ҷиҳати дастрасӣ пайдо кардан ба захираҳои об низоъҳо ва муноқишаҳо дар минтақаҳои Ховари Миёна, Африқои Шимолӣ ва Шарқӣ мураккабтару печидатар мегарданд. Дар соиши ин ҳолат зиддиятҳои сершумори байнидавлатӣ, мазҳабӣ, конфессионалӣ ва қабилавӣ сурат гирифта истодаанд. Ҳанӯз дар миёнаи асри XX кишварҳои Баҳрайн, Урдун ва Кувайт дар ин минтақа ба норасоии оби тозаи нӯшокӣ рӯ ба рӯ гардида буданд.

Айни ҳол бошад, Алҷазоир, Сомалӣ, Тунис, Аморати Муттаҳидаи Араб, Яман, Миср, Эфиопия, Эрон, Либия, Марокаш, Уммон ва Сурия низ ба мушкилоти об гирифтор гардидаанд.

Тибқи маълумоти СММ, дар Ховари Миёна зиёда аз 44 миллион нафар одамон имкони дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокиро надошта, 96 миллион нафар сокинони ин минтақа обҳои ғайриистеъмолиро истифода менамоянд. Мувофиқи пешгӯиҳо то соли 2025 норасоии оби тоза дар минтақа дар як сол беш аз ним миллиард $м^3$-ро ташкил хоҳад дод [5].

Дар ин минтақа низоъҳои зиёди обӣ ба қайд гирифта шудаанд ва маъмултарини онҳо муноқишаҳо миёни Туркия, Сурия ва Ироқ барои обҳои дарёҳои Даҷла ва Фурот, байни Исроил, Фаластин ва Урдун барои обҳои ҳавзаи дарёи Урдун, байни Эфиопия, Судон ва Миср барои обҳои ҳавзаи дарёи Нил мебошанд. Ин низоъҳо дар пайи ангезаҳои сиёсӣ печидатар гардидаанд. Муносибатҳои байни Туркия ва Сурия на як бору ду бор ба нуқтаи авҷи худ расидаанд, хусусан пас аз он, ки дар аввали соли 1990, Туркия дар доираи лоиҳаи Анатолияи Ҷанубу Шарқӣ ба пур кардани обанборҳо дар

қаламрави худ шурӯъ кард. Ин амали Туркия боиси ба вуҷуд омадани мушкилотҳои ҷиддии норасоии оби кишоварзӣ ва хушкшавии майдонҳои кишт дар минтақаҳои поёноби Сурия ва Ироқ гардид.

Равобити Сурия ва Туркия бо дастгирӣ ёфтани Ҳизби коргарии курд аз ҷониби Димишқ печидатар гардид.

Муносибатҳои Исроил ва Фаластин ҳамчунон сарпечида ва номуайян боқӣ мондаанд. Зеро мухолифатҳои кишварҳои арабӣ ҷиҳати эътирофи Исроил ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва ба даст овардани ҳама гуна созишномаҳои ҷиддии байналмилалӣ ҳолати бумбасти сиёсиро ба вуҷуд оварда, рақобатҳоро дар истифодаи захираҳои об печидатар гардонидаанд.

Олими рус Н.Глебова яке аз сабабҳои асосии ҷанги Арабистону Исроилро дар соли 1967 ба мушкили об рабт медиҳад. Соли 1955 Исроил ҷиҳати обро аз дарёи Урдун ба минтақаҳои ҷанубии Исроил ва биёбони Негев, ки аҳолии он доимо меафзояд равона кардан Ширкати миллии идоракунии обро таъсис медиҳад. Бо мақсади халал расонидан ба амалишавии ин лоиҳаи Исроил, соли 1964 Сурия ва Урдун ба сохтани сарбанд дар дарёҳои Ярмук ва Баняс оғоз намуданд, то маҷрои обро тағйир дода, сари роҳи дарёҳоро банд намоянд. Бо оғози амалиёти ҷангӣ Исроил сарбандҳоро бомбаборон карда, баландиҳои Голан, соҳили Урдун ва навори Ғаззаро ишғол намуда, дастрасии худро ба дарёҳои Ярмук ва Урдун васеъ кард [6].

Давлатҳои арабии Миср ва Судон Эфиопияро, ки мухолифи Сомалӣ ва Ҷибутӣ мебошад дастгирӣ менамоянд. Эфиопия пас аз ҷанг дар Эритрея ба бӯҳрони иқтисодӣ гирифтор шуда, имкони молиявии татбиқи технологияҳои обтозакуниро надошт. Бо назардошти ин, Эфиопия тақозо менамояд, ки созишномаи соли 1959, ки миёни Миср, Судон ва Эфиопия доир ба тақсимоти оби дарёи Нил баста шуда буд таҷдиди назар карда шавад ва он ба манфиатҳои ин кишвар созгор нест.

Хушксолиҳои пай дар пай дар Эфиопия роҳбарияти ин кишварро водор месозад, ки нисбат ба ҳамсоягонаш талабҳои шадидтар ба миён гузорад.

Собиқ сарварони Миср А. Содат ва Ҳ. Муборак низ дар давраи роҳбарии худ барои сохтани сарбанд дар дарёи Нил нисбати Эфиопия таҳдиди истифода аз неруҳои ҳарбиро намуда буданд. Новобаста аз он Эфиопия сохтани неругоҳҳои барқи обиро зарур ва созгор ба манфиатҳои миллии худ медонад, ки ин ҳолат муносибатҳои байнидавлатиро бо ҳамсоягонаш печида ва мураккаб гардонидааст.

Зиддиятҳо вобаста ба масоили об миёни абарқудратҳо ва акторҳои сиёсӣ низ дар афзоишанд. Ҷумҳурии мардумии Чин дар маҷрои дарёи Брахмапутра барои обёрии киштзорҳо дар музофотҳои камоби марказӣ ва шарқии кишвар тақрибан даҳ сарбанд месозад, аммо мушкилоти оби кишоварзӣ дар ин минтақаҳо ҳалли худро ба пуррагӣ намеёбад.

Бо назардошти ҳолати зикргардида Ҳукумати Ҷумҳурии мардумии Чин ҳадаф дорад, ки боз чандин сарбандҳои дигарро дар маҷрои ин дарё бунёд намояд. Чунин ҳолат ба давлатҳои поёноб Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Бангладеш мушкилотҳои зиёди экологию камбудии обро ба миён меорад.

Муноқишаҳо вобаста ба об дар Африқо низ зиёд ба мушоҳида мерасанд. Дарёи фаромарзии Волта аз Буркина Фасо ба Гана ҷорӣ мешавад. Дар маҷрои ин дарё дар Гана неругоҳи барқи обии «Акосомбо» бунёд гардидааст, ки он то 80 фоизи талаботи ин кишварро бо неруи барқ таъмин менамояд. Аммо Буркина Фасо барои рушди соҳаи

кишоварзӣ ва обёрӣ ба об эҳтиёҷи зиёд дорад. Ин ҳолат боиси пайдоиши нофаҳмоиҳо ва баҳсҳои доманадор гардидааст.

Таърихи Осиёи Марказӣ низ мунокишаҳои зиёди вобаста ба обро дар худ инъикос намудааст. Яке аз мунокишаҳо миёни деҳқонон дар сарҳади Қирғизистону Қазоқистон дар моҳи июли соли 2013 мебошад. Мунокиша дар пайи баста шудани канали об аз ҷониби сокинони деҳаи Кок – Сайи Қирғизистон, ки якчанд маҳаллаҳои сарҳадии Қазоқистонро бо об таъмин менамуд сар зад.

Ин низоъ зуд мақоми байналмилалиро касб намуда, ҷониби Қазоқистон аз Қирғизистон даъват ба амал овард, ки фавран канали мазкурро барқарор намояд ва дар оянда ба чунин ҳолат роҳ надиҳад. Дар пайи мудохилаи ҳарду ҷониб низоъ ҳал гардида, пас аз даҳ рӯз канал барқарор карда мешавад [6].

Заминаи асоси ҳалли ин низоъ муносибатҳои созанда ва дӯстонаи таърихӣ миёни ин кишварҳо мебошад. Аксар вакт ихтилофот дар соҳаи об дар марзҳои байни Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, алахусус дар водии сераҳолии Фарғона низ ба амал меоянд, ки дар ин минтақа бисёр масъалаҳои ҳалношудаи тақсимоти сарҳадӣ ҳанӯз аз замони шӯравӣ боқӣ мондаанд.

Дар маҷмӯъ, низоъҳои вобаста ба об дар оянда рӯ ба афзоиш дошта, бо хусусиятҳои таъсири онҳо ба воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ мураккабтару печидатар мегарданд. Мувофиқи маълумоти мутахассисони Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд, то соли 2030 47% одамон дар минтақаҳое зиндагӣ хоҳанд кард, ки камбуди захираҳои обро аз сар мегузаронанд. Ҳанк Пелиссиер аз ширкати «Траншуманитӣ» нуҳ минтақаро ном бурдааст, ки дар онҳо эҳтимоли сар задани мунокишаҳои мусаллаҳона вобаста ба об ҷой доранд [7].

Кларк Ҷаҷ корманди шабакаи амрикоии «Ю.Эс.Нюз» бо такя ба маълумоти Пажӯҳишгоҳи байналмилалии тадкиқоти стратегии Лондон 20 нуқтаҳои даргирро номбар намудааст, ки эҳтимолияти зиёди сар задани низоъҳо вобаста ба об ҷой доранд. Сухан натанҳо доир ба минтақаҳои табиии дорои захираҳои кам ва нокифояи об, инчунин минтақаҳое ба монанди ихтилофи байни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Мексика дар робита ба оби дарёҳои Рио Гранде, Рио Браво, Рио Despre Кончос ва Колорадо меравад. Ҳар яке аз онҳо аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сарчашма мегиранд, аммо аз ҷиҳати иқтисодӣ барои Мексика аҳамияти бештар доранд [6].

Заминаҳои объективии ташаннуҷи чунин вазъ меафзояд. Пешгӯиҳои СММ дар ин самт хеле ноумедкунанда буда, талабот ба оби тоза то соли 2050 яку ним баробар меафзояд. Ва ин метавонад на танҳо ба мунокишаҳои маҳаллӣ, балки ба мунокишаҳои ҳудудашон фарогири сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ оварда расонад [9].

Бо сабаби рушди босуръати демографӣ ва торафт мураккаб гардидани вазъи экологӣ мубориза барои захираҳои об шадидтар мегардад. Дар тамоми давраҳои таърихӣ инсоният ҳамеша кӯшиш намудааст, ки наздиктар бо захираҳои об макони зист ихтиёр кунад (тибқи маълумотҳои мавҷуда 75% сокинони сайёра дар соҳили дарёҳо, баҳру уқёнусҳо ва кӯлҳо зиндагӣ мекунанд), аммо ин раванд мушкилоти вобаста ба обро ҳал карда наметавонад, чунки дар чунин минтақаҳо миқдори оби тозаи нӯшокӣ нокифоя мебошад. Тибқи маълумоти СММ, имрӯз талабот ба оби тозаи нӯшокӣ нисбат ба миқдори он 17% зиёдтар аст, ки ин норасоии ҷиддиро нишон медиҳад [10].

Мушкилоти дигар зичии аҳолӣ мебошад, ки дар бисёр минтақаҳо он ба сатҳи баландтарин расидааст. Масалан дар як километри мураббаъ дар Баҳрайн тақрибан 1200 нафар, Бангладеш - 1100 нафар, Фаластин - зиёда аз 700 нафар, Тайван - 640

нафар, дар Ҷумҳурии Корея - 500 нафар, Лубнон - 400 нафар, Ҳиндустон - 360 нафар аҳолӣ ҷойгир шудаанд. Дар дигар кишварҳо, махсусан дар минтақаҳои биёбон ва нимбиёбон аҳолӣ бештар дар наздикии манбаъҳои об мутамарказ гардидаанд.

Тибқи маълумотҳо дар маҷмӯъ зичии миёнаи аҳолӣ дар Миср тақрибан 80 нафарро дар як километри мураббаъ ташкил медиҳад. Аммо ин ҳолат бо назардошти тақсимбандии ҳудудӣ тамоман дигаргуна аст. Масалан аҳолии мутлақи ин кишвар дар соҳил ва резишгоҳи дарёи Нил маскун буда, зичии аҳолӣ дар ин минтақа 1700 нафар дар як километри мураббаъ рост меояд. Яке аз сабабҳои бухрони соли 2011 низ дар ин кишвар мушкилоти захираҳои об буд.

Имрӯз кишварҳое, ки имкониятҳои маҳдуди молиявӣ доранд натанҳо дастрас намудани оби тозаи нӯшокӣ, инчунин оби барои соҳаи кишоварзӣ созгор низ барои онҳо душвор аст. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда 85% оби тозае, ки инсоният истифода мебарад, ба ниёзҳои кишоварзӣ, амиқтараш барои таъмини маводи озуқаворӣ сарф мешавад. Яъне таъминот бо маводи озуқа низ захираи зиёди оби тозаро тақозо менамояд.

Имкониятҳои сохтани иншооти тозакунии об ва бо ин тартиб ташкили гардиши об дар чунин кишварҳо хеле маҳдуданд. Вобаста ба рушди босуръати демографӣ, раванди интенсификацияи истеҳсолоти кишоварзӣ ба амал меояд. Ин асосан тавассути истифодаи маводҳои кимёвӣ анҷом дода мешавад. Аммо маводҳои кимёвӣ ва хусусан пеститсидҳо дар навбати худ манбаъҳои оби тозаро ифлос мекунанд ва захираи моҳиро кам менамоянд. Заҳкашу заҳбурҳое, ки барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ сохтаю истифода мегарданд тавозуни мавҷудаи обу табиатро вайрон мекунанд.

Рушди босуръати демографӣ истифодаи обро ба сари ҳар нафар ба таври табиӣ паст мекунад. Дар давоми 40 соли охир ҳаҷми оби тозаи нӯшокӣ ба сари ҳар нафар тақрибан 60% коҳиш ёфтааст [11].

Барои мисол, агар дар минтақаи Баҳри Миёназамин (Лубнон, Исроил, Фаластин, Урдун) рушди кунунии демографӣ боқӣ монад, дар давоми 10 соли оянда тамоми оби тозаи дар ин минтақа мавҷуда танҳо барои нӯшидан мерасад. Аммо рушди демографӣ омили ягонаи шиддатёбии масоили вобаста ба об нест. Сабаби дигари шиддатёбии масоили вобаста ба об ин соҳаи саноат ва истеҳсолоти саноатӣ, махсусан саноати вазнин ва кимёвӣ мебошад. Дар ин соҳа миқдори зиёди оби тоза истифода гардида, бо партовҳо ва маводҳои кимёвӣ омехта мегардад. Мутаассифона имрӯз иншоотҳои обтозакунӣ иқтидори тоза кардани тамоми обҳои дар соҳаи саноат ифлосшударо надоранд.

Дар шароити маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳо ва манбаъҳои об яке аз мушкилоти эҳтимолан ихтилофноки хусусияти фаромарзӣ доштани роҳҳои обӣ мебошад. Масалан, дарёи Иртиш - яке аз роҳҳои асосии обии Сибир аз Чин сарчашма мегирад. Ҷумҳурии мардумии Чин метавонад то панҷоҳ дарсади ниёзҳои худро бо об аз ҳисоби он таъмин намояд. Инчунин дар поёноби ин дарё Ҷумҳурии Қазоқистон ҷойгир аст, ки он низ метавонад панҷоҳ дарсади боқимондаи обро барои ниёзҳои худ истифода намояд. Чунин ҳолат метавонад мушкилоти ҷиддии вобаста ба муҳити зистро ба вуҷуд орад.

Агар кишварҳои пешрафтаи аврупоӣ тавонистаанд масоили обҳои фаромарзӣ, махсусан истифодаи ҳамгироёнаи дарёи фаромарзии Дунайро ба хубӣ ҳал кунанд, дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, ки иқлими гарм ва ё хушк доранд, ин кор хеле мушкилтар аст. Сохтмони сарбандҳо ва бунёди обанборҳо, ки баъзан пур кардани онҳо миқдори азими обро тақозо мекунанд, сабаби ба вуҷуд омадани ихтилофҳо миёни давлатҳо мегардад.

Сарчашмаи дигари пайдоиши ихтилофҳо ифлосшавии дарёҳои фаромарзӣ мебошад, ки боиси норозигии шадиди кишварҳои поёноб мегардад. Дар ҳолати ифлосшавии обҳои фаромарзӣ он натанҳо барои нӯшидан ва истифода дар соҳаи кишоварзӣ номувофиқ мегардад, балки сарчашмаи пайдоиши бисёр мушкилотҳои иҷтимоию экологӣ дар кишварҳои поёноб мешавад. Барои мисол чандин маротиба ифлосшавии оби дарёи фаромарзии Амур аз ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин мебошад. Бадтарин садамаи ин силсила моҳи ноябри соли 2005 дар як корхонаи кимиёвӣ дар Сизилин, як музофоти шимолу шарқии Чин рух медиҳад, ки дар натиҷаи он беш аз 100 тонна бензол ва ҳосилаҳои он ба оби рӯди Сунгарӣ, ки ба дарёи Амур мепайвандад мерезад. Дар натиҷа тақрибан 200 км масоҳати ин дарёро заҳролуд месозад, ки то соҳилҳои Федератсияи Россия мерасад.

Тибқи маълумотҳо дар дунё давлатҳои мустақилияти обидошта ва танҳо аз захираҳои оби дохилии худ истифодабаранда хеле кам аст. Ҳамзамон шумораи кишварҳое, ки ба пуррагӣ захираҳои оби худро танҳо худашон истифода кунанд, низ хеле каманд, ба истисноии кишварҳои дар ҷазираҳо ҷойгиршуда ба монанди Индонезия, Шри-Ланка, Тайван, Кипр, Малта, Мадагаскар, Британиёи Кабир ва дигарҳо.

Тибқи арзёбии мутахассисон захираи оби тозаи барои инсоният зарурӣ каме бештар аз 2% -и оби сайёраро ташкил медиҳад [9]. Ба ибораи дигар, ин об кофӣ нест ва бояд ҳифз карда шавад. Дар ин замина, арзёбии ҷойгиршавии захираҳои оби тоза дар қабатҳои гуногуни гидросфера аҳамияти хоса дорад. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда 24000000 км$^3$ захираҳои оби тоза дар пиряххо ҷойгиранд, ки ин 85% тамоми захираҳои оби тозаро ташкил менамояд. Дар ин баробар, обҳои зеризаминӣ 4000000 км$^3$ ё 14%, кӯлу обанборҳо 155000 км$^3$ ё 0,6%, намии хок 83000 км$^3$ ё 0,3%, буғҳои атмосфера 14000 км$^3$ ё 0,06% ва обҳои дарёҳо 1200 км$^3$ ё 0,004% -ро ташкил менамоянд [12].

Рақамҳои овардашуда инъикосгари онанд, ки оби кӯлҳо, дарёҳо ва обанборҳо танҳо як қисми ками оби тозаро ташкил менамоянд. Гузашта аз ин, ин захираҳои оби тоза дар сатҳи замин хеле нобаробар ҷойгир шудаанд. Дар дунё танҳо як гурӯҳи хурди давлатҳо дорои захираҳои бойи об мебошанд. Дар байни онҳо Бразилия бо 8233 км$^3$ (ҳиссаи маҷрои фаромарзӣ 34,2%); Россия бо 4508 км$^3$, (4,3%); ИМА бо 3051 км$^3$, (8,2%); Канада бо 2902 км$^3$, (1,8%); Индонезия бо 2838 км$^3$, (0%); Чин бо 2830 км$^3$, (0,6%); Колумбия бо 2,132 км$^3$, (0,9%); Перу бо 1913 км$^3$, (15,5%); Ҳиндустон бо 1880 км$^3$, (33,4%); Ҷумҳурии Демократии Конго бо 1283 км$^3$, (29,9%) мавқеи асосиро касб намудаанд.

Дар ин баробар, дар дунё кишварҳое вуҷуд доранд, ки аз ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои об вобастаи давлатҳои дигар ҳастанд. Вобастагии бештар ба об аз қаламрави кишварҳои ҳамсоя Кувайт (100%), Туркманистон (97,1%), Миср (96,9%), Мавритания (96,5%), Маҷористон (94,2%), Молдова (91,4%), Бангладеш (91,3%), Нигер (89,6%), Нидерланд (87,9%) Ӯзбекистон (77,4%), Озарбойҷон (76,6%), Украина (62%), Латвия (52, 8) %), Беларуссия (35,9%), Литва (37,5%), Қазоқистон (31,2%), Тоҷикистон (16,7%), Арманистон (11,7%), Гурҷистон (8,2%), Россия (4,3%), Эстония (0,8%) , Қирғизистон (0%) доранд [12].

Дар айни замон, мо гуфта наметавонем, ки кишварҳое, ки аз қаламравҳои ҳамсоя бо об таъминанд, наметавонанд худро бо захираҳои оби дохилии худ таъмин кунанд. Савол дар он аст, ки онҳо мушкилоти таъминоти худро чӣ гуна ҳал мекунанд ё ҳал карда метавонанд. Ва, баръакс, баъзе қаламравҳои ҷазира ва нимҷазира, ки захираҳои оби фаромарзӣ надоранд, баъзан норасоии шадиди обро эҳсос мекунанд. Аммо,

кишварҳои алоҳида, ки ба ҳеҷ ваҷҳ норасоии об надоранд, лекин аз ҷараёнҳои фаромарзӣ вобастагии зиёд доранд (масалан, Бангладеш - беш аз 91%).

Аз ҳама бештар кишварҳои камбизоати минтақаҳои тропикӣ ва экватории шимоли Африқо аз набудани оби тозаи нӯшокӣ азият мекашанд. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, камбудии об дар Шарқи Наздик, дар минтақаҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ низ ба мушоҳида мерасад. Бо вуҷуди ин, масъалаи дигари мубрам дар ин самт рушди босуръати илмию техникӣ ва истеҳсолот мебошад. Ин раванд вазъи таъминот бо обро тағйир дода, кишварҳоеро, ки то кунун бо об ба таври кофӣ таъмин буданд метавонад ба кишварҳои дорои мушкилоти об табдил диҳад. Раванди истеҳсолот сифати обро тағйир дода, онро ифлос ва ғайриистеъмол мегардонад. Дар ин асно, сатҳи барқароршавии захираҳои об нисбат ба сатҳи истеъмолот ба тадриҷ коҳиш ёфта, ифлосшавии об бо партофтаҳои гуногуни кимиёвӣ бо чунин суръат идома дорад, ки таҳдиди камобшавии обанборҳои табиӣ ва марги нabototу ҳайвонотро ба вуҷуд овардааст.

Нишондодҳо на ҳамеша инъикосгари воқеъият шуда метавонанд. Новобаста аз боришоти зиёд дар Ҷумҳурии мардумии Чин нисфи аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ ба таври муназзам бо оби ошомиданӣ таъмин нестанд. Мушкилоти дигар дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷой дорад. Дар ин кишвар сатҳи барқароршавии обҳои зеризаминӣ нисбат ба истифодаи он 25% камтар аст [14].

Дар Федератсияи Россия бошад, тибқи маълумотҳо аз 35 то 60% оби нӯшокӣ ба талаботҳои беҳдоштӣ ҷавобгӯ нест [12].

Умуман, вазъи истифодаи оқилонаю сарфакорона ва мақсадноки захираҳои оби тоза бинобар рушди нобаробари иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ва минтақаҳо, интиқоли истеҳсолот ба кишварҳо ва минтақаҳои канорӣ, афзоиши ғаразҳои сиёсӣ ва рушди идоранашавандаи демографӣ ташвишовар боқӣ мемонад.

Аз сабаби мураккабӣ ва гуногунии мушкилоти об, аз ҷумла, мушкилоти марбут ба обҳои фаромарзӣ, ки аксар вақт боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва мунокишаҳои байнидавлатӣ мегарданд, қабули қарори ягонаи ҳуқуқӣ, ки тавонад дар сатҳи байналмилалӣ ба таври муназзам ва устувор амал кунад, душвор мебошад.

Намунаҳои зиёд доир ба ҳалли масоили вобаста ба истифодаи обҳои фаромарзӣ миёни давлатҳои ҳамсоя дар асоси бастани шартномаҳои дуҷониба ва ё бисёрҷониба ҷойд доранд. Аммо имрӯз даёфти меъёрҳои ягонаи умумибашарӣ дар ин самт заруранд, ки новобаста аз паҳнои ҷуғрофӣ ва вақту замон истифода гарданд. То ҳанӯз принсипи ягонаи умумиэътирофшуда дар ин ҷода мавҷуд нест ва талошҳо низ ғайриқаноатбахшанд. Солҳои охир дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор чораҳои назаррас вобаста ба ин масъала андешида шуданд. Соли 2010 Ассамблеяи Генералии СММ Қатънома дар бораи ҳуқуқи инсон оид ба дастрасӣ ба захираҳои обро қабул кардааст. Қатъномаи мазкур новобаста аз фарогири маҷмуи масъалаҳои мавриди назар ва умумию содда буданаш чизи аз ҳама асосӣ механизмҳои таъмини ин ҳуқуқро дар худ ифода намекунад. Яъне дар заминаи ин Қатънома ҳамаи инсонҳо ҳуқуқи дастрасӣ ба захираҳои обро доранд, вале аз кадом сарчашма ва чӣ гуна номуайян аст.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ва меҳварӣ дар он аст, ки давлатҳои тараққикарда қудрати ҳал кардани мушкилоти обро дар арсаи байналмилалӣ дар сатҳи зурурӣ доранд, вале бо сабаби надоштани мушкилоти ҷиддии дохилидавлатӣ дар ин самт онҳо ба авлавият доштани мушкилоти об дар арсаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи кофӣ надоранд. Аммо давлатҳое, ки ба ин мушкилот гирифтор ҳастанд ва ё хоҳиши ҳалли ҳарчи зудтари ин

масъаларо доранд, аз фишанги таъсиррасонӣ ба давлатҳои абарқудрат бархурдор нестанд. Ҳалли масъалаҳои истифодаи одилона ва оқилонаи захираҳои об дар сатҳи байналмилалӣ асосан ба салоҳияти Форуми Умумиҷаҳонии Об вогузор гардидааст. Ин Форум соли 1997 таъсис ёфта ҳар се сол як маротиба баргузор мегардад ва ба бузургтарину бонуфузтарин ниҳоди байналмилалӣ дар соҳаи об маҳсуб меёбад. Аз ҷумлаи ҳадафҳои асосии Форум масъалаҳои обро ба рӯзномаи сиёсӣ дохил кардан, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи об, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба мушкилоти об ва таҳия намудани уҳдадориҳои сиёсии давлатҳо дар ин соҳа мебошанд. То имрӯз 8 форум дар Марракеш, Мароказш, 21-25 марти соли 1997, Гаага, Нидерланд, 17-22 марти 2000, Киото, Осака, Шига, Ҷопон, 16-23 марти 2003, Мехико, 16-22 марти 2006, Истанбул, Туркия, 15-22 марти 2009, Марсел, Фаронса, 12-17 марти 2012, Даегу Гёнбук, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ, 12-17 апрели соли 2015, Бразилиа, Бразилия, 18-23 марти 2018 баргузор гардидааст [12].

Кишварҳои ҷаҳон умед ба он мебанданд, ки дар доираи форуми мазур ва дигар ниҳодҳои татбиққунандаи сиёсати об дар арсаи байналмилалӣ ҳама гуна низоъҳои вобаста ба об пешгирӣ карда шуда, иродаи сиёсии бозингарони ҷаҳонӣ дар ин самт тақвият меёбад.

Аз таҳлили боло низ бармеояд, ки низоъҳои вобаста ба об на аз сабаби камбуди он, балки бо сабаби истифода ва тақсимбандии нодурусту ғайриоқилонаи захираҳои об, махсусан ҳавзаҳои оби фаромарзӣ сар мезананд.

**Адабиёт:**


1 Данилов-Данильян В.И., Лосев К.С. Потребление воды: экологический, экономический, социальный и политический аспекты / Институт водных проблем РАН. – М.: Наука, 2006 [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.iwp.ru.

2 Фидель очень озабочен будущим человечества, заявил президент Уругвая // РИА Новости. 01.02.2014. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://news.mail.ru.

3.Куртов А. Водные ресурсы как причина конфликтов в Центральной Азии // Свободная мысль. 2013: №3: [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://svom.info.

4.Глебова Н. Война из-за воды // АПН. 21.06.2007. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.apn.ru.

5.Казахстан – Кыргызстан: конфликт из-за воды и земли. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.paruskg.info.

6. Новая геополитика: войны за воду. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://globalconflict.ru.

7. Конфликты из-за пресной воды начнутся через 15 лет. [Электронный ресурс] – Режим доступа: Источник: news.rambler.ru.

8. Запасы и проблемы пресной воды. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.watermap.ru.

9. Запасы пресной воды на Земле // Экологический портал. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.ecology-portal.ru.

10. Водные ресурсы мира. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.priroda.su.

11. Пресной воды осталось на 25 лет. Запасы пресной воды на Земле могут подойти к концу к 2033 г. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.sostav.ru.

12. Форуми ҷаҳонии об. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.worldwatercouncil.org.

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ВОДНЫХ КОНФЛИКТОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**КУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
кандидат политических наук,
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
город Душанбе, улица Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*В статье анализируются концепция, исторические, политические и естественные причины и факторы, предпосылки конфликтов, связанных с водой. На основе анализа водных конфликтов на разных уровнях в разных регионах мира, автор выделяет основные причины водных конфликтов и предлагает способы их предотвращения и устранения.*

*В статье отмечается, что одним из основных факторов водных конфликтов является наличие единых трансграничных водных бассейнов и ресурсов, которые соседние страны не могут решить из-за отсутствия конкретных механизмов их разрешения.*

*Конфликты, связанные с водой, имеют давнюю историю, но их формирование соответствует современным условиям. В современном мире из-за быстрого демографического роста, промышленного прогресса, изменения климата и увеличения спроса на продукты питания, усилия стран по доступу к водным ресурсам, особенно к бассейнам трансграничных рек, усиливаются. Эта ситуация требует дополнительных и научно обоснованных мер.*

***Ключевые слова:*** *водная политика, конфликт, вода, трансграничные реки, водные ресурсы, политическая воля, договор, соглашение, соседние государства, изменение климата, демографическое развитие.*

# GENERAL CHARACTERISTIC OF WATER CONFLICT IN MODERN CONDITIONS

**QUVATZODA SAYDULLO ZUVAID,**
Candidate of Political Sciences,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*The article analyzes the concept, historical, political and natural causes and factors, preconditions for conflicts related to water. Based on the analysis of water conflicts at different levels in different regions of the world, the author identifies the main causes and factors of water conflicts and proposes the ways to prevent and eliminate them.*

*The article notes that one of the main factors of water conflicts is the presence of common transboundary water basins and resources, which neighboring countries cannot solve due to the lack of specific mechanisms for their resolution.*

*Water-related conflicts have a long history, but their formation is consistent with modern conditions. In the modern world, due to rapid demographic growth, industrial progress, climate change and increased demand for food, countries' efforts to access water resources, especially to the basins of transboundary rivers, are increasing. This situation requires additional and scientifically based measures.*

***Key words****: water policy, conflict, water, transboundary rivers, water resources, political will, treaty, agreement, neighboring states, climate change, demographic development.*

УДК: 32.019.5

# УПРАВЛЕНИЕ ЗНАНИЯМИ, КАК ВАЖНАЯ ЧАСТЬ РЕАЛИЗАЦИИ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ

**ЭРГАШЕВА ФАРИЗА МАМАДИЕВНА**,
кандидат политических наук,
доцент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир 33
Тел: (+992) 918 62 78 77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*В статье рассматриваются вопросы управления знаниями в контексте реализации кадровой политики в системе государственного управления страны. Автор делает акцент на тенденцию устойчивого развития государственного органа через призму системной работы с человеческими ресурсами.*

*Особое внимание в статье уделено роли руководителей государственных структур, ответственных не только за четко разработанную стратегию, использование современных кадровых технологий, но и за организацию эффективной работы с человеческими ресурсами.*

*Актуальной определена приоритетность создания и формирования специальной системы обучения, подготовки, переподготовки и повышения квалификации государственных служащих, как важного инструмента обеспечения государственной службы необходимыми высокопрофессиональными государственными служащими.*

*Подводя итоги, автор делает упор на то, что в стране делается плавный переход к управлению знаниями государственных служащих.*

***Ключевые слова:*** *государственная служба, управление человеческими ресурсами, государственный служащий, структурное подразделение, государственный орган, система обучения, подготовки, переподготовки и повышения квалификации государственных служащих, высокопрофессиональные специалисты.*

В Таджикистане, в последнее время, отмечается тенденция устойчивого развития государственного органа через призму системной работы с человеческими ресурсами. Руководители государственных структур уже усвоили истину о том, что наряду с четко разработанной стратегией, современными технологиями, модернизацией и хорошо продуманными бизнес-процессами, приоритетным, всё же, остается организация работы с человеческими ресурсами.

Ректор Академии государственного управления при президенте Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор А.Д. Гафурзода отмечает: «государственные органы могут выжить в конкурентной борьбе с частным сектором только при условии разработки четкого механизма адаптации к новым условиям и указывают на то, что самым ценным для государственного органа могут быть человеческие ресурсы, сочетающие в себе компетентность и креативность, гибкость и коммуникабельность, умение быстро разрешать проблемы и эффективно применять полученные знания и навыки на практике. Руководители государственных органов должны понимать, что могут быть успешными при постоянном инвестировании в человеческие ресурсы и в новые кадровые технологии» [1].

В этом контексте целенаправленно ведется работа с тем, чтобы не только эффективно использовать имеющиеся человеческие ресурсы, но и мотивировать талантливых, креативно мыслящих, целеустремленных государственных служащих к

хорошему исполнению своих функциональных обязанностей. Отрадно другое, государственные органы страны стали акцентироваться не только на том, чтобы своевременно заполнить вакантные места, но и на том, чтобы отобрать на государственную службу лучших из лучших.

И здесь на первый план выходят мероприятия по обучению, подготовке, переподготовке и повышению квалификации государственных служащих страны.

Необходимо заметить, что перед государственной службой Таджикистана никогда не вставал вопрос: «Быть или не быть?» обучению управленцев. Ответ был однозначным: «Быть!». С первых дней создания и дальнейшего развития государственной системы управления, обучению государственных служащих и подготовке профессиональных кадров в сфере государственного управления всегда уделялось пристальное внимание.

Свидетельством тому служит факт, что наряду со становлением новой независимой страны, уже в 2002 году Указом Президента Республики Таджикистан, был создан Институт повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан [2], который в 2014 году был преобразован в Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан [3], а в 2020-ом – в Академию государственно управления при Президенте Республики Таджикистан [4].

Таким образом, вопрос об обучении и подготовке управленцев всегда занимал значимое место в стратегии развития Правительства страны.

В отношении обучения государственных управленцев, вопрос изначально стоял: «Как?». Как лучше, эффективнее организовать эту работу? Вовлеченные в процесс структуры, а это тогдашний Институт повышения квалификации государственных служащих и Агентство (в те годы – Управление) государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, уполномоченный орган в сфере государственной службы, сразу взяли курс на разработку учебных программ и, в целом, учебного процесса, основанного на применении инновационных форм, методов и технологий обучения.

Примечательно, понимание профессорско-преподавательским составом Института того, что эффективность деятельности исполнительных органов государственной власти непосредственно зависит от уровня профессионализма государственных служащих, помогло Институту с первых дней своей деятельности сделать акцент на комплексном подходе к системе профессионального дополнительного образования государственных служащих. Это стало важнейшей задачей в системе обучения управленцев страны.

Собственно говоря, именно поэтому, с момента становления и последующего развития института государственной службы Таджикистана была четко определена приоритетность создания и формирования специальной системы обучения, подготовки, переподготовки, повышения квалификации и стажировки государственных служащих, так как само собой разумеющимся является тот факт, что для государственной службы необходимы высокопрофессиональные государственные служащие.

Анализ первых трёх десятков лет истории независимого Таджикистана демонстрирует, что процессы развития государственной службы и процессы обучения и подготовки качественного кадрового состава государственных органов взаимосвязаны друг с другом.

В этой связи следует отметить, что правовой основой организации процесса обучения государственных служащих в Таджикистане является статья 19 «Обучение государственных служащих» Закона Республики Таджикистан «О государственной службе» [5]. В соответствии с данным законом обучение государственных служащих подразумевает подготовку, переподготовку, повышение квалификации, а также стажировку, которые осуществляются на основании Государственного заказа, а также потребностей государственных органов.

Уже опыт первых лет обучения и подготовки профессиональных государственных служащих показал обязательность непрерывного образования. С этой целью в систему государственной службы Таджикистана была внедрена так называемая оценка потребности в обучении, как ключевой этап процесса обучения персонала в государственном органе.

Потребность в обучении является частью Единой системы управления человеческими ресурсами государственной службы Таджикистана и видится как «необходимость приобретения конкретных знаний, умений и навыков для успешного выполнения поставленных задач, эффективной реализации стратегий и целей государственного органа. Потребность в обучении государственных служащих затрагивает не только сегодняшний день, но и перспективу» [6].

Процесс организации обучения выглядит таким образом: Агентство государственной службы, примерно в сентябре, запрашивает у государственных структур темы обучения на следующий календарный год. На основании полученных тем, Агентство государственной службы составляет проект Плана-графика курсов переподготовки, повышения квалификации и стажировки государственных служащих в Академии государственного управления, с указанием категории государственных служащих, качественного состава каждого курса, примерных сроков, количества запланированных слушателей курсов. Соответственно, учебный процесс разделен по направлениям: переподготовка, повышение квалификации, в том числе выездные курсы повышения квалификации и стажировка государственных служащих.

Данный План утверждает Ученый Совет Академии государственного управления и Руководитель исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан. Агентство государственной службы согласовывает этот План.

Весь учебный процесс основан на реализации данного Плана.

Необходимо подчеркнуть, что на сегодняшний день Академия государственного управления при Президенте РТ остаётся единственным в Таджикистане уполномоченным государственным специализированным образовательным учреждением в сфере образования государственных служащих.

Таким образом, Академии, где проходят обучение государственные служащие всей республики, принадлежит ведущее место в системе дополнительного профессионального обучения. Она несет ответственность за организацию обучения, процесса подготовки и переподготовки кадров для сферы государственной службы на высоком профессиональном уровне.

Анализ исторического и практического опыта Таджикистана свидетельствует, что через ошибки и пробелы, процесс подготовки профессиональных кадров всё же достиг того уровня, когда появилась реальная возможность укрепления государственного аппарата из числа государственных служащих, прошедших обучение, переобучение и повышение квалификации.

Разумеется, не всё идет гладко, есть и определенные проблемы. При этом, архиважно, как любил говорить вождь пролетариата, что есть понимание актуальности качественного обучения государственных управленцев посредством хорошо подготовленного профессорско-преподавательского состава. Именно поэтому на современном этапе развития государственной службы Таджикистана подготовка преподавателей и разработчиков учебных программ, обеспечивающих не только глубокое содержание, но и направленность обучения на приоритетные проблемы государственной службы страны, является основополагающей задачей.

И здесь, разумеется, значимая роль отводится Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, выполняющую роль информационно-методического центра по обеспечению своевременной и эффективной государственной кадровой политики страны.

Помимо этого, система обучения государственных служащих невозможна без создания мотивационных инструментов, не только стимулирующих, но также ставящих государственного служащего перед необходимостью систематического повышения своих знаний и навыков.

Также, инновационные подходы требуют не только высокой профессиональной подготовки, но и постоянного обновления знаний. Видится разумным разработка механизмов мотивации государственных служащих в постоянном самообучении и совершенствовании. Такое обучение необходимо, в первую очередь, работающим на государственной службе первый год.

С другой стороны, практика первых лет показала, что важно начинать обучение с руководителей, так как именно от них зависит эффективность деятельности любого государственного органа и результаты любых начинаний. От простого государственного служащего зависит то, что сделает только он сам, от руководителя отдела – работа структурного подразделения, а от руководителя государственного органа – положение дел во всем госоргане.

На сегодняшний день актуальным видится также решение такой проблемы в сфере обучения государственных служащих, как отсутствие системы мониторинга эффективности обучения. Ни самими государственными органами, ни Агентством государственной службы, ни Академией государственного управления не ведётся системный мониторинг по вопросу эффективности организации обучения государственных служащих.

При всем при этом, исследование системы профессионального образования государственных служащих Республики Таджикистан показывает, что за тот небольшой период времени, прошедший с момента образования Агентства госслужбы и Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан сделано достаточно многое для подготовки профессиональных специалистов в сфере государственной службы. В этой области немало положительных примеров, заслуживающих уважения и внимания общественности и руководства страны.

На основе почти тридцатилетнего опыта подготовки профессиональных специалистов, можно сделать следующие основные выводы:

1. Становление и развитие системы подготовки и переподготовки госслужащих, отвечающей современным требованиям, непрерывное обучение человеческих ресурсов для сферы государственного управления - важнейшие условия эффективности развития государственной службы и её первоочередная задача;

2. Государственная служба является творческой деятельностью, поэтому государственный служащий должен проходить обучение в течение всей служебной деятельности, какую бы должность он не занимал;

3. Важно, что в общегосударственном масштабе систематическое профессиональное обучение государственных служащих стало обязательным требованием, частью его профессиональной деятельности.

Таким образом, необходимость и важность обучения и повышения квалификации государственных служащих необратимо принята на всех уровнях государственной власти.

Следующим этапом в развитии государственной службы, повышения статуса государственного служащего и эффективного управления человеческими ресурсами, в целом, является вопрос плавного перехода на новый для Таджикистана уровень развития взаимоотношений руководства государственного органа и его государственного служащего.

Речь идет об управлении знаниями государственных служащих, решение которого, на наш взгляд, связано с накоплением профессионального опыта, применением единообразных процедур по управлению человеческими ресурсами, в том числе, механизмов мотивации и процессов обучения, подготовки, переподготовки, повышения квалификации и стажировки государственных служащих.

На наш взгляд, управление знаниями в большей степени связано с государственными служащими и механизмами приобретения, обмена и распространения знаний. Именно поэтому оно постепенно становится одной из важнейших сфер деятельности представителей кадровых служб государственных органов, которые должны обладать навыками анализа различных типов знаний, применяемые государственным органом, и устанавливать связь между ними и вопросами построения государственного органа, карьерного роста, мотивации и социальной защиты государственных служащих.

Ученые утверждают, что теория управления знаниями тесно связана с теорией интеллектуального капитала в отношении понятий человеческого, социального и организационно-структурного капитала.

В контексте государственной службы Таджикистана управление знаниями – это «любой процесс или практика создания, приобретения, овладения, распределения и использования знаний, где бы они ни находились, который увеличивает знания и показатели труда в организациях» [7].

Руководство и кадровая служба государственного органа должны сосредоточиться на развитии специфичных для государственного органа знаний и навыках.

Целью управления знаниями сотрудников государственного органа является овладение коллективным опытом и его распространение повсюду, где он может принести наибольшую отдачу.

Такой подход предполагает, что источник конкурентного преимущества государственного органа в его государственных служащих и их знаниях. Задача кадровых служб государственных органов - суметь рационально собрать и эффективно использовать знания своих сотрудников.

Управление знаниями касается, по нашему глубокому убеждению, передачи знаний теми, кто их имеет, тем, кто в них нуждается, с целью повышения эффективности государственного органа, в целом.

В век информационных технологий именно знания, а не материальные активы или финансовые ресурсы являются ключом к конкурентоспособности. Управление знаниями позволит государственным органам овладевать, применять и создавать ценности из творчества и опыта своих государственных служащих.

Таким образом, управление знаниями государственных служащих, в последнее время, стало рассматриваться в системе государственной службы Таджикистана как один из ключевых моментов в работе с человеческими ресурсами. Знания, опыт, навыки и способности государственного служащего являются конкурентным преимуществом в борьбе за человеческий капитал на рынке труда страны. При этом важно, чтобы обучение было продуманным, интересным, актуальным. Дейл Карнеги в своей книге «Как выработать уверенность в себе и влиять на людей выступая публично» писал: «Настоящая подготовка состоит в том, чтобы попытаться найти что-то интересное в себе, скомпоновать и упорядочить свои собственные мысли, выработать и оформить свои собственные убеждения» [8].

Помимо этого, трудно не согласиться с тем, что инвестиции в систему подготовки и переподготовки государственных служащих «оказываются экономически и социально эффективны. Они способствуют формированию и реализации эффективной кадровой политики организации, повышению производительности труда» [9].

Безусловно, эффективное управление знаниями своих государственных служащих позволяет не только достигать поставленных целей и задач государственным органом, но также и способствовать ожиданиям самого государственного служащего в отношении его карьерного роста.

На церемонии инаугурации Президент страны отметил: «Вопросы подготовки квалифицированных молодых кадров и их распределение в различные структуры государственной службы будет основным приоритетом нашей деятельности» [10].

Впереди большая работа. Автор убеждена, что управление знаниями внесет существенный вклад в развитие государственной службы Таджикистана.

**Литература:**

1. Б.И. Балошов, Е.А. Васильева, Ф.М. Эргашева, Управление человеческими ресурсами на государственной службе: лучшие практики Евразийского пространства, Учебник, Душанбе, ООО «Хирадмандон», 2019 г., С.12.
2. Указ Президента Республики Таджикистан от 9 октября 2002 г., № 926 «О создании Института повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан», Электронный ресурс: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=5069&conttype=5, дата обращения: 16.04.2021 г.
3. Указ Президента Республики Таджикистан от 26 августа 2013 года, № 1502 «О создании Государственного образовательного учреждения «Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан», Электронный ресурс: http://www.adlia.tj/ show_doc.fwx?rgn=119965, дата обращения: 16.04.2021 г.
4. Указ Президента Республики Таджикистан от 29 февраля 2020 года, №1463 «О преобразовании государственного образовательного учреждения «Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан» в

государственное учреждение «Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан», Электронный ресурс: http://www.adlia.tj/show _doc.fwx?rgn=135900, дата обращения: 16.04.2021 г.
5. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе», ООО «Орбита», г. Душанбе, 2020 г., С. 42.
6. Эргашева Ф.М. Особенности процесса становления и развития кадровой политики в системе государственной службы Таджикистана, «Ирфон», душанбе, 2012 г., С.215.
7. Х. Скарбороу и др., «Определение управления знаниями», Электронный ресурс: https://laws.studio/upravlenie-personalom-uch/opredelenie-upravleniya-znaniyami-28632.html, дата обращения: 16.04.2021.
8. Д. Карнеги, Как выработать уверенность в себе и влиять на людей выступая публично, Д. Карнеги, пер. с англ., –11-е изд-во, – Минск: Попурри, 2012. – С.39.
9. Аверин А.Н., Управление персоналом, кадровая и социальная политика в организации: учебное пособие, М., Издательство РАГС, 2004, - 78 с.
10. Речь Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона по случаю инаугурации Президента Республики Таджикистан, 30.10.2020 г., г. Душанбе, Электронный ресурс: https://mfa.tj/ru/main/view/6583/rech-lidera-natsii-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-uvazhaemogo-emomali-rakhmona-po-sluchayu-inauguratsii-prezidenta-respubliki-tadzhikistan, дата обращения: 16.04.2021 г.

## ИДОРАКУНИИ ДОНИШ ҲАМЧУН ЯК ҚИСМИ МУҲИМИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ КАДРӢ

**ЭРГАШЕВА ФАРИЗА МАМАДИЕВНА,**
номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33
Тел.: (+992) 918 62 78 77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*Дар мақола масъалаҳои идоракунии дониш дар заминаи татбиқи сиёсати кадрӣ дар системаи идоракунии давлатии кишвар баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф ба тамоюли рушди устувори мақомоти давлатӣ тавассути призмаи кори муназзам бо захираҳои инсонӣ диққат додааст.*

*Дар мақола диққати махсус ба нақши роҳбарони сохторҳои давлатӣ дода шудааст, ки на танҳо барои стратегияи возеҳ таҳияшуда, истифодаи технологияҳои муосири кадрӣ, балки ташкили кори самарабахш бо нерӯи инсонӣ низ масъуланд.*

*Афзалият барои ташкил ва ташаккули низоми махсуси таълим, тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ҳамчун воситаи муҳими таъмини хизмати давлатӣ бо хизматчиёни давлатии баландихтисоси зарурӣ дода мешавад.*

*Муаллиф хулоса карда, таъкид мекунад, ки дар кишвар гузариши бемамониат ба идоракунии дониши хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ, идоракунии захираҳои инсонӣ, хизматчии давлатӣ, воҳиди сохторӣ, мақомоти давлатӣ, системаи таълим, тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, мутахассисони баландихтисос.*

# KNOWLEDGE MANAGEMENT AS AN IMPORTANT PART OF PERSONNEL POLICY IMPLEMENTATION

**ERGASHEVA FARIZA MAMADIEVNA,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the
Department of Human Resources Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-62-78-77. Email: farizaerg@gmail.com

*The article examines the issues of knowledge management in the context of the implementation of personnel policy in the system of Public Administration of the country. The author focuses on the tendency of sustainable development of a state body through the prism of systematic work with Human Resources.*

*Particular attention in the article is paid to the role of the heads of state structures, who are responsible not only for a clearly developed strategy, the use of modern personnel technologies, but also for the organization of effective work with Human Resources.*

*The priority is given for the creation and formation of a special system of education, training, retraining and advanced training of Civil Servants, as an important tool for ensuring the Civil Service with the necessary highlyqualified Civil Servants.*

*In summury, the author emphasizes that the country is making a smooth transition to the knowledge management of Civil Servants.*

***Key words:*** *Civil Service, Human Resource Management, Civil Servant, structural unit, government agency, system of education, training, retraining and advanced training of Civil Servants, highly qualified specialists.*

**УДК:329.61(329.3)**

# ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНИЮ СИЁСӢ ЧУН ОМИЛИ ТАҲДИД БА СУБОТИ ҶОМЕА

**ФАЙЗОВ РАМАЗОН ХОЛМАДОВИЧ**,
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел.: (+992) 988-51-26-51. E–mail: ramazondk@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи экстремизми динию сиёсиро чун омили таҳдид ба суботи ҷомеа мавриди таҳлил қарор дода, паҳлӯҳои гуногуни ин падидаҳои номатлубро баррасӣ намудааст. Вобаста ба рушди ҷомеаи муосир навъҳои мухталифи гурӯҳҳои экстремистӣ пайдо шуда, симо ва муносибати худро вобаста ба сохтори амниятии ҳар як давлат дигар менамоянд. Баъзан мутахассисон экстремизмро ба категорияҳои мухталиф ҷудо намуда, навъҳои онро муайян сохтаанд, аз ҷумла экстремизми иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, миллӣ ва ғайраҳо. Махсусан, масъалаи вусъат ёфтани терроризм ва гаравиши ҷавонон ба ҷараёнҳои нави иртиҷоӣ, ки амнияти минтақа ва кишварро халалдор менамоянд, объекти асосии таҳқиқот гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *экстремизми динию сиёсӣ, терроризм, экстремизми миллатгароёна, зуҳуроти номатлуб, зӯроварӣ, моҷароҳои байни этникӣ бухронҳои иҷтимоӣ, ҷавонон, мушкилиҳои иҷтимоӣ.*

Имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ва ногуворе, ки ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, терроризм ва экстремизм мебошад. Терроризм ва экстремизм яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш, таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои сиёсӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар тамоми ҷаҳон марказҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ба омӯзиши ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ равонаанд. Дар ин радиф ҷараёни экстремизми сиёсӣ ва терроризми сиёсӣ пешсаф аст. Экстремизми сиёсӣ аслан аз ғояи фаъолияти канорае таркиб ёфтааст, ки одатан тавассути зӯроварӣ барои воқеӣ гардонидани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад. Инчунин, ифротгароии сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳоро фаро гирифта, ба ҳодисаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Аз ин хотир, зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷонибаи он пеш меояд. Бинобар ин таҳқиқ ва баррасии ифротгароӣ зинаи аввали инкишофи гурӯҳҳои канориро ташкил менамояд.

Дар луғати С.И.Ожегов ва Н. Ю. Шведов экстремизм чунин тавсиф карда шудааст: «… экстремизм ҷонибдори ба нуқтаи назар ва меъёрҳои ниҳоӣ (одатан дар сиёсат), яъне эътиқодмандӣ, тарафдор будан ва пайравӣ кардан, ба ким кӣ ва ким чӣ мебошад. [5, с. 908] Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – дар дин, сиёсат, идеология, илм ва дар варзиш низ ба миён ояд. Ифротгароӣ ғоя ва таҷрибаи якчанд ҷараён, гурӯҳҳо ва ходимони ҷомеаи сиёсӣ, ташкилотҳои динӣ ва мазҳабҳо махсуб меёбад. Инчунин, ифротгароӣ дар ҳама гуна шароит зуҳур ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоист, ки мақсадҳои соҳиб шудан ба манфиятҳояшонро тавассути истифодаи методҳои қатъӣ, нуқтаи назари оштинопазирӣ, тарғиби низоъҳо,

баҳои нодурусти равандҳои иҷтимоӣ, ки ба ақидаи аз ҷониби омма ё аксарияти мутлақи аъзои ҳамин ҷомеа эътирофшуда муқобил пеш мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ вобаста ба таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ чунин ибрози ақида намудаанд: «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем.

Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Таъкид месозам, ки хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд. Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд»[6].

Терроризм дар инкишофи таърихии инсоният ҳодисаи нав набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба ин усул кувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои ҳокимият талош дошта, даст ба зӯрӣ, даҳшат овардан ва тарсонидани одамон мезаданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳдидҳои нави муосир бештар ба кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф равона шуда, ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Зеро қишри аз ҳама зиёди осебпазир ин ҷавонон мебошанд, ки барои фаъолият ба кишварҳои хориҷ ба муҳоҷират сафар менамоянд, ва таблиғи андешаҳои ифротӣ дар миёни муҳоҷирон хеле хатарзо гардидааст.

Муҳаққиқи тоҷик Н. Д. Маҳмадизода тасдиқ менамояд, ки аз байни омилҳои мавҷуда, қабл аз ҳама инҳоро мебояд зикр кард:

– ташвиқу изтиробе, ки ҷомеаи тоҷик пас аз пош хӯрдани Иттифоқи Шуравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, ва оқибатҳои даҳшатноки онҳо аз сар гузаронид; аз даст додани ғояҳои умумимиллӣ ҳамчун меҳвари сиёсии ҷомеа, коҳиш ёфтани пояҳои давлатдорӣ ва ниҳодҳои ҳокимият, рахна шудани сохтори ҷомеа, дигаргуншавии асосҳои ахлоқӣ, беҳокимияти, беқонунӣ ва ришваситонӣ;

– якуякбора, ҳатто метавон гуфт, ҳолати садамавӣ, коҳиш ёфтани сатҳи маърифатнокии ҷавонон дар Тоҷикистон;

– дар солҳои гузаштаи баъди барҳам хӯрдани ИҶШС дар Тоҷикистон кулли насли доираи ҷаҳонбинияшон маҳдуди ҷавонписарон ва духтарон ба камол расиданд, ки онҳо ба осонӣ зери таъсири ғояҳои гурӯҳҳои экстремисти монданд;

– ҳамчунин маҳдуд гаштани дастрасӣ ба маълумотнокӣ, ки таҳсил дар ҳама ҷо ва мутассил пулакӣ мешавад [3, с. 160]. Аз ин бармеояд, ки ифротгароӣ дар давраи бесуботии сиёсӣ, заифии ниҳодҳои давлати ва инчунин бухрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавӣ хеле фаъол мегардад. Ҳамчунин гурӯҳҳои экстремистию террористӣ аз ин ҳолатҳои ногувори зиндагӣ истифода намуда, бо душвориҳои иҷтимоӣ ва моддӣ онҳоро гумроҳ менамоянд.

Экстремизм ва терроризм аз мафҳумҳоест, ки дар дунёи имрӯза вирди забони ҳама шудааст ва ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошад. Муҳаққиқи тоҷик Г. Н. Зокиров дар

хусуси мафҳуми экстремизм чунин изҳори ақида менамояд: «Экстремизм – фаъолияти сиёсие, ки барои амалӣ гардидани мақсадҳои авантюристӣ, моҷароҷӯӣ, зӯригарии ҷисмонӣ, усулҳои ҳарбӣ, террор ва фитнаро истифода мебарад. Экстремизм самти осоиштагӣ, муросокорӣ, расмӣ ва қонунии ҳалли зиддиятҳои сиёсиро мушкил гардонида, террорро васеъ истифода мебарад, ба тезу тундшавии зиддиятҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла зиддиятҳои байналмилалӣ кумак мерасонад[1].

Зуҳуроти экстремизм дар замони муосир оқибатҳои ногувор дошта, дар зеҳни аҳли ҷомеа ҳисси ноумедӣ ва нобовариро ба фардои нек барҳам медиҳад. Инчунин экстремизм ба эҳсосот муроҷиат мекунад, сарфи назар аз шуур, бисёр вақт хусусияти ҷанҷолӣ, густохона дорад, ки бахусус кушоду равшан дар байни ҷавонон зоҳир мешавад.

Пайдоиш ва ташаккулёбии ифротгароии динию сиёсӣ, ки ҳамчун раванди манфии ҳаёти сиёсии ҷомеа ба шумор меравад, барои ҳар як давлат таҳдиди воқеӣ мебошад. Сиёсатшиносон А. А. Нуруллоев, Ал. А. Нуруллоева собит месозанд, ки дар баробари экстремизми динӣ, экологӣ маънавӣ, бахусус экстремизми динӣ сиёсиро зикр кардан зарур аст: «Фаъолияти пинҳонии динӣ – экстремистӣ, ки ба мақсадҳои зерин нигаронида шудааст: «зӯран тағйир додани сохти давлатдорӣ ё зӯран ғасб кардани ҳокимият, халалдор намудани мустақилият ва яклухтии давлат, ташкили амалиёти ғайриқонунии мусаллаҳона, барангехтани душманӣ ва кинаву адовати динӣ ё миллӣ.[4,85] Пӯшида нест, ки зудбоварии аксари ҷавонон бо сабаби надоштани шароити иҷтимоию иқтисодӣ зери таъсири гурӯҳҳои ифротӣ қарор мегиранд. Хусусан ҷавонон ба тамоюлҳои манфӣ дар ҷомеа таъсирпазиранд, бинобар ҳамин дар бисёр мавридҳо ба гурӯҳҳои гуногуни экстремистӣ ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои муҳимми пешгирии ҷавонон аз фаъолияти экстремистию террористӣ ин баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон мебошад.

Экстремизми динию сиёсӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ дар раванди мубориза роҳу усулҳои зӯроваронаро ба кор мебарад. Ҳатто анҷом додани амали террористӣ аз ҷониби намояндагон ва пайравони он роҳандозӣ карда мешавад. Ҳамин тавр хусусиятҳои асосии экстремизм чунин ифода меёбад:

1. Бетаҳаммулӣ нисбати ҷонибдорони ақидаҳои дигар (сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ);
2. Кӯшиши ғоявӣ асоснок кардани истифодаи зӯроварӣ нисбати ҳам рақибони худ ва ҳам шахсоне, ки ба андешаи онҳо ҳамфикр нестанд;
3. Натанҳо муроҷиат ба таълимоти маъмулии динӣ ва идеологӣ, балки муроҷиат ба тафсири ҳақиқӣ ва дар амал инкор кардани аксар мазмуни асосии ин таълимот;
4. Ҳукмфармо будани тарзи ҳиссиётии таъсир ба раванди тарғиби ғояҳои экстремистӣ;

Дар замони муосир шахсоне, ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳое ҳастанд, ки кӯшиш менамоянд, мақсаду маром, ғояву андеша, афкор ва нақшаҳои худро бо ҳар роҳу восита ва ҳатто бо амалҳои тундравона амалӣ созанд. Вобаста ба шакли зуҳури худ экстремизм навъҳои гуногун дорад: иқтисодӣ, сиёсӣ, миллатгароёна, динӣ, экологӣ, маънавӣ (рӯҳӣ).

– Экстремизми иқтисодӣ ба самтҳои зерин нигаронида шудааст: нобудсозии гуногуншаклӣ ва барпо кардани дилхоҳ як шакли моликият, усулҳои ягонаи идоракунии хоҷагӣ, барҳам додани рақобатнокӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, тавассути амалҳои зӯроварии гурӯҳҳои ҷинояткор, фишороварӣ ва тарсонидан;

– Экстремизми сиёсӣ ин нуқтаи назари ниҳоӣ нисбат ба низоми сиёсӣ, бесарусомонӣ оид ба барқароркунии шаклҳои таназзули ҳокимият, нобуд кардани

низоми сиёсии мавҷудбуда, ҳисси бадбинӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи рақибон мебошад;

– Экстремизми миллатгароёна, амалҳои радикалӣ мебошад, ки манфиатҳо ва ҳуқуқҳои миллатҳои дигарро инкор мекунад. Инчунин ба ҷудоихоҳӣ алоқаманд аст, ки ба парокандагии давлатҳои сермиллат равона карда шудааст;

– Экстремизми динӣ эътироф накардани таълимоти динии дигар шохаҳо (мазҳаб) ё муборизаи дар дохили як мазҳаб, кӯшиши решакан кардан ва аз байн бурдани намояндагони динҳои дигар, то ҳадди муборизаҳои онҳо;

Бояд тазаккур дод, ки аз нуқтаи назари муҳаққиқон экстремизми замони муосир бештар ба дин алоқаманди дорад. Зеро гурӯҳҳои ифротӣ хуб медонанд, ки дин як шакли шуури ҷамъиятӣ буда, омили динӣ дар ҷомеаҳои муосир нақши калидӣ дорад. Ва маҳз ин падидаи номатлуб ҳамеша кӯшиш менамояд, ки авзоъро дар ҷомеа ноором созад. Экстремизми динӣ-сиёсӣ ин фаъолияти пинҳонкардае, ки бо роҳи зӯрӣ бо дигар кардани сохти давлат ё ба зӯрӣ ба даст овардани ҳокимият, барангехтани душманӣ ва адоват равона карда шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» чунин омадааст: «амали экстремистӣ – фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташкилкунӣ, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое (кирдорҳое) мебошанд, ки барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудаанд:

а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият;

г) ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ;

д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ;

е) ангезонидани мунокишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин мунокишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст;

ж) паст задани шаъни миллӣ;

з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ;

и) ташвиқоти ягона будан, бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бо хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо;

к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда;

л) маблағгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият. [2] Дар ин қонун тамоми он амалҳое, ки ба экстремизми замони муосир хос аст, баён гардида, тавзеҳоти муосирро оид ба муқовимат ва пешгирии экстремизм дар бар мегирад.

Зуҳуроти номатлуби экстремизм он вақт хавфнок аст, ки таҳти шиори динӣ баромад мекунад. Дар ин замина ба пайдошавии авҷ гирифтани моҷароҳои байни этникӣ ва байни мазҳабҳо оварда мерасонад. Зуҳуроти экстремистӣ дар чунин ҷомеаҳое арзи ҳастӣ менамояд, ки дар онҳо бахшҳои иҷтимоӣ дар ҳолати буҳронӣ

қарор дорад. Чунонки муҳаққиқи тоҷик А. Р. Хушвахтов ибрози андеша намудааст: «Ҷаҳонишавӣ ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ симои нав ва неруи нав дод. Онҳо фазои байналмилалиро ғасб намуда, мавқеи ҷаҳониро соҳиб шуданд. Ҷаҳонишавии иқтисодӣ натанҳо инконияти моливу техникии онҳоро зиёд намуд, балки фазои иҷтимоии гурӯҳҳои террористӣ беҳтар шуд. Албатта, дар ҷаҳон бесабаб аз терроризми динӣ сухан намеравад. Воқеан ин як тазод аст, ки терроризм ва экстремизм дар кишварҳое бештар паҳн гашта истодааст, ки он ё давлати исломӣ аст, ё ислом дар ин кишварҳо нисбат ба дигар дину фарҳангҳо бартарият дорад. Аммо омили пайдоиши экстремизм ва терроризм ҳеҷгоҳ исломи воқеӣ намебошад. Яке аз сарчашмаҳои зуҳури ин падидаи манфӣ мавҷуд будани мушкилиҳои иҷтимоиву сиёсии дар аксаран кишварҳо ва наздик будани он кишварҳо ба моҷароҳои минтақавию байналмилалӣ мебошад.[7, с. 306-309] Ҳадафи асосии экстремизми динӣ ин эътирофи дини худ ва саркӯб кардани мазҳабҳои дигари динӣ, маҷбурсозии онҳо ба низоми эътиқодоти дини худ мебошад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, нуфузи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ барои паст кардани сатҳи зоҳиршавии экстремизми динӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон хеле афзун шуда истодааст.

Ташкили Созмони ҳамкории Шанхай омили муҳимтарини босуботсозии минтақаи Осиёи Марказӣ гардид. Ҳамкории ҳарбӣ, техникӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой вазъи ҷаҳониро истиқрор мекунад ва сулҳро дар миқёси минтақа мустаҳкам месозад. Умуман, таъсиси ин созмон ба раванди ташаккули сиёсати мушаххаси хориҷии давлатҳои нави Осиёи Марказӣ таъсир расонд, ки моҳиятан сиёсати хориҷии асоснок надоштанд. Натиҷаи фаъолияти Созмони ҳамкории Шанхай имкон медиҳад қайд кунем, ки ба хусусияти душвориҳо ва мухолифатҳои рушд нигоҳ накарда, ин созмон тадриҷан маркази нави иқтидор дар ҷаҳони бисёрқутба шуда истодааст.

Ҳамин тавр, экстремизми динӣ ва сиёсӣ ин фаъолияти ба зӯрӣ тағйир додани сохтори давлатӣ ё ба ба зӯрӣ ғасб кардани ҳокимият равона гардидааст. Зуҳуроти экстремизми динӣ ва сиёсӣ, имкони бурдани гуфтушунидҳо, гузашткарданҳо, созиш ва ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ- сиёсиро рад мекунад.

Дар ҷомеаи кунунӣ бархе аз ҷавонону наврасон бинобар сабаби каммасъулиятиву оворагардӣ ва надоштани маълумоти пурра аз таъсири оқибатҳои ноустувори шабакаҳои иҷтимоӣ побанди раванди зуҳуроти гуногуни номатлуби ҷомеа мегарданд. Аз ин рӯ, насли калонсол – падару модарон, омӯзгорон, ходимони дин, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, васоити ахбори омма ва дигар табақаҳои аҳолии кишварро зарур аст, ки бо ҷавонон ва наврасон ҳамаҷониба ҳамкорӣ намуда, ба онҳо роҳи дурусти ба камолрасӣ ва муваффақ шуданро дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа нишон диҳанд. Ба онҳо собит намоянд, ки маҳз ҷавононе, ки аз таҳсил дур мондаанд ва касби муайян надоранд, аз ҳама бештар бо роҳи осон ба доми афроди тундрави беватан ва ифротгаро гирифтор мешаванд.

Барои пешгирии экстремизми динию сиёсӣ чун омили таҳдид ба суботи ҷомеа чунин чораҳоро андешидан лозим аст:

– тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи инсонгароӣ, ватандӯстӣ, дӯстии халқҳо ва ваҳдати миллӣ;

– баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон;

– коркарди усулҳои муосири иттилоотии пешгирии терроризму ифротгароӣ, чункӣ дар шароити паҳншавии бемории сироятии COVID-19 фаъолнокии онҳо дар

шабакаҳои иҷтимоию сомонаҳои интернетӣ бештар гардида, таъсири онҳо дар шакли таҳдидҳои иттилоотӣ зоҳир мегардад;

– ҳамкориҳо дар чорчӯбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба пешгирию мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ.


**Адабиёт:**

1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ, Ҷилди 111. Душанбе: «Андалеб – Р.», 2015. С.481.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003, №69 қабул гардидааст.
3. Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон. Монография. Душанбе 2019. – С.240.
4. Нуруллаев А.А., Нуруллаев Ал.А. Религиозно-политический экстремизм // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. -2003. -№4. - С.83 – 92
5. Ожегов С. И., Шведов Н. Ю. Толковый словарь русского языка М:.1999 – С.944.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021. [манбаи электронӣ].URL: http: http://www.president.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ: 2.02.2021).
7. Хушвахтов А Р. Экстремизми сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти Осиёи Марказӣ. [Матн] / А Р Хушвахтов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе, 2019, №3, – С.306-309.


## РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКИЙ ЭКСТРЕМИЗМ КАК УГРОЗА ОБЩЕСТВЕННОЙ СТАБИЛЬНОСТИ


**ФАЙЗОВ РАМАЗОН ХОЛМАДОВИЧ**,
старший преподаватель кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени А. Рудаки,
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-51-26-51. E–mail: ramazondk@mail.ru



*В статье авторы анализируют проблему религиозного и политического экстремизма как угрозы общественной стабильности и обсуждают различные аспекты этих негативных явлений. В зависимости от развития современного общества появляются разные типы экстремистских групп, которые меняют свой имидж и отношение в зависимости от структуры безопасности каждого государства. Иногда эксперты делят экстремизм на разные категории и выделяют его виды, включая экономический, политический, национальный религиозный экстремизм и так далее. В частности, основным объектом исследования стала проблема распространения терроризма и вовлечения молодежи в новые экстремистские процессы, угрожающие безопасности региона и страны.*



***Ключевые слова:*** *религиозный и политический экстремизм, терроризм, националистический экстремизм, нежелательные явления, насилие, межэтнические конфликты, социальные кризисы, молодежь, социальные проблемы.*

# RELIGIOUS AND POLITICAL EXTREMISM AS A THREAT FACTOR TO PUBLIC STABILITY

**FAYZOV RAMAZON KHOLMADOVICH,**
Senior Lecturer of the Department of Political Science,
Kulyab State University named after A. Rudaki,
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, 16,. S. Safarov str.,
Phone: (+992) 988-51-26-51. E–mail:ramazondk@mail.ru

*In this article, the author analyze the issue of religious and political extremism as a threat to public stability and discuss various aspects of these negative phenomena. Depending on the development of modern society, different types of extremist groups appear and change their image and attitude depending on the security structure of each state. Sometimes experts divide extremism into different categories and identify its types, including economic, political, religious, national and so on. In particular, the issue of the spread of terrorism and the involvement of young people in new extremist processes that threaten the security of the region and the country has become the main object of research.*

***Key words:*** *religious and political extremism, terrorism, nationalist extremism, undesirable phenomena, violence, inter-ethnic conflicts, social crises, youth, social problems.*

УДК: 32.001

# ПАТРИОТИЗМИ МИЛЛӢ ВА МАФКУРАИ КОСМОПОЛИТИКӢ

**МУЗАФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
муаллими калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru

*Имрӯзҳо дар илмҳои сиёсӣ масъалаи патриотизми миллӣ ва мафкураи космополитикӣ дар зери диққати сиёсатшиносони олам қарор гирифтааст. Мафкураи космополитикӣ ҳамчун таҳдид ба давлатҳои миллӣ буда, мақсади ба вуҷуд овардани низоми нави сиёсии оламро дорад. Бояд зикр намуд, ки масъалаи мазкур имрӯзҳо дар асри ҷадид рӯз то рӯз вусъат ёфта, таҳдидҳои навро барои давлатҳои миллӣ ба вуҷуд оварда истодааст. Космополитизм ҳамчун раванди муосири сиёсӣ, хатар ба манфиатҳои миллӣ буда, инкишофи мафкураи космополитикӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои миллӣ таҳдиди басо муҳим мебошад.*

*Аз ин хотир, барои коҳиш додани мафкураи космополитикӣ ва муқовимат бо ин падидаи хатарзо моро зарур меояд, ки патриотизми миллиро ҳамчун арзиши миллӣ ва ҳифзу бақои он дар мадди аввал гузорем.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми нави ҷаҳонӣ, патриотизми миллӣ, манфиатҳои миллӣ, давлатҳои миллӣ, мафкураи космополитикӣ, ҳукумати ягонаи умумиҷаҳонӣ, глобаликунонии сайёра, ҳувияти миллӣ, равандҳои сиёсӣ, таҳдидҳо, муҳандисони низоми нави ҷаҳонӣ, тафриқаи иҷтимоии ҷомеа, беқурбшавии сарватҳои маънавӣ, шуури ҷамъиятӣ, тарбияи фарҳангӣ.*

Масъалаи таҳлил ва омӯзиши равандҳои муосири сиёсӣ аз он ҷумла космополитизм дар илмҳои сиёсӣ диққати бисёр сиёсатшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Донишмандони ин соҳа раванди мазкурро ҳамчун хатари асри ҷадид барои давлатҳои миллӣ баррасӣ намуда, моҳияти онро чунин арзёбӣ менамоянд:

- **космополитизм** - (аз юнонӣ. Cosmopolite - шаҳрванди ҷаҳон), ҷаҳонбинии «шаҳрвандии ҷаҳонӣ», ки манфиатҳо ва арзишҳои тамоми инсониятро аз манфиатҳои миллатҳо ва давлатҳо боло мегузорад. Дар шароити глобализатсия ақида бештар ба назар мерасад, ки инсоният ба марҳилаи ташаккули тамаддуни ягонаи сайёра ворид шудааст, ки дар он бартарафсозии фарқиятҳои миллӣ, забонӣ ва фарҳангии байни халқҳо рушд хоҳад ёфт, микёси ягонаи арзишҳо барои ҳама одамон таҳия карда мешавад, қоидаҳои ягонаи қонун, ҷорӣ намудани «шаҳрвандии ҷаҳонӣ» ва мавҷудияти давлатҳо бо тамоми муассисаҳои худ маънои худро гум мекунанд[24]. Космополитизм, ки ҳамчун мафкураи шаҳрвандии ҷаҳонӣ фаҳмида мешавад, шиностарин рамзест барои ифодаи кайфияти рӯҳонии он қисми ҷомеа, ки «омили субъективии ҷаҳонишавӣ» номида мешавад. Бояд гуфт, ки ин ҳамон тамаддунӣ ғарбист, ки ба арзишҳои динию миллии мо таҳдиди бузург ба ҳисоб меравад.

Мавзӯи космополитизм дар адабиёти илмӣ васеъ муаррифӣ мешавад, мутафаккирони маъруф дар бораи проблемаи космополитизм суханронӣ намуда, вобаста ба масъалаи мазкур осори илмӣ ба қалам додаанд. Проблемаи космополитизми имрӯза дар низоми нави ҷаҳонӣ масъалаи рӯзмарра гаштааст. Он тақрибан ба мисли мушкилоти ҷаҳонишавӣ гуногунҷабҳа аст. Чӣ тавре ки А.Н.Чумаков қайд менамояд, «далели он, ки космополитизм ва ҷаҳонишавӣ ихтирои касе нест, балки воқеиятест, ки

дар он табиати ягонаи инсон ва қонунҳои умумии эволютсияи ӯ аз паҳлӯҳои гуногун инъикос ёфтаанд, бе диққати зарурӣ боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, барои фаҳмидани вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди иҷтимоӣ, ошкор кардани моҳияти аслии ин падидаҳо ва муайян кардани мафҳумҳои мувофиқ муҳим аст, ки ҳар яке аз онҳоро дар ҷои худ дар системаи категорияҳои инъикоскунандаи ҷаҳони муосир ҷойгир кунанд» [22,32].

Бо дарназардошти падидаи мазкур саволе ба миён меояд, ки чаро таваҷҷуҳ ба космополитизм кам намешавад? Чаро ин мавзуъ диққати олимонро дар давраи ҷаҳонишавӣ ин қадар ҷалб мекунад? Ишора намудан зарур аст, ки мухтавои мафҳуми «космополитизм» ҷанбаҳои муҳимтарини ҷаҳонишавиро, ба мисли ташаккули шуури ҷаҳонӣ инъикос мекунад. Космополитизм ҳамчун яке аз системаҳои бунёдии идеологӣ ба назар мерасад, ки манфиатҳои объективии қувваҳои ба марказ нигаронидашудаи ҷаҳонишавиро инъикос мекунад. Моҳияти таҳлили космополитизм дар заминаи раванди ҷаҳонишавӣ дар солҳои 90-ум якбора ба амал омадааст. Вобаста ба масъалаи мазкур соҳибназарони гуногун аз қабили Тимоти Бреннан дар асараш «Хона дар саросари ҷаҳон: Космополитизми имрӯза», Чи Фенг ва Р. Брюс дар монографияи дастаҷамъонаи худ «Космополитҳо:- тафаккур ва ҳисси берун аз миллат», Ҷ. Р. Саул, Л. Н.Толстой, У. Бек, Э. Гидденс, Фугере де Монбронн дар асараш “Космополитон ё шаҳрванди ҷаҳон” ва дигарон падидаи мазкурро таҳлил ва хулосагирӣ намудаанд.

Ба ақидаи Ҷ. Р. Саул, космополитизм ин ҷаҳонбинӣ ва муносибати фарҳангиест, ки ба дарки ягонагии ҷаҳон, универсализм равона шудааст[9,28]. Космополитизм як намуди махсуси муносибат аст, ки дар кризис ё давраи гузариши фарҳанг равшантар зоҳир мешавад. Космополитизм ин як навъ назария дар бораи зиндагии якҷоя мебошад. Падидаи мазкур дар замонҳои қадим низ ба назар мерасид ва дар давраи ҷаҳонишавӣ аҳамияти махсусро пайдо намуд, зеро барои шахсе, ки фаъолияти худро дар фазои фаромиллӣ анҷом медиҳад, имкониятҳои воқеӣ барои васеъ кардани ҳудудҳо ба даст меомад. Аввалин ташаккули космополитизм дар Юнони Қадим аз ҷониби Диоген, ба назар мерасад. Вақте ки Диогенро аз куҷо буданашро пурсиданд вай гуфт: «Ман шаҳрванди ҷаҳон ҳастам»[12,254]. Аз он вақт инҷониб, падидаи космополитизм мавзӯи фаҳмиши мутафаккирони гуногун мебошад, ки дар натиҷаи он бо маъноҳои сершуморе, ки доираи онҳо васеъ аст ва арзёбии мусбат ва манфиро дар бар мегирад, афзоиш ёфтааст.

Дар масъалаи мазкур донишманд Аристофан чунин изҳори андеша менамояд, ки «Дар куҷое, ки зиндагӣ хуб аст, Ватан ҳамон ҷост», ки ин андеша дар доираи парадигмаи давлати миллӣ хеле киноя ҳисобида мешавад[13,707].

Космополитизм аз идеяи ваҳдати насли башар ба вуҷуд омадааст, ки ба туфайли он манфиатҳои давлатҳо ва халқҳои алоҳида ба манфиати умумии тамоми инсоният дар маҷмуъ тобеъанд[12,254]. Ин масъала ба манфиатҳои давлатҳои миллӣ костагиро ба вуҷуд оварда, ба умумиятҳои миллию этникии он ҳисси миллӣ ва ватандӯстииро коҳиш медиҳад.

Донишманд Л.Н.Толстой бар он назар аст, ки «ватандӯстӣ боқимондаи замонҳои ваҳшиёна ва бадиест, ки ногузир ба таҷовуз ва душманӣ оварда мерасонад». Дар давраи ҷаҳонишавӣ ва тақсимоти ҷаҳонии меҳнат сиёсати воридотивазкунӣ ва изолятсияи сиёсӣ аз ҷиҳати идеологӣ хато ва аз ҷиҳати тамаддун ғайри қобили амал аст. Ҳатто мафҳумҳои калидӣ аз қабили «ҳувияти миллӣ» ё «Ватан» норавшан мешаванд.

Барои коҳиш ёфтани ҳувияти миллӣ ва муҳаббат ба Ватан, инчунин ба миён овардани арзишҳои умуминсонӣ ва умумигардонии фарҳангҳои тамоми инсоният, ки

боиси бавуҷудоии космополитизм дар асри муосир мегардад, муҳаққиқони ин соҳа барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ идеяҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд, то ки давлатҳои миллӣ рӯ ба арзишҳои космополитизм биоранд. Инчунин, чунин меҳисобанд, ки агар шахс дар оилаи фаронсавӣ дар Олмон таваллуд шуда, дар Русия ва Англия таҳсил гирад, дар Австралия зиндагӣ кунад, дар филиали донишгоҳи амрикоӣ кор кунад, вай бояд чигуна ватандӯст бошад, кадом ватанро дӯст дорад? Арзишҳои демократия ва фарҳанги либералӣ барои тамоми инсоният якхелаанд ва ҳама талошҳо барои «миллигардонӣ» - и онҳоянд, ин аз назари фалсафӣ ғайри қобили қабул ба назар мерасанд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ интернасионализм дар ҳама ҳолатҳо ба тариқи эволютсионӣ ба фарҳанги ягонаи умумиинсонӣ ва ҷаҳонбинии ягона табдил меёбад. Бояд қайд кард, ки танқиди космополитизм дар заминаи далели «азхудкунии маҷбурӣ» усулан ғайриимкон аст ва ба ин истилоҳ дахл надорад, зеро космополитизм танҳо ба фарқиятҳои милливу фарҳангӣ, тафовути ҷаҳонбинӣ дар ин марҳилаи таърихӣ таъсир мерасонад ва танҳо омезиши фарҳангҳоро дар бар мегирад.

Космополитизмро аксар вақт барои беэътиноӣ ба суннатҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ танқид мекунанд. Ҷонибдорони космополитизм ба он андешаанд, ки дар шароити муосир мафҳуми Ватан ҳеҷ маъно надорад.

Ба андешаи В. Бек, «барои бартараф кардани миллатгароӣ ба мо гардиши космополитӣ, дурнамои космополитӣ лозим аст ва қадами аввал ба сӯи ин гардиш эътирофи он аст, ки космополитикунонӣ на танҳо ояндаи башарият, балки воқеияти замони мост» [8,44]. Стратегияи космополитии муоширати байни фарҳангӣ ҳамчун як алтернатива ба стратегияи бисёрфарҳангӣ ташаккул ёфтааст, зеро он ба муқаррароти куллии фарққунандаи асосӣ асос ёфтааст. Ҳамин тавр, ба гуфтаи У.Бек, ғайри қобили амал будани чандфарҳангӣ пеш аз ҳама бо он муайян карда мешавад, ки «чандфарҳангсозӣ душмани фардисозӣ аст» [7,373].

Тибқи гуфтаи У.Бек, «агар Шумо ба чандфарҳангсозӣ бовар кунед, пас фард тамоман вуҷуд надорад. Ин танҳо як падидаи эпидемияи фарҳанг ва ҷомеаи он аст». Космополитизм тамоми марзҳои мавҷударо метарконад ва на танҳо олами атрофро, балки шуури инсонро низ тағйир медиҳад. Тавре Э. Гидденс менависад, ки агар Шумо хоҳед, ки узви ҷомеаи муайяни васеъ боқӣ монед, шумо бояд омода бошед, ки дар ҳолати зарурӣ аз баъзе хусусиятҳои ҳувияти фарҳангии худ даст кашед. Ба ақидаи ӯ, ин раддия бояд дар қонунгузорӣ сабт карда шавад.

Яке аз донишмандони дигар Фугере де Монбронн соли 1750 асари «Космополитон ё шаҳрванди ҷаҳон» -ро рӯи дафтар меорад ва чунин мешуморад, ки «**Дунё ба китоб монанд аст ва касе, ки танҳо кишвари худро медонад ба мисли онест, ки танҳо саҳифаи аввалинашро хондааст**» [25].

Аз ин андешаҳо бармеояд , ки донишмандони ин соҳа дар рушди космополитизм ҳамчун як раванди сиёсии муосир таъсири судманд мерасонанд. Онҳо бо эҷоди чунин афкори сиёсии худ дар замони муосир ҷаҳонро дар як марказ гирд оварда, фарҳанги башарро умумӣ ва ягона гардонидан мехоҳанд.

Масалан марксистон космополитизмро ҳамчун як назарияи реаксионии буржуазӣ мешуморанд ва рад кардани урфу одатҳои миллӣ ва фарҳанг, истиқлоли давлатӣ ва миллиро таблиғ мекунанд. Он ба интернасионализми пролетарӣ мухолиф аст, ки «дурнамои тадриҷан ва ихтиёрӣ, ба ҳам наздик шудан ва сипас ба ҳам пайвастани миллатҳоро» дар назар дорад[15]. В.И.Ленин ба тарафдории идеяи «миллатҳои

якҷояшаванда» андеша изҳор доштаанд. Ҳадафи сотсиализм на танҳо аз байн бурдани парокандагии инсоният ба давлатҳои хурд ва ҳама гуна ҷудошавии миллатҳо, на танҳо наздикшавии миллатҳо, балки якҷояшавии онҳо низ мебошад. Инсоният метавонад танҳо ба туфайли давраи гузариши озодии пурраи ҳамаи миллатҳои мазлум, яъне озодии ҷудоии онҳо ба ҳамроҳшавии ногузири миллатҳо расад[16].

Бояд эътироф кард, ки татбиқи сиёсати ҷаҳонишавӣ заиф шудани сиёсати миллӣ-давлатиро дар бар мегирад. Ба таҳлили ин падида оғоз намуда, қайд кардан зарур аст, ки «идеяи ҷаҳонишавӣ иқтидори бузург дорад, ки он дар тамоми сайёра ҳамчун хонаи умумии заминиён ҷойгир аст» [20,168]. Равандҳои ҷаҳонишавӣ якхела нестанд, онҳо ба натиҷаҳои мусбӣ ва манфӣ оварда мерасонанд, онҳо назоратшаванда ва шинохташавандаанд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби шахсони давлатҳои мухталифи мансуб ба фарҳангҳо, миллатҳо, мувофиқан ахлоқ, урфу одат ва тафаккури ғайримуқаррарӣ намояндагӣ мекунад, ҷомеаи ҷаҳонӣ сарҳадҳои ҳудудиро бо вобастагиҳои мухталифи иҷтимоӣ, муносибатҳои бозорӣ ва шабакае, ки ба қаламрави мушаххасе иртибот надорад, фаро мегирад. У. Бек чунин мешуморад, ки бо ҳамла ба сохтори мавҷудаи ҳамаҷонибаи давлатҳои миллӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ хусусиятҳои миллиро баробар намекунад, ба як навъ ҷомеае табдил меёбад, ки тамоми ҷомеаҳои миллиро аз байн мебарад[10,28].

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба татбиқи тамаддунӣ мусоидат мекунанд, ки онро хароб шудани бисёр асосҳои асосии тамаддун, ки дар тӯли чандин асрҳо тарҳрезӣ шудааст, шаҳодат медиҳад, зеро «ҳадафҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамаддунӣ куллан фарқ мекунанд. Тамаддун мекӯшад, ки худро идома диҳад, ҷаҳонишавӣ саъй мекунад сайёра дар маҷмӯъ аз худ карда шавад» [14,5]. Механизмҳои муқаррар кардани шахсияте, ки дар системаҳои алоҳидаи тамаддунӣ таҳия шудаанд, тағйир меёбанд ва ин зарурати таъсиси ҳувиятҳои дигари тартиби дигар, аз ҷумла шахсияти худро ҳамчун шаҳрванди ҷаҳон ба вуҷуд меорад. Космополитизатсия на танҳо раванди объективӣ, балки раванди инъикосӣ низ мебошад.

Масалан механизмҳои универсализатсияи фарҳанг дар раванди ҷаҳонишавӣ боиси якҷоя шудани гуногунрангӣ дар низоми ягона мегардад[11]. Космополитизм ин имконияти ташаккули шахсияти нав дар шароити нав аст, ин посух ба ҷаҳони тағйирёбанда мебошад. Мо намедонем, ки чӣ гуна инсоният минбаъд рушд хоҳад ёфт. Оё равандҳои ҳамгироӣ, ҳамкорӣ ва огоҳӣ аз вобастагии ҳамдигарии одамон қувват мегиранд ё муқовимат ба равандҳои ҷаҳонишавӣ меафзоянд? Маҳз ҳамин аст, ки барои рушди минбаъдаи фарҳанг оҳанг фароҳам меорад. Вобаста аз таҳияи ин сенарияҳои имконпазир, арзёбиҳои падидае, ки мо меомӯзем - космополитизм ташаккул меёбанд.

Космополитизм, вобаста ба афзалиятҳои сиёсии як фазо ва вақти мушаххас, як чанд таърифҳо дорад, ки аксар вақт бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд:

- **тавсеаи ғояи Ватан дар тамоми ҷаҳон** - космополитизм ба шуури ягонагии насли башар ва ҳамбастагии манфиатҳои халқҳо ва кишварҳои алоҳида, ҳамчун қисмҳои ягонаи башарият асос ёфтааст. Космополитизм муҳаббат ба ватани худ ва мардуми бумиро истисно намекунад, он танҳо меъёри баландтаринро барои арзёбӣ кардани манфиати ҳақиқии ҷамъиятӣ ба манфиатҳои умумиинсонӣ таъмин менамояд;
- **идеологияи ба истилоҳ «шаҳрвандии ҷаҳонӣ»** - идеологияи реаксионии буржуазӣ, рад кардани урфу одатҳо ва фарҳанги миллӣ, ватандӯстӣ, рад кардани истиқлолияти давлатӣ ва миллӣ мебошад;
- назария ва идеология, ки радди анъана ва фарҳанги миллиро асоснок мекунад, истиқлолияти давлатӣ ва миллиро ба хотири ваҳдати насли башар рад мекунад;

- идеология, ки зери ниқоби мафҳумҳои «давлати ҷаҳонӣ» ва «шаҳрвандии ҷаҳонӣ» ҳуқуқи миллатҳоро ба мавҷудияти мустақил ва истиқлолияти давлатӣ рад мекунад, радди суннатҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ, аз ватандӯстӣ мебошад;

- идеологияи ба истилоҳ «шаҳрвандии ҷаҳонӣ», ки манфиатҳо ва арзишҳои умумиинсониро аз манфиатҳои миллати инфиродӣ боло мегузорад.

Ба андешаи космополит, шаҳрванди Ҷаҳон - Погребной-Александров - Космополит шахсест, ки озод ва аз ғаразҳо ва нуфузи маҳаллӣ мустақил аст ва ба ҳама гуна афзалиятҳои шахсони алоҳида ҳамдардӣ мекунад ва бо ин эҳтиромро асосан ба шахс нишон медиҳад, на мансубияти ҳудудӣ ё ҳизбии худро, имтиёзҳоро бо асосҳои нажодӣ, сиёсӣ, миллӣ ва ё дигар эътироф намекунад. Космополит таҳқир, таъқиб ва поймол кардани ҳуқуқи дин, ранги пӯст (чашм, мӯй), маъюбон ва ҷазои ҷисмонӣ, рӯҳӣ, эътиқод ё фиребгарӣ, вобастагии шахсиро, ки таъсири манфии зӯроварӣ ва фишор ба дигар одамон, маҳфилҳо ва анъанаҳо надорад, қабул намекунад. Космополитон, урфу одатҳои куҳнашударо канор гузошта, наверо қабул мекунанд ва паҳн менамоянд, ки шояд беҳтарин, қулай ва пешрафта бошад.

**Космополитизми шадид даст кашидан аз эҳсосоти ватандӯстиро нисбат ба кишвар даъват мекунад, аммо онҳоро бо эҳсосоти шабеҳ дар робита бо ҷаҳон, сайёраи Замин иваз мекунад. «Ваҳдати насли башар» ғояи асосии ӯст.**

Ба ақидаи космополитҳо, ҷомеаи муосир ба раванди ташаккули тамаддуни ягонаи сайёра ворид шудааст, ки дар он кишварҳо ва халқҳои алоҳида мақоми воҳидҳои худмаблағгузориро аз даст медиҳанд. Космополитҳо мафҳуми «Ватан» -ро бо режими сиёсӣ ё низоми иҷтимоӣ иртибот намедиҳанд, онҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсро аз ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат болотар мегузоранд, чунин мешуморанд, ки давлат дар як вақт барои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони худ сохта шудааст ва бояд манфиатҳои онҳоро ҳимоя кунад, на шаҳрвандон бояд қурбонӣ кунанд чизеро ба хотири манфиатҳои номаълуми давлатӣ[28]. Бояд ишора намуд, ки космополитҳо тарафдори низоми ягонаи умумиҷаҳонӣ буда ҷаҳони мавҷударо дар асоси низоми ягона дидан мехоҳанд. Аз ин рӯ, онҳо бар он кӯшиш менамоянд, ки ҷаҳони мавҷуда дар асоси як низом ва фарҳанги ягона рушд намуда, тамоми шаҳрвандон шиносномаи шаҳрванди ҷаҳониро дошта бошанд. Чунин ҳолат дар шароити низоми нави ҷаҳонии асри ҷадид ба назар мерасад, ки он бо шиддат идома ёфта истодааст.

**Шиносномаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ -** Шиносномаи шаҳрванди ҷаҳонӣ ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби Мақомоти Умумиҷаҳонии Хадамот (WSA), як ташкилоти ғайритиҷоратие, ки соли 1953 дар ИМА таъсис ёфтааст, пешниҳод гардидааст[4]. Дафтарҳои ин созмон дар Вашингтон ва Шанхай ҷойгиранд. Дар соли 1948, актёри собиқ Бродвей аз шаҳрвандии Амрико даст кашид ва худро шаҳрванди ҷаҳон, эълон кард. Гарри Дэвис Феҳристи байналмилалии шаҳрвандони ҷаҳонро дар Париж таъсис дода дар солҳои 1948-1952, ин ташкилот қариб як миллион нафарро ба қайд гирифтааст. Дар соли 1953, Дэвис ва шарикони ӯ Ҳукумати Ҷаҳонии Шаҳрвандони Ҷаҳонро таъсис доданд ва пас аз як сол онҳо мақоми Умумиҷаҳонии Хадамот, як навъ мақомоти иҷроияи Ҳукумати Ҷаҳонро таъсис доданд. Вазифаи асосии созмон ин таъмини мардум ба ҳаракати озод дар саросари ҷаҳон мебошад. Шиносномаи шаҳрванди ҷаҳонро шаш давлат расман эътироф мекунанд: Буркина Фасо, Эквадор, Танзания, Мавритания, Того ва Замбия[23].

Шиносномаи шаҳрванди ҷаҳонӣ ҳуҷҷати 30 саҳифагӣ бо муқоваи кабуд аст. Шиноснома бо ҳафт забон: англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, русӣ, арабӣ, чинӣ ва эсперанто

чоп шудааст. Чаҳор саҳифаи аввали ҳуҷҷат бо маълумоти шахсе, ки ӯ тасдиқ мекунад, ҷойгиранд ва боқимонда барои раводид ҳифз карда шудаанд, ки шаклаш чуни наст.

Бояд таҳлил намуд, ки шиносномаи шаҳрванди ҷаҳонро агар дуруст таҳқиқ намоем, он нишоне, ки дар рӯяш акс ёфтааст шабеҳи нишони СММ мебошад. Яъне касоне космополитизмро амалӣ месозанд, ки СММ – ро таъсис додаанд. Паси ҳамаи инҳо сатанистҳо саҳюнистҳо қарор доранд. Дар нишони ин шиноснома акси сайёраи замин нақш ёфта ва рӯйи ин сайёраро тори анкабут иҳота кардааст, ин паёмест бар ҷаҳониён. Олами муосир зери «Тори анкабут»-и муҳандисони низоми нави ҷаҳонӣ қарор хоҳад гирифт.

Ҳукумати ҷаҳон кафолат намедиҳад, ки ягон кишвар шиносномаи шаҳрванди ҷаҳонро қабул мекунад. Бештар давлатҳое, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ менамояд Канада, Фаронса, Олмон, Швейтсария, Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошанд. Дар вебсайти расмӣ 174 давлат қайд шудааст, ки ҳадди ақал як маротиба ба шиносномаи шаҳрванди ҷаҳон муҳрҳои вуруд ё баромадро гузоштаанд.

Шумораи одамоне, ки худро ба ягон давлату миллат мансуб надониста, ҳамчун «шаҳрванди замин» муаррифӣ мегардиданд, чандон зиёд нестанд. Аз ҳама шумораи бештари космополитҳо дар ИМА ба қайд гирифта шудаанд, ки 15,4%-и аҳолиро ташкил медиҳанд. Ба ҳар ҳол, тамоили мазкур дар Аврупои Ғарбӣ ва Америкои Шимолӣ авҷ мегирад. Дар заминаи чунин муносибатҳо давлат кӯшиш менамояд, ки бо ҳар роҳу восита истиқлолияти хешро нигаҳ дорад ва таҳким бахшад. Давлат аз тамоми воситаҳо истифода намуда, ба воқеияти муосир ва тағйиротҳои баамаломада мувофиқ гардида, ба сифати яке аз иштирокчиёни сиёсати ҷаҳонӣ инкишоф меёбад.

Ҳукумати ҷаҳонии шаҳрвандони ҷаҳон шиносномаро на танҳо ҳамчун ҳуҷҷати сафари байналмилалӣ, балки ҳамчун «ҳуҷҷати шахсияти бетараф ва ғайритолитикӣ» низ таблиғ мекунад [5]. Даг Кейси пешниҳод мекунад, ки шиносномаи шаҳрванди ҷаҳон дар меҳмонхонаҳо ва дигар муассисаҳои ғайриҳукуматӣ, ки амният номуайян аст, муфид аст. Агар дар чунин ҳолатҳо аз шумо шиносномаи воқеии худро талаб кунанд, шумо метавонед ба ҷои шиносномаи миллӣ шиносномаи шаҳрванди дунёро пешниҳод кунед[3]. Дафтари умури дохилаи Бритониё чунин мешуморад, ки мақомоти сабтиномшуда набояд чунин санадро ҳамчун далели шахсияти худ қабул кунанд ва ҳушдор бошад, ки «Шиносномаи қалбакии шаҳрвандӣ» -ро тавассути интернет харидан мумкин аст ва набояд бо шиносномаи аслӣ омехта карда шавад[6]. Комиссияи назорати молиявии Isle of Man, ки бонкҳо ва агентҳои ҷазираро танзим мекунад, мегӯяд, ки ин шиноснома санади қобили қабул нест, ки шаҳрвандӣ ё шахсияти боркашонро тасдиқ мекунад. Махсусан, комиссия онро ҳамчун шиносномаи қалбакӣ ё хаёлӣ тасниф мекунад.

Мақомоти иёлоти Вирҷиния тамоми ҳуҷҷатҳои Ҳукумати Ҷаҳонии шаҳрвандони ҷаҳонро ҳамчун «ҳуҷҷатҳои номувофиқ» барои шиносоӣ тасниф мекунанд. Департаменти давлатии ИМА ҳамаи сафоратхонаҳо ва консулгариҳои Амрикоро дастур медиҳад, ки дар робита ба чунин шиносномаҳо, хоҳ худи шиноснома ва ё ҳуҷҷатҳои марбут ба аризаи шиноснома, хидматҳои нотариалӣ ё дигар аутентификатсия пешниҳод накунанд. Онҳо ҳушдор медиҳанд, ки чунин ҳуҷҷатҳо метавонанд барои мақсадҳои қаллобӣ ё ҷиноятӣ истифода шаванд[2]. Дар соли 1996, як сокини Индиана тавонист паспорти ҷаҳонро бо номи ғайр аз номи қонунии худ харидорӣ кунад, аммо пас аз кӯшиши пайвастаи он барои тасдиқи шахсияти ӯ ҳангоми кушодани суратҳисобҳо дар бонкҳои гуногун ошкор карда шуд. Вай дар қаллобӣ дар як ташкилоти молиявӣ гунаҳгор дониста шуд[1].

Чунин шиносномаҳоро ба ҳама дар тӯли се, панҷ ё ҳашт сол созмони байналмилалии ҷамъиятии Ҳукумати Ҷаҳонии Шаҳрвандони Ҷаҳонӣ медиҳад. Расман, шиносномаи шаҳрванди ҷаҳон аз 45 то 100 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Қариб ҳама метавонанд барои гирифтани шиносномаи ҷаҳонӣ муроҷиат кунанд. Барои ин, ӯ ҳатто маҷбур нест, ки ба хидмати ширкатҳои миёнарав муроҷиат кунад. Бо дархости фиристодани шакли ариза ва рӯйхати ҳуҷҷатҳои барои гирифтани шиноснома мустақиман ба дафтари марказии ташкилот муроҷиат кардан кофист. Маълумоти ҳар касе, ки барои баровардани ҳуҷҷат муроҷиат кардааст, бо ҳар роҳ ба Интерпол фиристода мешавад ва кормандони он бодиққат тафтиш мекунанд. Одатан ҳуҷҷатгузорӣ каме бештар аз як моҳро тартиб медиҳад[26]. Бояд гуфт, ки додани шиносномаи ҷаҳонӣ (шаҳрвандии ҷаҳон) барои аз байн бурдани шиносномаи миллӣ ва амали намудани манфиатҳои акторҳои сиёсӣ дар раванди низоми нави ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, космополитизмро метавон ҳамчун як раванди муосири сиёсӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ муайян кард. Раванди мазкур аз ҷониби субъектони манфиатдори ҷаҳонӣ ба хотири амалӣ намудани манфиатҳои худ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ мебошад. Ёдовар бояд шуд, ки космополитизм ин як навъ таъсири сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии давлатҳо мебошад. Субъектони раванди мазкур дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ бар он мақсаданд, ки тартиботи ҷаҳонӣ бояд, ки дар як самт рушд намояд ва ҷаҳон ҷаҳони ягона бошад. Тамоми арзишҳои ҷаҳонӣ ва фарҳанги миллӣ ба фарҳанги ягонаи умумиҷаҳонӣ табдил ёбад. Ҷаҳон аз як марказ идора карда шавад. Дар натиҷа таъсиси ҳукумати ягонаи умумиҷаҳонӣ ба миён меояд ва тамоми олам аз як марказ идора карда мешавад. Андешаи мазкур дар самти ҳувияти миллӣ ва масъалаҳои миллию давлатӣ духурагиро ба миён оварда, ба заифшавии давлатҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ оварда мерасонад, ки ин як навъи таъсири сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии давлат мебошад [17,41-47].

Ҳамин тариқ бояд, куфт, ки барои коҳиш додани мафкураи космополитизм дар ҷомеаи Тоҷикистон моро зарур аст, ки масъалаи патриотизми миллиро баланд бардорем. Патриотизм ҳамчун арзиши миллӣ бар зидди андешаҳои космополитизм буда, муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои миллиро устувортар мегардонад.

Барои давлатҳои миллӣ дар шароити муосир аз вазифаи ташаккули патриотизм (ватандӯстӣ) дида, вазифаи муҳимтаре нест. Зеро яке аз роҳҳои асоси ва муҳимтарини посдории арзишҳои миллӣ дар шароити муосир ин мавҷудияти патриотизм ва банд бардоштани бақои он мебошад. Маълум аст, ки имрӯз ҷаҳони муосир бо равандҳои гуногуни муосири хеш ҳар лаҳза симои худро гуногун намуда истодааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯзҳо шиддатёбии глобаликунонии сайёра ва рандҳои муосири сиёсии он, таҳдиди муҳимеро баҳри арзишҳои миллӣ ва махсусан манфиатҳои давлатҳои миллии муосир ба бор оварда истодааст.

Бо дарназардошти равандҳои мазкур зарурат ба он пеш меояд, ки чораҳои пурзӯр намудани муқовимат бар зидди ин навъи равандҳои хатарзо аз ҷониби давлатҳои миллӣ пешгирӣ карда шавад. Зеро космополитизми муосир мафкураи миллиро аз байн бурда, барои таъсис додани ҳукумати ягонаи умумиҷаҳонӣ шароитро ба вуҷуд меорад. Чун ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ тарзе намудор аст, ки ҳар лаҳза хатари бавуҷудоии низоми нави ҷаҳониро имконпазир мегардонад. Муҳандисони низоми нави ҷаҳонӣ бар он кӯшиш менамоянд, ки низоми нави ҷаҳонӣ дар доираи арзишҳои миллии худ ба

вуҷуд омада, давлатҳои миллиро баҳри ҳимоя ва рушди манфиатҳои миллии хеш қурбон намоянд.

Метавон гуфт, ки космополитизм, ки яке аз равандҳои муосири сиёсӣ, баҳри ба вуҷуд омадани низоми нави ҷаҳонӣ шароит фароҳам меорад, таҳдиди муҳимест баҳри ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон. Аз ин хотир, барои коҳиш додани мафкураи космополитизм дар ҷомеаи Тоҷикистон моро зарур аст, ки масъалаи патриотизми миллиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчи баланд бардорем. Патриотизм ҳамчун арзиши миллӣ бар зидди андешаҳои космополитизм буда, муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои миллиро устувортар мегардонад.

**Патриотизм** – ин як принсипи ахлоқию сиёсӣ, эҳсоси иҷтимоӣ ва муносибати махсусе мебошад, ки мундариҷаи онро муҳаббат ва садоқат ба Ватан, фарҳанг, забон ва табиати Ватан ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки барои бедор намудани ҳисси патриотизм дар вуҷуди миллат нақши муҳимро мураббиён ишғол менамоянд. Мураббиён бояд, ки ватандӯсти самимӣ ва боваринок бошанд ва қодир бошанд, ки муҳаббат ба Ватанро таблиғ намуда, бо амалҳои худ, ки пур аз неру ва садоқат аст, дар вуҷуди наврасону ҷавонон мафкураи патриотизмро бедор намоянд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд менамояд, ки: «Муаллимон ҳаққи хато карданро надоранд, зеро дар тарбияи маънавии инсон нақши муҳим бозида, ояндаи давлату ҷомеа аз онҳо умеди калон дорад» [18,305]. Бояд гуфт, ки устодону омӯзгорон дар тарбияи насли наврас нақши муассир дошта, дар вуҷуди ҷавонон ҳувияти миллӣ, содиқ будан ба давлат ва ифтихор доштан аз ватану миллатро ба вуҷуд меоранд, ки ин амал метавонад патриотизми миллиро дар ҷомеа рушд диҳад. Инро набояд сарфи назар кард, ки дар тафаккури наврасону навҷавонон ва ҷавонон ҷой намудани андешаҳои мусбӣ, патриотизми миллӣ ва пайваста хотиррасон кардани ғамхориҳои роҳбари давлат дар соҳаи ҷавонон, эҳтиром доштан ба муқаддасоти миллии худ ва монанди инҳо вазифаи муқаддаси муаллимону омӯзгорон, волидайн, роҳбарият ва дигар шахсони мутасаддӣ ба ҳисоб меравад. Чунки ватандӯстӣ ин омили меҳварии коҳиши мафкураи космополитизм ва дигар муқовиматҳои низоми сиёсии олам мебошад.

Чуноне ки академик Д.С.Лихачёв навиштааст: «Ватандӯстӣ эҳсоси олитарин аст. Ин ҳатто ҳиссиёт нест - ин ҷанбаи муҳимтарини ҳам фарҳангӣ - шахсӣ ва ҳам иҷтимоию рӯҳ аст» [29]. Маълум аст, ки ин мулоҳизаҳо танҳо як риштаи маъмулӣ, идорие мебошанд, ки онҳоро ҳар як мураббӣ таҳия ва илова менамояд. Ғояи ватандӯстӣ бо муносибати эҳтиромона ба ватани худ алоқаманд аст. Ҳисси муҳаббат ба Ватан на танҳо ифтихор, балки раҳмдилӣ, меҳрубонӣ низ мебошад, ки тарбияи ватандӯстиро бузург мегардонад.

Тарбияи ватандӯстӣ фаъолияти муназзам ва мақсаднокест, ки ба ташаккули шуури баланди ватандӯстии шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватани худ, омодагӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсионии худ оид ба ҳифзи манфиатҳои Ватан нигаронида шудааст. Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули шахсе равона шудааст, ки дорои сифатҳои шаҳрванд - ватандӯстӣ буда, он қодир аст, ки вазифаҳои шаҳрвандиро дар шароити сулҳ ва замони ҷанг бомуваффақият иҷро кунад.

Бояд ишора намуд, ки руиҳаи равандҳои космополиизм парокандагии иқтисодӣ, тафриқаи иҷтимоии ҷомеа ва беқурбшавии сарватҳои маънавиро ба шуури ҷамъиятии дар байни гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолии кишвар ба миён оварда, таъсири тарбиявии

фарҳангӣ ва маънавии маорифи Тоҷикистонро ҳамчун омилҳои муҳимтарини ташаккули ватандӯстӣ якбора коҳиш медиҳад. Аз ин ҳотир, имрӯз зарурат пеш омадааст, ки барои коҳиш додани мафкураи космополитизм ва баланд бардоштани сарватҳои миллии маънавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон патриотизми миллирро баланд бардорем.

Патриотизм, ифтихорро аз дастовардҳо ва фарҳанги ватани худ, хоҳиши ҳифзи хусусиятҳои фарҳангии он ва худшиносӣ (таҷрибаи махсуси эҳсосии мансубият ба кишвар ва шаҳрвандӣ, забон, анъанаҳо) бо дигар намояндагони халқи худ, хоҳиши ҳимояи манфиатҳои Ватан ва шахсро пешбинӣ мекунад [19]. Ҳамчунин бояд гуфт, ки патриотизм ҳувияти миллӣ, садоқатмандӣ ва эҳсоси миллиро дар шароити бавуҷудоии низоми сиёсии олам пурзӯр гардонида, ба муқобили равандҳои муосири сиёсии бавуҷудомада, ки ҳадафҳои нопокро ба вуҷуд овардан мехоҳад, истодагарӣ менамояд. Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки яке аз чунин равандҳои муосири сиёсӣ ин космополитизм мебошад.

Космополитизм ватандӯстро аз лиҳози одоби универсалистӣ рад менамояд ва чунин мешуморад, ки инсон алоқамандии ахлоқӣ бо тамоми инсоният бидуни истисно ба андозаи баробар вобаста аст. Муҳандисони ин соҳа бо таҷдиди афкори космополитикии хеш дар давлатҳои миллӣ мафкураи космополитикиро ба вуҷуд овардан мехоҳанд ва бо ин роҳ сарватҳои маънавии инсонҳоро мағзшӯӣ намуда, мавҷудияти патриотизми миллиро коҳиш медиҳанд, ки ин ҳатари басо муҳимест барои давлатҳои миллӣ. Зеро ин амалҳо нишонаҳои бавуҷудоии низоми нави ҷаҳонӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки донишманд О. Уайлд эҳсоси ватандӯстиро чунин ишора менамояд: «Ватандӯстӣ маънои танҳо муҳаббат ба ватанро надорад, ин хеле бештар аст. Ватандӯстӣ ин шуурнокии ҷудонашаванда аз Ватан ва таҷрибаи ҷудонашавандаи рӯзҳои некию бадии инсон аст»[27].

Барои баланд бардоштани маърифати патриотизм дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба масъалаи ҳувияти миллӣ таваҷҷуҳи бештар намуд. Аз ин хотир, зарурат пеш меояд, ки омӯзиши масъалаи ҳувияти миллӣ дар мадди назар қарор гирифта, он аз мадди назар дур нагардад. Ҳувияти миллӣ омилҳои муҳими давлатдорӣ ва унсури зарурии таъмини ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки ҳувияти миллӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули патриотизми миллӣ буда, он меҳвари муҳими амалишавии бедории миллӣ баромад менамояд.

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми калимаи ҳувият ба шакли зерин тафсир карда шудааст. Ҳувият калимаи арабӣ буда, маънии моҳияти шахсе, шахсият маънидод карда шудааст[21,513]. Аз ин хотир андеша намудан бамаврид аст, ки ҳувият метавонад дарбаргирандаи ҳудшиносии шахсият бошад.

Ҳувияти миллӣ ин худшиносӣ, бедорӣ ва арзишҳои муҳмтарини қавму миллат аст. Сарвари муаззами кишвар Эмомалӣ Раҳмон басо талоши пайгиронаро амалӣ менамояд, то меҳанпараст бишавем ва барои ин ҳатто арзиштарин китобҳоро ба миён овардаанд, ки «Аз Пешдодиён то Сомониён» ва «Чеҳраҳои мондагор» намунаи барҷастаи онҳо мебошад.

Ин миллат бисёр чизҳои омӯхтанӣ дошта, бегонагогонро шефта гардонидааст. Масалан яке аз бузургтарин академикҳои олам В. Н. Иванович хулосагирӣ кардааст: “Тоҷикон аз ҳама зиёд симои ориёна ва ахлоқи орифонаро ҳифз кардаанд ва мардуми хайрхоҳу меҳрубон ва меҳмоннавозанд”. Фарҳангу тамаддуни миллати тоҷикро

муҳаққиқони бурунмарзӣ низ эътироф намуда, ба он таҳсину арҷгузорӣ менамоянд. Масалан сиёсатшиноси тоҷик Зокиров Г.Н андешаеро баён доштааст: «Хушбахтарин миллат ҳамонест, ки фарзандонаш ғами ӯро мехӯрад»[18,304].

Воқеан ҳам, ин гуфтаҳо арзиши баланд дошта, барои тафаккури насли солими кишвар чун гавҳари бебаҳо донистан мумкин аст. Ин гуфтаҳо ба монанди қутбнамо буда, ҷавонон метавонанд тавасути он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо неруи ақлии худ назар намуда, ояндаи неки онро таъмин намоянд. Ҳамчунин бояд гуфт, ки бо дарназардошти муқовиматҳои муосири ҷаҳонӣ ба патриотизми миллӣ мавқеи ҳамешагӣ зоҳир намуд.

Чуноне ки аз суханҳои ҳикматомези Президенти кишвар бармеояд: “Бояд ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ дарки моҳияти давлатдории миллӣ бо тамоми рамзҳояш ҳанӯз бо шири модар дар ҷону хиради ҳар як фард маъво гирад ва аз насл ба насл гузарад”[3].

Бояд зикр намуд, ки муҳимтарин мундариҷаи ватандӯстиро муҳаббат ба ватан, садоқат ба арзишҳои он, ифтихор аз гузашта ва имрӯза , хоҳиши ҳимояи манфиатҳои Ватан ва муҳимтарин ҷанбаи онро эътимод ба зарурати ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ ташкил менамояд. Дар заминаи пос доштани чунин арзишҳо мо метавонем патриотизми миллиро ҳамчун арзиши гаронбаҳои миллӣ қарор дода, бо ин васила метавонем мафкураи космополитикиро дар раванди низоми нави ҷаҳонӣ коҳиш диҳем.

**Адабиёт:**


1. Converted WP file /web/data/judiciary/opinions/090304. www.in.gov. Дата обращения 3 июля 2017.
2. Department of State message re apostille issues, *U.S. Department of State*. Архивировано 24 июня 2017 года. Дата обращения 3 июля 2017.
3. Doug Casey on Second Passports, *International Man* (17 апреля 2013). Дата обращения 3 июля 2017.
4. Engber, Daniel What's a World Passport? (недоступная ссылка). Slate (24 марта 2006). Дата обращения 22 июля 2008. Архивировано 15 марта 2012 года.
5. http://www.worldservice.org/docpass.html. www.worldservice.org. Дата обращения 3 июля 2017.
6. What is the process for travelling on a World Passport like?. travel.stackexchange.com. Дата обращения 3 июля 2017.
7. Бек У. *Власть и её оппоненты в эпоху глобализации. Новая всемирно-политическая экономия. М.: Прогресс-Традиция, Издательский дом «Территория будущего», 2007. С. 373 (464 с.)*
8. Бек У. *Живя в мировом обществе риска и считаясь с ним. Космополитический поворот // Полис. 2012. № 5. С. 44-58.*
9. Бек У. Космополитическое мировоззрение. — М.: Центр исследований постиндустриального общества, 2008. — 336 с. — ISBN 978-5-903844-036.
10. Киршин Ю. Я. Космополитизм - будущее человечества?. — Клинцы: Клинцовская городская типография, 2013. ISBN 978-5-88898-463-5. 408 с.
11. Куусинен О. В., Арбатов Ю. А., Беляков А. С. и др. Основы марксизма-ленинизма: учебное пособие. — М.: Госполитиздат, 1962. — 783 с. — 1 050 000 экз.


[3] Ниг. Саидзода З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосгӯзорӣ сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душаебе 2019. С. 81. (464с.)

12. Музафарзода Ф. Космополитизм ва таъсири сиёсии он ба манфиатҳои миллӣ. Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, соли 2021: маҷмӯи мақолаҳои омӯзгорон ва магистрон / муҳаррии масъул Абдулхонов Ф. М. // Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3. Душанбе 2021. С.41- 47. (185с.)
13. Музафарзода Ф. Омилҳои асосии гаравидани ҷавонон ба гуруҳои «террористӣ ва экстремистӣ»./ Мубориза бо идеологияи терроризм ва экстремизм дан ҷаҳони муосир. Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. С. - 305. (-320с).
14. Патриотизм / М. М. Скибицкий // Отоми - Пластырь. - М. : Советская энциклопедия, 1975. - (Большая советская энциклопедия : [в 30 т.] / гл. ред. А. М. Прохоров ; 1969—1978, т. 19).
15. Назарзода С., Сангинов А., Каримов С. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд . ҷилди 1. Машҳад. Душанбе, 2008. 950 с.
16. Чумаков А. Н. Глобализация и космополитизм в контексте современности // Вопросы философии. 2009. № 1. С. 32-39.
17. Эквадор не признает паспорт гражданина мира Сноудена. ВЕСТИ (11 июля 2013). Дата обращения 6 февраля 2020.
18. https://bigenc.ru/world_history/text/2101947
19. https://ru.wikipedia.org/wiki/Космополитизм?veaction=edit&section=2
20. https://ru.wikipedia.org/wiki/Паспорт_гражданина_мира
21. https://ru.wikiquote.org/wiki/Патриотизм
22. https://writers.fandom.com/ru/wiki/Космополитизм
23. https://www.altstu.ru/structure/unit/sovet_k/article/1/

## НАЦИОНАЛЬНЫЙ ПАТРИОТИЗМ И КОСМОПОЛИТИЧЕСКАЯ ИДЕОЛОГИЯ

**МУЗАФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН**,
старший преподаватель кафедры государственного
управления и самоуправления
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, город Душанбе, улидца Саида Носира 33,
Тел.: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru

*Сегодня в политических науках проблема национального патриотизма и космополитической идеологии находится в центре внимания мировых политологов. Космополитическая идеология представляет собой угрозу для национальных государств и направлена на создание новой мировой политической системы. Следует отметить, что в новом столетии эта проблема расширяется день ото дня и представляет новые угрозы для национальных государств. Космополитизм как современный политический процесс представляет собой угрозу национальным интересам, а развитие космополитической идеологии представляет собой очень серьезную угрозу для Республики Таджикистан и других государств.*

*Следовательно, чтобы уменьшить космополитическую идеологию и противостоять этому опасному явлению, нам необходимо сделать приоритетным национальный патриотизм как национальную ценность и ее сохранение.*

***Ключевые слова:*** *новый мировой порядок, национальный патриотизм, национальные интересы, государства, космополитическая идеология, единое мировое правительство, глобализация планеты, национальная идентичность, политические процессы, угрозы, инженеры нового мирового порядка, социальная дифференциация*

## NATIONAL PATRIOTISM AND COSMOPOLITAN IDEOLOGY

**MUZAFARZODA FAZLIDDIN,**
Senior Lecturer of Department of Public
Administration and Self-Government
of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 987937171. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru

*Today, in political sciences, the issue of national patriotism and cosmopolitan ideology is in the center of attention of world political scientists. Cosmopolitan ideology is a threat to nation states and aims to create a new world political system. It should be noted that in the new century this problem is expanding day by day and creates new threats to nation states. Cosmopolitanism as a modern political process is a threat to national interests, and the development of cosmopolitan ideology is a very serious threat to the Republic of Tajikistan and other national states.*

*Therefore, in order to reduce the cosmopolitan ideology and resist this dangerous phenomenon, we need to give priority to national patriotism as a national value and its preservation.*

***Key words****: new world order, national patriotism, national interests, national states, cosmopolitan ideology, single world government, globalization of the planet, national identity, political processes, threats, engineers of a new world order, social differentiation of society, devaluation of spiritual values, public consciousness, cultural education*

УДК: 323.1

# ТАСНИФОТИ РЕЖИМҲОИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ, ХИСЛАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО

**НАЗАРЗОДА ПИРАЛӢ САФАР,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 931-70-17-65. E-mail: nsadi79@mail.ru

*Дар мақолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методологии масъалаи таснифотӣ (ба навъҳо ҷудонамоӣ) –и режими сиёсӣ, моҳият, хислат ва хусусияти он аз нуқтаи назари илми сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф муътакид бар он назар аст, ки яке аз воситаҳои батанзимоварӣ ва ё ташкили маводҳои назариявӣ-таҷрибавӣ оид ба зуҳуроти тартиботи сиёсӣ ин шаклбандӣ (таснифотӣ) маҳсуб меёбад, ки пайваста дар мадди назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифта, имконияти гурӯҳбандии режими сиёсиро таъмин менамояд. Таҳқиқи масъала собит месозад, ки кӯшиши ба навъҳо ҷудо намудани режими сиёсӣ таҷрибаи таърихӣ дошта, заминаи бунёдии он ба мактаби илмии Юнони қадим алоқаманд буда, дар дигар марҳилаҳои таърихӣ идома ёфта, то замони мо омада расидааст. Дар ин радиф мавҷудияти режимҳои демократӣ, тоталитарӣ ва авторитарӣ дар замони муосир баррасӣ гардида, афзалияти режими демократӣ дар кори идораи давлатӣ ишора мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *режими сиёсӣ, таснифот, навъҳои режими сиёсӣ, авторитарӣ, тоталитарӣ, демократӣ, мафҳум, моҳият, сохтор, омилҳо ва заминаҳо, иҷтимоӣ-сиёсӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, хусусиятҳои зоҳиршавӣ, консепсияи глобалӣ, тағйирпазирӣ, Тоҷикистон, истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ, Иҷлосияи XVI – Шӯрои Олӣ, Созишномаи сулҳ, ризоияти миллӣ, давлати демократӣ.*

Яке аз воситаҳои батанзимоварӣ ва ё ташкили маводҳои назариявӣ-таҷрибавӣ оид ба зуҳуроти тартиботи сиёсӣ ин шаклбандӣ (таснифотӣ) маҳсуб меёбад, ки имконияти гурӯҳбандии режими сиёсиро таъмин менамояд. Мусаллам аст, ки бунёди модели назариявии режимҳои муосири сиёсӣ бе дарки як қатор масъалаҳои мураккаби алоқаманд ба ҷузъиётҳои хос ба сохтори ҷомеа ва фарқиятҳои мавҷудаи ин ва ё он системаҳои иҷтимоӣ номумкин мебошад. Дарвоқеъ, масъалаи таснифотӣ (ба навъҳо ҷудонамоӣ) – и режими сиёсӣ ба ҷиҳати моҳият хеле муҳим буда, пайваста дар мадди назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифтааст. Дар ин маврид як қатор олимони хориҷӣ ба мисли: Р. Арон, Монтескье, Т. Гоббс, В. Паррето, М. Дюверҷе, З. Бжезинский, Р. Даль ва олимони замони шӯравӣ ва муосири рус - Б.А. Старадубский, А.Ю.Мельвиль, В.А. Малсев, М.В. Ильин, Ю.А. Палунин ва дигарон дар асарҳои илмии хеш ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, кӯшиши шарҳу тавзеҳи онро кардаанд. Аз ҷумла, дар бораи муҳимият ва зарурияти фарқиятҳои режимҳои сиёсӣ Арон А. навишта буд: «Ҳама режимҳои сиёсии мансуб ба кадом марҳалае, ифодакунанда ва шакли ташкилии ҷомеае мебошанд. Вале онҳо ба сифати усулҳо ва воситаҳое, ки намояндагони худро ба мансаб ва дараҷаи роҳбарӣ интихоб менамоянд ва бо кадом роҳ онҳо вазифаҳои ҳокимияти мустақилро иҷро менамоянд ва инчунин бо шакл ва иродат ва тартиби қабули қарор ва тартиби кори ҳокимияти онҳо бо ҷомеа аз ҳамдигар фарқ мекунанд». [2, с. 340-341].

Таҳққиқи масъала собит месозад, ки Аристотел аввалин маротиба кӯшиши ба навъҳо ҷудо намудани режимҳои сиёсиро анҷом дода, муайян намуда буд, ки дар режими монархӣ ҳокимияти олӣ мансуби як нафар; дар режими олигархӣ – ба якчанд нафар; дар режими демократӣ ҳокимияти олӣ ба ҳама таалуқ дорад. Дар ин радиф режими дуруст мутобиқи андешаи ӯ ҳамонест, ки мақсади ҳаққиқии он манфиати умум бошад. Режими нодуруст бошад, ҳамонаст, ки аз он танҳо ҳокимон манфиат мебаранд, на ин, ки халқ.

Минбаъд дар асрҳои миёна, Монтеске дар китоби «Дар бораи рӯҳи қонунҳо» се шакли режимҳои сиёсӣ: ҷумҳурият (республика), монархия ва истибдодро таркиббандӣ намудааст. Мутобиқи андешаи ӯ ҷумҳурият ин сохторест, ки дар он ҳокимияти олӣ дар дасти ҳамаи халқ ва ё як қисми он мебошад; монархия – сохтест, ки дар он як нафар ҳукумронӣ намуда, қонунҳои доимӣ ва алоҳидаро дастгирӣ менамояд; истибдод – сохтест, ки дар он як нафар бе ҳеҷ гуна қонун ва бо истисмор ҳукумронӣ менамояд. [1, с. 107-126] Монтеске аз як ҷониб режимҳоеро, ки дар он қонун риоя мегардад ва онеро, ки қонун дар он пахш мегардад дар муқобили якдигар мегузорад. Аз дигар ҷониб ҷумҳуриятро дар муқобили монархия ва истибдод қарор медиҳад ва чунин маъно дорад, ки мақсади ҷумҳурият ин баробарии шаҳрвандон мебошад.

Бо назардошти ин кӯшиши файласуфон оид ба муайян намудани режими беҳтар амри воқеӣ буда, аз талаботи табиати инсон бармеояд. Ба дигар маъно ҷустуҷӯи беҳдошт ва идеяи сохтори намуна дар табиати инсон ҳамеша қарор дошт. Маълум аст, ки алоқа байни режими сиёсӣ ва сохтори иҷтимоии ҷомеа ҳамеша вуҷуд дорад. Азбаски шароити иҷтимоӣ ва сохторҳо гуногун мебошанд, мебояд тасавур кард, ки режимҳо низ метавонанд гуногун бошанд. Чунин хулосагирӣ бо табиати хоҳишҳои болотарини инсон мутобиқ буда наметавонанд.

Кӯшиши таркиббандии режимҳои сиёсиро бо фалсафаи макиавеллизм алоқаманд намуда, В. Паррето пешниҳоди муқаррар намудани режимҳоро новобаста аз шумораи одамон, балки ба ҷиҳати хислати рӯҳи иҷтимоии намояндагони ҳокимият ва шакли баамалбарории он вобаста намудааст. Қисме аз ҳокимон- шерон (истифодаи қудрати зӯриро меписанданд) ва дигарон – рубоҳҳо (айёриро пайгирӣ медоранд). Ба чунин навъ ҷудо намудан ва дар муқобили якдигар гузоштани ҳокимон як навъ мубориза барои ҳокимиятро низ ифода менамояд. Дар асри XX олимон навъбандии режими сиёсиро бо асосҳои гуногун нисбат додаанд. Аз ҷумла М. Дюверче чунин режимҳоро: 1) либералӣ ва авторитарӣ; 2) демократӣ, автократӣ, омехта; 3) монократӣ(диктаторӣ), директорӣ(идоракунии колективӣ), муштаракро нишон додаст. Шакли давлатдорӣ ва системаи ҳизбиро ба назар гирифта режими яккаҳизбӣ ва бисёрҳизбиро ҷудо намудааст. Дар ин сурат якӯмин бар асоси диктаторӣ ва дуввуминро либералӣ ишора намудааст. Ҳамзамон ӯ режимҳоро бо назардошти вобастагии онҳо аз системаи ҳизбӣ, хислати ҳизб (оммавӣ, намунавӣ), устави ҳизбӣ (озодӣ ва зулмӣ) ва инқилобӣ, консервативӣ, диктаторӣ ҷудо намудааст. Сиёсатшиноси амрикоӣ Р. Гестил режимҳоро ба озод, қисман озод ва ноозод ҷудо намудааст. Олими англис К. Клепхем се намуди режимҳои сиёсии давлатҳои мутараққиро (вобаста ба минтақа): 1)либералӣ-демократӣ(Шри-Ланка, Ямайка ва диг); 2) анъанавӣ(Непал, Арабистони Саудӣ ва диг); 3) радикалӣ-милатгароӣ (Миср дар давраи президентии Носир, Ливия ва диг) ҷудо намудааст.

Режимҳо инчунин аз рӯи он тасниф карда мешаванд, ки ҳукумати шаҳрвандӣ ё низомӣ субъекти ҳокимият мебошанд. Ҳамин тариқ, сиёсатшиноси амрикоӣ М. Яновиц панҷ намуди низомҳои ҳарбӣ-шаҳрвандиро ишора мекунад: 1) авторитарӣ-

персоналистӣ; 2) оммавӣ- авторитарӣ; 3) шафқати демократӣ; 4) эътилофи ҳарбӣ-шаҳрвандӣ; 5) олигархияи ҳарбӣ. Таснифи он ба принсипи сохтори низомии хунта, идеологияи сиёсии он, ҷанбаҳои иҷтимоии ҳокимият асос ёфтааст. Сиёсатшиноси англис С. Байнхен режимҳои зерини сиёсиро ҷудо намудааст: 1) демократияҳои бисёрҳизбии парламентӣ; 2) монархияҳои анъанавӣ; 3) сафарбаркунии якҳизбӣ; 4) омехта; 5) ҳарбӣ; 6) диктатураи ҳарбӣ; 7) аз ҷиҳати идеологӣ радикалӣ.

Омӯзиши масъалаҳои ҳайёти иҷтимоӣ- сиёсии давлатҳои рӯ ба тараққӣ ниҳода ва ҳамзамон сохтори режими сиёсии онҳо солҳои 70-80 - уми асри XX диққати як қатор донишмандони илми сиёсатро дар Ғарб, ба мисли Г. Алмонд, Д. Эптер, С. Хантингтон, С. Липсет, К. Дойч, Ф. Рирре. А. Ҷенинг, Р. Шахтер – Моргентау, Ҷ. П. Райс, П.Ф. Гонидек, Ж. Конак ва дигаронро ба худ ҷалб намуда буд.[4, с. 4] Дар ин маврид таҳқиқотҳои илмӣ дар ИМА, Франсия ва Британияи Кабир босуръат ҷараён гирифта буданд. Таҳлил ва баррасии режими сиёсии ин давлатҳо вобаста ба дараҷаи таҳқиқоти олимон, хислат ва зуҳуроти эволютсиониро соҳиб мегардад, ки дар илми сиёсатшиносӣ таҳлили «ғарбиёна» ном гирифтааст. Дар ин маврид муҳимтарин ҷиҳати баррасии масъала аз он иборат мегардад, ки зарурияти ба назар гирифтани истифодаи принсипҳо ва қоидаҳои махсуси кори идораи ҳокимият ба миён меояд. Дар асоси омилҳои маъмули ҳуқуқӣ, муаллифони Ғарб режими конститутсиониро низ пешниҳод намудаанд, ки дар асоси он режими ҳукуматӣ ба воситаи қонун қабул мегардад ва бо ин восита нуфузу дараҷаи истисмори синфи ҳукумронро маҳдуд месозанд. Ё ин, ки низоми авторитарӣ ва тоталитарӣ, ки ба воситаи он Ҳукумат мустақилона фаъолият мебарад ва ба ҳеҷ кадом меъёрҳои қоидаҳои умум итоат намекунад. Ҳамзамон, аз рӯи баҳои онҳо ҳама режими либералӣ ба қатори режими президентӣ (тақсими ҳокимият), парламентӣ (ҳамкорӣ бо давлат) ва системаи ягонаи яккаҳизбӣ тақсим мешавад. Қисми зиёди муаллифон, ба мисли С. Липсет, Г. Алмонд, Л. Пай, М. Дюверже, Р.Г. Шварценберг бар он ақидаанд, ки инкишофи демократия ва умуман режими демократӣ ба давлатҳои тараққикарда ва ҷомеаи индустриалӣ (саноатӣ) маҳсуб аст. Барои давлатҳои ақибмондаю қашшоқ бештар зуҳуроти режими авторитарӣ хос мебошад. [5. с.196]

Муаллифи китоби «Ҳуқуқи конститутсионӣ ва институтҳои сиёсӣ» олими франсиявӣ- Б. Женанно дар замони худ дар баробари асосҳои ҳуқуқӣ, асосҳои иқтисодӣ ва сиёсии пайдоиши режими сиёсиро пешниҳод намуда, таъкид карда буд, ки демократияи плюралистӣ ба дараҷаи баланди индустриякунонӣ ва диктатура бошад ба дараҷаи пасти инкишоф алоқаманд аст.[7. с.303] Аз рӯи нуқтаи назари тарз ва шакли истеҳсолот бошад, Б. Женанно режими капиталистӣ ва режими сотсиалистиро ҷудо намуда буд. Режими капиталистӣ ба талаботҳои сохти демократӣ мутобиқат менамояд ва режими плюралистию ғарбӣ номида мешавад. Режими сотсиалистӣ бошад, дар шаклҳои гуногуни монократӣ баромад мекунад. Аз нуқтаи назари ӯ, режими плюралистӣ имконияти озодандешии бештар дорад ва дар он мубориҗаи ошкорои сиёсӣ амал карда метавонад.

Муҳаққиқ ва сиёсатшиноси англис А.В. Янсон бошад, дар таҳлили назарияи режими давлатдории қитъаи Африка ақидаи Б. Женанноро ҷонибдорӣ мекунад. Хислат ва хусусиятҳои режими сиёсии давлатҳои аз асорат озодгардидаи ҷаҳонро таҳлил намуда, сиёсатшиноси дигари франсавӣ П. Пакте шаклҳои гуногуни режими сиёсиро дар ҷаҳони пешқадам номбар намудааст. Бо назардошти шаклдигаркунии ҷомеа ва

хислати хоси ба давраи гузаришӣ алоқамандбудаи давлатҳо режими сиёсиро ба 5 гурӯҳ тақсим намудааст:

- якум, ин шакли режиме мебошад, ки бо таъсири берун дар асоси модели Ғарб сохта мешавад. Ба мисли режими президентӣ, парламентӣ ва акҷоя;

- дуюм, намуди режимҳое, ки майли модели сотсиалистӣ доранд ва вобаста ба шароитҳои маҳаллӣ дар онҳо ҳиссаи баланди миллатгароӣ низ хос аст. Дар давлатҳои Африка бештар ба институтҳои обшинавӣ- қабилавӣ такя доранд;

- сеюм, режими давлатҳое, ки диктатураҳои шаҳрвандӣ ва ҳарбиро доро мебошанд. Чунин шакли идора дар як қатор давлатҳои ҷаҳон то ба имрӯз идома дорад;

- чаҳорум, режимҳои давлатҳое, ки хислати қадимӣ (архаистӣ) дошта дар худ унсурҳои идораи сохти феодалиро идома медиҳанд. Чун аморатҳои назди халиҷи Форс;

- панҷум, режими давлатҳое, ки нишонаҳо, намуна ва унсурҳои идораи ин ё он шаклҳои давлатҳои ҷаҳониро қабул кардаанд. Чӣ тавре ки аз ин бармеояд, муҳаққиқони хориҷӣ дар таҳлили режими сиёсии давлатҳое, ки майли инкишофи роҳи сотсиализмро доранд, бар як ақидаанд ва режими сиёсии ин давлатҳоро диктаторӣ ва ё тоталитарӣ меҳисобанд. Вале дар ин маврид, П. Пакте бар он андеша аст, ки диктатураи шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ бештар ба он давлатҳое хос мебошад, ки нахуст аз модели идоракунии Ғарб истифода кардаанд. Бархе аз олимони соҳаи сиёсатшиносӣ дар таҳлили режими сиёсии давлатҳои рӯ ба инкишофи Америкаи Лотинӣ, Африка ва Осиё, аслан режими авторитарӣ ва тоталитариро хос шуморидаанд. Аз ҷумла, сиёсатшинос М. Дюверҷе ин минтақаҳоро ҷои интихоби ҳукумронии диктатураҳо меҳисобад ва таъкид бар он дорад, ки ин ҳокимиятҳои мутлақ ба ҳама гуна истибдод ва зулму таҳдиди ҳуқуқи инсон оварда мерасонад.[6, с.21] Муҳаққиқи дигари америкоӣ К. Янг дар таҳлили режими сиёсии давлатҳои қитъаи Африка мавҷуд будани 3 шакли онро ишора намудааст: афромарксизм, сотсиализми оммавӣ ва капитализми африкоӣ. Ҳамзамон маълум мегардад, ки сиёсатшиносони Ғарб дар таҳлили режими сиёсии давлатҳои рӯ ба инкишоф ниҳодаи Америкаи Лотинӣ, Африка ва Осиё бештар ба тарафҳои умумии масъала такя намудаанд ва ҷиҳатҳои нисбатан муҳими хислат ва хусусиятҳои хоси режими сиёсии ин давлатҳоро нишон дода натавонистаанд.

Сиёсатшинос П.Ф. Гонидек бошад, кӯшиш намудааст, ки бо роҳи гузориши 3 масъалаи муҳим шакл ва намуди режимҳои сиёсиро муқоиса намояд. Чунончи:

1. Чӣ гуна режими сиёсӣ фалсафаи сиёсӣ дорад?
2. Чӣ тавр ҳокимияти сиёсӣ ба амал бароварда мешавад?
3. Ҳокимият ба манфиати кӣ хизмат мекунад?

Аз мавқеи инкишофи назарияи сиёсӣ ҳамон чиз аҳамияти махсус пайдо менамояд, ки чӣ гуна режими мазкур вазифаҳои дар назди давлат будаи худро таъмин месозад. Ба инобат гирифтани ин масъала метавонад хислат ва хусусияти режими сиёсии давлатро муайян намояд. Барои муайян намудани режими сиёсии давлатҳои хориҷӣ дар баробари сиёсатшиносони Ғарб, ҳамчунин донишмандон ва сиёсатшиносони собиқ Иттиҳоди шӯравӣ андешаҳои ҷолиби сиёсии худро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла сиёсатшиноси солҳои 80-уми асри гузаштаи шӯравӣ - Б.А. Старадубский дар асари илмии худ «Режими сиёсии давлатҳои буржуазии Европа» роҷеъ ба таҳлил ва омӯзиши режими сиёсии 15 давлати аврупоӣ хулосабарорӣ намуда, назари пешниҳодкардаи сиёсатшиносони Ғарбро оид ба режими сиёсӣ танқид карда кардааст. Расми маъмули замони шӯравӣ, ки аз назари идеологӣ ба ҷаҳони Ғарб

муқобил меистод, дар таҳлили Б.А. Старадубский пурра ба назар мерасад. Дар ҳама маврид дар адабиёти сиёсии замони шӯравӣ, режими сиёсии давлатҳои Европаи Ғарбӣ ҳамчун режими буржуазӣ-демократӣ нишон дода шудааст ва чунин таҳлил ва баҳогузории сиёсии давлатҳои мағриб заминаи воқеии таърихӣ дошт. Чунончи, дар замони худ яке аз асосгузорони назарияи сотсиализм ва коммунизм, марксисти рус В.И. Ленин таъкид намуда буд, ки режими сиёсии давлатҳои Ғарб бештар ҷиҳатҳои умумӣ дорад. «Тартиботи буржуазӣ - демократӣ дар Германия, Англия, Австрия, Америка ва Шветсария ҷорӣ аст» - навишта буд ӯ. [3, с. 40]

Умуман, дар назарияи марксизм-ленинизм демократияи буржуазӣ ҳамчун сохти давлатии ҳукумронии синфи истисморкунанда таҳлил гардида, фарқи ҷиддии чунин шакли демократия аз ҳукумронии авторитарӣ таъкид мегардад. Ҳамин нуктаро хотирасон бояд намуд, ки сиёсатшиносони европоӣ ин гуна гурӯҳбандии режими сиёсиро пурра рад мекунанд ва чунин мешуморанд, ки режими сиёсии давлатҳои Европаи Ғарбӣ солҳои 80-уми асри XX «низоми классикӣ», «низоми либералӣ» ва ё «Европаи Ғарбӣ» номида шавад. Ҳамзамон олимони замони шӯравӣ бо назардошти хислат ва хусусияти режими давлатҳои ҷаҳон ду шакли режими сиёсиро, яке буржуазӣ - демократӣ ва дигаре авторитариро пешниҳод ва таҳлил намудаанд.

Дар маҷмӯъ, таркиббандии режимҳои сиёсии аксари муаллифон, чун қоида, ба рақобати озод дар мубориза барои ҳокимият, низоми бисёрҳизбӣ, мавҷудияти мухолифини қонунӣ ва принсипи тақсимоти ҳокимият асос ёфтааст. Маҳз ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки се намуди асосии режимҳои сиёсӣ- демократияи плюралистӣ, режимҳои тоталитарӣ ва режимҳои авторитарӣ тақсим карда шаванд, ки онҳо тамоман мухолифи якдигаранд.

Дар солҳои 1980-1990 таваҷҷӯҳи муҳаққиқони муқоисавӣ ба масъалаҳои режимҳои сиёсии демократӣ ва омилҳое, ки боиси пайдоиши онҳо шуданд, боз ҳам зиёдтар шуд. Ин қисман ба он вобаста буд, ки демократикунонӣ дар якчанд минтақаи ҷаҳон бо тамоюлҳое зуҳур мекунад, ки қаблан барои ташаккули демократия хос набуданд. Ин воқеиятҳои нави сиёсӣ, барои муҳаққиқон такони иловагӣ фароҳам меорад, ки дар натиҷа минтақаи нави таҳлил ташаккул меёбад ва аз ин рӯ, вазъияти баҳсҳо ва инъикоси равишҳои нави назариявӣ ба ин масъала меафзояд. Акнун муҳаққиқон имконият пайдо мекунанд, ки аввал, марҳилаҳои гуногуни таърихии ташаккули демократияро муқоиса кунанд, сониян, гурӯҳҳои кишварҳоеро муайян кунанд, ки дар шароити гуногуни ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва байналмилалӣ равандҳои ба ҳам монандро ба амал меоранд.

Таҷрибаи тоҷикистонии гузариши демократӣ низ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад. Ба хуссус марҳилаи ибтидоии давраи соҳибистиқлолӣ, бuҳрони сиёсӣ, фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ, роҳи ба даст овардани сулҳ ва минбаъд устувор гардидани арзишҳои демократӣ ва режими демократӣ. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ, давраи нави таҳқиқоти масъалаҳои режими сиёсии давлатҳои соҳибистиқлоли собиқ шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, оғоз гардид. Раванди шакливазкунии ҷомеа ва хусусан давраи гузариш ба ҷомеаи нави демократӣ барои давлатҳои соҳибистиқлоли собиқ шӯравӣ душвориҳои зиёдеро пеш меовард. Бинобар ин, дар назди олимони ҷомеашинос ва махсусан сиёсатшиносон, вазифаҳои ниҳоят муҳим ва ҷиддиеро вогузор менамуд, ки равандҳои нави инкишофи ҷомеаро дар давраи гузариш ба ҷомеаи демократӣ, бунёди он ва мустаҳкам намудани режими сиёсии демократӣ ҷустуҷӯй намоянд.

Асри XX дар таърих ҳамчун асри гузариш ба режимҳои демократӣ, тоталитарӣ, авторитарӣ шинохта мешавад. Дар ин марҳила дар харитаи сиёсии ҷаҳонӣ давлатҳои коммунистӣ пайдо гардида, инчунин кишварҳое, ки худро аз тобеияти мустамликавӣ раҳо кардаанд ба давлатсозии миллӣ оғоз намуда, равандҳои навсозӣ, демократикунонии системаҳои сиёсӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар давлатҳои Европа ва ИМА оғоз меёбад. Вобаста ба ин, масъалаҳои ташаккули давлатдории навин ва тавзеҳи илмӣ- назариявии шакли идоракунии онҳо дар илми сиёсатшиносӣ аҳамияти хоса пайдо менамоянд. Ҳамаи ин боиси пайдоиши мушкилотҳои назари таснифоти нав ба масъалаи режими сиёсӣ, махсус ба масъалаи принсипи тақсимоти ҳокимият ва кӯшишҳо барои фарқ кардани заминаи идеологии давлат ва меъёрҳои расмии фаъолияти он мегардад. Яке аз сабабҳои ин мушкилот бевосита ба пайдоиши ин мафҳум алоқамандӣ дошт, ки ҳалли муносиби он бояд бевосита бо дарки моҳияти режим ва раванди таъсиси он ҳамчун як категорияи маърифатӣ алоқаманд бошад. Бо вуҷуди ин равишҳои дар боло овардашуда фарқияти байни режимҳо ҳамоно боқӣ мемонад ва дар ин росто дар ҷаҳони муосир масъалаи бунёди режими демократӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад ва ҳадафи хеш қарор додаст, муҳим арзёбӣ мегардад.

**Адабиёт:**


1. Антология мировой политической мысли. В 5 томах. Т. 1 [Текст] / Зарубежная политическая мысль. XX вНац. Обществ.-науч. Фонд Акад. Полит. Науки; Руководитель проекта Семигин Г.Ю. и др. - М.: Мысль, 1997. - С. 107-126; 375-377.
2. Арон, Р. Мир и война между народами [Текст] / Р. Арон / Под общей ред. Даниленко В.И. - М.: NOTABENE, 2000. -С. 340-341.
3. Ленин, В.И. Две тактики социал-демократии в демократической революции [Текст] / В.И. Ленин.- Полн. собр.соч. - Т.11. - С. 40.
4. Энтин, Л.М., Энтин, М.Л. Политология развития и освободившиеся страны [Текст] / Л.М. Энтин., М.Л. Энтин. –М.: Наука, 1986.– С. 4.
5. Энтин, Л.М., Энтин, М.Л. Политология развитие и освободившиеся страны [Текст] / Л.М. Энтин., М.Л. Энтин. – М.: Наука, 1986. – С.196.
6. Duverger, M. Dictatures of legitimite Collogue. .- Paris,1982. - P.21
7. Jeannen, B. Droit constitutionnes ef instituons politigies 6-c ed.- Paris,1981. - P. 303.


## КЛАССИФИКАЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕЖИМОВ: СУШНОСТЬ, ХАРАКТЕРИСТИКА И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ


**НАЗАРЗОДА ПИРАЛИ САФАР,**
кандидат политических наук, доцент,
заведующий кафедрой истории и методики преподавания истории
Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки,
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 931-70-17-65. E-mail: nsadi79@mail.ru



*В научной статье исследуются теоретико-методологические аспекты классификации политического режима, его сущность, и характер с точки зрения политических наук. Автор считает, что одним из средств регулирования или организации теоретических и практических материалов по явлениям политического порядка является классификация, которая постоянно находится в центре внимания отечественных и зарубежных*

*исследователей, открывая возможности для политического режима государства. Исследование проблемы доказывает, что попытка классификации политического режима имеет исторический опыт, ее основание связано с научной школой Древней Греции, продолжалось и в другие исторические периоды и сохранилось до наших дней. В этом контексте рассматривается существование демократических, тоталитарных и авторитарных режимов в наше время и подчеркиваются преимущества демократических режимов в государственном управлении.*

***Ключевые слова:*** *политический режим, классификация, типы политического режима, авторитарный, тоталитарный, демократический, концепция, сущность, структура, факторы и основания, социально-политические, исторические, культурные, особенности проявления, концепция глобализации, изменение, стабильность, изменчивость, XVI сессия - Высший совет, Мирное соглашение, Национальное согласие, Демократическое государство.*

## CLASSIFICATION OF POLITICAL REGIMES: THEIR NATURE, FEATURES AND CHARACTERISTICS

**NAZARZODA PIRALI SAFAR,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of History and Methodics of Teaching History,
Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki,
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, S. Safarov str.,
Phone: (+992) 931-70-17-65, E-mail: nsadi79@mail.ru

*The scientific article examines the theoretical and methodological aspects of the classification of the political regime, its nature, features and characteristics from the point of view of political sciences. The author believes that one of the means of regulation or organization of theoretical and practical materials on the phenomena of a political order is classification, which is constantly in the center of attention of domestic and foreign researchers, opening up opportunities for the political regime of the state. The study of the issue proves that the attempt to classify the political regime has historical experience, its foundation is associated with the scientific school of Ancient Greece, continued in other historical periods and has survived to this day. In this context, it is considered the existence of democratic, totalitarian and authoritarian regimes in our time and the advantages of democratic regimes in public administration are emphasized.*

***Key words:*** *political regime, classification, types of political regime, authoritarian, totalitarian, democratic, concept, nature, structure, factors and foundations, socio-political, historical, cultural, appearance features, global concept, variability,Tajikistan, independence, civil war, XVI session of Supreme Council, Peace Agreement, National Consensus, Democratic State.*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Р. Каримов
Редактор текста на таджикском языке: Х. Мавлонов
Редактор текста на русском языке: С. Таиров
Редактор текста на английском языке: С. Зухурова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 10.12.2020 г. Заказ №2020/07-08
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33.